**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ:** 343 (575.3)+343.2+343.9

**ТБК:** 67.99 (2тоҷик) 8+67.99 (2) 95+67.408

**А** – 41

**АКМАЛЗОДА НОДИРХОН НОСИР**

# АЗОНИХУДКУНӢ ВА ИСРОФКОРӢ: ҶАНБАҲОИ ҶИНОЯТӢ-ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

профессор **ШАРИПОВ Т.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2024**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.....................3-4

**МУҚАДДИМА**..........................................................................................5-22

**БОБИ 1. АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ ДАР ТАЪРИХИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ**...............................23-69

1.1. Инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ..........................................................................................23-49

1.2. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ.......................................................................................24-69

**БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ**..........................................................................70-1201

2.1. Объект ва предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ.................................70-102

2.2. Тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ................................102-122

2.3. Хусусиятҳои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ...........................122-140

2.4. Тарафи субъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ..............................140-157

2.5. Аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва амалишавии онҳо дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ...................................................157-201

**ХУЛОСА**...................................................................................................202-210

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........................................................................................211-214

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................215-234

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**...................................................................................................235-236

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ҶМШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КҶ ҶШС Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон

**КҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КИМУ** – Комитети иҷроияи марказии умумироссиягӣ

**ШКХ** – Шурои комиссарони халқӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КМҶ ИДМ** – Кодекси Моделии ҷиноятии ИДМ

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КҶ Ҷумҳурии Беларус** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

**КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

**КҶ Украина** – Кодекси ҷиноятии Украина

**КҶ Ҷумҳурии Туркманистон** – Кодекси ҷиноятии Туркманистон

**КҶ Ҷумҳурии Литва** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва

**КҶ Ҷумҳурии Латвия** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия

**КҶ Гурҷистон** – Кодекси ҷиноятии Гурҷистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**АНДМ** – Агентии назорати давлатии молиявӣ

**МК** – Мубориза бо коррупсия

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.**– қисм

**б.** – банд

**м.**– модда

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳотҳои кулл дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, бахусус муносибатҳои молу мулкӣ ба вуҷуд омад. Аз ҷумла, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шакли ягонаи давлатӣ, яъне иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозаргонӣ нигаронида шуда, давлат дар ҳама самт аз сиёсати пӯшида ба сиёсати дарҳои кушод гузашт.

Тибқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон ҳуқуқ ба моликиятро мустаҳкам кардааст. Мутобиқи м.32 Конситутсия ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Давлат ҳифзи баробари ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад (м.12. Конситутсияи ҶТ ).

Пӯшида нест, ки амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи калидии амнияти миллӣ ба ҳисоб рафта, косташавии он ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири манфӣ мерасонад ва манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷамъият ва давлатро маҳдуд месозад. Ҳимояи муносибатҳои ҷамъиятии молумулкӣ яке аз асосҳои устувори таъминоти муътадили амали иқтисодиёти давлат ба шумор меравад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» иброз намуданд, барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет

заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома дорад[1].

Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти иқтисоди миллӣ асосҳои устувори ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии муайян мавҷуд буда, ин раванд, аз ҷумла тавассути амалигардонии чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳамчун роҳҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, татбиқ карда мешавад.

Боиси тазаккур аст, ки беш аз нисфи ҷиноятҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият мансуб буда, ҷиноятҳои тасарруф қисми асосии онро ташкил медиҳанд. Новобаста аз он ки дар доираи ҷиноятҳои ба тасарруфи молу мулки ғайр алоқаманд теъдоди содиршавии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ нисбатан кам ба қайд гирифта шавад ҳам, вале бинобар бо чунин роҳ бештар тасарруф шудани молу мулки давлатӣ, аз ҷумла ба миқдори махсусан калон ва ё аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудани ин кирдор аҳамиятнокӣ ва муҳимияти масъалаи матраҳшавандаро зиёд мегардонад.

Таҳлили маълумотҳои оморӣ собит менамояд, ки ҷараёни содиршавии ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ тамоюли устувор надошта, он аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар соле кам ва соле зиёд ошкор ва ба қайд гирита мешаванд. Новобаста аз ин, субъектони ҷиноятҳои мазкур тарзҳои нави содир намудани ин қабил ҷиноятҳоро коркард намуда, кӯшиш менамоянд, ки аз мақомоти марбута як қадам пеш бошанд.

Чунончи, дар давоми 5 соли сипарӣ ҳамагӣ 2557 ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, аз ҷумла соли 2018 – 492 ҷиноят, соли 2019 – 504 ҷиноят, соли 2020 – 445 ҷиноят, соли 2021 – 561 ҷиноят ва соли 2022 – 555 ҷиноят ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/ index.php/tj/prezident/pajom-o/665-payom (санаи муроҷиат: 24.10.2022).

Ногуфта намонад, ки ғайримақсаднок истифода кардан ва азонихудкунии маблағҳо метавонанд раванди ноилшавии мақсад ва ҳадафҳои пешгирифтаи давлат, рушди иқтисодию иҷтимоии ононро халалдор созад. Новобаста аз таҳия, қабул ва мукаммалгардонии қонунҳо дар самти молияи давлатӣ, дар таҳия ва амалигардонии чорабиниҳо ҷиҳати ташаккул ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ дар ҳама сатҳҳо, истифодабарии самараноки маблағҳою амволи давлатӣ ва хариди давлатӣ ҳоло ҳам қонуншиканиҳо ва камбудиҳои зиёди коррупсионӣ, аз ҷумла расонидани зарарҳои молиявӣ, азонихудкунии маблағу молу мулки давлатӣ ва ғайраҳо ҷой доранд.

Бо ҳамин мақсадҳо бо ирода ва ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ваколатдор назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, иҷро менамояд[2].

Дар асоси қ.7 м.161 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ҷиноятҳои дар м.245 қ.2 б. «г», қ.қ. 3 ва 4 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти коррупсионӣ доранд, тобеияти мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия буда, тафтиши пешакии ин қабил парвандаҳо аз ҷониби муфаттишони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия гузаронида мешаванд.

Аз ин лиҳоз, муқовимат ба тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба шахс бовар карда шудааст, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, онҳо баҳри ошкор, тафтиш ва барқарор намудани

---

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mmk.tj/system/files/Legislation/374_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 24.12.2022).

зарарҳои молиявӣ марбут ба ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ чораҳои судманд андешида, ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани ин қабил ҷиноятҳо корҳои муайянро анҷом медиҳанд. Мақомоти тафтишотии Агентӣ дар тӯли фаъолияти худ дар самти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ки бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир гардидааст, таҷрибаи зарурӣ андӯхтаанд.

Дар тӯли солҳои 2018-2022 аз тарафи кормандони АНДМ ва МК Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ – 1172 ҷиноят нисбати 1372 шахс ошкор ва ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла, соли 2018 – 358 ҷиноят нисбати 276 нафар, соли 2019 – 345 ҷиноят нисбати 264 нафар, соли 2020 – 290 ҷиноят нисбати 249 нафар, соли 2021 – 375 ҷиноят нисбати 290 нафар ва соли 2022 – 404 ҷиноят нисбати 293 нафар ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

Андозаи зарари дар давоми 5 соли охир доир ба ҷиноятҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар АНДМ ва МК Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкоршуда 293 миллион (2018 – 66,7 млн., 2019 – 52,2 млн., 2020 – 46,9 млн., 2021 – 89 млн. ва 2022 – 38 млн.) сомониро ташкил дода, бо андешидани чораҳои мурофиавӣ 173,1 миллион (2018 – 38,6 млн., 2019 – 17,5 млн., 2020 – 18 млн., 2021 – 75,9 млн. ва 2022 – 23 млн.) сомонии он, аз ҷумла 167,2 миллион сомонӣ ба манфиати давлат барқарор карда шудааст.

Бо дарназардошти муҳиммияти масъалаи болозикр, инчунин рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳолати кунунии криминогенӣ ва ҷой доштани камбудиҳо дар самти ошкоркунӣ, кушодан, тафтиш ва банду басти дурусти кирдори шахсони гунаҳгор ба мақсад мувофиқ дониста шуд, ки ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқот қарор дода шавад.

Итминон дорем, ки натиҷаи тадқиқоти анҷомдода ҷиҳати таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии самаранок, бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, инчунин дар амалия ба таври дурусту муназзам татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода гардида, дар маҷмӯъ ба назария ва амалия таъсири мусбӣ хоҳад расонид.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ва пешгирии ҷиноятҳои молу мулкӣ, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ то ин ё он дараҷа дар асарҳои олимони зерин ба монанди У.А. Азиззода[3], С.Э. Баҳриддинзода[4], Н.А. Қудратов[5], Қ.Х. Мирзоев[6], С.Т. Мирзоев[7], М.М. Муллаев[8], К.Д. Раҷабов[9], Ш.Н. Саидзода[10], А.И. Сафарзода[11], К.Ҳ. Солиев[12], Ш.Л. Холиқзода[13], Р.И. Шарипов[14], Т.Ш. Шарипов[15] инъикоси худро пайдо намудааст.

Аз олимони хориҷӣ масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби олимони зерин, ба монанди А.А. Бакрадзе[16], О.И. Годунов[17], А.В. Данилов[18],

---

[3] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории историч е ского и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 413 с.

[4]. Ниг.: Баҳриддинзода С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в современных условиях в Республике Таджикистан / С.Э. Баҳриддинзода // Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – С. 98-102.

[5] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2012. – 28 с.

[6] Ниг.:Мирзоев Қ.Х. Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 229 с.

[7] Ниг.: Мирзоев С.Т. Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 199 с.

[8] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе, 1988. – 426 с.

[9] Ниг.: Раджабов К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 175 с.

[10] Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ... ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2018. – 181 с.

[11] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 396 с.

[12] Ниг.: Солиев К.Х., Рахимов Р.Х. Комментарий к преступлениям в сфере экономики. Теория и практика уголовного права. – Душанбе, 2001. – 275 с.

[13] Ниг.: Халиков Ш.Л. Причины и условия преступлений в сфере финансово-кредитных отношений / Ш.Л. Халиков // Республиканская научно-теоретическая конференция профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященная 700-летию Мир Сайид Алии Хамадони, Год семьи и Международному 10-летию действий «Вода для жизни» 2005-2015 г. – Душанбе, 2015. – С. 559-560.

[14] Ниг.: Шарипов Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2012. – 173 с.

[15] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Концептуальные основы реформирования уголовного законодательства в сфере экономической деятельности / Т.Ш. Шарипов // Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной 20-й годовщине Дня национального единства и «Году молодёжи». – Душанбе, 2017. – С. 557-559.

[16] Ниг.: Бакрадзе А.А. Присвоение и растрата как формы хищения в уголовном праве России: дис. ... канд. юрид. наук. – М, 2004. – 205 с.

[17] Ниг.: Годунов О.И. Присвоение и растрата как формы хищения: дис. ... канд. юрид. наук. – Иванова, 2005. – 240 с.

А.Ю. Посохов[19], Д.Ю. Скрипников[20], Э.Р. Хакимова[21], В.Ф. Шишлянников[22], Н.Д. Эрашвили[23] мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар умум, муаллифони зикршуда масоилеро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки паҳлуҳои ҷудогонаи ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро дар бар мегиранд. Дар баробари ин, қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкориро, бандубасти ин ҷиноят, тафовути ин ҷиноят аз ҷиноятҳои ба он монанд ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ ҷой надоранд. Танҳо дар рисолаи докторӣ ва баъзе асарҳову мақолаҳои Қ.Х. Мирзоев[24], Р.Ҳ. Раҳимзода[25], М.Ҷ. Раҳмонзода[26], К.Д. Раҷабов[27], А.И. Сафарзода[28], Р.И. Шарипов[29] масъалаҳои марбут ба объекти хелии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Новобаста аз он ки саҳми олимони зикршуда дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол бисёр аз паҳлуҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, масъалаҳои бандубасти он, фарқузории байни азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ба таҳқиқоти маҷмуии мушаххас ниёз дорад. Зарурати ба роҳ мондани

---

[18] Ниг.: Данилов А.В. Квалификация присвоения и растраты, совершаемых в сфере экономической деятельности: дис. … канд. юрид. наук. – Н.Новгород, 2004. – 228 с.

[19] Ниг.: Посохов А.Ю. Присвоение и растрата как формы хищения в малом предпринимательстве: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2006. – 177 с.

[20] Ниг.: Скрипников Д.Ю. Присвоение и растрата как способы и обращения чужого имущества, вверенного виновному: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – 202 с.

[21] Ниг.: Хакимова Э.Р. Присвоение и растрата: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2009. – 214с.

[22] Ниг.: Шишлянников В.Ф. Криминологическая характеристика и уголовно-правовые меры противодействия присвоению или растрате: дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2005. – 205 с.

[23] Ниг.: Эрашвили Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ): дис. ... канд. юрид. наук. – М, 2003. – 195 с.

[24] Ниг.:Мирзоев Қ.Х. Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 229 с.

[25] Ниг.: Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ): дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 581 с.

[26] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 157 с.

[27] Ниг.: Раджабов К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 175 с.

[28] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 396 с.

[29] Ниг.: Шарипов Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2012. – 173 с.

таҳқиқоти комплексии самтҳои ҳуқуқи ҷиноятии азонихудкунӣ ё исрфкорӣ дар замони муосир беш аз пеш эҳсос мешавад. Аз ҷумла, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳанӯз оид ба мафҳуми тасарруф, фарқ намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун шаклҳои мустақили тасарруф, лаҳзаи хотимаёфтани ин ҷиноятҳо, маънидоднамудани аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳо, ба монандӣ молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошад андешаҳои ягона ҷой надорад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта, дар шароити кунунӣ масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзӯи кори илмӣ-таҳқиқотии шӯъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: «Сиёсати ҷиноии Тоҷикистони муосир барои солҳои 2017-2021» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмуии аломатҳои таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр, омӯзиши амалияи тафтишотӣ ва судӣ доир ба бандубасти ин кирдор ва коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, ки барои мубориза бо ҷинояти мазкур равона шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар робита ба мақсади таҳқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла:

– омӯзиши инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ;

– гузаронидани таҳлили азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи

қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ;

– таҳқиқи аломатҳои объект ва предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ;

– баррасии тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ;

– таҳлили хусусиятҳои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ;

– коркард ва пешниҳоди тарафи субъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ;

– таҳлил ва барасии аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва амалишавии онҳо;

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор меравper, ки вобаста ба содиршавии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр, инчунин такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлил ва арзёбии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, тамоили инкишоф ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ марбут ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ: масоили танзими ҳуқуқии ҷиноятии муқовимат бо он ва таърихии падидаи мазкур, танзими азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, танзими ҳуқуқи ҷиноятии он шуруъ аз соли 1917 то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи амалияи тафтишотии солҳои 2018-2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро пажуҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии

сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ методологияи он ба принсипҳои усули диалектикии маърифат асос ёфтааст. Дар рафти таҳқиқот методҳои махсуси илмӣ вобаста ба омӯзиши таҷрибаи таърихии батанзимдарории азонихудкунӣ ё исрофкорӣ; расмӣ-мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои дар қонун нишондодашудаи таркиби азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ифода гардидаанд; муқоисавию ҳуқуқӣ, ки дар таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи батанзимдарории азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он истифода шудаанд; методи ҳуҷҷатнигорӣ-интихоб кардан ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба бандубасти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ; методи оморӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар бораи содиршавии ҷинояти мазкур иборат мебошад, истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии диссертатсия ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2017-2021, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ марбут ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, инчунин парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули КҶ ҶТ соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба таҳқиқоти низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷинояти таҳқиқшаванда, фарқияти ин ҷиноят аз таркибҳои ба он монанд ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ сурат гирифта, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда муайян карда шуда, ҷиҳати такмили м.245 КҶ ҶТ тавассути ворид намудани тағйирот ба аломатҳои

бандубастшавандаи ҷинояти мазкур пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Навгонии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама дар пешниҳодҳои илман асосёфта аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили аломатҳои таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, бахусус доир ба аломати молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад, шаклҳои мустақили тасарруф ба ҳисоб рафтани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, вобаста ба аломатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноятҳо, ба монанди такроран, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бо истифодаи ваколатҳои мансабдорӣ ифода меёбад.

Ба назари эътибор гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки хусусияти латентии (руйпӯшшавии) ҷинояти м. 245 КҶ ҶТ дар воқеияти ҳаёт аз байн равад ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мубориэаи шадидро бо ҷинояткорӣ дар самти ҳифзи моликият тақвият бахшанд. Рисолаи илмӣ аз навгониҳои зерин иборат аст:

– бори аввал дар рисолаи илмӣ масъалаи батанзимдарории ҳуқуқии ҷиноятии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгари барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҶТ инъикос гардидааст;

– дар рисолаи илмӣ муаллиф тасарруфи молу мулки ғайр бо аломатҳои ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро тибқи қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои пасошуравиро таҳлил намуда, хулосаҳои амиқи илмӣ коркард намудааст;

– ҳамчунин, навгонии дигари рисола дар он мебошад, ки муаллиф объект ва тарафи объективии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро баррасӣ намуда, андешаҳои асосноки илмиро пешкаш намудааст;

– дар рисолаи илмӣ субъект ва тарафи субъективии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, вобаста ба масъалаҳои зикршуда, пешниҳодҳоро дар самти такмили қонунгузории ҷиноятӣ ироа намудааст;

– аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва татбиқи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, оид ба ин қисмат, аз ҷониби муаллиф андешаҳои мукаммал пешниҳод гардидааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин нуқтаҳо ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қисми объекти намудӣ – муносибатҳои моликиятӣ буда, пурра бо он мувофиқ шуда наметавонад. Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин муносибатҳои мушаххаси моликиятие мебошанд, ки байни молики мушаххаси молу мулк ва шахсони дигар, ки уҳдадоранд доираи ҳуқуқҳои молу мулки ӯро халалдор насозанд, ба ҳисоб меравад.

2. Азонихудкунӣ, ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон ба соҳибияти худ гузаронидани молу мулке мебошад, ки ба гунаҳгор боваркарда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад.

3. Исрофкорӣ бошад ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон сарф намудан, бегона намудани молу мулке мебошад, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш аст.

Хусусияти исрофкорӣ дар он зоҳир мегардида, ки дар фарқият аз азонихудкунӣ байни соҳибии қонунӣ ва ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани молу мулк доираи вақт, ки дар ҷараёни он гунаҳгор ғайриқонунӣ чунин молу мулкро соҳибӣ менамояд, ҷой надорад.

4. Молу мулки бовар карда супоридашуда ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин ашъёҳои олами моддӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз ҷониби молик ё соҳиби дигар ихтиёрӣ ва бо тартиби тибқи қонун муқарраршуда ба шахси дигар барои анҷом додани ҳаракатҳои муайяни аҳамияти ҳуқуқӣ дошта супорида шудааст. Ин мумкин аст, ҳаракатҳое бошанд, ки бо амалӣ намудани ҳуқуқ ба истифода, соҳибӣ ва баъзан бо ихтиёрдории молу мулки

бовар карда супоридашуда алоқамананд. Ваколатҳои зикршуда нисбати молу мулки ғайр мумкин аст, дар маҷмӯъ ё ба таври алоҳида ҷой дошта бошанд.

5. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият даровардани ваколатҳои шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида мешавад, барои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудан аломати ҳатмӣ ҳисоб намешавад.

6. Ба сифати субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудани танҳо шахсони ҷавобгарии моддидошта доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкориро дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ маҳдуд месозад. Бинобар ин, субъекти ҷинояти мазкур мумкин аст, шахси алоҳида низ эътироф шавад, ки мутобиқи шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ нисбат ба молу мулк аз молик ваколатҳои муайян гирифта бошад. Чунин шахс мумкин аст корманди ин ё он ташкилот ба ҳисоб нарафта, молу мулк ба ӯ дар асоси шартномаи боркашонӣ, нигаҳдорӣ, иҷора ва ғайра бовар карда супорида шуда бошад.

**II. Пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд:**

1. Аломати ҳамиҷрокунандагии тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз тарафи на камтар аз ду шарик барои гуруҳи муташаккил ҳатмӣ намебошад. Ба гуруҳи муташаккил мумкин аст нафароне дохил бошанд, ки дорои аломатҳои субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ нестанд, ки ин доираи ҷавобгарии онҳоро тағйир намедиҳад.

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки ба б.8 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009 илова бо мазмуни зер дохил карда шавад: «Дар ҳолатҳои эътироф намудани содиршавии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҳаракатҳои ҳама аъзоёни он ки дар тайёр ё содир намудани ҷиноят иштирок намудаанд, новобаста аз нақши воқеии онҳо дар содир намудани ҷиноят бояд мутобиқи қисмҳои дахлдори м.245 КҶ ҶТ бе ишора ба м.39 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад».

## III. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:

1. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст молу мулки ғайриманқул ҳамчун предмети он эътироф шавад, чунки дар таҷриба ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки молу мулки ғайриманқули ба гунаҳгор муваққатан бовар карда супурдашуда бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқдиҳанда (мисол, ваколатнома бо ҳуқуқи бегона кардани молу мулк) дар номи худи гунаҳгор ва ё намояндаи ӯ барасмияти ҳуқуқӣ даровarда мешавад. Аммо дар диспозитсияи м.245 КҶ ҶТ дар бораи чунин предмет ба монандӣ ҳуқуқ ба молу мулк сухан намеравад. Ин ҷо ба мафҳуми молу мулк дохил намудани инчунин ҳуқуқ ба он ба қонунҳои мантиқ ва техникаи қонунгузорӣ мухолифат менамояд, зеро дар м.247 КҶ ҶТ ҳуқуқ ба молу мулк ба мафҳуми молу мулк дохил карда нашудааст. Дар ин ҳолат норасоии қонунгузорӣ ба назар мерасад, ки барои бартараф намудани он бояд ба диспозитсияи м.245 КҶ ҶТ низ нишондод ба ҳуқуқ ба молу мулк ҳамроҳ карда шавад.

2. Бо дарназардошти муҳимияти масъалаи истифодаи сарфакорона ва мақсадноки қувваи барқ, гази табиӣ ва дигар намуди энергия, дар ин асно доктрина ва низоми ҳуқуқии миллии амалкунандаро халардор накарда, пешниҳод намудани варианти алтернативӣ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҷумла, барои бо роҳи фиреб ва сӯиистифодаи боварӣ ғайриқонунӣ истифода намудани қувваи барқ, гази табиӣ, гармӣ ва дигар намуди энергия» ҳамчун ҷинояти алоҳида ба муқобили моликият ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шуда, ин масъала зимни дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ карда шавад.

3. Матни эзоҳи м.244 КҶ ҶТ бо матни забони русии он мувофиқат намекунад. Чункӣ, дар матн бо забони русӣ ибораҳои «изъятие и (или) обращение» омадааст, ки тарҷумаи тоҷикии он бештар бо «гирифтан (ситонидан) ва (ё) гузаронидани (табдил додан) « мувофиқ мебошад. Аз руй пешниҳод мешавад, ки дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ибораҳои «гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр» бо ибораҳои «гирифтан ва (ё) гузаронидани

молу мулки ғайр « иваз карда шавад, ки ин бештар бо матни он бо забони русӣ мувофиқ мебошад.

4. Аз сабаби он ки азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шаклҳои мустақили тасарруф мебошанд, бинобар ин бо мақсади тафовути ҷавобгарии ҷиноятӣ, фарқ кардани ҷиноятҳои мазкур аз ҳамдигар ва аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар сатҳи қонунгузорӣ таркиби мазкури ҷиноятҳо дар моддаҳои алоҳидаи боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳакам карда шавад: м.245 «Азонихудкунӣ» ва м.245[1] «Исрофкорӣ».

5. Барои равшан намудани мафҳуми «молу мулки дар ихтиёрбуда» дар м.245 КҶ ҶТ калимаҳои «...ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошад» бо ибораи «...ё дар ихтиёрдории ташкиливу амрдиҳӣ ё маъмуриву хоҷагидории ӯ мебошад» иваз карда шавад.

6. Бо мақсади аз ҳам ҷудо намудани такрорӣ ва ретсидиви ҷиноят пешниҳод менамоем, ки қ.1 м.18 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар шавад: такрори ҷиноят дар вақти гуногун содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳое эътироф мешавад, ки дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда, барои ҳеҷ кадоми он шахс маҳкум нашуда бошад, ё танҳо барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда маҳкум гардида бошад. Ҷойгир намудани маҳкумшавӣ барои ҷиноятҳои аз беҳтиётӣ содиршуда дар таърифи такрорӣ аз он бармеояд, ки ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил медиҳанд.

7. Дар б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ аломати «бо истифодаи ваколати мансабдорӣ» бояд бо ибораи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» чи тавре дар моддаҳои дигар ҷой дорад (б. «г» қ.2 м.247, б. «б» қ.2 м.253, б. «а» қ.2 м.260 КҶ ҶТ) муқаррар карда шавад. Зеро ибораи бо истифодаи ваколати мансабдорӣ доираи тамоми субъектонеро, ки бо истифода аз мақоми хизматӣ тасарруфро дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ содир менамоянд, масалан

кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро дар бар гирифта наметавонад.

8. Бо дарназардошти хавфнок будани ҷиноятҳо марбут ба тасарруфи молу мулки давлатӣ, ки бештар аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир карда мешавад, зарурати пурзӯр намудани ҷазои ҷиноятӣ ба миён омадааст. Аз ҷумла, дар марҳилаи аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршуда аз қ.2 ба қ.3 м.245 КҶ ҶТ гузаронида шавад.

9. Муқаррароти қ. 4 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ ба принсипи конститутсионии ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият мухолифат менамояд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар б. «в» қ.2 м.245 КҶ ҶТ калимаи «шаҳрванд» бо калимаи «ҷабрдида» иваз карда шавад, зеро чунин тағйирот барои ба сифати ҷабрдида эътироф намудани намояндаҳои шахсони ҳуқуқӣ (зимни тасарруфи моликияти давлатӣ ва дастаҷамъӣ) низ имкон медиҳад.

Дар ин замина бояд дар эзоҳи моддаи 244 КҶ ҶТ дар хусуси муайян намудани андозаи зарари ҷиддии ба моликияти давлатӣ ва дастаҷамъӣ расонидашаванда тағйирот ворид карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, фарқияти ин ҷиноят аз таркиби дигар ҷиноятҳо ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад. Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар

диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи муносибаҳои моликиятӣ ҳангоми татбиқи м.245 КҶ ҶТ дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноятҳо ба муқобили моликият, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он инъикос менамоянд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи тафтишотиву судӣ анҷом дода шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки ҷониби Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мубориза бо он, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ дар шӯъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ваҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба иҷро расида, дар ҷаласаҳои шӯъба мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва дигар нашрияҳо, маҷмӯаҳо ба чоп расидаанд. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар шакли маъруза аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шудаанд.

**а) байналмилалӣ:**

– Вопросы российского и международного права (научный журнал) – доклад по теме «Особенности субъекта присвоения и растраты (на примере республики Таджикистан)» – ( №11А.– 2023)

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» (Душанбе, ДМТ, 1ноябри соли 2023)

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзӯи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замима иборат аст, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 236 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ ДАР ТАЪРИХИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ

## 1.1. Инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ

Воқеан ҳам асосҳои меъёрии қонунгузории ҷиноятии давраҳои аввали ҳокимияти шӯравиро декретҳои нахустини он ташкил медоданд, зеро Декрети Шурои Комиссарони Халқии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия (баъди инқилоби октябри соли 1917) «Дар бораи суд» аз 24 ноябри соли 1917, №1 истифода шудани қонунҳои ҳукумати сарнагуншуда (Империяи Россия)-ро манъ менамуд. Бар замми ин, дар асоси Декрети Комитети иҷроияи марказии Умумироссиягӣ «Дар бораи гирифтан аз тобеияти умумии судӣ дар маҳалҳое, ки дар онҳо ҳолати ҷангӣ эълон гардидаст» аз 20 июли соли 1919 ва Декрети Шурои Комиссарони Халқӣ «Дар бораи мубориза бо ҳаннотӣ, тасарруф дар амборхонаҳои давлатӣ, сохтакорӣ ва дигар сӯиистифода аз мансаб дар мақомоти хоҷагидорӣ ва тақсимотӣ» аз 21 октябри соли 1919, парвандаҳо дар бораи ҷиноятҳои шахсоне, ки тасарруфи молу мулкро аз объектҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ содир намудаанд аз тобеияти умумии судҳои халқӣ гирифта шуда, ба ихтиёрӣ трибуналҳои инқилобии умумӣ аз рӯйи парвандаҳо дар бораи ҳаннотии назди Комиссияи фавқулоддаи Умумироссиягӣ бо додани ҳуқуқи бевоситаи паррондан супорида мешуд.

Бояд қайд кард, ки аввалин санаде, ки дар он азонихудкунӣ ё исрофкорӣ номбар шудааст, ин Низомнома дар бораи трибуналҳои ҳарбии инқилобӣ, ки бо Декрети КИМУ аз 20 ноябри соли 1919 қабул шудааст, ба ҳисоб мерафт. Низомномаи мазкур ҷиноятҳои зери тобеияти трибунали ҳарбии инқилобӣ қарордоштаро ба чор гурӯҳ тақсим менамуд:

1) кирдорҳои ҷинояткоронаи дорои хусусияти аксулинқилобӣ;

2) кирдорҳои ҷинояткоронаи хусусияти умумӣ;

3) ҷиноятҳои хусусияти умумимансабӣ;

4) ҷиноятҳои хусусияти ҳарбӣ.

Дар Низомнома ба қатори ҷиноятҳои хусусияти умумимансабӣ чунин кирдорҳо шомил мешуд:

– коршиканӣ;

– баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ё беамалии ҳокимият, агар ин кирдорҳо бо расонидани зарари ҷиддӣ ба ҷумҳурӣ ё ба кори инқилоб ё расонидани зарари ҷиддӣ ба хазина алоқаманд бошанд ё имконияти фаро расидани чунин оқибатҳоро ба вуҷуд оваранд, ки чунин оқибатҳо танҳо тасодуфан вобаста ба сари вақт андешидани чораҳои пешгирӣ аз ҷониби шахсони дигар ба вуқуъ наомада бошад;

– азонихуд ё исроф кардан ё маҳвкунии молу мулки ба онҳо аз рӯи хизмат боваркардашуда;

– сохтакории хизматӣ;

– тамаъҷӯӣ[30].

Дар баробари ин, барои содир кардани ин гуна кирдорҳо Низомнома намудҳои зерини ҷазоро пешбинӣ мекард:

– танбеҳ;

– ҷарима;

– мусодираи як қисм ё тамоми молу мулк;

– маҳрум сохтан аз ҳама ё як қисми ҳуқуқҳои сиёсӣ бе мӯҳлат ё ба муҳлати муайян;

– маҳрум сохтан аз озодӣ;

– супоридан ба қисмҳои ҷаримавӣ (барои хизматчиёни артиши сурх);

– паррондан[31].

Ҳамин тавр, Низомнома дар бораи трибуналҳои ҳарбии инқилобӣ азонихудкунӣ ё исрофкориро ба сифати таркиби мустақили ҷиноят муқаррар намуда, чунин кирдор нисбат ба молу мулки ба онҳо аз рӯйи хизмат бовар карда супурдашуда алоқамандӣ дошт.

[30] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 54-55.
[31] Ниг.: Голякова И.Т. Асари зикршуда. – С. 56.

Кӯшиши ба низоми муайян даровардани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо қабули Роҳбарикунандаи аввалин оид ба ҳуқуқи ҷиноятии ҶШФСР, ки бо Қарори Комиссариати халқии адлияи ҶШФСР аз 12 декабри соли 1919 қабул карда шуда буд, анҷом дода мешавад[32]. Аммо дар санади мазкур таркиби азонихудкунӣ ё исрофкорӣ танзими қонунгузории худро пайдо накарда буд.

Дар декрети ШКХ ҶШФСР аз 5 майи соли 1921 «Дар бораи маҳдуд намудаи ҳуқуқ аз рӯйи ҳукмҳои судӣ» дар қатори ҷиноятҳои дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ, таъмаҷуӣ, инчунин азонихудкунӣ ва исрофкорӣ номбар мешуд[33]. Мутобиқи Декрети мазкур, аз ҷумла нисбати ҷинояти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ судҳои халқӣ ва трибуналҳои инқилобӣ вобаста ба ҳолатҳои кор ва шахсияти айбдоршаванда муайян менамуданд, ки оё маҳкумшуда аз тарафи суд бадном эътироф шуда ва дар натиҷаи ин ҳуқуқҳояш маҳдуд мегардад.

Аввалин қонуне, ки санксияҳои муайянро барои тасарруф муқаррар менамуд ин Декрети КИМУ ва ШКХ ҶШФСР «Дар бораи чораҳои мубориза бо тасарруф аз амборхонаҳои давлатӣ ва ҷиноятҳои мансабии ба тасарруф мусоидаткунанда» аз 1 июни соли 1921 ба ҳисоб мерафт. Декрет гарчанде бевосита таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро номбар насозад ҳам вале ҷиноятҳоеро номбар менамуд, ки шабеҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ буданд. Масалан, аз ҷониби шахсони ҳайати маъмурӣ ва амборхонаи корхонаҳои саноати тасарраф намудани предметҳои истеҳсоли он ва пинҳон доштани онҳо бо мақсади тасарруф; аз ҷониби роҳбарони корхонаҳои либосдузӣ, сеххо ва кооперативҳо тасарруф намудани маводҳои ба онҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ супоридашуда; аз ҷониби роҳбарони корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ тасарруф намудани мол ва воситаҳои барои иҷрои супоришҳои давлатӣ ба онҳо пешниҳодшуда; тасарруфи мол ҳангоми

[32] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 57-60.
[33] Ниг.: Голякова И.Т. Асари зикршуда. – С. 93.

интиқоли он тавассути роҳҳои хушкӣ, обӣ ва аспуароба[34]. Ба сифати санксия Декрет танҳо ҳадди поёнии ҷазоро ба муҳлати на камтар аз се сол ва чораи ҷазои олиро ҳангоми ҳолатҳои вазнинкунанда ( якчандкаррата будани кирдор, хусусияти оммавӣ доштани тасарруф, масъулияти мансаби ишғолнамуда ва ғайра) муқаррар менамуд[35].

Тавассути Декрети КИМУ ва ШКХ ҶШФСР аз 1 сентябри соли 1921 «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои шахсоне, ки дар тасарруфи борҳо дар вақти интиқоли онҳо гунаҳгоранд»[36] ҷавобгарии пурзӯр то ҳадди истифодаи чораи ҷазои олӣ нисбати шахсони борҳоро бо аспу ароба, бо роҳи обӣ ва ғайра интиқолдиҳанда, инчунин барои агентҳои аз болои чунин интиқол назораткунанда, ки дар тасарруфи борҳо дар роҳ ошкор шудаанд, муқаррар карда мешавад.

Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 марҳилаи нав дар инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб мерафт. Дар Кодекси мазкур фарқгузории ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр вобаста ба шакли моликият анҷом дода нашуда буд. Вале вобаста ба хусусиятҳои субъекти ҷиноят ҷазо нисбати кирдорҳои мазкури шахсони мансабдор ва шахсони ваколатҳои хизматӣ надошта фарқгузорӣ мегашт[37].

Таркиби тасарруф дар КҶ ҶШФСР соли 1922 дар бобҳои гуногун муқаррар мешуданд. Дар м.113 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои аз ҷониби шахси мансабдор азонихудкардани пул ё дигар арзишҳое, ки вобаста ба мақоми хизматиаш дар ихтиёрӣ ӯ қарор доранд муқаррар мешуд. Барои таркиби асосии ҷинояти мазкур ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз як сол бо холи кардан аз мансаб пешбинӣ мегардид. Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунандаи таркиби азонихудкунӣ дар қ.2 м.113 КҶ содир шудани ҳамин ҳаракатҳо аз ҷониби шахси мансабдори дорои ваколатҳои

---

[34] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 96.
[35] Ниг.: Голякова И.Т. Асари зикршуда. – С. 96.
[36] Голякова И.Т. Асари зикршуда. – С. 102.
[37] Уголовный кодекс РСФСР 1922 года // Отечественное законодательство XI-XX веков. Часть II (XX в.) / Под ред. проф. О.И. Чистякова. – М.: Юристъ, 2000. – С. 106-145.

махсус ё азонихуд кардани арзишҳои махсусан муҳими давлатӣ мустаҳкам мешуданд. Мутобиқи қ.2 м.113 КҶ ҳаракатҳои мазкур дар асоси санксияи қ.2 м.106 КҶ ҷазо дода мешуданд. Санксияи қ.2 м.106 бошад ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз се сол, ҳангоми ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда бошад, чораи ҷазои олиро пешбинӣ менамуд. Содир гардидани кирдорҳои мазкур дар шакли исрофкорӣ дар м.113 КҶ муқаррар намешуд.

Аммо дар боби VI «Ҷиноятҳои молумулкӣ» қонунгузор дар баробари азонихудкунӣ исрофкориро низ фарқ менамуд. Дар боби мазкур меъёри умумӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муқаррар мешуд. Чунончи, дар м.185 КҶ азонихудкунӣ, яъне худсарона бо мақсади ғаразнок нигоҳ доштан, инчунин исрофкории молу мулки бо мақсадҳои муайян бовар карда супорида шуда, ки аз ҷониби шахси хусусӣ содир мешавад, муайян мегашт. Кирдорҳои мазкур бо корҳои маҷбурӣ ба муҳлати то шаш моҳ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати шаш моҳ ҷазо дода мешуд.

Мутобиқи меъёри мазкур азонихудкунӣ дар ду шакл ифода меёфт: нигоҳ доштан ва исрофкорӣ. Дар баробари ин молу мулк ҳамчун предмети азонихудкунӣ бояд хусусияти махсуси ҳуқуқӣ дошта бошад, яъне дар соҳибии гунаҳгор бо мақсади муайян ва дар асоси қонун қарор дошта бошад.

Азонихудкунӣ мутобиқи маънидодкунии таҳтуллафзӣ ба намуди тасарруф дохил намешуд, гарчанде ба муносибатҳои моликиятӣ таҷовуз меовард. Чунки дар таркиби ҷиноятҳои дуздӣ (м.180 КҶ), ғоратгарӣ (м.182 КҶ), роҳзанӣ (м.184 КҶ) қонунгузор аломати тасарруфро номбар намуда, дар таркиби азонихудкунӣ бошад ба он ишора наменамуд.

Вобаста ба ин М.И. Гернет меъёри КҶ 1922 дар бораи азонихудкуниро тавсиф дода истода, чунин баён менамояд: дар фарқият аз тасарруф азонихудкунӣ ситонидани молу мулкро аз соҳибии шахси дигар ифода

намекунад, зеро молу мулк дар соҳибии азонихудкунанда бо ин ё он асоси қонунӣ қарор дорад, танҳо онро худсарона нигоҳ медорад»[38].

Ба ҳамин монанд Б. Змиев низ андеша дошт, ки молу мулк ҳангоми азонихудкунӣ ба ихтиёри айбдоршаванда на бо роҳи тасарруф ва на бо роҳи фиреб балки ба ӯ аз ҷониби ҷабрдида ихтиёрӣ барои мақсади муайян супорида мешавад[39].

Минбаъд бо Қарори сессияи 2-юми даъвати Х КИМУ аз 10 июли соли 1923 «Дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶШФСР»[40] дар боби «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» тағйиротҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд. КҶ 1922 бо м.180[а] пурра гардонида шуд, ки он ҷавобгариро барои тасарруф аз амборхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, қаторахо, киштиҳо ва дигар анборхонаҳо, ки мунтазам, чӣ бо роҳи дӯздӣ, сохтакорӣ, тартиб додани санадҳои нодуруст ва дигар ҳаракатҳои ҷинояткорона содир мешавад ё аз ҷониби шахси мансабдори масъул ё ба андозаи махсусан калони тасарруф содир шудааст. Ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои вазнинкунандаи гуноҳ барои ин ҷиноятҳо ҷазои қатл муқаррар мешуд. Меъёри мазкур ҷавобгариро барои содир намудани тасарруф вобаста ба шакл (дуздӣ, азонихудкунӣ ё қаллобӣ) фарқгузорӣ наменамуд[41].

Ғайр аз ин, мутобиқи қонуни мазкур м.186 КҶ 1922 бо сабаби он ки таркиби ин ҷиноятро м.113 КҶ дар бар мегирифт хориҷ карда мешавад.

Ҳамин тавр, КҶ ҶШФСР 1922 ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои азонихудкунӣ ва исрофкории молу мулке муқаррар менамуд, ки ба шахси хусусӣ ё шахси мансабдор барои мақсадҳои муайян бовар карда супорида шуда бошад.

Азонихудкунии аз ҷониби шахси мансабдор содиршуда ҳамчун ҷинояти мансабӣ (хизматӣ) аз рӯйи м.113 бандубаст карда мешуд. Барои чунин

[38] Гернет М.И. Уголовный кодекс / Научно-популярный практический комментарий. – М., 1925. – С. 160.
[39] Ниг: Змиев Б. Уголовное право. Часть Особенная. Вып. 1. Преступления против личности и имущественные. – Казань, 1923. – С. 52.
[40] Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 159.
[41] Ниг: Курс советского уголовного права. – М., 1970. – Т. 4. – С.295.

кирдорҳои шахси мансабдор, ки дорои ваколатҳои махсус мебошанд, инчунин барои азонихудкунии арзишҳои махсусан муҳими давлатӣ (қ.2 м.113 КҶ) ҷазои олӣ татбиқ карда мешуд.

16 июни соли 1926 дар сессияи 4 КИМ Шӯроҳои даъвати якуми ҶШС Ӯзбекистон КҶ ҶШС Ӯзбекистон қабул карда шуда буд[42]. Кодекси мазкур аз 1 июли ҳамон сол дар ҳудуди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон низ (минбаъд – ҶШСХТ) мавриди амал қарор дода шуд[43]. То ин замон сарчашмаи асосии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ КҶ ҶШФСР соли 1922 ба ҳисоб мерафт[44].

Бояд қайд намуд, ки КҶ ҶШС Узбекистон соли 1926 дар асоси КҶ ҶШФСР соли 1922 таҳия шуда буд[45].

Аз ҷумла, таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар КҶ ҶШС Узбекистан соли 1926 вобаста ба субъекти он дар ду модда, ки дар бобҳои гуногун ҷойгир буданд, пешбинӣ мегардид. Дар м.148 боби 3 (Ҷиноятҳои мансабии хизматӣ),ки ба монанди м.113 КҶ ҶШФСР 1922 таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро чунин муайян менамуд: аз ҷониби шахси мансабдор азонихудкунӣ ё исрофкории пул, арзишҳо ё дигар молу мулк, ки вобаста ба мақоми хизматӣ дар ихтиёри ӯ мебошад. Чунин кирдор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол бо озод намудан аз мансаб ҷазо дода мешуд.

Ҳамин ҳаракатҳо агар аз ҷониби шахси мансабдори дорои ваколатҳои махсус содир шуда бошад ё азонихудкунии арзишҳои махсусан муҳими давлатӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз ду сол ҷазо дода мешавад (қ.2 м.148 КҶ ).

---

42 Ниг: Собрание кодексов Узбекской ССР. – Самарканд, 1928. – С. 69-125.

43 Ниг.: Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана. Том 2, часть 1. (1917-1929 гг.). – Душанбе, 2001. – С. 45.

44 Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории историч е ского и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – С. 254.

45 Ниг.: Мирзоев С.Т. Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 27.

Дар боби 7 (Ҷиноятҳои молумулкӣ) м.232 таркиби ҷинояти мазкурро чунин муқаррар месохт: азонихудкунӣ, яъне худсарона бо мақсади ғаразнок нигоҳ доштан, инчунин исрофкории молу мулки ғайр, ки бо мақсади муайян бовар карда супорида шудааст.

Барои таркиби умумии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (м.232 КҶ) нисбат ба м.148 КҶ (азонихудкуние, ки аз ҷониби шахси мансабдор содир мешавад) ҷазои нисбатан сабуктар дар намуди корҳои маҷбурӣ ба муҳлати то як сол пешбинӣ мегашт.

Давраи минбаъдаи инкишофи қонунгузорӣ дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили моликият ин қабул гардидани қарори КИМ ШКХ ИҶШС «Дар бораи ҳифзи молу мулки корхонаҳои давлатӣ, колхозҳо ва кооператсияҳо ва мустаҳкам гардонии моликияти ҷамъиятӣ (сотсиалистӣ)» аз 7 августи соли 1932 ба ҳисоб меравад[46]. Вобаста ба санади меъёрии ҳуқуқии мазкур ҷиноятҳои нисбатан хавфноки муқобили моликияти сотсиалистӣ новобаста аз усули содиршавиашон ҳамчун тасарруф номбар мешуданд. Тамоми шахсони тасарруфро содиркунанда «душмани халқ» эълон карда мешуданд. Ибораи «тасарруф» дар чунин ҳолатҳо ҳама шаклҳои таҷовузро ба моликияти сотсиалистӣ (дуздӣ, ғоратгарӣ, азонихудкунӣ, қаллобӣ ва ғ-ра) дар бар мегирифт[47]. Аммо меъёри мазкур маънои онро надошт, ки азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба сифати намуди тасарруф баррасӣ мешуданд. Масъалаҳои муайян намудани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, инчунин таносуби байни онҳо дар давраи мазкур ҳамоно ҳалношуда боқӣ мемонд. Чунки маҳз дар ҳамин давра исрофкорӣ дар назария ва амалия сарфи назар аз азонихудкунӣ ба таври мустақил баррасӣ мегардид. Масалан, бо мақсади дақиқ ва якхела татбиқ намудани Қонун аз 7 августи соли 1932 Президиуми Суди Олии ҶШФСР дар қарори худ аз 28 майи соли 1933 баён медошт, ки вазнинии таъқибнамоии судӣ бояд на вобаста ба ҳолатҳои исрофкорӣ ва

[46] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 335.
[47] Ниг.: Севрюков А.П. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с хищениями в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 33 .

тасарруфи начандон зиёд, балки вобаста ба ҳолатҳои тасарруф ва исрофкории калон, ашаддӣ ва муташаккил равона шаванд. Исрофкорӣ на танҳо ба сифати ҷинояти мустақил, балки ҳамчун мафҳуми баробарсатҳи тасарруф ҷудо карда мешуд[48]. Дар яке аз адабиётҳои ҳамин давра ҳангоми тафсири Қонун аз 7 августи соли 1932 чунин баён мешуд, ки Қонун таҷовуз ба моликияти ҷамъиятиро на танҳо бо роҳи тасарруф балки бо роҳи. исрофкорӣ. муқаррар менамояд. Қонун бояд ҳам дар ҳолатҳои тасарруф ва исрофкорӣ ба миқдори калон ё тасарруф ва исрофкории мунтазам аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил содир шаванда татбиқ гардад[49]. Яке аз сабабҳои ба таври алоҳида баррасӣ намудани тасарруф ва исрофкорӣ дар он буд, ки дар ин давра на қонунгузор ва на илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми тасаррufро коркард накарда буданд[50].

Дар Қарори ШКХ ИҶШС аз 11 июли соли 1934 «Дар бораи мубориза бо тасарруфи даромадҳои пулӣ дар нақлиёти роҳи оҳан» низ баён мешуд, ки бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бо тасарруфи даромадҳои пулӣ дар нақлиёти роҳи оҳан ба прокуратураи ИҶШС ва мақомоти судӣ пешниҳод мешавад, ки тафтиши парвандаҳо оиди тасарруфи даромадҳои пулӣ, исрофкорӣ ва сӯиистифодаро тезонида, нисбати шахсони гунаҳгор қарори КИМ ва ШКХ Иттифоқи ҶШС аз 7 августи соли 1932 оиди ҳифзи моликияти корхонаҳои давлатӣ, колхозҳо ва кооператсияҳо ва мустаҳкам намудани моликияти ҷамъиятӣ (сотсиалистӣ)-ро татбиқ намоянд[51].

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶШС Тоҷикистон), бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9 майи 1935 қабул гардида, 15 июни соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳурӣ мавриди амал қарор дода шудааст, ки давраи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар

---

[48] Ниг.: Посохов А.Ю. Присвоение и растрата как формы хищения в малом предпринимательстве: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону 2006. – С.50.
[49] Ниг.: Советское уголовное право / Под ред. А.Я. Вышинского. – М., 1939. – С. 29.
[50] Ниг.: Воронин М.Ю. Уголовно-правовые и криминологические средства борьбы с должностными хищениями: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 28.
[51] Ниг.: Маҷмуаи санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷазои қатл (1917-2005) / Мураттибон Шарипов Т.Ш., Камолов З.А., Раҳматҷонов Б.Н. – Душанбе, 2014. – С. 125.

Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо ин қарор амали КҶ ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон бекор карда шуд[52].

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон ба монанди КҶ ҶШФСР 1922 дар бобҳои алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ муқаррар карда мешуданд.

Аввал, дар боби 3 «Ҷиноятҳои мансабии хизматӣ» м.141 КҶ ҷавобгарӣ барои аз ҷониби шахси мансабдор азонихудкунӣ ё исрофкории арзишҳо ё молу мулкеро, ки вобаста ба мақоми хизматӣ дар ихтиёрӣ ӯ мебошад, пешбинӣ менамуд. Яъне қонунгузории ҷиноятӣ низ азонихудкунӣ ё исрофкориеро, ки аз тарафи шахси мансабдор содир мешуд, ба гурӯҳи ҷиноятҳои мансабӣ дохил намуда, барои таркиби асосии ин ҷиноят ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол пешбинӣ мекард. Моддаи мазкур аз се қисм иборат буда, дар қ.2 м.141 ба сифати ҳолати вазнинкунанда содир намудани ҳамин ҳаракатҳо аз тарафи шахси мансабдор, ки ваколатҳои махсус дорад, инчунин ҳангоми ба таври ашаддӣ содир намудани он, ё агар чунин ҳаракатҳо ба таври мунтазам содир шуда бошад ва ё азонихуд кардани арзишҳои махсусан муҳими давлатӣ пешбинӣ мешуданд.

Дар қ.2 м.141 КҶ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ на камтар аз ду сол бо мусодираи молу мулк муқаррар мешуд.

Ҳамин тавр, дар тафовут аз КҶ ҶШФСР 1922 ва КҶ ҶШС Ӯзбекистон 1926 доираи ҳолатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки аз ҷониби шахси мансабдор содир мешавад, васеътар ба ҳисоб мерафт. Дар он дар фарқият аз кодексҳои зикршуда ҳолатҳои ба таври мунтазам ё ба таври ашаддӣ содир шудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба сифати аломатҳои вазнинкунанда нишон дода мешуданд.

Ғайр аз ин, дар м.141 КҶ ҶШС Тоҷикистон қ.қ.3 ва 4 муқаррар шуда буданд, ки дар КҶ ҶШФСР 1922 ва КҶ Узбекистон 1926 ҷой надоштанд.

[52] Ниг.: Халиков Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – С. 31.

Дар қ.3 м.141 КҶ ҶШС Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври алоҳида барои азонихуд кардани чизҳое, ки бо почта фиристода мешаванд аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти алоқа, ки дар ихтиёри онҳо ин фиристаҳо қарор доранд, пешбинӣ мегардид. Кирдори мазкур аз рӯйи санксияи қ.1 ва 2 ҳамин модда ҷазо дода мешуд.

Таркиби ҷинояти дар қ.4 м.141 КҶ муқарраршуда бевосита бо азонихудкунӣ ё исрофкорӣ алоқамандӣ надошт, зеро дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан барзиёд карда нишон додани нақшаҳои сарф кардани ғалла ва ем (хӯроки ҳайвонот) дар вақти тартиб додани онҳо ва аз нақшаҳои аз тарафи мақомотҳои ҷумҳуриявӣ тасдиқгардида зиёдтар сарф кардани ғалла ва ем, нисбат ба шахсони мансабдоре, ки дар ин кор гунаҳгор мебошанд, пешбинӣ мешуд. Нисбати кирдори мазкур ҷазо ба муҳлати то шаш сол маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ мегардид.

Дар боби 8-и «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» КҶ таркиби азонихудкунӣ ё исрофкорӣ айнан ба монади КҶ ҶШС Ӯзбекистон 1926 муайян мешуд: Азонихудкунӣ, яъне худсарона бо мақсади ғаразнок нигоҳ доштан, инчунин исрофкории молу мулки ғайр, ки барои мақсадҳои муайян бовар карда супорида шудааст (м.203 КҶ ҶШС Тоҷикистон). Вале дар фарқият аз КҶ ҶШС Ӯзбекистон 1926 барои чунин кирдорҳо ҷазои нисбатан вазнинтар дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол пешбинӣ мегашт.

Дар ин давра хусусан масъалаи пурзӯр намудани мубориза бо исрофкорӣ дар соҳаи коопeрасияҳо ва савдои давлатӣ муҳим буд. Одатан вазъи ғайриқаноатбахши баррасии парвандаҳо оид ба исрофкорӣ бо муносибати хунукназаронаи роҳбарони ташкилотҳои кооперативӣ ва савдо дар интихоби кадрҳо, нодуруст ба роҳ мондани баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар корхонаҳо, инчунин ба тахассус ҷавобгӯ набудани кори комиссияҳои тафтишотӣ асоснок мегардид[53]. Бо мақсади бартараф намудани ҳолатҳои

[53] Ниг.: Камилов К. Борьба с расхищениями социалистической собственности в Узбекской ССР / К. Камилов // Социалистическая законность. – 1947. – №6. – С. 22-23; Субботин В. Борьба с растратами и хищениями

зикршуда дар адабиётҳои илмии ҳамон давра пешниҳод мешуд, ки самти таъқибнамоӣ аз руи парвандаҳо оид ба мубориза бо исрофкорӣ амиқ таҳлил карда шуда ва «чунин ҳолат таъмин карда шавад, то ки таъқибнамоӣ барои ин намуди ҷиноят ба самти умумии мубориза барои ҳифзи моликияти сотсиалистӣ мутобиқат намояд»[54]. Зиёда аз ин, исрофкории ҳангоми беасос тартиб додани санадҳо дар бораи вайрон шудан ё камомади дар маҳсулот ҷойдошта ҳамчун намуди бештар хавфноки азонихудкунӣ баррасӣ мешуд[55]. Дар навбати худ Суди Олии ИҶШС ба зарурати аниқ ҷудо намудани исрофкорӣ ва камомад ҳангоми бандубасти кирдор ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ишора менамуд[56].

Минбаъд бо мақсади ба танзим даровардани масъалаҳо дар бораи бандубасти тасарруф ва муқаррар намудани қонунгузории ягона оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруф Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 ду фармон қабул намуд: «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ва «Дар бораи пурзӯр намудани ҳифзи моликияти шахсии шаҳрвандон»[57].

Дар фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» чунин омада буд: «Бо мақсади муқаррар намудани ягонагии қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва пурзӯр намудани мубориза бо чунин ҷиноятҳо, Президиуми Совети Олии ИҶШС қарор мекунад:

---

социалистической собственности в Латвийской ССР / В. Субботин // Социалистическая законность. – 1947. – №3. – С. 28-29.

[54] Коган С. Борьба с растратами в кооперации и госторговле / С. Коган // Социалистическая законность. – 1938. – №5. – С. 99.

[55] Ниг.: Коган С. Асари зикршуда. – С. 97.

[56] Ниг.: Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 26 декабря 1938 года по делу Л. // Сборник постановлений Пленума и определений коллегий Верховного Суда СССР (1938 г. и первое полугодие 1939 г.). – М.: Юриздат, 1940. – С. 18.

[57] Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР 1917-1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 430-431.

1. Дуздӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё дигар тасарруфи моликияти давлатӣ – ҷазо дода мешавад бо маҳбаснамоӣ дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз ҳафт то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он;

2. Тасарруфи моликияти давлатӣ, ки такроран, ҳамчунин аз ҷониби гурӯҳ (шайка) ё ба андозаи калон содир шудааст – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз даҳ то бист сол бо мусодираи молу мулк;

3. Дуздӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё дигар тасарруфи моликияти колхозӣ, кооперативӣ ё дигар моликияти ҷамъиятӣ – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он;

4. Тасарруфи моликияти колхозӣ, кооперативӣ ё дигар моликияти ҷамъиятӣ, ки такроран, ҳамчунин аз ҷониби гурӯҳи мутташаккил (шайка) ё ба андозаи калон содир мешавад – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз ҳашт то бист сол бо мусодираи молу мулк;

5. Хабар надодан ба мақомоти ҳокимият дар бораи тасарруфи аниқ маълуми тайёршудаистода ё тасарруфи содиршудаи моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки дар моддаҳои 2 ва 4-и фармони мазкур пешбинӣ шудаанд, – ҷазо дода мешавад бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то се сол ё бадарға ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол»[58].

Хусусияти фармони мазкур дар он ифода мегардид, ки он таҷовуз ба моликияти сотсиалистӣ ва моликияти шахсиро фарқгузорӣ менамуд. Дар баробари ин моликияти сотсиалистӣ ба моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷудо карда мешуд.

Бояд қайд кард, ки ин фармон ҳифзи пурзӯри моликияти давлатиро таъмин менамуд. Чунки санксияҳо барои ҷиноятҳои монанд, ки ба муқобили моликияти колхозҳо, кооперативҳо ё дигар моликият равона шуда буданд,

[58] Ведомости Верховного Совета СССР. – 1947. – №19. – С. 176-177.

назар ба ҷиноятҳо ба муқобили моликияти давлатӣ сабуктар буданд. Ғайр аз ин, фармони мазкур дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба бандубасти тасарруфи молу мулки ғайр ягон равшани ворид намекард. Аз мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда талаб карда намешуд, ки шакли мушаххаси тасарруфро барои дуруст бандубаст намудан муайян созанд. Чунин ҳолат боиси он мегашт, ки мафҳуми «тасарруф» ба таври васеъ маънидод гардад[59].

Ҳамчунин фармони зикршуда номгӯи пурраи шаклҳои тасарруфро муқаррар намекард. Ба сифати шаклҳои тасарруф қонунгузор танҳо дуздӣ, азонихудкунӣ ва исрофкориро номбар менамуд. Чунин сохти қонунгузорӣ имкон медод, ки азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ҳамчун шакли тассаруф эътироф карда шавад. Аз ҷумла, дар ҳамон давра ҷой доштани қиёси қонун тасдиқи ин гуфтаҳо мебошад.

Меъёри қонунгузории ҷиноятии мазкурро маънидод карда, З.А. Вишинская иброз менамуд, ки бо роҳи ҷиноят ба даст овардани молу мулки сотсиалистӣ мумкин аст, бо роҳи дуздӣ, қаллобӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ, ҳуҷуми зӯроварона (роҳзанӣ), бо роҳи сӯиистифодаи шахси мансабдор аз мақоми хизматӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ содир шавад[60].

Аз таҳлили меъёрҳо дар бораи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ мутобиқи Қонуни соли 1932 ва фармон аз соли 1947 бармеояд, ки ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ дар санадҳои меёрии ҳуқуқии мазкур аз муқаррароти КҶ ҶТ соли 1935 фарқ доштанд. Аммо меъёри ягонаи ҳуқуқи ҷиноятии танзимкунандаи асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ дар ҳеҷ кадоме аз санадҳои зикршуда мавҷуд набуд. Амалия бошад аз рӯйи преседентҳои аз ҷониби инстансияҳои олии судӣ муқарраршуда амал намуда, ғайриқонунӣ ситонидани молу мулки ғайрро бо мақсади азонихуд кардан тасарруф эътироф менамуд[61].

---

[59] Ниг.: Воронин М.Ю. Уголовно-правовые и криминологические средства борьбы с должностными хищениями: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 29.

[60] Ниг.: Вышинская З.А. Об уголовной ответственности за хищение государственного и общественного имущества. – М., 1948. – С. 10.

[61] Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 6 января 1944 года по делу И. // Сборник постановлений Пленума и определений коллегий Верховного Суда СССР 1944 г. – Юриздат, 1948. – С. 15.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ гардидани фармонҳои Президуми Шурои Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947» аз 22 августи соли 1947, №12/6 ҷиноятҳое, ки нисбати онҳо фармонҳои мазкур ҷавобгарии ҷиноятии пурзӯрро пешбинӣ менамояд, мутобиқи моддаҳои фармонҳо бандубаст карда мешаванд[62].

Агар ҷинояткор ашъёи ба ташкилоти давлатӣ мансуббударо азонихуд карда бошад ӯ мутобиқи м.1 фармон аз 4 июни соли 1947 ба ҷавобгарӣ кашида шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз 7 то 10 сол татбиқ карда мешуд. Дар сурате, ки ашёи мазкур ба моликияти ташкилотҳои кооперативӣ тааллуқ медошт шахси гунаҳгор ба ҷавобгарӣ аз рӯйи м.3 фармони мазкур кашида шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз 5 то 8 сол муқаррар карда мешуд. Дар ҳолатҳои ба моликиятии шаҳрванд дахл доштани ашёи тасарруфшуда гунаҳгор аллакай мутобиқи м.203 КҶ ҶТ 1935 ба ҷавобгарӣ кашида шуда, нисбати ӯ то ду сол ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ мешуд.

Ҳамин тавр, азонихуд кардани ҳамон як ашё дар ҳолатҳои гуногун ҷавобгарии ҷиноятии гуногунро аз рӯйи меъёрҳои гуногуни қонунгузории ҷиноятӣ ба вуҷуд оварда метавонист.

Дар баробари ин, баъзе аз олимон ба зумраи камбудии ҷиддии амалияи солҳои 50 асри XX-ро баён менамуданд, ки дар баъзе ҳолатҳо ҳаракатҳои шахсони мансабдори дар азонихудкунии молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматӣ содиркардаро судҳо нодуруст на аз рӯйи фармон аз 4 июни соли 1947, балки вобаста ба моддаҳои дахлдори кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқ бандубаст менамоянд[63].

[62] Ниг.: Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 22 августа 1947 г., №12/6 «О порядке применения судами указов Президиума Верховного Совета СССР от 4 июня 1947 г.» // Сб. действующих постановлений Пленума Верховного Суда 1924-1957 гг. / Под ред. Н.К. Морозова. – М., 1958. – С. 16.

[63] Ниг.: Ренев А., Зверев А. За установление единства в судебной практике по делам о хищениях социалистической собственности / А. Ренев, А. Зверев // Социалистическая законность. – 1952. – №7. – С. 10-13.

Вобаста ба ин масъалаҳои аз ҷониби судҳо дуруст татбиқ намудани Фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947-ро мушаххас гардонида истода, Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 6 майи соли 1952 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои тасарруфи моликияти сотсиалистӣ» чунин муқаррар менамуд: «ҳама гуна азонихудкунии молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ новобаста аз шакл ва усули содир намудани он бояд ҳамчун тасарруф баррасӣ гардад»[64]. Ҳамин тавр, сӯиистифода аз мақоми хизматӣ агар он дар азонихукунии молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё ғайриқонунӣ додан ба шахси дигар аз рӯйи ангезаҳои ғараз ё дигар манфиати шахсӣ содир шуда бошад, мутобиқ фармон аз 4 июни соли 1947 бандубаст карда мешавад[65].

Дар фармон аз соли 1947 мафҳуми «такрорӣ» ва «мунтазам»-и тасарруф, аз ҷумла вобаста ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ фарқ карда намешуд. Дар натиҷаи аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда нодуруст фаҳмидани ҳолатҳои вазнинкунандаи тасарруф, ки дар м.2 (такроран) ва м.4 (аз ҷониби гурӯҳи муташаккил (шайка) фармон аз 4 июни соли 1947 пешбинӣ шудаанд, Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 6 майи соли 1952 чунин тавзеҳот додааст: тасарруфи минбаъдаи молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бояд ҳамчун такрорӣ бандубаст карда шавад, новобаста аз он ки пеш аз он тасарруфи молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ содир шудааст...»[66]. Дар ҳолатҳое, ки барои тасарруфи пештар содиршуда ҳанӯз ҳукм баровfinaл нашуда, суд парвандаи ҷиноятиро вобаста ба ҳар ду ҳолати тасарруф баррасӣ намояд, тасарруфи минбаъда низ ҳамчун такрорӣ бандубаст карда шуда, ҷазо барои ҳар ду тасарруф аз рӯйи маҷмӯъ муайян карда мешавад[67].

---

[64] Постановление Пленума Верховного Суда СССР «О судебной практике по делам о хищениях социалистической собственности» от 6 мая 1952 года // Социалистическая законность. – 1952. – №7. – С. 4.
[65] Ниг.: Определение Судебной коллегии по уголовным делам Верховного Суда СССР от 11 октября 1952 года по делу К. и др. // Судебная практика Верховного суда СССР. – 1953. – №1. – С. 12.
[66] Постановление Пленума Верховного Суда СССР «О судебной практике по делам о хищениях социалистической собственности» от 6 мая 1952 года // Социалистическая законность. – 1952. – №7. – С. 4.
[67] Ниг.: Постановление Пленума Верховного Суда СССР «О судебной практике по делам о хищениях социалистической собственности» от 6 мая 1952 года // Социалистическая законность. – 1952. – №7. – С. 6.

Ҳамин тавр, тасарруфи бори дуюм, сеюм ва ғайра содиршуда новобаста аз шакл ва усулҳои содир намудани он ҳамчун такрорӣ ҳисоб мешуд.

Тағйиротҳои ҷиддӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ пас аз қабули Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ аз 25 декабри соли 1958[68] ба вуқуъ пайвастанд. Аммо тағйиротҳои куллӣ дар масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои кирдорҳои хавфноки ҷамъиятии ба муқобили моликият равонагардида, аз ҷумла барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ танҳо пас аз ба қувваи қонунӣ даромадани КҶ ҶТ соли 1961 ба вуҷуд омаданд.

17-уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 1-уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд. КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз принсипҳо ва муқаррароти умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 қабул гардидааст, бармеояд[69].

Вобаста ба м.1 КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 моликияти сотсиалистӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳатто назар ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ ва шаъну эътибори шахсият (боби 3) афзалият доштанд.

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз муқарраротҳои коллизионии санадҳои пештараи қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ на дар асоси Кодекси ҷиноятӣ, балки вобаста ба фармон аз 4 июни соли 1947 пешбинӣ менамуданд, дур шуда, дар м.3 чунин муқарраротро мустаҳакам менамуд: фақат шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста мешавад, ки кирдори барои ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ пешбинишударо қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир кардааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, ба ӯ ҷазо дода мешавад. Ҳамин тариқ, шахс танҳо дар ҳолатҳои бо КҶ пешбинишуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

---

[68] Ниг.: Основы уголовного законодательства Союза ССР и союзных республик от 25 декабря 1958 года // История государства и права СССР (сборник документов). Ч. II / Составители А.Ф. Гончаров, Ю.П. Титов. – «Юридическая литература». – 1968. – С. 487-492.

[69] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – С. 297.

Муқарраротҳои дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки дорои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, бояд ҳатман ба КҶ дохил карда шаванд[70].

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар ду боби қисми махсус пешбинӣ мешуданд: дар м.92 боби дуюм (Ҷиноятҳои муқобили моликияти сотсиалистӣ) ва м.158 боби панҷум (Ҷиноятҳои муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон).

Дар м.92 КҶ (Дуздидани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки бо воситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ё бо роҳи суиистеъмоли мансаби хизматӣ содир карда шудааст) ҷавобгарии ҷиноятӣ барои аз худ кардан ё исроф кардани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, ё ки дар ихтиёри вай мебошад, ё ки молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятиро бо роҳи суиистеъмол намудани мансаби хизматии худ тасарруф кардани шахси мансабдор муқаррар карда мешуд.

Аз сабаби он ки ҷинояти мазкур дар боби «Ҷиноятҳои муқобили моликияти сотсиалистӣ» ҷойгир шуда буд, ба сифати объекти он моликияти состиалистӣ баромад мекард. Чӣ тавре М.М. Муллоев баён менамояд, ба ҷамъият хавфнокии категорияи ҷиноятҳои дар ин боб ҷойгиршуда бо он муайян мегардад, ки онҳо ба моликияти сотсиалистӣ, ки он асоси иқтисодии давлати Шуравиро ташкил медиҳанд, таҷовуз меоваранд. Моликияти сотсиалистӣ аз моликияти давлатӣ (умумихалқӣ) ва моликияти колхозу кооперативҳо, инчунин молу мулки иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ иборат мебошад[71].

Моддаи мазкур се шакли бо ҳам наздики тасарруфро дар як модда муттаҳид менамуд: тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё тасарруф бо роҳи сӯиистеъмол намудани мансаби хизматии худ.

Дар адабиётҳои сохавии он давра баён мешавад, ки ҳаммонандии шаклҳои тасарруф, аз чумла азонихудкунӣ, исрофкорӣ ва дар ин асно

[70] Ниг.: Скрипников Д.Ю. Присвоение и растрата как способы и обращения чужого имущества, вверенного виновному: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 51.
[71] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе, 1988. – С. 4.

сӯиистеъмол намудани мансаби хизматӣ, инчунин дар бисёр мавридҳо дар як кирдор ҷой доштани аломатҳои ҳамаи ин ҷиноятҳо барои дар як моддаи КҶ муттаҳид намудани онҳо мусоидат намуданд[72].

Дар як маврид мафҳуми шаклҳои номбурдаи тасарруфро қонунгузор муайян накарда буд.

Дар таҷрибаи судӣ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ зери мафҳуми азонихудкунии молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ ғайриқонунӣ ройгон ба моликияти худ ё ба моликияти шахси дигар табдил додани молу мулке фаҳмида мешуд, ки дар ихтиёри қонунии гунаҳгор қарор дошта, ӯ вобаста ба ӯҳдадориҳои мансабӣ, муносибатҳои шартномавӣ ё супоришҳои махсуси ташкилотҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ нисбати чунин молу мулк ваколатҳои ихтиёрдорӣ, идоракунӣ, бурда расонидан ё нигаҳдориро соҳиб мебошад[73].

Аломати фарқкунандаи азонихудкунӣ аз дигар шаклҳои тасарруф дар он буд, ки гунаҳгор ваколатҳои худро нисбати молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятии тасарруфшаванда истифода мебарад.

Баъзан судҳо беасос ҳамчун азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳаракатҳои шахсонеро бандубаст менамуданд, ки гарчанде молу мулки тасарруфшуда ба онҳо дастрас мебошад ё дар рафти фаъолияти истеҳсолии худ истифода мебаранд, аммо нисбати он ваколатҳои ихтиёрдорӣ, идоракунӣ, нигоҳдорӣ ва ғайраро надоранд. Масалан, суди шаҳри Ленинобод (ҳозира шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд) кирдори содирнамудаи Р.-ро бо қ.2 м.92 КҶ нодуруст бандубаст намудааст, ки ӯ ба сифати посбони фабрикаи пойафзолдӯзии №2 фаъолият карда, мунтазам дар вақти навбатдории худ молҳои чарминро тасарруф намуда, фурӯхтааст. Р. шахси масъули ҷавобгарии моддидошта ба

[72] Ниг.: Кригер Г.А. Борьба с хищениями социалистического имущества. – М., 1965. – С. 183-185.
[73] Ниг.: Постановление Пленума Верховного Суда СССР «О судбеной практике по делам о хищениях государственного и общественного имущества» от 11 июля 1972, №4 с изменениями, внесенными поставновлениями Пленума Верховного Суда СССР от 21 сентября 1977г., №13// Бюллетень Верховного Суда СССР. – 1977. – №6.

ҳисоб нарафта, молҳои тасарруфшуда бевосита дар ихтиёри ӯ зери ҷавобгарии моддӣ қарор надоштанд[74].

Бинобар ин, Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Дар бораи таҷрибаи судӣ аз рӯйи парвандаҳо оид ба тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» аз 11 июни соли 1972, №4 низ дар ин маврид тавзеҳ медод, ки тасарруфи молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ аз ҷониби шахсе, ки ваколатҳои зикршударо надошта, аммо молу мулк вобаста ба кори супоридашуда ё иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ ба ӯ дастрас мебошад, бояд ҳамчун дуздӣ бандубаст карда шавад[75].

Зери мафҳуми исрофкорӣ аз ҷониби гунаҳгор қасдан, ғайриқонунӣ, ройгон сарф намудан ё истеъмол намудани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятии ба ӯ бовар карда супоридашуда ё тақсим намудани он ба шахсони дигар фаҳмида мешуд. Дар фарқият аз азонихудкунӣ, ки ҳангоми он молу мулки бовар карда супоридашуда нигоҳ дошта мешавад, ҳангоми исрофкорӣ он бо мақсади ғаразнок бегона карда мешавад[76].

Қонунгузор ба хусусиятҳои субъекти ин ҷиноятҳо ишора менамуд: ҳангоми азонихудкунӣ ва исрофкорӣ субъект шахсе шуда метавонад, ки ба ӯ молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бовар карда супорида шудааст, субъекти тасарруф бо роҳи суиистеъмол намудани мансаби хизматӣ бошад танҳо шахси мансабдор, ки моликияти сотсиалистӣ дар ихтиёри ӯ мебошад[77]. Бинобар ин, субъекти азонихудкунӣ ё исрофкории шахсони мансабдор, шахсони ҷавобгарии моддидошта ва дигар шахсони чунин функсияҳоро иҷрокунанда эътироф мешуданд. Зери мафҳуми шахси ҷавобгарии

[74] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе, 1988. – С. 19.
[75] Ниг.: Постановление Пленума Верховного Суда СССР «О судбеной практике по делам о хищениях государственного и общественного имущества» от 11 июля 1972, №4 с изменениями, внесенными поставновлениями Пленума Верховного Суда СССР от 21 сентября 1977г., №13 // Бюллетень Верховного Суда СССР. – 1977. – №6.
[76] Ниг.: Муллаев М.М. Асари зикршуда. – С. 21.
[77] Ниг.: Устименко В.В. Специальный субъект преступления. – Харьков, 1989. – С. 84.

моддидошта шахсе фаҳмида мешуд, ки бо тартиби муқарраршуда бо ӯ шартнома дар бораи ҷавобгарии пурраи моддӣ баста шудааст[78].

Аломати фарқкунандаи тасарруф ба воситаи суиистеъмол намудани мансаби хизматӣ дар он ифода меёфт, ки шахси мансабдор амру фармонҳои ғайриқонунӣ дода, молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятиро бо истифода аз ҳокимият ё мақоми хизматӣ бар хилофи манфиатҳои хизматӣ ё бо ёрии ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, ба монанди, додани фармон дар бораи ба ӯ супоридани ашёҳои муайян ё маблағҳои пулӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, ба рӯйхат дохил намудани нафароне, ки ҳуқуқи гирифтанаи маошро надоранд ё дохил намудани ному насаби бардурӯғ ба он, сохтакории ҳуҷҷатҳо ва аз рӯйи онҳо гирифтани воситаҳои моддӣ ва ғайра ба даст меоварад[79].

Дар қарори зикршудаи Пленуми Суди Олии ИҶШС низ тавзеҳот дода мешуд, ки қасдан ғайриқонунӣ аз тарафи шахси мансабдор гирифтани воситаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ ба сифати мукофотпулӣ, илова ба музди меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳо бо роҳи бо ҳамин мақсадҳо суиистифода намудан аз мақоми хизматӣ бояд ҳамчун тасарруф бо м.92 КҶ бандубаст карда шавад (банди 4)[80].

Субъекти тасарруф ба воситаи суиистеъмол намудани мансаби хизматӣ мумкин буд танҳо шахси мансабдоре эътироф шавад, ки ваколати ихтиёрдорӣ намудани молу мулкро дошта бошад[81].

Дар қ.2 м.92 КҶ қонунгузор ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ: такроран ё аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудани онро муқаррар менамуд, ки он бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то ҳафт сол ё бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғол

[78] Ниг.:Муллаев М.М. Комментарий к уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе, 1988. – С. 21.
[79] Ниг.: Муллаев М.М. Асари зикршуда. – С. 21.
[80] Ниг.: Постановление Пленума Верховного Суда СССР «О судбеной практике по делам о хищениях государственного и общественного имущества» от 11 июля 1972, №4 с изменениями, внесенными поставновлениями Пленума Верховного Суда СССР от 21 сентября 1977г., №13 // Бюллетень Верховного Суда СССР. – 1977. – №6.
[81] Ниг.: Муллаев М.М. Асари зикршуда. – С. 23.

намудани вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ё бе чунин маҳрумкунӣ ҷазо дода мешуд[82].

Дар қ.3 м.92 КҶ ҳолати махсусан вазнинкунанда дар намуди содир намудани ҳаракатҳои дар қ.қ.1 ва 2 ҳамин модда пешбинишуда, ки ба давлат ё ба ташкилоти ҷамъиятӣ зарари молу мулкии калон расонидаанд, муқаррар гардида, чунин ҳаракатҳо боиси ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муддати аз шаш то понздаҳ солу мусодираи молу мулк ё бе мусодира ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғол намудани вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муддати аз ду то панҷ сол мегардиданд.

Ғайр аз ин, дар м.96 КҶ соли 1961 ҷавобгарӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ ба миқдори махсусан калон муқаррар шуда буд, ки он ҳамаи шаклҳои тасарруф, аз ҷумла дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятиро дар бар мегирифт.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайри ба гунаҳгор бовар карда супоридашуда дар м.158 КҶ (боби 5 «Ҷиноятҳои муқобили моликияти шахсии гражданинҳо») муқаррар гардида буд.

Дар фарқият аз азонихудкунии молу мулки сотсиалистӣ азонихудкунии молу мулки бовар карда супоридашуда дар як қисм бе ҷудо намудани ҳолатҳои вазнинкунанда муқаррар мешуд. Дар м.158 КҶ таркиби ҷинояти мазкур чунин муайян мегашт: азонихудкунӣ, яъне бо мақсади ғаразнок нигоҳ доштан ё исроф кардани молу мулки ғайр, аз ҷониби шахсе, ки ба ӯ он бовар карда супорида шудааст. Азонихудкунии молу мулки шаҳрвандон назар ба азонихудкунии молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ муҳлати ҷазоро хеле кам пешбинӣ менамуд. Зеро барои ҷинояти пешбининамудаи м.158 КҶ ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба муддати то як сол ё ин ки андешидани чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятиро муқаррар мекард.

[82] Ниг.: Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1961. – С. 73.

Ғайр аз ин, агар азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ (м.92 КҶ) яке аз шаклҳои тасарруф ба ҳисоб равад, пас қонунгузор ҳангоми нишон додани аломатҳои азонихудкунии молу мулки шаҳрвандон дар диспозитсияи м.158 ба аломати тасарруф ишора намекард, ҳарчанд ин аломат дар таркиби ҷиноятҳои дуздӣ (м.154), ғоратгарӣ (м.155), яғмогарӣ (роҳзанӣ) (м.156) ва қаллобӣ (м.157) истифода карда мешуданд. Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузор азонихудкунии молу мулки супоридашудаи шаҳрвандонро ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки шахсӣ эътироф наменамуд.

Дар қонунгузории ҷиноятии баъзе аз ҷумҳуриҳои иттифоқ таркиби ҷинояти азонихудкунии молу мулки шаҳрвандон муқаррар нашуда буд. Масалан, дар КҶ ҶШСФР 1960 ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ва исрофкории молу мулки шахсӣ ҷой надошт ва чунин муносибатҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ ба танзим даровbooarда мешуданд[83].

Сиёсати минбаъдаи давлати шуравӣ дар давом додани самти пурзур намудани мубориза бо тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона шуда буд. Масалан, мутобиқи фармони Президиуми Шурои Олии РСС Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1982[84] санксияҳои м.92 КҶ ҶТ тағйир дода шуданд, аз ҷумла дар санксияи қ.1 м.92 КҶ муҳлати корҳои ислоҳӣ аз як то ду сол зиёд карда шуда, ҷазои алтернативӣ дар намуди ҷарима ба маблағи аз дусад то як ҳазор сум дохил карда шуд. Ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё аз машғул шудан ба фаъолияти муайян ба сифати ҷазои иловагӣ ба ҷазои асосии ҷарима муайян карда шуд. Дар санксияи қ.2 м.92 КҶ бошад, ба сифати ҷазои алтернативӣ ҷазои корҳои ислоҳӣ ба муддати аз як то ду сол ва ҷазои иловагӣ дар намуди мусодираи молу мулк ҳамроҳ карда шуданд. Илова бар ин, дар санксияи қисми мазкур ва дар санксияи қ.3 м.92 КҶ қонунгузор бори аввал муҳлати ҷазои маҳрум

[83] Ниг.: Эрашвили Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ): дис. ... канд. юрид. наук. – М, 2003. – С. 29.
[84] Ниг.: Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон аз соли. – 1982. – №3 (812).

кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайянро, ки ба сифати ҷазои иловагӣ таъин карда мешуд, мушаххас гардонид – ба муддати аз ду то панҷ сол.

17 феврали соли 1996 бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо – иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Кодекси моделии ҷиноятии[85] давлатҳои аъзои ИДМ қабул гардид, ки он санади қонунгузории тавсиявӣ ба ҳисоб мерафт. Кодекси мазкур ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ чун дигар шаклҳои тасарруф новобаста аз шакли моликият дар як модда пешбинӣ менамуд.

Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.241 Кодекси моделии ҷиноятӣ ҳамчун азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, муайян мешуд. Дар қ.2 моддаи мазкур чунин ҳолатҳои вазнинкунанда: а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад; б) ба ҷабрдида зарари ҷиддӣ расонида бошад. Дар қ.3 м.241 бошад: а) ба миқдори калон; б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил муқаррар мешуданд.

Ғайр аз ин, Кодекси моделии ҷиноятӣ таркиби ҷинояти тасарруф бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматиро аз такибҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҷудо намуда, онро дар моддаи алоҳида муқаррар менамуд: тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматӣ (қ.1 м.242). Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят содир шудани чунин кирдор аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; расонидани зарари ҷиддӣ ба ҷабрдида ва ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда ба миқдори калон ё аз тарафи гурӯҳи муташаккил содир шудани он пешбинӣ мешуд.

Ҳамин тавр, таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятиро вобаста ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ таҳлил намуда, ба **хулосаҳои** зерин омадан мумкин аст:

---

[85] Уголовный кодекс: модель. Рекомендательный законодательный акт для Содружества Независимых Государств: принят на шестом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников Содружества Независимых Государств 17 февр. 1996 г. // Приложение к «Информационному бюллетеню». – 1996. – №10.

1. Аввалин санади меъёрие, ки дар он азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қайд шуда буд, ин Низомнома дар бораи трибуналҳои ҳарбии инқилобӣ, ки бо Декрети КИМУ аз 20 ноябри соли 1919 қабул карда шуда буд, ба ҳисоб мерафт. Дар ин низомнома азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба сифати таркиби мустақили ҷиноят пешбинӣ шуда, он барои ҳимояи молу мулки ба гунаҳгор аз рӯйи хизмат бовар карда супоридашуда равона шуда буд.

2. Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 марҳилаи нав дар инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб мерафт. Дар Кодекси мазкур фарқгузории ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр вобаста ба шакли моликият анҷом дода нашуда буд. КҶ ҶШФСР соли 1922 ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои азонихудкунӣ ва исрофкории молу мулке муқаррар менамуд, ки ба шахси инфиродӣ ё шахси мансабдор барои мақсадҳои муайян бовар карда супорида шуда бошад.

Азонихудкунии аз ҷониби шахси мансабдор содиршуда ҳамчун ҷинояти мансабӣ (хизматӣ) аз рӯйи м.113 бандубаст карда мешуд.

Аммо дар боби VI «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» қонунгузор дар баробари азонихудкунӣ исрофкориро низ фарқ менамуд.

Мутобиқи м.185 КҶ ҶШФСР соли 1922 азонихудкунӣ дар ду шакл ифода меёфт: нигоҳ доштан ва исрофкорӣ. Дар баробари ин молу мулк ҳамчун предмети азонихудкунӣ бояд хусусияти махсуси ҳуқуқӣ дошта бошад, яъне дар соҳибии гунаҳгор бо мақсади муайян ва дар асоси қонун қарор дошта бошад.

Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ мутобиқи маънидодкунии таҳтуллафзӣ ба намуди тасарруф дохил намешуд, гарчанде ба муносибатҳои моликиятӣ таҷовуз меовард. Чунки дар таркиби ҷиноятҳои дуздӣ (м.180 КҶ), ғоратгарӣ (м.182 КҶ ), роҳзанӣ (м.184 КҶ) қонунгузор аломати тасарруфро номбар карда, дар таркиби азонихудкунӣ бошад, ба он ишора наменамуд.

3. 16 июни соли 1926 дар сессияи 4 КИМ Шӯроҳои даъвати якуми ҶШС Ӯзбекистон КҶ ҶШС Ӯзбекистон қабул карда шуда, ҳамон сол дар ҳудуди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон низ мавриди

амал қарор дода шуд. КҶ ҶШС Ӯзбекистан соли 1926 дар асоси КҶ ҶШФСР соли 1922 таҳия шуда, бинобар ин, меъёрҳои танзимкунандаи ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба меъёрҳои дахлдори КҶ ҶШФСР соли 1922 монанд буданд.

4. Хусусияти фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» дар он ифода мегардид, ки он таҷовуз ба моликияти сотсиалистӣ ва моликияти шахсиро фарқгузорӣ намуда, дар баробари ин моликияти сотсиалистӣ ба моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷудо карда мешуд. Ғайр аз ин, гарчанде фармони мазкур номгӯи пурраи шаклҳои тасарруфро муқаррар накунад ҳам, аммо дар қатори дуздӣ азонихудкунӣ ё исрофкориро ҳамчун шакли тасарруф номбар менамуд.

5. Тағйиротҳои ҷиддӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ пас аз қабули Асосҳои қонунгузории Иттифоқи ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ аз 25 декабри соли 1958 ба вуқуъ пайвастанд. Аммо тағйиротҳои куллӣ дар масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои кирдорҳои хавфноки ҷамъиятии ба муқобили моликият равонагардида, аз ҷумла барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ танҳо пас аз ба қувваи қонунӣ даромадани КҶ ҶТ соли 1961 ба вуҷуд омаданд.

6. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар ду боби қисми махсус пешбинӣ мешуданд: дар м.92 боби дуюм (Ҷиноятҳои муқобили моликияти сотсиалистӣ) ва м.158 боби панҷум (Ҷиноятҳои муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон). Моддаи 92 КҶ (Тасарруфи молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки бо воситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ё бо воситаи суиистеъмоли мансаби хизматӣ содир карда шудааст) се шакли бо ҳам наздики тасарруфро дар як модда муттаҳид менамуд: тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ, исрофкорӣ ва тасарруф ба воситаи суиистеъмол намудани мансаби хизматии худ.

Қонунгузор ба хусусиятҳои субъекти ин ҷиноятҳо ишора менамуд: ҳангоми азонихудкунӣ ва исрофкорӣ субъект шахсе шуда метавонад, ки ба ӯ

молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бовар карда супорида шудааст, субъекти тасарруф бо роҳи суиистеъмол намудани мансаби хизматӣ бошад танҳо шахси мансабдор, ки моликияти сотсиалистӣ дар ихтиёри ӯ мебошад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи моликияти шахсӣ бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.158 КҶ боби 5 «Ҷиноятҳои муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон» мустаҳкам шуда буд.

Дар фарқият аз азонихудкунии молу мулки сотсиалистӣ азонихудкунии молу мулки ғайр дар як қисм бе ҷудо намудани ҳолатҳои вазнинкунанда муқаррар мешуд.

Ғайр аз ин, агар азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ (м.92 КҶ) яке аз шаклҳои тасарруф ба ҳисоб равад ҳам, аммо қонунгузор ҳангоми нишон додани аломатҳои азонихудкунии молу мулки шаҳрвандон дар диспозитсияи м.158 ба аломати тасарруф ишора накардааст, ҳарчанд ин аломат дар таркиби ҷиноятҳои дуздӣ (м.154), ғоратгарӣ (м.155), яғмогарӣ (роҳзанӣ) (м.156), қаллобӣ (м.157) истифода мешуданд. Аз ин лиҳоз, ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузор азонихудкунии молу мулки шаҳрвандонро ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки шахсӣ эътироф накардааст.

7. 17 феврали соли 1996 бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо – иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Кодекси моделии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ қабул гардид, ки он санади қонунгузории тавсиявӣ ба ҳисоб мерафт. Кодекси мазкур ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ чун дигар шаклҳои тасарруф новобаста аз шакли моликият дар як модда мустаҳакам менамуд.

Ғайр аз ин, Кодекси моделии ҷиноятӣ таркиби ҷинояти тасарруф бо роҳи суиистифода аз мақоми хизматиро аз таркибҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҷудо намуда, онро дар моддаи алоҳида муқаррар менамуд: тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи суиистифода аз мақоми хизматӣ (қ.1 м.242).

## 1.2. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ

Дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз роҳи маъмули такмил додани қонунгузорӣ ин усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Зеро дар ин раванд қонунгузории дигар давлатҳо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба омилҳои миллӣ ҷанбаҳои мусбии онҳо истифода хоҳад шуд[86].

Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳими амалӣ дошта, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои мусбии онҳо истифода шавад[87]. А.В. Егоров қайд менамояд, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба мо инкон медиҳад, ки то кадом сатҳ қарор доштани низоми ҳуқуқии давлати худро дарк намоем[88].

Дар ин таҳқиқот масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ дар мисоли Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қирғизистону Қазоқистон ва ғайра баррасӣ карда мешаванд. Чунки дар қонунгузории ин давлатҳо шабоҳату тафовут бо қонунгузории ҶТ, бахусус дар самти ҷиноятҳо ба муқобили моликият бештар ба назар мерасад.

Дар КҶ ФР[89] таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба мисли КҶ ҶТ дар фасли VIII «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт», боби 21 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷойгир шудааст. Дар қ.1 м.160 таркиби ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, яъне тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст. Дар фарқият аз м.245 КҶ ҶТ м.160 КҶ ФР ба сифати предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ

---

[86] Ниг.: Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «Промэкспо», 2020. – С. 96.

[87] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2008. – С. 49.

[88] Ниг.: Егоров А.В. К истории понятия сравнительного правоведения. / А.В. Егоров // Государство и право. – М.: Наука, 2009. – №3. – С. 91.

[89] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года № 63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 21.11.2022 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: //online. zakon.kz/ Document /?doc_i d =30397073 &doc_id2 =30397073#activate_doc=2&pos=52;-102&pos2=1601;-106

молу мулки дар ихтиёр будаи гунаҳгорро бевосита нишон надодааст. Дар ин хусус, дар адабиётҳо пешниҳод мешавад, ки дар м.160 КҶ ФР на танҳо ба молу мулки бовар карда супоридашуда, балки ба молу мулки дар ихтиёри шахсбуда низ ишора карда шавад. Зеро дар акси ҳол ҳаракатҳои шахсони мансабдор, инчунин шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо иҷро намуда, молу мулки ба онҳо бовар карда супориданашуда, балки дар ихтиёрашон қарордоштаро азонихуд ё исроф менамоянд, ҳангоми ҷой надоштани дигар аломатҳои тасарруф мумкин аст бе баҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ монад[90].

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда дар м.160 КҶ ФР ҳолатҳои зерин муқаррар шудаанд: содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, инчунин бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон (қ.2 м.160 КҶ); аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир намудан, инчунин ба миқдори калон (қ.3 м.160 КҶ); кирдорҳои дар қ.қ.1,2,3 м.160 муайяншуда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё ба миқдори махсусан калон содир мешаванд (қ.4 м.160 КҶ ФР).

Ба андешаи мо дар мавриди фарқгузорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ вобаста ба аломатҳои вазнинкунанда мавқеи м.160 КҶ ФР назар ба м.245 КҶ ҶТ асоснoктар ба назар мерасад. Зеро на дар қ.4, балки дар қ.3 м.245 КҶ ҶТ ҷойгир намудани чунин аломати вазнинкунанда ба монанди аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки назар ба дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок ё ба миқдори махсусан калон содир шудани он (қ.4 м.245 КҶ ҶТ) боиси таъини ҷазои сабуктар мегардад, шубҳаовар мебошад. Яъне дараҷаи ба ҷамъият хавнокии содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил аз назари қонунгузоии ҶТ нисбат ба ҳолатҳои охирин камтар эътироф шудааст.

Бояд зирк намуд, ки ҳангоми муқаррар намудани аломатҳои

[90] Ниг.: Эрашвили Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ): дис. ... канд. юрид. наук. – М, 2003. – С. 66.

вазнинкунанда дар баъзе аз моддаҳо қонунгузор содир намудани ҷиноятро аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ба таври асоснок ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қатори ретсидиви махсусан хавфнок, ба миқдори махсусан калон содир намудани он ҷойгир намудааст (масалан, қ.4 м.244, қ.3 м.246 КҶ ҶТ ва ғайра).

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки аломати аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда аз б. «б» қ.3 м.245 хориҷ карда шуда, дар қ.4 м.245 КҶ мустаҳкам карда шавад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Белорус ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар фасли VIII «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ» (боби 24 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» – м.м.205-220; боби 25 «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ» – м.м.221-262) ба танзим даровarда шудааст[91].

Мутобиқи эзоҳи боби 24 КҶ Ҷумҳурии Белорус зери мафҳуми тасарруф дар боби мазкур қасдан, ғайриқонунӣ ва ройгон ба даст овардани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк бо мақсади ғаразнок бо роҳи дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, тамаъҷӯи, қаллобӣ, сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё таҳриби (модификасия) маълумоти копютерӣ фаҳмида мешавад.

Хусусияти дигари фарқкунандаи тасарруф мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Белорус дар он ифода мегардад, ки андозаи зарари ҳангоми шакли дилохоҳи тасарруф расонидашуда новобаста аз шакли моликият як хел муайян шудааст. Чунончи тасарруф ба миқдори калон содиршуда эътироф мешавад новобаста аз моликияти шахсӣ, давлатӣ ё дастҷамъӣ, агар андозаи

[91] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.05.2022 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https:/onlinezakon.kz14984&doid230414984p

он аз 250 андозаи бузургии базавӣ зиёд бошад, ба миқдори махсусан калон агар аз ҳазор ва зиёда аз он аз андозаи бузургии базавӣ зиёд бошад[92].

Дар м.215 КҶ Ҷумҳурии Белорус «Азонихудкунии молу мулки ёфтшуда» ҷавобгарӣ барои ба миқдори махсусан калон азонихудкунии молу мулки ғайри ёфтшуда ё ганҷ мустаҳакам шудааст. Дар фарқият аз дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла қаллобӣ ё азонихудкунӣ, исрофкорӣ ҷазои ҳадди аксар барои ин ҷиноят дар намуди ҳабс ба муҳлати то се моҳ муқаррар шудааст. Ба андешаи мо қонунгузор дуруст эътироф намудааст, ки азонихудкунии ашёи ёфтшуда назар ба азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии камтар дорад.

Таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.211 КҶ Ҷумҳурии Белорус чунин муқаррар шудааст: азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулк аз ҷониби шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст. Дар фарқият аз КҶ ҶТ ба сифати предмети ҷиноят танҳо молу мулки бовар карда супоридашуда нишон дода шудааст.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда дар қ.2 м.211 КҶ Ҷумҳурии Белорус чунин ҳолатҳо нишон дода шудаанд: 1) такроран; 2) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ. Барои чунин кирдорҳо ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо ҷарима ё бидуни он ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ё бидуни он муқаррар шудааст.

Дар қ.3 м.211 ҷавобгарии сахттарро барои ба андозаи калон содир намудани ҳаракатҳои дар қ.қ.1 ва 2 моддаи мазкур пешбинишуда муайян намудааст. Бахусус барои чунин кирдор ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то ҳафт сол бо ҷарима ё бидуни он ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби

[92] Бо қарори Шурои вазирони Ҷумҳурии Белорус аз 31.12.2021 №792 андозаи бузургии базавӣ 32 рубл муқаррар шудааст. https://belarusbank.by/ru/33139/press/spravochno/bazovaya_velichina

муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ё бидуни он татбиқ карда мешавад.

Дар қ.4 м.211 ҳаракатҳои дар қ.қ.1, 2 ва 3 моддаи мазкур пешбинишуда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё ба миқдори махсусан калон содир шудааст, мустаҳакам шудааст. Дар чунин ҳолати вазнинкунанда содир намудани ҷиноят ба шахси гунаҳгор маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то дувоздаҳ сол бо ҷарима ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аломати вазнинкунандаи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» ҷой надорад. Чунки дар он моддаи алоҳида (м.210), аз ҷумла тасарруф бо сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ бахшида шудааст. Яъне ба даст овардани молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, ки аз тарафи шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматии худ содир шудааст. Чунин тартиби ҷавобгарӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Белорус асоснок ба назар мерасад. Зеро тасарруфе, ки аз тарафи шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ (пеш аз ҳама шахсони мансабдор) содир мешавад ба ҷамъият хавфнокии бештар дорад, назар ба чунин кирдорҳое, ки аз ҷониби шахсони алоҳида содир мешаванд. Аз назари техникаи ҳуқуқӣ низ чунин ҳалли масъала фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии муфаттишон, прокурорҳо ва судяҳоро осон менамояд, чунки қонунгузор аниқ фарқияти аломатҳои субъекти ин кирдорҳои ҷиноятии ба ҳам монандро равшан менамояд[93].

Ба андешаи мо низ истифодаи мақоми хизматӣ усули мустақили тасарруф ба ҳисоб меравад. Дар фарқият аз таркибҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ тасарруф бо истифода аз мақоми хизматӣ нисбати молу мулке содир мешавад, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида нашудааст. Яъне гунаҳгор нисбати чунин молу мулк ваколатҳои ихтиёрдорӣ, идора кардан, бурда расонидан, истифода бурдан ё нигоҳ доштанро надорад. Аммо

[93] Ниг.:Милюков С.Ф.Два пути борьбы с экономическим хищничеством (УК РБ И РФ) // Проблемы укрепления законности и правопорядка: наука, практика, тенденции. – № 9-2. Минск, 2016 – С. 188.

доштани дигар ваколатҳои ғайримолумулкӣ, ки шахс вобаста ба мақоми хизматиаш доро мебошад, имконият медиҳад, ки бо роҳи ҷинояткорона онро ба сифати усули ситонидани молу мулки ғайр истифода барад[94].

Дар КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар фасли III «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 10 «Тасарруфи молу мулки ғайр» муқаррар шудааст. Хусусияти фарқкунандаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар он мебошад, ки дар он тасарруфи молу мулки ғайр ва ҷиноятҳои бо тасарруфи молу мулки ғайр вобастанабуда дар бобҳои алоҳида ҷойгир шудаанд.

Моддаи 167 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад муқаррар шудааст. Ба сифати предмети ҷинояти мазкур ба мисли м.245 КҶ ҶТ танҳо молу мулке шуда метавонанд, ки дар мақоми махсуси ҳуқуқӣ қарор доранд, яъне молу мулке, ки пешакӣ ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошанд. Ҷазо барои таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар намуди ҷарима ё корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ ё корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст[95].

Моддаи мазкур аз чор қисм иборат аст, ки дар онҳо ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят мустаҳакам шудаанд. Чунончи, агар ҳаракатҳои дар қ.1 м.167 КҶ пешбинишуда; а) ба андозаи калон; б) такроран ё бо ретсидивисти хавфнок; в) бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон; г) бо сӯиистифода аз мақоми мансабӣ содир шуда бошад. Ҷазои ҳадди аксари барои қ.2 м.167 КҶ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар шудааст. Ба сифати ҷазоҳои алтернативӣ ҷарима, корҳои

---

[94] Ниг.: Герасимова А.А. Некоторые вопросы разграничения хищения с использованием служебных полномочий с составами преступлений, предусмотренных ст.160 УК РФ. // Наука сегодня: проблемы и пути решения: материалы международной научно-практической конференции. Часть 2. – Вологда, 2018. – С. 72.

[95] Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 19.10.2022 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа:// ttps/online.zakonkzDocument/docid30421110id230421110activatedoc2&pos453;100&pos2914106

ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардани озодӣ нишон дода шудаанд.

Ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда бошад, мутобиқи қ.3 м.167 КҶ: а) ба миқдори махсусан калон; б) бо ретсидивисти махсусан хавфнок; в) аз тарафи гурӯҳи муташаккил ё ба манфиатҳои он; г) бо истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ содир гардидани тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ баромад менамоянд. Ҷазои барои чунин кирдорҳо дар намуди ҷарима, ё корҳои ислоҳӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол муқаррар шудааст.

Дар КҶ Ҷумҳурии Узбекистон низ миқдори калон ё махсусан калон новобаста аз шакли моликият як хел муайян карда шуда, миқдори калон аз сесад то панҷсад бузургии ҳисобии асосӣ барои ҳисобнамоӣ, миқдори махсусан калон баробар ба панҷсад ва зиёда аз он бузургии ҳисобии асосӣ баробар мебошад.

Аз аломатҳои вазнинкунандаи дар қ.3 м.167 КҶ Ӯзбекистон қайдшуда танҳо бо истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ содир гардидани тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.245 КҶ ҶТ муқаррар нашудааст. Истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ мумкин аст дар тайёр намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, ки барои ҷудо намудани молу мулк зарур бошанд (масалан, борхати нақлиётӣ-молӣ), истифодаи захираҳои шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла гузаронидани пул аз суратҳисобӣ корхона ба суратҳисоби шахси дигар ва ғайра ифода гардад[96].

Хусусияти дигари фарқкунандаи танзими қонунгузории тасарруф дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар КҶ Ӯзбекистон дар он зоҳир мегардад, ки санксияҳо барои ҷинояти мазкур доираи васеи ҷазоҳоро ба монанди ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ месозад.

[96]Ниг.: Рустамбеков М.Х. Курс уголовного права Республики Узбекистан. Особенная часть. Том 4. Учебник для вузов. – Ташкент, 2018. – С. 60.

Барои таркиби асосии ҷинояти баррасишаванда ҷазо танҳо дар намуди ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардани озодӣ муқаррар шудааст, яъне қ.1 м.167 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон нисбат ба қ.1 м.245 КҶ ҶТ доираи нисбатан сабуктари намудҳои ҷазоро муайян намудааст. Ҳатто ҳангоми бо ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (қ.3 м.167 КҶ ҶӮ) дар қатори маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазоҳои дигари алтернативӣ ба монандӣ ҷарима ё корҳои ислоҳӣ низ пешбинӣ шудаанд.

Мутобиқи қ.4 моддаи мазкур дар ҳолатҳои пардохт намудани зарари моддӣ ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда намешавад.

КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон[97]. Хусусияти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон аз он иборат мебошад, ки меъёрҳои қисми махсуси он танҳо вобаста ба объекти намудӣ гуруҳбандӣ карда шудаанд, яъне дар он ҷиноятҳои алоҳида танҳо ба бобҳо муттаҳид карда шуда, фаслҳои алоҳида ҷой надоранд. Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили моликият дар боби 6 муттаҳид карда шудаанд. Азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайри бовар кардашуда дар боби мазкур дар м.189 чунин муайян шудааст: азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, яъне тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст. Таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҷазо дар намуди ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ё ҷалб кардан ба корҳои ҷамъиятӣ ё маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда дар қ.2 м.189 содир намудани чунин кирдор: 1) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; 2) бо истифода аз мақоми хизматӣ. Дар қ.3 кирдорҳои дар қ.қ.1 ва 2 моддаи мазкур пешбинишуда: 1) ба миқдори калон; 2) аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои функсияҳои давлатӣ ваколатдор мебошад ё шахсони ба

[97] Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: https: // online. Zakon. Kz/ document/ ? Doc _id= 31575252#pos=66;–45 (дата обращение: 19. 10. 2020).

онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад; 3) якчандкарата. Дар қ.4 м.189 бошад, чунин ҳолатҳои махсусан вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муқаррар шудааст: 1) аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятӣ; 2) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад.

Мутобиқи м.3 қ.17 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон зери мафҳуми тасарруф бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон фаҳмида мешавад, ки ба молик ё соҳиби дигари молу мулк зарар расонидааст.

Ба миқдори калон арзиши молу мулк аз нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо ҳазор маротиба, махсусан калон арзиши молу мулк фаҳмида мешавад, ки аз нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо чор ҳазор маротиба зиёд бошад.

Хусусияти дигари КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар он аст, ки дар моддаи алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои майдатасарруф муқаррар карда шудааст. Чунончи дар м.187 КҶ ҶҚ чунин омадааст: майдатасарруф, яъне дуздӣ, қаллобӣ, азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки ба андозаи кам содир шудааст.

Андозаи кам мутобиқи қ.10 м.3 арзиши молу мулки ба ташкилотҳо мансуббуда, ки аз даҳ нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд нест ё молу мулки ба шахсони воқеӣ тааллуқдошта, ки арзиши он аз ду нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд нест, фаҳмида мешавад.

Вобаста ба ин агар андозаи бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ тасарруфшудаи молу мулки шахсони воқеӣ аз ду, андозаи молу мулки ташкилотҳо аз даҳ нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд бошад ҷавобгарӣ тибқи м.189 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ба миён меояд.

Гарчанде миқдори кам ҳангоми майдатасарруф аз шакли моликият вобаста бошад ҳам, вале дар м.189 ва дигар шаклҳои тасарруф муайян намудани андозаи калон ва махсусан калон бе назардошти шакли моликият баробар муқаррар карда шудааст.

Аз ҳолатҳои вазнинкунандаи м.189 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ҳолати дар б. 2) қ.3 муқарраршуда ҷолиби диққат мебошад: аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои функсияҳои давлатӣ ваколатдор мебошад ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад. Албатта, ҷудо намудани чунин ҳолати вазнинкунада асоснок мебошад, зеро аз ҷониби шахсони мансабҳои давлатиро иҷрокунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳоро зиёд менамоянд.

Дар КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.210 фасли VII «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ», боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷойгир шудааст[98].

Дар м.210 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки бовар карда супоридашуда ба андозаи кам муқаррар шудааст. Миқдори кам зиёни моддие (молу мулкие) ҳисоб мешавад, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят даҳ маротиба аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад (қ.5 аҳамияти ибораҳо, ки дар Кодекси мазкур истифода мешаванд, ки ба ҳамин кодекс замима гаштааст). Нишондиҳанда барои ҳисобҳо мутобиқи қарори Жогорку Кенеш Қирғизистон (Парламент) аз 15 июни соли 2006 ба 100 сом (тақрибан 12 сомонӣ) баробар мебошад. Вобаста ба ин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруф намудани молу мулки ғайр бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ новобаста аз шакли моликият дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки агар арзиши он аз 1000 сом (тақрибан 120 сомонӣ) зиёд бошад.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда дар қ.2 м.210 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон содир намудани чунин кирдорҳо: 1) ба андозаи назаррас; 2) аз ҷониби гурӯҳи шахсон; 3) гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ. Дар қ.3

[98] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.08.2022 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: // https:online.zakon.kzDoc36675065&

кирдорҳои дар қ.қ.1 ва 2 пешбинишуда ба миқдори калон ва дар қ.4: 1) ба миқдори махсусан калон; 2) шахсе, ки ба ӯ молу мулк ва (ё) маблағҳои пулӣ вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ бовар карда супорида шудааст; 3) гуруҳи муташаккил; 4) дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Чи тавре ба назар мерасад, қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ чун дигар шаклҳои тасарруф вобаста ба андозаи он: миқдори кам, миқдори назаррас, миқдори калон ва миқдори махсусан калон фарқгузорӣ намудааст.

Ба андешаи мо дар қисмҳои дахлдори м.210 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон дар як сатҳ ё дар як қисм муқаррар намудани ҷавобгарӣ, масалан барои гурӯҳи шахсон ва гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (қ.2 м.210 КҶ), гурӯҳи муташаккил ва дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (қ.4 м.210 КҶ) асоснок ҳисоб намешавад. Зеро дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки ҳангоми шаклҳои зикршудаи шарикӣ дар ҷиноят содир мешаванд, гуногун мебошад.

Дар м.210 КҶ Ҷумҳурии Ҷумҳурии Қирғизистон эзоҳ ҷой дорад, ки мутобиқи он дар ҳолатҳои ихтиёран пардохт намудани зарари ба молик ё соҳиби дигар расонидашуда шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо барои ҷинояти мазкур озод карда мешавад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Туркманистон ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба монанди КҶ ҶТ дар фасли «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳкам шудааст[99].

Таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун тасарруф намудани молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёри ӯ қарор дорад (м.229 КҶ) муайян мешавад.

Хусусиятҳои фарқкунандаи м.229 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон нисбат ба м.245 КҶ ҶТ асосан вобаста ба ифода карда шудани ҳолатҳои вазнинкунанда

[99] Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года № 222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.11.2021 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа:https:/ /online.zakon.kz/Document/? doc_id =31295286&doc_id2=31295286#activatedoc=2&pos=46;

ба назар мерасад: аз ҷониби хизматчии давлатӣ истифода бурдани мақоми хизматии худ ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда (дар КҶ ҶТ бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ); аз ҷониби шахси мансаби давлатиро ишғолкунанда бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматии худ, ки дар м.245 КҶ ҶТ ҷой надорад.

Мутобиқи эзоҳи м.229 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон шахси бори аввал ҷинояти дар қ.қ 1 ва 2 моддаи мазкурро содирнамуда аз ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ озод карда мешавад, агар ӯ ба ошкор намудани ҷиноят мусоидат намуда ва пурра зарари расонидашударо барқарор карда бошад. Чунин тарзи муқаррарот ба андешаи мо чандон асоснок ва аниқ ба ҳисоб намеравад. Зеро вобаста ба он агар то баровардани ҳукм шахс ба ошкор намудани ҷиноят мусоидат намояд ва пурра зарари расонидашударо пардохт намуда бошад, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад.

Дар КҶ Украина[100] дар фасли VI «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» м.191 таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мустаҳкам шудааст. Хусусияти танзими қонунгузории таркиби мазкури ҷиноят мутобиқи КҶ Украина дар он ифода мегардад, ки қонунгузор дар як модда азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё тасарруф бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматиро пешбиниӣ намудааст. Вале дар қ.1 м.191 КҶ ҶТ новобаста аз номгузории модда ҷавобгарӣ танҳо барои намуди оддии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муқаррар шудааст, яъне азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошад. Қонунгузории ҷиноятии Украина ба монанди м.245 КҶ ҶТ предмети ҷинояти мазкурро нисбатан васеътар муайян намудааст, яъне ба чунин сифат на танҳо молу мулки ғайри ба гунаҳгор бовар карда супоридашуда, балки дар ихтиёрӣ ӯ қарордошта низ баромад менамояд.

[100] Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года № 2341-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 28.07.2022 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/ Document/?doc_id=30418109&doc_id2=30418109#activate_doc=2&pos=8;98&pos2=1688;110 (дата обращение: 19.10.2022).

Ғайр аз ин, дар м.191 КҶ Украина ҳангоми номбар намудани аломатҳои ҷинояти мазкур аломати тасарруфро истифода накардааст.

Дар қ.2 м.191 КҶ Украина ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё ба даст овардани молу мулки ғайр бо роҳи аз тарафи шахси мансабдор сӯиистифода намудани мақоми хизматии худ муқаррар шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузор дар меъёри мазкур мақсади мустаҳакам намудани аломати вазнинкунанда дар намуди ҳаракатҳои зикршударо бо истифода аз мақоми хизматӣ дошт. Аммо аз матни модда чунин бармеояд, ки ин аломат танҳо барои ба даст овардани молу мулки ғайр хос мебошад.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ содир намудани ҳаракатҳои дар қ.қ 1 ва 2 м.191 КҶ Украина пешбинишуда, аз ҷумла: 1) такроран ё аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (қ.3 м.191 КҶ); 2) ба миқдори калон ё дар шароити вазъи ҳарбӣ ё фавқулодда содир шудани он (қ.4 м.191 КҶ); 3) ба миқдори махсусан калон ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудани он (қ.5 м.191 КҶ) муқаррар шудааст.

Дар доираи масъалаҳои баррасишаванда м.193 КҶ Украина ҷолиби диққат мебошад, ки дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои аз тарафи шахс азонихуд кардании молу мулки ғайр, ки арзиши махсуси таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ё маданӣ дошта, онро ёфтааст ё он тасодуфан ба дасти ӯ афтидааст, инчунин ганҷ пешбинӣ шудааст.

Баъзе аз олимон дар он андешаанд, ки дар ҳолатҳои муайян молу мулки ёфтшуда бовар карда супоридашуда ҳисобида мешавад. Чунин мавқеъро А.И. Бойсов ҷонибдорӣ менамояд[101].

Чунончи, мутобиқи м.298 Кодекси мадании ҶТ шахсе, ки ашёи гумшударо ёфтааст, уҳдадор аст шахси гумкардаи ашё ё шахси дигари ба он шиносро, ки ҳуқуқи гирифтани ашёро дорад, огоҳ созад ва ба ин шахс ашёро баргардонад.

[101] Ниг.: Полный курс уголовного права: В 5 т. / Под ред. А.И. Коробеева. Т. 3: Преступления в сфере экономики. – СПб., 2008. – С. 152.

Агар шахсе, ки ҳуқуқи талаб кардани ашёи ёфташударо дорад, номаълум бошад ё маконаш дақиқ набошад, шахси ашёёфта уҳдадор аст ба мақомоти дахлдори давлатӣ хабар диҳад.

Шахсе, ки ашёро ёфтааст, ҳуқуқ дорад онро худаш нигоҳ дорад, барои нигаҳдошт ба мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё шахси муайяннамудаи онҳо супорад.

Шахсе, ки ашёро ёфтааст, метавонад ашёи зудвайроншаванда ё ашёеро, ки хароҷоти нигаҳдориаш нисбат ба арзиши он хеле гаронтар аст, фурӯшад ва оид ба маблағи фурӯш далели хаттии тасдиқкунанда гирад. Маблағе, ки аз фурӯши ашёи ёфташуда ба даст омадааст, ҳамчун ашёи ёфташуда ҳисобида мешавад.

Ҳамин тавр, нисбати ашёи ёфтшуда Кодекси мадании ҶТ ба шахси онро пайдонамуда ҳуқуқи нигоҳдории онро аз лаҳзаи арз кардан дар бораи бозёфт, истифода бурдан ва ҳатто ихтиёрдорӣ намудан бо роҳи фурӯшро медиҳад.

Дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ низ нигоҳдоштани чизи бозёфтшударо ба хели нигоҳдорӣ дохил менамоянд[102], танҳо бо хусусиятҳои он ки чунин нигаҳдорӣ аз шартнома барнамеояд, балки вобаста ба қонун ба вуҷуд омада, қоидаҳои ба намудҳои нигаҳдорӣ дахлдошта татбиқ карда мешаванд, агар тартиби дигар дар қонун пешбинӣ нашуда бошад.

Дар КҶ ҶТ соли 1998 таркиби чизи бозёфтшуда дохил нашудааст. Дар баробари ин А.И. Бойсов чунин меҳисобад, ки кирдорҳои ба ин монанд декриминализатсия шудаанд, чунин ҳолатҳоро таркиби умумии азонихудкунӣ дар бар мегирад[103]. Дар акси ҳол ҳолате ба вуҷуд омада метавонад, ки шахси чизи бозёфтшударо ба манфиати худ табдил дода, оид ба чизи бозёфтшуда хабар намедиҳад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, баръакс шахсе, ки дар аввал бо нияти нек амал намуда, оид ба

---

[102] Ниг.: Гражданское право: Учебник. Часть 2 / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 1997. – С. 609.
[103] Ниг.: Полный курс уголовного права: В 5 т. / Под ред. А.И. Коробеева. Т. 3: Преступления в сфере экономики. – СПб., 2008. – С. 153.

чизи бозёфтшуда хабар медиҳад ва ба худ уҳдадории нигоҳ доштани онро мегирад ва минбаъд то тамом шудани муҳлати нигоҳдорӣ онро ба фоидаи худ истеъмол менамояд, барои исрофкорӣ гунаҳгор эътироф мешавад. Барои бартараф намудани чунин вазъият пешниҳод мешавад, ки барои хабар надодан дар бораи бозёфт ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад ё шахси дилхоҳе, ки ашёи гумшударо пайдо намудааст, вобаста ба қонун уҳдадор аст, ки онро нигоҳ дорад, бинобар ин ҷавобгарӣ вобаста ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ фаро расад.[104]

Ҳангоми азонихудкардани чизи бозёфтшуда соҳиби он маълум намебошад, дар мавриди азонихудкунӣ бошад соҳиби молу мулк маълум аст ва шахс аз номи ӯ молу мулкро ихтиёрдорӣ менамояд ва дар назди ӯ дорои уҳдадориҳои муайян мебошад. Бинобар ин дар қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳо, аз ҷумла Украина азонихудкунии чизи бозёфтшуда дар моддаи алоҳида муқаррар шуда, бо таркиби ҷинояти азонихудкунии молу мулки дигар омезиш наёфтааст.

Барои бартараф намудани чунин ҳолатҳо ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ҷавобгарӣ барои азонихудкунии чизи бозёфтшуда дар КҶ ҶТ низ барқарор карда шавад.

Дар КҶ Гурҷистон[105] таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар фасли XXV «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷойгир шудааст.

Диспозитсияи м.182 КҶ Гурҷистон чунин омадааст: ғайриқонунӣ азонихуд кардан ё исроф намудани ашёи ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк, агар ин ашё ё ҳуқуқҳои молу мулки ба шахсони азонихудкунанда ё исрофкунанда бовар карда супорида шуда бошад ё дар ихтиёри онҳо бошад. Дар м.182 КҶ Гурҷистон ба монанди м.245 КҶ ҶТ ба сифати предмети ҷиноят на танҳо молу мулке баромад менамояд, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, инчунин молу мулке, ки дар ихтиёри ӯ мебошад.

[104] Ниг.: Бакрадзе А.А. Особенности присвоения и растраты по законодательству некоторых стран СНГ// Российский следователь. – 2009. – №9. – С. 28.
[105] Уголовный кодекс Грузии [Электроный ресус]. – Режим доступа: https://matsne.gov.ge/ru/document/view/16426?publication=229 (дата обращение 23.08.2023).

Вале дар фарқият аз м.245 КҶ ҶТ м.182 КҶ Гурҷистон предмети азонихудкунӣ ё исрофкориро мушаххасан номбар намудааст, яъне ба сифати предмети он на фақат ашёи ғайр, балки ҳуқуқҳои молу мулкӣ низ баромад менамоянд. Бо чунин тарз нишон додани предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ асоснок ба ҳисоб меравад. Зеро он имкон медиҳад, ки молу мулки ғайриманқул низ ба сифати предмети ҷинояти мазкур эътироф шаванд.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи КҶ Гурҷистон содир намудани ҷинояти мазкур аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; якчандкарата; расонидани зарари ҷиддӣ; бо истифода аз мақоми хизматӣ содир намудани он (қ.2 м.182 КҶ) ва ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудани он; ба миқдори калон; аз ҷониби шахси қаблан ду ё зиёда маротиба барои содир намудани азонихудкунӣ ё таъмаҷӯии молу мулки ғайр судшуда (қ.3 м.182 КҶ) муқаррар шудааст.

Қонунгузориҳои Ҷумҳуриҳои назди Балтика – Эстония, Латвия ва Литва дар самти муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Дар Кодекси пенитенсиарии Эстония[106] таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар боби 13 «Кирдорҳои гунаҳгоронаи муқобили молу мулк», фасли 1 «Кирдорҳои гунаҳгоронаи муқобили моликият», зерфасли 1 «Ғайриқонунӣ азонихудкардани ашёҳо», м.201 (Азонихудкунӣ) ҷойгир шудааст. Таркиби ҷинояти азонихудкунӣ дар қ.1 м.201 Кодекси пенитенсиарии Эстония чунин муқаррар шудааст: ғайриқонунӣ ба фоидаи худ ё ба фоидаи шахси сеюм табдил додани ашёи манқули ғайр, ки дар ихтиёр мебошад ё дигар молу мулки ба шахс бовар карда супоридашуда.

Дар қ.2 м.201 ҳолатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ пешбинӣ шудаанд, яъне агар он 1) аз ҷониби шахсе содир шуда бошад, ки қаблан дуздӣ, роҳзанӣ, азонихудкунӣ, инчунин соҳиб шудан, нигоҳ доштан ё ба

[106] Пенитенциарный кодекс Эстонии от 20.07.2020 [Электроный ресус]. – Режим доступа: https://docs.yandex.ru/docs/ view?tm=1644942200&tld= u&lang=ru&name (дата обращение 19.10.2023).

соҳибияи каси дигар додани молу мулки дар натиҷаи кирдори гунаҳгорона ба даст омада, дидаву дониста қасдан вайрон кардан ё несту нобуд сохтани ашё, қаллобӣ ё таъмаҷуӣ содир намудааст; 2) ба миқдори калон; 3) аз ҷониби шахси мансабдор; 4) гурӯҳи шахсон содир шуда бошад.

Дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия[107] ҳам азонихудкунӣ ва ҳам исрофкорӣ истифода мешавад, аммо дар дигар таносуб. Мутобиқи м.179 КҶ Ҷумҳурии Латвия азонихудкунӣ ин ғайриқонунӣ соҳиб шудан ё исрофкории молу мулки ғайр аз ҷониби шахсе, ки ба ӯ ин молу мулк бовар карда супорида шудааст ё он дар ихтиёри ӯ қарор дорад. Дар моддаи мазкур усулҳое номбар мешаванд, ки тавассути онҳо азонихудкунӣ содир мешавад: ғайриқонунӣ ба даст овардан ё исрофкории молу мулк, яъне исрофкорӣ ба сифати ҷиноят аҳаммияти мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ надорад. Сохти м.179 КҶ Ҷумҳурии Латвия қисман бо сохти м.245 КҶ ҶТ монандӣ дорад, аз ҷумла дар он низ ду намуди ҳаракат тавассути пайвандаки «ё» аз ҳамдигар ҷудо карда шудаанд. Аммо дар фарқият аз қонунгузории Тоҷикистон чунин ҷудосозӣ барои мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда мушкилӣ эҷод намекунад, зеро бо кадом усуле, ки он содир нашавад, чунин ҳаракат азонихудкунӣ эътироф мешавад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Литва[108] азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар фасли XXVIII «Ҷиноятҳо ва амалҳои ҷиноятии муқобили моликият, ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва манфиатҳои молу мулкӣ» ҷойгир шудааст. Хусусияти фарқкунандаи батанзимдарории ҷинояти мазкур мутобиқи КҶ Ҷумҳурии Литва дар он аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Литва ҷавобгарии ҷиноятиро барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар моддаҳои алоҳида муқаррар намудааст. Чунончи дар м.183 КҶ Ҷумҳурии Литва ҷавобгарӣ барои азонихудкунии молу мулк пешбинӣ шудааст, ки он таркиби ҷинояти мазкурро чунин муайян

---

[107] Уголовный закон Латвии [Электроный ресус]. – Режим доступа olovnij zakon latvii rus. Pd f//https:// docs.yandex.ru/docs/ view?tm=1644987356&tldru&lang=ru&name=golovnijzakonlatviirus.pdf&t (дата обращение: 19.10.2023).
[108] Уголовный кодекс Литовской Республики [Электроный ресус]. – Режим доступа: http:www.law.edu.ru/norm norm.asp? normID 1243877&subID1001077 35 (дата обращение: 20.08.2023).

менамояд: касе, ки ғайриқонунӣ молу мулки ғайрро, ки ба ӯ бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад ё ҳуқуқ ба молу мулкро азонихуд менамояд. Ба сифати предмети ҷиноят молу мулке номбар мешавад, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, ҳамчунин азонихудкунии ҳуқуқ ба молу мулки ғайр низ ба таври алоҳида нишон дода мешавад.

Дар қ.2 м.183 КҶ Ҷумҳурии Литва азонихудкунии молу мулки арзиши калондошта, дар қ.3 моддаи мазкур бошад, азонихудкунии молу мулки арзиши начандон калондошта муқаррар шудааст.

Дар м.184 КҶ Ҷумҳурии Литва таркиби ҷинояти исрофкории молу мулк муқаррар шудааст, яъне касе ки молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёраш қарордошта ё ҳуқуқ ба молу мулкро исроф менамояд.

Мутобиқи қ.4 м.184 КҶ Ҷумҳурии Литва исрофкорӣ дар ҳолатҳое низ ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он аз беэҳтиётӣ содир шуда бошад ҳам.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (қ.қ.1 м.м.183, 184 КҶ) ва содир намудани ҷиноятҳои мазкур ба ҳангоми арзиши начандон калон доштани молу мулк (қ.қ.3 м.м.183, 184 КҶ) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар шикояти ҷабрдида ё аризаи намояндаи қонунии ӯ ҷой дошта бошад ё бо талаби прокурор (қ.қ 5 м.183, 184 КҶ Ҷумҳурии Литва).

Ғайр аз ин, дар КҶ Ҷумҳурии Литва азонихудкардани чизи ёфтшуда низ ҷиноят эътироф карда шуда, барои он дар м.185 КҶ Ҷумҳурии Литва ҷавобгарӣ муқаррар шудааст: касе ки ганҷи ёфтшуда ё дигар чизи бозёфтшуда ё молу мулки ғайри тасодуфан ба дасти ӯ афтидаро ки арзиши калон дорад азони худ менамояд... (м.185 КҶ Ҷумҳурии Литва).

Ҳамин тариқ, чунин хусусиятҳои ба танзимдарории азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки дар КҶ Ҷумҳурии Литва муқаррар шудааст, ба монанди ба таври алоҳида мустаҳкам шудани таркибҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ҳуқуқ ба молу мулк, криминализатсия намудани азонихуд кардани чизи

ёфташуда мумкин аст барои такмил додани қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар ин самт истифода шаванд.

Хусусиятҳои батанзимдарории азонихудкунӣ ё исрофкориро мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ таҳлил намуда, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Дар қонунгузории ҷиноятии аксар давлатҳои пасошуравӣ таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҳам тақрибан монанд ба танзим даровардa шудаанд. Фарқият асосан дар муайян намудани предмети ҷиноят ва муқаррар намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда ба назар мерасад.

2. Аз давлатҳои пасошуравӣ ба сифати предмети ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулки бовар карда супоридашуда (КҶ ФР, Ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқисон, Қирғизистон) ё дар ихтиёри ӯ буда (Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Украина, Гурҷистон, Эстония, Латвия, Литва) нишон дода шудааст.

3. Дар КҶ Гурҷистон ва Ҷумҳурии Литва, ҳамчунин ба ғайр аз азонихудкунии молу мулки бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрбуда, инчунин ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулк низ пешбинӣ мешавад. Бо чунин тарз нишон додани предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ асоснок ба ҳисоб меравад. Зеро он имкон медиҳад, ки молу мулки ғайриманқул низ ба сифати предмети ҷинояти мазкур эътироф шаванд.

4. Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аломати вазнинкунандаи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» ҷой надорад. Чунки дар он моддаи алоҳида (м.210) ба тасарруф бо роҳи сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ бахшида шудааст, яъне ба даст овардани молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, ки аз тарафи шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматии худ содир шудааст, бахшида мешавад. Чунин мавқеи қонунгузории Белорус асосноктар ба назар мерасад, зеро тасарруфе, ки аз тарафи хизматчиён (пеш аз ҳама шахсони мансабдор) содир

мешавад ба ҷамъият хавфнокии бештар дорад, назар ба чунин кирдорҳои аз ҷониби шахсони алоҳида содир мешаванд.

5. Аз ҳолатҳои вазнинкунандаи дар қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ муқарраршуда аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои функсияҳои давлатӣ ваколатдор мебошад ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад (б. 2 қ.3 м.189 КҶ Қазоқистон); аз ҷониби шахси мансаби давлатиро ишғолкунанда бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматии худ (б.b) қ.3 м.229 КҶ Туркманистон) ҷолиби диққат мебошад. Ҷудо намудани чунин ҳолати вазнинкунада асоснок мебошад, зеро аз ҷониби шахсони мансабҳои давлатиро иҷрокунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳоро зиёд менамоянд.

6. Андозаи зарари ҳангоми шакли дилхоҳи тасарруф расонидашуда новобаста аз шакли моликият (зарари ҷиддӣ, миқдори калон ё махсусан калон) як хел муайян шудааст, ба ғайр аз КҶ ФР, ки ин барои таъмин намудани ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият ва гунаҳгоркунии субъективӣ бештар мувофиқ мебошад.

7. Криминализатсия намудани азонихудкунии чизи ёфтшуда, ки дар КҶ Украина, Ҷумҳуриҳои Белорус, Литва ҷой дорад, асоснок ба ҳисоб меравад. Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки дар КҶ ҶТ таркиби ҷинояти азнихудкунии чизи ёфтшуда дохил карда шавад.

8. Ба таври алоҳида мустаҳакам шудани таркибҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ки дар КҶ Ҷумҳурии Литва ҷой дорад, асоснок ба назар мерасад. Зеро инҳо шаклҳои мустақили тасарруф буда, бояд ҷавобгарӣ низ барои онҳо дар моддаҳои алоҳида пешбинӣ карда шавад.

# БОБИ 2 ТАВСИФИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ

## 2.1. Объект ва предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ

Объекти ҷиноят аз ҷумлаи масъалаҳои марказӣ ва ибтидоии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Чунки тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии кирдори барои ҷамъият хавфнок аз таҳлили объекти ҷиноят оғоз мегардад. Объекти ҷиноят нишон медиҳад, ки ҷиноят ба чӣ таҷовуз меоварад, барои муайян намудани сарҳади амали меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, табиат ва хусусияти кирдори барои ҷамъият хавфнок ёрӣ мерасонад. Дар як вақт объекти ҷиноят ҳамчун асоси сохтани системаи меъёрҳои Қисми махсуси КҶ қарор дода шудааст. Муайян намудани объекти ҷиноят ҳангоми бандубаст зинаи аввал барои интихоб намудани меъёри дахлдори КҶ ба ҳисоб меравад[109].

Г.А. Кригер дуруст баён медошт, ки «объекти ҷиноят барои сохтани таркиби алоҳидаи ҷиноятҳо, барои ошкорсозии мазмуни иҷтимоиву сиёсӣ ва муайян намудани ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят аҳамияти ҳалкунанда дорад[110]«. Ҳар чӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба он ҷинояткор таҷовуз меоварад пурарзиш бошад, ҳамон қадар хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдор баланд мегардад. Дар қ.1 м.2 КҶ ҶТ низ муносибатҳои ҷамъятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда аз рӯйи тартиби афзалиятнокии онҳо ҷойгир шудаанд.

Объекти ҷиноят унсури ҳатмии дилхоҳ ҷиноят буда, бидуни он дар хусуси ҷиноят ҳарф задан ғайриимкон аст. Моддаи 11 КҶ ҶТ муқаррар менамояд, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст. Дар ҳолати мавҷуд набудани ҳатто яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят кирдорро ҳамчун ҷиноят баҳо додан мумкин нест. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аломатҳои таркиби ҷиноятро ба аломатҳои

---

[109] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. – М., 2006. – С. 136.

[110] Ниг.: Кригер Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве / Г.А. Кригер // Вестник Московского университета. Серия общественных наук. – 1955. – №1. – С. 111.

объективӣ ва аломатҳои субъективӣ ҷудо менамоянд. Ба аломатҳои объективӣ дохил мешаванд: а) объекти ҷиноят; б) тарафи объективии ҷиноят. Ба аломатҳои субъективӣ дохил мешаванд: а) субъекти ҷиноят; б) тарафи субъективии ҷиноят.

Танҳо дар сурати мавҷуд будани ин чор унсур дар кирдори содиршуда, имконпазир аст, ки шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашид[111].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мафҳуми объекти ҷиноят ақидаҳои гуногун баён шудааст. Масалан, ба андешаи А.А. Пионтковский объекти тамоми ҷиноятҳо дар як вақт ҳам муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ ва ҳам меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор, ки ин муносибатҳоро танзим мекунанд, мебошад[112]. Дигарон зери мафҳуми объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа, яъне одамон, олот ва воситаи истеҳсолотро мефаҳманд[113]. Сеюмин, объекти ҷиноятро ҳамчун неъматҳои ҳуқуқӣ (манфиатҳо) муайян месозад[114]. Инчунин ақидае низ ҷой дорад, ки мувофиқи он объект ин предмети ҷиноят мебошад[115]. Ҷузъан баррасӣ намудани масъалаҳои объекти ҷиноят аз доираи таҳқиқоти мо берун мебошад, бинобар он барои муайян намудани хусусиятҳои объекти ҷиноят ақидаи олимонеро ҷонибдорӣ менамоем, ки онро ба сифати муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандае эътироф менамоянд, ки ба он кирдори барои ҷамъият хавфнок таҷовуз меоварад, яъне зарар мерасонад ё зери таҳдиди зарар қарор медиҳад[116]. Чунки омӯзиши адабиёти илмии солҳои охир доир ба масъалаи объекти ҷиноят нишон медиҳад, ки муносибатҳои

---

[111] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Х.С. Салимов. – Душанбе, 2011. – С. 78.

[112] Ниг.: Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. Курс советского уголовного права: Общая часть. – М., 1961. – С. 137.

[113] Ниг.: Кудрявцев В.Н. К вопросу о соотношении объекта и предмета преступления / В.Н Кудрявцев. // Советское государство и право. – 1951. – №8. – С. 58-59; Демидов Ю.А. Социальная ценность и оценка в уголовном праве. – М., 1975. С.51. Новоселов Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты. – М., 2001 – С. 53.

[114] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Х.С.Салимов. – Душанбе, 2011. – С.81.

[115] Ниг.: Наумов А.В. Российское уголовное право. Курс лекций. В двух томах. Т.1. Общая часть. – М., 2004. – С. 181.

[116] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) Курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2019. – С. 58.; Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / отв.ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С. 100.

ҷамъиятӣ чун объекти ҷиноят муҳиммияти худро гум накардааст ва ҳамагуна неъматҳои муҳимми ҷамъиятии муосирро дар бар гирифтааст[117].

Дар назария объекти ҷиноят вобаста ба самти вертикалӣ ва горизонталӣ тасниф карда шудааст ва Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин низоми дузинагӣ таснифоти чиноятҳоро босамар истифода бурдааст. Вобаста ба ин, объекти ҷиноят аз рӯйи таснифоти вертикалӣ ба объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита ҷудо мешавад[118].

Одатан таҳти мафҳуми объекти умумии ҷиноят маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие дар назар дошта мешаванд, ки дар умум аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ мавриди ҳифз қарор гирифтаанд. Чун қоида ба сифати объекти умумии ҷиноят гурӯҳи муносибатҳои чамъиятии дар қ.1 м.2 КҶ ҶТ пешбинигардида, ба монанди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият эътироф карда мешаванд.

Объекти хелии ҷиноят ин гурӯҳи якхелаи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки ба онҳо кирдорҳои якхела таҷовуз мекунад. Аз даврони пеш қисми махсуси Кодексҳои ҷиноятӣ, аз он ҷумла қисми махсуси Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси объектҳои хелӣ тартиб дода шудаанд. Дар ин асно қайд карданием, ки ҳар як фаслҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба як гурӯҳ ҷиноятҳое, ки объектҳои он якхела мебошанд, бахшида шудааст[119], яъне объекти хелӣ гурӯҳи муносибатҳои чамъиятии якхелае мебошанд, ки ба онҳо чиноят таҷовуз карда, ҷавобгарӣ барои он дар

[117] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 63

[118] Ниг.: Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / отв.ред.А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С.105; Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ/ Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 119-120.

[119] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми хуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова ва номзади илми хуқуқ, дотсент Х.С. Салимов. – Душанбе, 2011. – С. 98.

моддае пешбинӣ шудааст, ки дар ҳамон як фасли Қисми махсуси КҶ ҶТ дохил мешавад[120].

Ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (м.245 КҶ ҶТ) дар фасли XI КҶ ҶТ ҷойгир гардидааст, ки «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» номгузорӣ шудааст. Бинобар ин, мазмунан объекти хелии ин ҷиноят дар қатори ҷиноятҳои дигари дар ин фасл ҷойгиршуда, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки дар соҳаи иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд. Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мазмуни объекти хелии ҷиноятҳое, ки дар фасли мазкури КҶ ҶТ ҷойгир шудаанд, ақидаҳои гуногун баён шудааст.

Чунончи, объекти ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба фаъолияти муътадили иқтисодиёт ҳамчун системаи ягона таъмин месозад[121].

Л.Д. Гаухман, Л.М.Колодин ва С.В. Максимов объекти мазкурро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони гуногун дар соҳаи иқтисодиёт муайян менамоянд[122]. А.М.Медведев ба чунин сифат иқтисодиёт, ҳуқуқ, озодӣ, талабот ва манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин функсиявронии муътадили механизми иқтисодӣ (хоҷагӣ)-ро ҷудо месозад[123]. Ба андешаи Б.В. Волженкин объекти хелии ин ҷиноятҳо иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун маҷмуи муносибатҳои истеҳсолӣ (иқтисодӣ) доир ба истеҳсол, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддӣ муайян мегардад[124]. М.Ҷ.Раҳмонзода тақрибан чунин андешаро тарафдорӣ намуда, баён медорад, ки объекти хелии ҷиноятхои иктисодӣ, ки дар фасли XI КҶ ҶТ мукаррар карда шудааст, ин иқтисодиёт мебошад. Иқтисодиёт бошад, ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои

---

[120] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 120.

[121] Ниг.: Рузевич О.Р., Андрюхин С.В. Преступления против собственности:проблема определения объекта / О.Р Рузевич, С.В. Андрюхин // Вестник Владимирского юридического института. – №2(27) – С. 117.

[122] Ниг.: Уголовное право. Часть Общая. Часть Особенная. Учебник / Под общей ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина и СВ. Максимова. – М., 1999. – С 384.

[123] Ниг.: Медведев А.М. Экономические преступления: понятие и система / А.М. Медведев // Советское государство и право. – 1992. – №1. – С. 81.

[124] Ниг.: Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности по уголовному праву России. – СПб., 2007. – С. 74-78.

истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ ба вуҷуд меоянд[125].

Т.В. Пинкевич объекти хелии ин ҷиноятҳоро маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (муносибатҳои моликиятӣ) ва муносибатҳои ташкиливу иқтисодӣ, мешуморад, ки бо истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонӣ алоқаманд мебошанд[126].

Олимони дигар низ объекти хелии тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкориро муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт ҳисоб мекунанд[127].

Дар ҳолати таҷовузи ғаразнок ба моликият, бахусус ҳангоми тасарруф дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ объекти хелии ҷиноят бояд вобаста ба шакли моликият, ки ба он таҷовуз равона шудааст, тасниф карда шавад. Дар ҳолати таҷовузи ғаразнок ба моликияти хусусӣ, ки бо тасарруфи молу мулки хусусии ғайр бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ алоқаманд мебошад, объекти хелиро бояд ҳуқуқи инсон ба моликияти хусусӣ эътироф намуд, яъне ҳуқуқи инсон барои доштани молу мулк дар моликият, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудан ба он[128].

Ба сифати объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои ҷамъиятии моликиятие баромад менамоянд, ки бо муқаррар намудани тартиби тақсимоти неъматҳои моддӣ дар давлат байни субъектони алоҳидаи хоҷагидорӣ алоқаманд мебошанд[129]. Объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ ба ҳисоб меравaнд[130].

Ба андешаи В.В. Хилюта «дохил намудани таҷовуз ба моликиятро ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт асоснок ҳисобидан мумкин нест, зеро фаслҳои қисми махсуси КҶ ҶТ бояд гурӯҳи ҷиноятҳоеро муттаҳид созад, ки

---

[125] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Асари ишорашуда. – С. 65.
[126] Ниг.: Пинкевич Т.В. Преступления в сфере экономической деятельности: уголовно-правовая характеристика, особенности квалификации. – Ставрополь, 2000. – С. 13.
[127] Посохов А.Ю. Присвоение и растрата как формы хищения в малом предпринимательстве: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону 2006. – С. 57.
[128] Ниг.: Савкин Д.Е. Асари ишорашуда. – С. 101.
[129] Ниг.: Скрипников Д.Ю. Присвоение и растрата как способы и обращения чужого имущества, вверенного виновному: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 89.
[130] Ниг.: Данилов А.В. Асари ишорашуда. – С. 30.

ба як намуд дохил мешаванд, на ин ки вобаста ба соҳаи содиршавии онҳо, чунки дар соҳаи иқтисодиёт мумкин аст ҷиноятҳои гуногун содир шаванд (ҷиноятҳои муқобили ҳаёт ва саломатӣ, амнияти ҷамъиятӣ, тартиботи давлатӣ ва ғайра)»[131]. Чунин ақидаро С.А. Елисеев низ баён медошт, ки мувофиқи он аксарияти ҷиноятҳо ба муқобили моликият на дар соҳаи истеҳсол ва тақсимоти неъматҳои моддӣ, балкӣ дар соҳаи хусуси гражданӣ содир мешаванд[132].

Н.А. Лопашенко дуруст қайд менамояд, ки сабаб барои муттаҳид намудани ҷиноятҳо дар фасли VIII КҶ ФР (фасли IX КҶ ҶТ) соҳаи ягонаи содиршавии онҳо ба ҳисоб меравад. «Ҳамаи ин ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт содир мешаванд ва бештар зарар тавассути таҷовузи ҷиноятӣ маҳз ба ҳамин соҳа расонида мешавад»[133].

Ба андешаи мо объекти хелии ҷиноятҳои дар фасли IX КҶ ҶТ гирдоварда, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муносибатҳои ҷамъиятии гурӯҳи якхелае ба ҳисоб мераванд, ки дорои аломатҳои умумӣ буда, тавассути комплекси ягонаи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ муҳофизат карда мешаванд. Аломати умумии муттаҳидкунандаи ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар он ифода мегардад, ки ҷиноятҳои мазкур дар соҳаи иқтисодиёт содир гардида, зарар маҳз ба муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт расонида мешавад.

Объекти намудӣ – гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии ҳамнамуде мебошанд, ки ба онҳо ҷиноят таҷовуз карда, ҷавобгарӣ барои он дар моддае пешбинӣ шудааст, ки дар ҳамон як боби Қисми махсуси КҶ ҶТ дохил мешаванд[134]. Объекти намудии ҷиноят асоси ба бобҳо ҷудо намудани фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад.

---

[131] Ниг.: Хилюта В.В. Преступления против собственности и порядка осуществления экономической деятельности: концептуальные основы моделирования объекта и системы. – М., 2012. – С. 45-46
[132] Ниг.: Елисеев С.А. Преступления против собственности по уголовному законодательству России (вопросы теории). – Томск, 1999. – С. 81-86.
[133] Ниг.: Лопашенко Н.А. Посягательства на собственность: монография. – М., 2012. – С. 11-13.
[134] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И. Removed Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр граф», 2019 .– С. 120.

Оид ба объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар назарияти ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳои гуногун баён мешавад, ки метавон онҳоро ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд.

Гурӯҳи аввали олимон, ки аксариятро ташкил медиҳанд, бар он ақидаанд, ки объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро муносибатҳои моликиятӣ ташкил медиҳанд.

Бештари ин гурӯҳи олимон бо нишон додани он ки объекти ҷиноятҳои мазкур муносибатҳои моликиятӣ ба ҳисоб меравaнд, маҳдуд шуда, дар чӣ ифода ёфтани муносибатҳои моликиятиро ошкор намесозанд[135].

Боқимонада олимон мафҳуми молкиятро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври гуногун маънидод менамоянд, ки мумкин аст аз ин доира якчанд мавқеъро ҷудо намуд.

Якум, баррасӣ намудани моликият ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ[136].

Мувофиқи тарафдорони чунин мавқеъ моликият бо муносибатҳои дар иқтисодиёт дар натиҷаи истеҳсолот, тақсимот ва азхудкунии неъматҳои моддӣ бавуҷудоянда баробар дониста мешавад. А. Ю. Филаненко нисбат ба объекти тасарруф чунин менависад: Объекти тасарруфи молу мулки ғайр муносибатҳои моликияти ба ҳисоб меравaнд, ки бо тартиби тақсимоти неъматҳои моддӣ дар давлат, вобаста ба молу мулк алоқаманд мебошанд[137]. В.П. Верин объекти ҷиноятҳои мазкурро чунин муайян менамояд:

---

[135] Ниг.: Уголовное право. Часть Общая. Часть Особенная / под ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина, С.В. Максимова. – М., 1999. – С. 385 (автор параграфа – Л.Д. Гаухман); Уголовно-правовая борьба с кражами, грабежами и разбоями / П.Г. Пономарев, В.М. Семенов, А.В. Борбат, П.Н. Кобец. – М.: ВНИИ МВД России, 2006. – С. 44; Российское уголовное право. Особенная часть / под ред. В.П. Коняхина, М.Л. Прохоровой. – М.: Контракт, 2015. – С. 228 (автор главы – Н.В. Огородникова) и др.
[136] Ниг.: Гаухман Л. Д., Максимов С. В. Ответственность за преступления против собственности. – М., 1997. – С. 18; Тенчов Э.С. Институт собственности в современном уголовном праве России // Налоговые и иные экономические преступления: сб. науч. ст. / отв. ред. Л.Л. Кругликов. – Ярославль, 2001. Вып. 3. – С. 43; Борзенков Г.Н. Глава IX. Преступления против собственности // Курс уголовного права. В 5-ти томах: Часть Особенная Т. 3: / под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М, 2002. – С. 387-388; Филаненко А.Ю. Хищение чужого имущества: уголовно-правовой и криминологический аспекты: автореф. дисс… д-ра юрид. наук.: 12.00.08. – М., 2010. – С. 11; Чигир В. Собственность и право собственности. Их сущность. Дискуссии о понятиях «собственность» и «право собственности» // Судовы веснж. – 2005. – №3. – С. 38 и др.
[137] Ниг.: Филаненко А.Ю. Хищение чужого имущества: уголовноправовой и криминологический аспект: автореф. дис. … докт. юрид. наук. – М., 2010. – С. 11.

«муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тақсимоти неъматҳои моддӣ барои истифодабарии дастҷамъӣ ё фардӣ»[138].

Масалан, ба андешаи Ю.И. Ляпунов ҷиноятҳое, ки дар боби 21 КҶ ФР (боби 25 КҶ ҶТ) муқаррар шудаанд, ба муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ таҷовуз меоварданд[139].

Мавқеи А.В. Бриллинтов ва И.А. Клепиский низ ба фаҳмиши иқтисодии муносибатҳои моликиятӣ наздик мебошад, ки чунин иброз менамоянд: «Объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятӣ шуморида мешаванд. Аммо инро набояд бо он мазмун фаҳмид, ки ҷиноятҳои мазкур ҳатман ба ҳуқуқи моликиятӣ зарар мерасонанд... Ҳуқуқи моликиятӣ умуман мумкин аст бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият халалдор нагарданд. Аз ин ҷо ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятиро на дар мазмуни ҳуқуқӣ, балки дар мазмуни иқтисодӣ халалдор месозанд. Моҳияти ин ҷиноятҳо бо объекти он муайян мегардад, яъне вобаста ба азхуд кардан ва муободилаи неъматҳои моддӣ»[140].

Бо чунин фаҳмиши объекти таҷовуз ба моликият розӣ шудан мушкил аст. Чунки намояндагони ин гурӯҳ он зараре, ки ба молики мушаххас ё соҳиби дигари қонунии молу мулк расонида мешавад ва дар натиҷа онҳо аз имконияти истифодаи молу мулки худ маҳрум мегарданд, аз мадди назар дур месозанд.

Дуюм, фаҳмиши моликият ҳамчун категорияи соф ҳуқуқӣ[141]. Масалан, З.А. Незнамова ба таври қатъӣ тасдиқ менамояд, ки объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд. Дар ин маврид моликият вобаста ба Кодекси маданӣ «ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки байни

---

[138] Ниг.: Верин В.П. Преступления в сфере экономики. – М., 1999. – С. 28.

[139] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., 1998. – С. 196 (автор главы – Ю.И. Ляпунов)

[140] Ниг.: Уголовное право России. Части Общая и Особенная / под ред. А.В. Бриллиантова. – М.: Проспект, 2010. – С. 531 (авторы главы – А.В. Бриллиантов, И.А. Клепицкий)

[141] Ниг.: Незнамова З.А. Глава 10. Преступления против собственности // Уголовное право: Особеннаячасть: учебник для вузов / отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 2001. – С. 257; Мальцев В.В. Ответственность за преступления против собственности. – Волгоград, 1999. – С. 23; Гусев О.Б., Завидов Б.Д., Короткое А.П., Слюсаренко М.И. Преступления против собственности. – М., 2001. – С. 7 и др.

молики молу мулк ва дигар аъзои ҷомеа (шахсони ғайримолик) доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулки ба ӯ тааллуқдошта ба вуҷуд меояд».[142] В.В. Малсев баён медорад, ки объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятӣ ҳисоб мешаванд, яъне ҳуқуқи молик доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулки худ[143].

Аз ҷониби олимони дигар низ чунин маънидод намудани объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликият баён мешавад[144].

Намояндагони гурӯҳи сеюм фаҳмиши иқтисодӣ-ҳуқуқии объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро тарафдорӣ менамоянд. Масалан, С. М.Кочои чунин андеша дорад, ки «танҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ эътироф намудани объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликият сарфи назар намудани далели халалдор гаштани ваколатҳои аз рӯйи қонун ба молик тааллуқдоштаро ифода мекунад»[145]. С.И. Елисеев низ ҷонибдори чунин ақида буда, баён менамояд, ки «ҷиноятҳо ба муқобили моликият кирдорҳое ба ҳисоб меравand, ки ҳам ба муносибатҳои иқтисодии моликиятӣ ва ҳам ба ваколатҳои молик зарар мерасонанд. Он ҳам тарафи воқеии чунин муносибаҳоро, ки бо мансубияти объект ба субъекти муайян тавсиф мегардад ва ҳам мазмуни ин муносибатҳоро вайрон месозад» [146]. Г.Л. Кригер объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро низ дар мазмуни иқтисодиву ҳуқуқӣ шарҳ медиҳад: «Объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятӣ дар соҳаи истеҳсол, истеъмол ва тақсимоти неъматҳои моддӣ ба ҳисоб меравand, ки ҳуқуқи моликро доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки худ дар бар мегиранд»[147].

---

[142] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. – М.: Норма, 2008. – С. 209 (автор главы – З.А. Незнамова).
[143] Ниг.: Мальцев В.В. Ответственность за преступления против собственности. – Волгоград, 1999. – С. 23.
[144] Ниг.: Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть / под ред. А.И. Рарога. – М., 2004. – С. 169 (автор главы – А.И. Рарог); Уголовное право России. Особенная часть / под ред. А.И. Рарога. – М.: Эксмо, 2009. – С. 150 (автор главы – А.И. Рарог).; Севрюков А.П. Хищение имущества: криминологические и уголовно-правовые аспекты. – М., 2004. – С. 31; Современное уголовное право. Общая и Особенная части / под ред. А.В. Наумова. – М.: Илекса, –2007. – С. 574 (автор главы – Р.З. Абдулгазиев).
[145] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 2000. – С. 82.
[146] Ниг.: Елисеев С.А. Асари ишорашуда. – С. 27.
[147] Ниг.: Курс российского уголовного права. Особенная часть / под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. – М., 2002. – С. 314 (автор главы – Г.Л. Кригер).

Ба андешаи мо барои муайян намудани мафҳуми муносибатҳои моликиятӣ бояд, пеш аз ҳама, ба қонунгузории граждании назар афканд. Дар қ.1 м.279 Кодекси мадании ҶТ чунин муқаррар шудааст: «Ҳуқуқи моликият ҳуқуқи бо қонунгузорӣ эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект ҷиҳати ба салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ашёе мебошад, ки ба он мансубанд». Мазмуни муносибатҳои моликиятиро маҳз муносибатҳои воқеӣ доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории неъматҳои моддии ба молик мансуббуда ташкил медиҳанд. Ин муносибатҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқ (асосҳои ба вуҷуд омадан, қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятӣ, мазмун ва ҳимояи он) ба танзим дароварда мешаванд. Бо ҳамин моликият категорияи ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, ки байни молики молу мулк ва аъзои дигари ҷомеа вобаста ба молу мулки дахлдор ба вуҷуд меоянд. Ҷиноятҳо ба муқобили моликият маҳз ба ҳамин гуна муносибатҳо зарар мерасонад ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор медиҳанд. Вобаста ба ин ба андешаи мо муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки ба муносибатҳои моликиятии байни молик ва аъзоёни дигари ҷомеа зарар мерасонад ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор медиҳад.

Объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби олимон ба таври гуногун маънидод мегардад.

Гурӯҳи аввали олимон объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкориро аз муносибатҳои моликиятӣ иборат медонанд[148].

Барои муайян намудани фарқият аз объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият олимон ҳангоми муайян намудани объекти бевоситаи он на танҳо ба мазмуни чунин муносибатҳо, балки бештар ба хусусияти мушаххас доштани чунин муносибатҳо ишора мекунанд. Масалан, А.В. Данилов ба сифати объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият

[148] Ниг.: Магарамов Д.К. Присвоение или растрата:уголовно-правовые и криминологические проблемы: дис ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – Махачкала, 2005. – С. 21.

моликияти шахсони воқеӣ ё ҳуқуқиро, ки дар натиҷаи содир шудани кирдор ба онҳо зарари молу мулкӣ расонида мешавад, ҷудо мекунад. Ба андешаи ӯ объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ моликияти мушаххаси шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ баромад менамояд[149].

Ба ақидаи О.И. Годунов муносибатҳои моликиятӣ, ки байни молики молу мулк ва шахсони ба он соҳибикунанда, истифодабаранда ва ихтиёрдорикунанда ба манфиатҳои молик ба вуҷуд меоянд, объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳисоб мешавад[150].

В.Ф. Шишлянников объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкориро муносибатҳои ҷамъиятӣ доир ба соҳибӣ, истифода, ихтиёрдории молу мулк медонад, ки байни молики молу мулк ва шахсони дигар, ки ӯҳдадоранд доираи соҳибии молу мулки ӯро халалдор насозанд, ба миён меояд[151].

Ба гуфтаи Н.А. Лопашенко объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият ин муносибатҳои моликиятӣ мебошанд, ки дар натиҷаи содир шудани ҷинояти мушаххаси мазкур халалдор мегарданд[152].

**Ба андешаи гурӯҳи дуюми олимон** объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият шаклҳои моликият эътироф мешавад. Масалан, объекти бевоситаи тасарруф ҳамчун муносибатҳои шаклҳои мушаххаси моликияти давлатӣ, дастҷамъӣ, хусусӣ ва дигар шаклҳои моликият[153], ҳамчун шакли моликият ҳисоб мешавад, ки дар он молу мулки тасарруфшаванда қарор дорад[154].

Ба андешаи Н.Д. Эрашвили объекти бевоситаи азонихудкунӣ ва исрофкории молу мулки ғайр шакли мушаххаси моликияти шахсони ҳуқуқӣ ё

---

[149] Ниг.: Данилов А.В. Асари ишорашуда. – С. 33.
[150] Ниг.: Годунов О.И. Асари ишорашуда. – С. 43.
[151] Ниг.: Шишлянников В.Ф. Криминологическая характеристика и уголовно-правовые меры противодействия присвоению или растрате : дис...канд.юрид.наук. – Санкт-Петербург, 2005. – С.98.
[152] Ниг.: Лопашено Н.А. Преступления против собственности (Кн.1) : авторский курс: монография: в 4 книгах / Н. А. Лопашенко. – М.: Юрлитинформ, 2019. – С.68.
[153] Ниг.: Григорьева Л.В. Уголовная ответственность за мошенничество в условиях становления новых экономических отношений: дисс…канд. юрид. наук. – Саратов, 1996. – С.32.; Уголовное право России. Особенная часть / под ред. А.И. Рарога. – М.: Эксмо, 2009. – С. 150-151 (автор главы – А.И. Рарог). – еврюков. С.141.; Здровцева А.А., Ильиных А.В., Климова О.В. Хищения в системе преступлений против собственности: структурно-правовой анализ. – Хабаровск, 2015. – С. 103.
[154] Ниг.: Анисимов В.Ф. Ответственность за преступления против собственности с признаками хищения: состояние, сущность и проблемы квалификации. – Санкт-Петербург., 2007. – С. 89.

воқеӣ баромад менамояд, ки ба он дар натиҷаи содир шудани кирдор зарари молу мулкӣ расонида мешавад[155].

Олимони дигар баён медоранд, ки ба сифати объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҷудо намудани шаклҳои гуногуни моликият аҳаммияти амалӣ надорад[156]. Ба сифати объекти бевосита эътироф намудани шаклҳои мушаххаси моликият ғалат мебошад, чунки дар Конститутсияи ФР (Конститутсияи ҶТ) ҳифзи баробари шакли дилхоҳи моликият эълон дошта шудааст.[157]

Дар ҳақиқат КҶ ҶТ аз соли 1961 ҳифзи гуногуни ҳуқуқи ҷиноятии моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва моликияти шахсиро пешбинӣ менамуд ва муқаррар сохтани он барои бандубасти ҷиноят аҳамият дошт. Моддаҳо дар бораи таҷовуз ба шаклҳои зикршудаи моликият дар бобҳои гуногуни Кодекс муқаррар шуда, санксияҳои онҳо гуногун буд. Бо қабули КҶ ҶТ аз соли 1998 ва даст кашидан аз пешниҳоди афзалият ба ҳифзи ин ё он шакли моликият қонунгузор ҷавобгариро барои тасарруфи ҳама шаклҳои моликият дар як боби КҶ мустаҳкам намуд.

Дар баробари ин, пурра инкор намудани аҳаммияти муқаррар намудани шакли моликиятро барои бандубасти ҷиноят низ ба мақсад мувофиқ нест. Зеро мутобиқи қ.4 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ «ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахс новобаста аз арзиши он ба миён меояд». Чи тавре мебинем, қонунгузор ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятиро барои тасарруф то андозае ба шакли моликият вобаста намудааст. Дар

[155] Ниг.: Эрашвили Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ): дис. ... канд. юрид. наук. – М, 2003. – С. 61.
[156] Ниг.: Лопашенко Н.А. Преступления против собственности (Кн.1) : авторский курс: монография: в 4 книгах / Н. А. Лопашенко. – М., Юрлитинформ, 2019. – С. 69.
[157] Ниг.: Борзенков Г. Преступления против собственности. / Г Борзенков. // Человек и закон. – 1998. – №7. – С. 26-31.

баробари ин, ба муайян намудани андозаи зарари расонидашуда низ муқаррар сохтани шакли моликият таъсир мерасонад.

Новобаста аз ин, тавре Н.А. Лопашенко менависад: «худ аз худ шакли моликият дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят ба муқобили моликият зарар намебинад; зарар ба худи моликият, яъне моликияти мушаххаси ба шахси мушаххас тааллуқдошта расонида мешавад»[158]. Бинобар ин эътироф намудани шакли моликият ҳамчун объекти бевоситаи тасарруф чандон дуруст нест.

Ақидаи дигар низ дар мавриди объекти бевоситаи тасарруф ҷой дорад. Масалан, З.А. Незнамова чунин меҳисобад: объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият «маҳз ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ ҳамчун моҳияти муносибатҳои моликиятӣ баромад мекунад[159]. Ин ҷо пайвастнамоӣ бо муносибаҳои мушаххас ва моликияти мушаххас, ки дар натиҷаи содир шудани ҷинояти мушаххас зарар мебинад, ҷой надорад. Ғайр аз ин, ҳуқуқ ифодагари муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми содир шудани тасарруф ҳуқуқ худ аз худ зарар намебинад.

Гурӯҳи дигари олимон бар он ақидаанд, ки объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба объекти намудии ҳама ҷиноятҳо ба муқобили моликият мувофиқ меояд[160]. Масалан, Г. Борзенков чунин баён медорад, ки дар ҷиноятҳо ба муқобили моликият объекти бевоситаи намудҳои алоҳидаи таҷовуз (дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва ғайра) бо объекти намудӣ рост меоянд[161]. А.В. Шулга низ дар он андеша аст, ки барои бандубасти дурусти ҷиноят ба муқобили шакли дилхоҳи моликият танҳо муайян намудани объекти намудӣ зарур аст, чунки объекти бевоситаро

[158] Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С. 69.
[159] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. – М.: Норма, 2008. – С. 209.
[160] Ниг.: Срипников Д.Ю. Асари ишорашуда. – С. 89.
[161] Ниг.: Борзенков Г. Преступления против собственности. / Г. Борзенков // Человек и закон. – 1998. – №7. – С. 26-31.

ҳангоми тасарруф доираи объекти намудӣ дар бар гирифта, ҷудо намудани он аҳамияти принсипиалӣ надорад[162].

Ба андешаи А.И. Рарог низ муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият барои бандубасти он таъсир намерасонад. Он танҳо барои ҳал намудани масъалаи ҷабрдида эътироф намудан, тартиби барқарор намудани зарар ва ғайра зарур мебошад[163].

Мо бо чунин андешаҳо розӣ буда наметавонем, зеро муқаррар намудани объекти бевосита барои бандубасти кирдор аҳаммияти калон дорад. Зеро муқаррар намудани объекти бевоситаи таҷовуз барои муайян намудани аломати вазнинкунанда, ба монанди расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон ё содир намудани кирдор ба миқдори калон ва махсусан калон, ки дар ин раванд бояд андозаи тасарруф ва аҳамиятнокии он ба ҷабрдида муайян карда шавад, ҳатмӣ мебошад. Дар баробари ин, муайянсозии шакли моликияте, ки ба он таҷовуз шудааст, бамаврид буда, дар ин замина андешидани чораҳои мурофиави ҷиҳати ситониши зарари расонидашуда тақозо мегардад. Ҳолати дигарро бояд ба инобат гирифт, ки қонунгузории гражданӣ барои гузаштани молу мулк аз як шакли моликият ба дигар шакл монеагӣ наменамояд, ки ин мумкин аст барои бандубасти кирдор таъсири худро расонад[164].

Объекти бевосита дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ низ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳз бо вайрон гардидани муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ сару кор мегиранд[165]. Дар ин маврид бояд зикр кард, ки ҳангоми расонидани зарари моддӣ ба моликияти шахсӣ (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мувофиқи қ.2 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ андозаи зарари расонидашударо бо назардошти аҳволи моддии ҷабрдида муайян менамояд. Дар сурати

---

[162] Ниг.: Шульга А.В. Присвоение или растрата в условиях становления рыночных отношений: дисс ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2000. – С.64-65.
[163] Ниг.: Уголвное право Российской Федерации. Особенная часть: учебник. Под.ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, А.И. Рарога, А.И. Чучаева. – М., 2009. – С. 150.
[164] Ниг.: Рузевич О.Р., С.В.Андрюхин Преступления против собственности: проблема определения объекта. Вестник Владимировского юридического института – №2(27). – Владимир, 2013. – С. 118.
[165] Ниг.: Хакимова Э.Р. Асари ишорашуда. – С. 74.

расонидани зарар ба моликияти давлатӣ ва дастаҷамъона андозаи зарар ба тариқи умумӣ – аз рӯйи меъёри дахлдори қонунгузории ҷиноятӣ (ба миқдори калон – як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва махсусан калон – ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо) муқаррар гардида, меъёри ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо расонидани зарари ҷиддӣ ба ин гуна шакли моликият мавҷуд намебошад.

Ғайр аз ин, амалия нишон медиҳад, ки сари вақт муайян намудани объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба дурустии бандубаст кирдори гунаҳгор таъсир мерасонад. Масалан, 11 марти соли 2021 аз тарафи мақомоти тафтишотӣ нисбати директори ҶДММ «Бахтиёр-Раҳим» – Р.А. бо қ.2 б. «г» м.245 ва қ.1 м.340 КҶ ҶТ барои он парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст, ки номбурда ҳангоми дар асоси қарордод ба фармоишгар – Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ ва таъмин намудани воситаи нақлиёти тамғаи Тойота Прадо» бо роҳи сохтакории арзиши автомашина дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ-хазинавӣ маблағи 56458,6 сомониро азонихуд кардааст. Аммо дар рафти тафтиши пешакӣ муайян карда шудааст, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон харидории автомашинаи болозикрро аз ҳисоби кӯмаки хориҷӣ, яъне аз ҳисоби фонди махсуси Ҷумҳурии Халқии Хитой барои рушди соҳаи фарҳанг маблағгузорӣ намудааст.

Аз ин лиҳоз, мақомоти тафтишотӣ кирдори айбдоршаванда Р.А.-ро аз қ.2 б. «г» м.245 ба қ.1 м.257 КҶ ҶТ (Тасарруфи воситаи фондҳои кӯмаки хориҷӣ) аз нав бандубаст намуда, бо ҳукми суди ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе шаҳрванд Р.А. бо қ.1 м.257 ва қ.1 м.340 КҶ ҶТ маҳкум карда шудааст[166].

Муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият агар аз гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат бошад, пас объекти бевосита ҳама вақт танҳо муносибати ҷамъиятӣ, на балки гурӯҳи чунин муносибатҳо ба ҳисоб меравад. Ба сифати объекти бевосита моликият

[166] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии № 234518/16// Бойгонии суди ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе .– Соли 2016.

ҳамчун муносибат доир ба неъматҳои моддӣ, ки ба ин ё он субъект мансуб аст баромада менамояд[167].

Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қисми объекти намудӣ – муносибатҳои моликиятӣ буда, пурра бо он мувофиқ шуда наметавонад. Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин муносибатҳои мушаххаси моликиятие мебошанд, ки байни молики молу мулк ва шахсони дигар, ки ухдадоранд доираи ҳуқуқҳои молу мулки ӯро халалдор насозанд, ба ҳисоб меравад.

Пӯшида нест, ки бояд аз объекти ҷиноят **предмети** онро фарқ кард. Агар объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ бошад, пас предмети ҷиноят ин ашёи олами моддӣ мебошад, ки ба онҳо ҳаракати (беҳаракатии) шахс равона шудааст. Предмет ин шакли моддӣ, шарти мавҷудияти муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Он ҷавҳари моддӣ, унсури олами моддӣ (зинда ва ғайризинда), ки вобаста ба он ё нисбат ба он ҷиноят содир мешавад ва шахс ҷиноятро содир намуда, бевосита ба он таъсир мерасонад[168].

Бештар ба сифати предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликият молу мулк баромад менамояд.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми молу мулк ҷой надорад. Бинобар ин, ҳангоми маънидод намудани молу мулк ба мафҳуми он аҳамият медиҳем.Мутобиқи м.136 Кодекси мадании ҶТ объектҳои ҳуқуқи граждании метавонанд, неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ бошанд. Ба молу мулк чизу чора, пул, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок, кору хизматҳо, иттилоот, амал, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, номи фирма, тамғаи мол ва воситаҳои дигари фардикунонии маҳсулот, ҳуқуқи молу мулкӣ ва молу мулки дигар дохил шаванд. Аз доираи муқарраршудаи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ба сифати предмети тасарруф на ҳамаи объектҳои номбаршуда баромад карда метавонанд. Вобаста ба ин дар дар

---

[167] Ниг.: Вишнякова Н.В. Объект и предмет преступления против собственности: дис … канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – С. 46.

[168] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр граф», 2019. С. 123-124.

назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба молу мулк ҳамчун предмети тасарруф ақидаҳои гуногун ҷой дорад.

Гурӯҳи аввали олимон бар он ақидаанд, ки ба сифати предмети тасарруф танҳо ашёҳои олами моддӣ баромад менамоянд, ки ба истеҳсоли он меҳнати инсон сарф шудааст[169]. Масалан, В.В. Хилюта баён мекунад, ки аҳаммияти ҳуқуқи ҷиноятии ибораи «молу мулк» бояд назар ба ҳуқуқи граждании маҳдудтар фаҳмида шавад. Предмети тасарруф бояд молу мулк ҳисоб шавад, яъне ашъё, аз ҷумла пул ва қоғазҳои қиматнок[170]. Ба андешаи Е.В.Герсимова предмети тасарруф ин предметҳои олами моддӣ мебошад, ки ба он меҳнати инсон сарф шуда, он арзиши муайяни моддӣ дошта, барои шахси тасаруфкунанда бегона мебошад[171]. Ба андешаи Лопашенко «молу мулк дар тасарруф нисбат ба қонунгузории гражданӣ ва дигар таҷовузҳо ба муқобили моликият маҳдудтар фаҳмида мешавад. Он танҳо як намуди молу мулкро дар мазмуни ҳуқуқи гражданӣ дар бар мегирад – молу мулки манқул ва ғайриманқул ё ашъё. Моликияти зеҳнӣ ва неъматҳои ғайримоддӣ ба молу мулк дохил нашуда, бинобар ин, предмети таҷовуз ба молкият мансуб намебошад. Дар ҷинояти қаллобӣ боз як намуди предмет – ҳуқуқ ба молу мулк пешбинӣ шудааст, аммо он махсус ҷудо нишон дода шуда, ба мафҳуми молу мулк дохил карда нашудааст»[172].

Гурӯҳи дуюм, объекти тасарруфро васеътар маънидод намуда, чунин меҳисобанд, ки ба предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликият молу мулке – объектҳое дохил мешаванд, ки нисбати онҳо ҳуқуқи гражданӣ ҷой доштани объекти моликиятиро эътироф месозад[173]. Вобаста ба ин, С. Вишнякова менависад: аз сабаби он ки тасарруф аз гирифтан ё ситонидани молу мулки

[169] Ниг.: Тенчов Э.С. Уголовно-правовая охрана социалистической собственности. Учебноепособие. – Иваново, 1980. – С. 35; Замосковцев Н.В. Содержание отношений социалистической собственности как объект уголовно-правовой охраны // Роль аппаратов уголовного розыска и следствия по борьбе с преступностью. – Омск, 1987. – С. 19.
[170] Ниг.: Хилюта В.В. Понятие и признаки хищения в уголовном праве. – М.: Юрлитинформ, 2016. – С. 48.
[171] Ниг.: Герасимова Е.В. Предмет хищения в российском уголовном праве: автореф … дис…канд. юрид. наук. – М., 2006. – С.10.
[172]Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С.14.
[173] Ниг.: Хабаров А.В. Преступления против собственности:влияние гражданско-правового регулирования: дис. ... д-ра юрид. наук. – Екатеринбург, 1999. – С.13.

ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё шахси дигар иборат мебошад, моҳияти аломати моддӣ (ашъё)-и предмети ҷиноятҳои мазкур бояд на вобаста ба хусусияти ламсшавандагӣ (ҷисмонӣ), балки аз дохил гардидани предмет ба молу мулки объекти ҳуқуқи моликиятӣ ҳисобшаванда, муайян гарадад[174].

Зери мафҳуми предмети тасарруф объектҳои ҳуқуқи гражданӣ фаҳмида мешаванд, ба истисној моликиятӣ зеҳнӣ ва неъматҳои ғайримоддӣ[175].

Аз ҷумлаи объектҳое, ки дар ҳуқуқи гражданӣ ба сифати молу мулк номбар шудаанд, танҳо он объектҳои ҳуқуқи моликиятӣ, ки вобаста ба табиати худ метавонанд ба сифати предмети тасарруф баромад намоянд[176].

Ғайр аз ин, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ишора мешавад, ки зери мафҳуми предмети тасарруф на ҳама объектҳои ҳуқуқи моликиятӣ, балки танҳо онҳое фаҳмида мешаванд, ки дорои аломатҳои муайян бошанд. Масалан, ба андешаи К. Лопашенко ин аломатҳо иборатанд аз: 1) аломати ҷисмонӣ ё ашъёии молу мулк; 2) аломатҳои иқтисодӣ; 3) аломатҳои ҳуқуқӣ[177]. И.Я. Козаченко низ се аломати предмети тасарруфро ҷудо месозад: 1) хусусияти предметӣ доштан, яъне он ҳамчун объекти моддӣ баромад менамояд; 2) иқтисодӣ – дар худ меҳнати инсонро таҷассум мекунад; 3) аломати ҳуқуқӣ – молу мулки ғайр мебошад ва шахс ба он ҳуқуқ надорад[178].

С.М.Кочои бошад чор аломати предмети тасарруфро ҷудо менамояд: 1) аломати ҷисмонӣ – предмети тасарруф ҳама вақт моддӣ мебошад; 2) аломати иҷтимоӣ – предмет танҳо объектҳое шуда метавонанд, ки ба онҳо меҳнати инсон сарф шуда бошад; 3) аломати ҳуқуқӣ – предмет танҳо молу мулки ғайр мебошанд; 4) аломати иқтисодӣ – предмет арзиши муайяни хоҷагӣ дорад[179]. И.А. Мусял чунин ақида дорад, ки ҷудо намудани аломати ҷисмонии предмети тасарруф ба қонунгузории гражданӣ мухолифат мекунад, бинобар

---

[174] Ниг.: Вишнякова Н.В. Асари ишорашуда. – С. 119.
[175] Мусьял И.А. Дифференцированные виды мошенничества: теоретические и практические проблемы: дис. … канд. юрид. наук. – Курск, 2018. – С. 10.
[176] Ниг.: Данилов А.В. Асари ишорашуда. – С. 32.
[177] Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С. 14
[178] Ниг.: Постатейный комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под ред. А.И. Чучаева. – М., 2004. – С. 357–358 (автор главы – И.Я. Козаченко).
[179] Ниг.: Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть / под ред. Л.В. Иногамовой Хегай, А.И. Рарога, А.И. Чучаева. – М., 2004. – С. 172–173 (автор главы – С.М. Кочои)

он, предмети тасарруф танҳо дорои ду аломат мебошад: иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ[180]. Албатта бо чунин ақида розӣ шудан мушкил аст. Зеро предмети тасарруф метавонад танҳо онҳое бошанд, ки шакли ашъёӣ доранд (миқдор, андоза, вазн ва ғайра).

Бинобар ин, ба андешаи мо молу мулк дар мазмуни ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати предмети тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ танҳо дар ҳолатҳое баромад карда метавонад, ки агар дорои аломатҳои зерин бошад:

1) Аломатҳои ҷисмонӣ. Дар он зоҳир мешавад, ки предмети тасарруф, яъне молу мулк бояд нишонаҳои ҷисмонӣ, аз қабили шумора, миқдор, ҳаҷм, вазн ва ғайраро доро бошад. Яъне бояд ҳатман предмети ашёвӣ ва ё ҷисмонии олами моддӣ буда, ба ҳиссиёти даркунии инсон дастрас бошад. Бинобар ин, маълумот, фаъолияти зеҳнӣ, қувваи барқу гармидиҳӣ ва гази табииро, ки берун аз асбобҳои захиракунии барқ (аккумуляторҳо), баллони газ ва ё дигар зарфҳои захиравӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҳамчун предмети тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ҳисоб кардан ғайриимкон аст.

2) Аломати иқтисодии предмети тасарруф бо он ифода мегардад, ки предмет – молу мулки ғайри тасарруфшуда ҳатман бояд арзиш дошта, ё он бо ҳамарзиши пулӣ ҳисоб карда шавад. Аз ин лиҳоз, асъорҳои милливу хориҷӣ ва қоғазҳои киматнок низ ҳамчун предмети ҷинояти тасарруф дониста мешаванд.

3) Аломати иҷтимоӣ. Мутобиқи ин аломат предмети тасарруф мумкин аст, танҳо чунин предметҳое баромад намоянд, ки дар он меҳнати инсон сарф шуда бошад. Маҳз бештар бо ҳамин аломат тасарруф аз дигар ҷиноятҳои экологӣ фарқ мекунад.

4) Аломати ҳуқуқии предмети тасарруфро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки молу мулки тасарруфшуда бояд аз муомилоти озод бароварда нашуда, ба гунаҳгор тааллуқ надошта бошад.

Аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба гунаҳгор тааллуқ надоштани молу мулк нишонаи калидии предмети тасарруф мебошад. Яъне молу мулк бояд дар моликияти

[180] Ниг.: Мусьял И.А. Асари ишорашуда. – С. 46.

шахси дигар қарор дошта, ба гунаҳгор он ҳамчун молу мулки ғайр ба ҳисоб равад. Дар ҳолати бо роҳи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ тасарруф намудани молу мулки ғайр он бояд аз тарафи молик ба таври қонунӣ (шартнома, уҳдадории хизматӣ ва ғайра) муваққатан ё ба таври доимӣ дар ихтиёри гунаҳгор қарор дошта бошад ва ё ба ӯ чунин молу мулк бовар карда супурда шудааст.

Молу мулке, ки дорои аломатҳои зикршуда мебошанд ба ашъё, пул ва қоғазҳои қиматнок тақсим кардан мумкин аст.

Ашъё ҳамчун предмети тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст: манқул ё ғайри манқул бошад. Ин аз он бармоеяд, ки қонунгузор предмети тасарруфро молу мулки ғайр номбар намудааст, яъне аз нуқтаи назари он ҳам молу мулки манқул ва ҳам ғайри манқул метавонанд ба чунин сифат баромад намоянд.

Мутобиқи м.138 Кодекси мадании ҶТ ба ашъёҳои ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул) ду намуд объектҳо дохил мешаванд: 1) қитъаи замин, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола ва молу мулки дигар, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки ҷойивазкуниашон бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноташон имконнопазир аст (қ.1 м.138 Кодекси мадании ҶТ); 2) киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, киштиҳои кайҳонӣ, истгоҳҳои кайҳонӣ, радифҳои маснуъ ва объектҳои дигари кайҳонӣ, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, баробар эътироф карда мешаванд(қ.2 м.142 Кодекси мадании ҶТ).

Бинобар ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати предмети тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ баромад намудани ашъёҳои манқул ё ғайриманқул ақидаҳои гуногун иброз шудааст. Ба андешаи олимони гурӯҳҳои аввал молу мулки ғайриманқул метавонанд предмети тасарруф ҳисоб шаванд. Аз ҷумла, С.В. Скляров баён медорад, ки эътироф намудани молу мулки манқул ва ғайриманқул ба сифати предмети тасарруф одилона

мебошад. Чунки ин аз як тараф ба меъёрҳои КГ ФР (Кодекси мадании ҶТ), ки номгӯи молу мулки ғайриманқулро муайян месозад мувофиқ аст, аз тарафи дигар ин ба амалан татбиқшавии қонуни ҷиноятӣ дуруст меояд, зеро ҷойивазнамоии қисми зиёди предметҳои ба молу мулки ғайриманқул дохилшаванда дар фазо имконпазир аст (аз ҷумла, бино бо роҳи ба қисмҳо ҷудо намудани он), ки ин имкон медиҳад, чунин ҳаракатҳоро ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои муайян ҳамчун тасарруф баррасӣ намоем»[181].

Ба андешаи Лопашенко «мафҳуми тасарруф танҳо ба ҳамон объектҳои ғайриманқул дахл дорад, ки дар моликияти хусусӣ ё дар соҳибии хусусӣ (истифодабарӣ) қарор доштани онҳо мумкин бошад. Дар акси ҳол оид ба тасарруф сухан гуфтан мумкин нест, зеро баъзе объектҳои ғайриманқулро вобаста ба табиаташон азонихуд кардан, ситонидан, ба фоидаи худ ё шахси дигар табдил додан ғайриимкон аст»[182].

Киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳонӣ ба андешаи А. Бойсов метавонанд ба сифати предмети дуздӣ, қаллобӣ, азонихудкунӣ, ғоратгарӣ баромад намоянд[183]. Л.Д. Гаухман ишора менамояд, ки «ҳамчун предмети тасарруф эътироф намудани молу мулки ғайриманқул онро ифода намекунад, ки чунин молу мулк предмети ҳама шаклҳои тасарруф шуда метавонад. Аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ он мумкин аст, предмети қаллобӣ, азонихудкунӣ ва исрофкорӣ бошад»[184].

В.В. Хилюта чунин эътироф менамояд, ки баъзе объектҳои ғайриманқул мумкин аст дар фазо бе расонидани зарари ҷиддӣ ба арзиши истеъмолӣ ва таъиноти мақсадноки онҳо ҷой иваз кунонида шаванд. Масалан, тасарруф намудани гаражи оҳанин ва ба дигар ҷой бурда, мувофиқи таъиноташ истифода бурдани он. Дар чунин ҳолат рад намудани ҷой надоштани тасарруф шубҳаовар мебошад, ҳатто агар гунаҳгор минбаъд кӯшиши ба қайд

[181] Ниг.: Скляров С.В. Понятие хищения в уголовном законодательстве России: теоретический анализ / С.В. Скляров //Государство и право. – 1997. – № 9. – С. 64-68.
[182] Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С.31.
[183] Ниг.: Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб., 2002. – С. 166.
[184] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учеб. / под ред. Л.Д. Гаухмана, С.В. Максимова. – М., 2005. – С.145.

гирифтани чунин гаражро анҷом надода бошад ҳам[185]. Дар ин мавриd Лопашенко дуруст баён медорад, ки дар чунин ҳолат ҷинояткор тасарруфи молу мулк аллакай манқулро анҷом додааст ва он мувофиқан аз рӯйи тамоман дигар нарх назар ба молу мулки ғайриманқул, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам дорад, ҳисоб карда мешавад[186].

Н.Д. Эриашвили низ асоснок намудааст, ки мумкин аст молу мулки ғайриманқулро (манзили истиқоматӣ, ҳавопаймои хурд, киштии обӣ ва ғайра) азонихуд карда шавад[187].

А.В. Шулга имконияти бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ тасарруф гаштани молу мулки ғайриманқулро эътироф менамояд. Масалан, агар соҳиби қонунӣ қитъаи замини ба ӯ тааллуқдоштаро фурӯшад, ҳаракатҳои ӯ дар ҳолатҳои расонидани зарари ҷиддӣ ба соҳибмулк мумкин аст, ҳамчун тасарруфи молу мулки ба гунаҳгор боваркарда супоридашуда аз рӯйи м.160 КҶ ФР (м.245 КҶ ҶТ) бандубаст карда шавад. Бинобар ин, предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст, қитъаи замине баромад намояд, ки аз ҷониби давлат ба шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқӣ барои истифодаи бемуҳлат супорида шудааст[188].

Дар ин ҷода, таҷрибаи кишвари мо нишон медиҳад, ки баъзе аз меъёрҳои алоҳидаи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки механизми татбиқи амалии онҳо ба дигар санадҳои меъёрӣ ҳавола карда мешаванд, бинобар таҳия ва пешбинӣ карда нашудани чунин санадҳо механизми амалишавии онҳо дар амал татбиқ намегарданд.

Алалхусус, гарчанде дар м.2[2] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри хариду фурӯши ҳуқуқи истифодаи замин пешбинӣ карда шуда бошад ҳам, вале оид ба механизми амалишавии он ягон қоида ва ё тартиби муайян вуҷуд надорад, ки оқибат барои афзоиши содир намудани

---

[185] Ниг.: Хилюта В.В. Понятие и признаки хищения в уголовном праве. – М.: Юрлитинформ, 2016. – С. 62.
[186] Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С. 31.
[187] Ниг.: Эрашвили Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ): дис. ... канд. юрид. наук. – М, 2003. – С. 51-52.
[188] Ниг.: Шульга А.В. Объект и предмет преступлений против собственности в условиях рыночных отношений и информационного общества: автореф. дис … д–ра юрид. наук. – Волгоград, 2008. – С. 54.

ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти хариду фурӯши ғайриқонунии замин боис гардидааст[189].

Аз ин лиҳоз, дар мавриди ҳозир таҷрибаи расонидани зарари моддӣ бо роҳи тасарруф намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар Тоҷикистон ҷой надорад.

Олимони дигар бошанд, ба сифати предмети тасарруф баромад намудуни молу мулки ғайриманқулро инкор менамоянд. Масалан, И.А. Клепнитский дар ин бобат қайд кардааст, ки молу мулки ғайриманқул предмети тасарруфи маъмул ва ё анъанавӣ шуда наметавонад, чунки ба даст овардани чунин молу мулк бидуни барасмиятдарории ҳуқуқ ба он ҳамчун тасарруф баҳо додан ғайриимкон аст. Ӯ инчунин имконияти бандубаст намудани ҳолати ғайриқонунӣ ба даст овардани молу мулки ғайриманқулро ҳамчун азонихудкунӣ ё исрофкорӣ рад намуда, ишора менамояд, ки амалия чунин ҳолатҳоро ҳамчун сӯиуистифода аз ваколатҳои мансабӣ ё хизматӣ баҳо медиҳад.[190] Ба андешаи А.Г. Безверхов[191] ва В.В. Векленко[192] низ «молу мулки ғайриманқул предмети тасарруфи молу мулки ғайр эътироф шуда наметавонад».

Вобаста ба мавқеъҳои зикршуда мо гурӯҳи аввали олимонро ҷонибдорӣ менамоем ва чунин мешуморем, ки вобаста ба шакли тасарруф молу мулки ғайриманқул низ метавонанд ба сифати предмети тасарруф баромад намояд. Дар мавриди таҳлил намудани ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст молу мулки ғайриманқул ҳамчун предмети он эътироф шавад, чунки дар таҷриба ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки молу мулки ғайриманқули ба гунаҳгор муваққатан бовар карда супурдашуда ва ё дар ихтиёраш қарордошта бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқдиҳанда (мисол,

---

[189] Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/images/PDF/strategiya1.pdf (санаи муроҷиат: 23.08.2023).

[190] Ниг.: Клепицкий И.А. Недвижимость как предмет хищений и вымогательства / И.А. Клепицкий // Государство и право. – 2000. – №12. – С. 12.

[191] Ниг.: Безверхов А.Г. Имущественные преступления. – Самара., 2002 – С. 125.

[192] Ниг.: Векленко В.В. Квалификация хищений. – Омск, 2001. – С 71.

ваколатнома бо ҳуқуқи бегона кардани молу мулк) дар номи худи гунаҳгор ва ё намояндаи ӯ ба расмияти ҳуқуқӣ дароварда мешавад.

Аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ шаҳрвандон Ш.Ҷ. ва У.Ш. бо қ.4 б.»б» м.245 ва қ.2 б.б. «б, в» м.340 КҶ ҶТ барои он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, ки номбурдагон соли 2008 бо соҳибкор А.Ҳ. барои сохтмони бинои баландошёна, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ҳамкорӣ намуда, дар ин асно аз охирон зиёда аз 2,1 млн. доллари ИМА гирифтаанд. Баъди анҷоми корҳои сохтмонӣ ва ҳисоббаробаркунии хароҷотҳо дар асоси санади тақсимот шаҳрванд Ш.Ҷ. ба шаҳрванд А.Ҳ. аз ошёнаҳои 4, 6, 7 ва 10-и бинои мазкур ҳуҷраҳои корӣ додааст.

Новобаста аз ин шаҳрванд У.Ш. тибқи маслиҳати пешакӣ бо падараш Ш.Ҷ. бо мақсади азонихудкунии молу мулки ғайр, 11 ҳуҷраҳои кории дар ошёнаҳои 4, 6, 7 ва 10-и бинои зикршуда, ки тибқи санади тақсимот ба шаҳрванд А.Ҳ. вобаста шуда, бинобар аз ҷониби охирон ба моликияти худ барасмият надоравардани он мувофиқи шартномаи ҳамкорӣ дар ихтиёри шаҳрвандон У.Ш., ва Ш.Ҷ. қарор доштанд, дар асоси шартномаҳои қалбакӣ ба номи шиносони худ – 11 нафар шаҳрвандони дигар ба таври рӯякӣ ҳуҷҷатгузорӣ намуда, молу мулки ғайриманқули зикршуда ба маблағи умумии 5681758 сомониро бо роҳи азонихудкунӣ тасарруф намуданд[193].

Маврид ба зикр аст, ки дар диспозитсияи м.245 КҶ ҶТ дар бораи чунин предмет ба монанди ҳуқуқ ба молу мулк сухан намеравад. Ин ҷо ба мафҳуми молу мулк дохил намудани инчунин ҳуқуқ ба он ба қонунҳои мантиқ ва техникаи қонунгузорӣ мухолифат менамояд, зеро дар м.247 КҶ ҶТ ҳуқуқ ба молу мулк ба мафҳуми молу мулк дохил карда нашудааст. Дар ин ҳолат норасоии қонунгузорӣ ба назар мерасад, ки барои бартараф намудани он бояд ба диспозитсияи м.245 КҶ ҶТ низ нишондод ба ҳуқуқ ба молу мулк ҳамроҳ карда шавад.

Ба сифати предмети тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст, пул ва қоғазҳои қимматнок баромад намоянд. Пул ҳамчун

[193] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–105/18// Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.

предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ эътироф мешавад, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят дар муомилоти молиявӣ қарор дошта бошанд. Мутобиқи м.149 Кодекси мадании ҶТ мафҳуми «пул» ҳамчун синоними мафҳуми «асъор» истифода мешавад. Вобаста ба м.150 Кодекси мадании ҶТ «намудҳои молу мулке, ки арзишҳои асъорӣ эътироф карда мешаванд ва тартиби бо онҳо анҷом додани аҳд тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» муайян карда мешаванд». Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, № 964[194] ба арзишҳои (сарватҳои мутобиқи қонуни мазкур) асъорӣ инҳоро дохил намудааст:

- асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтии бо асъори хориҷӣ ифодаёфта;

- пули миллӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтии бо пули милли ифодаёфта танҳо ҳангоми бо онҳо анҷом додани амалиёт байни резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ва ё байни ғайрирезидентҳо.

Табиати ашъёии пули нақд боиси ягон баҳсҳо намегардад. Масъала дар бораи пулҳои ғайринақдӣ ҳамчун предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ баҳснок мебошад. Л. Ефимова[195], А.В. Хабаров[196], Я.С. Василева[197], А.В. Шулга[198] пулҳои ғайринақдиро бо он сабаб, ки шакли мавҷуд будани пул мебошад, ба предмети тасарруф дохил менамоянд. П.С. Яни баръакс чунин баён менамояд, ки пулҳои ғайринақдиро ҳамчун предмети тасарруф эътироф намудан нодуруст аст[199]. В.В. Чубаров чунин менависад, ки маблағҳои пулӣ, ки пешакӣ дар муассисаҳои қарзӣ ҷойгир карда мешаванд, барои идораи боэътимод супорида мешаванд ва «ҷудо намудани» пул дар ҳисоби бонкӣ

---

[194] Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, № 964 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-танзими-асъор-ва-назорати-асъор (санаи муроҷиат 28.05.2022).
[195] Ниг.: Ефимова Л. Правовые аспекты безналичных денег // Закон. – 1997. – №1. – С. 97.
[196] Ниг.: Хабаров А.В. Преступления против собственности: влияние гражданско-правового регулирования. автореф. дисс ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 1999. – С. 12.
[197] Ниг.: Васильева Я.С. Уголовная ответственность за деяния, совершенные в сфере кредитных отношений. автореф. дисс. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2000. – С. 20;
[198] Ниг.: Шульга А.В. Присвоение или растрата в условиях становления рыночных отношений / Под ред. Р.Р. Галиакбарова. – Краснодар, 2004. – С. 56.
[199] Ниг.: Яни П.С. Экономические и служебные преступления. – М., 1997. – С. 93.

танҳо шакли баҳисобгирии онҳо ба ҳисоб меравад, маблағҳои дар ҳисоби бонкӣ қарордошта танҳо ҳуқуқи ҳатмии талабнамоӣ, на ин ки ашъёро ифода мекунанд[200]. Г.В. Верина чунин мавқеъро ишғол намуда, баён медорад, ки «ҳуқуқ ба молу мулк дар фарқият аз предмети ҷиноят дар сатҳи ғайри молумулкӣ қарор дорад[201].

Ба андешаи олимони охир ҳамроҳ шуда, мо низ чунин мешуморем, ки худи маблағҳои пулии ғайринақдӣ предмети азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шуда наметавонанд, зеро танҳо дар мавриди аз ҷониби гунаҳгор бо тарзҳои мавҷуда нақдикунонии маблағ ва ё ба сифати воситаи пардохти ғайринақдӣ истифода намудани чунин маблағҳо (барои хариди молу маҳсулот, иҷрои кору хизматрасонӣ) ҷинояти азонихудкунӣ ва исрофкориро ҳамчун ба итмомрасида ҳисобидан мумкин аст.

Масалан, зимни омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд Р.Т. бо қ.3 б. «а» м.245 ва м.323 КҶ ҶТ муайян гардид, ки номбурда дар вазифаи сармуҳосиби Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси кӯдакону наврасон оид ба намудҳои зимистонаи варзиш»-и Кумитаи ҷавонон, варзиш ва саёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда истода, дар давраи аз 01 июли соли 2018 то 01 апрели соли 2020 бо мақсади азонихудкунии маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби 1,5 воҳиди кории наҷҷор (плотник) корти бонкиро ба номи шаҳрванд Д.С., бе хабардошти охирин дар муассиса ҳуҷҷатгузорӣ намуда, инчунин, барои пардохти музди маоши шахсоне, ки кортҳои пластикӣ надоранд, дидаю дониста натиҷаи ниҳоии варақаҳои пардохтии музди меҳнатро нисбат ба музди меҳнати ҳисобшуда барзиёд нишон дода, баъди гузоштани имзо ва мӯҳри директори муассиса дар варақаҳои электронии пардохти музди меҳнат, ки ҳуҷҷатҳои расмӣ ба ҳисоб меравaнд, тағйирот ворид намуд. Дар ин асос, маблағи барзиёд нишондодашуда тариқи ғайринақдӣ дар кортҳои пластикии номбурда ва шаҳрванд Д.С., гузаронида шуда, барои пардохт ба Филиали БДА ҶТ «Амонатбонк» №77-и ноҳияи

---

200 Ниг.: Чубаров В.В. // В кн.: Гражданское право России. Обязательственное право: Курс лекций / Отв. ред. ОН. Садиков. – М., 2004. – С. 684.
201 Ниг.: Верина Г.В. Дифференциация уголовной ответственности за преступления против собственности: проблемы теории и практики: дис ... д-ра. юрид. наук. – Саратов, 2003. – С. 12.

И.Сомонӣ пешниҳод гардид. Бо ин роҳ, шаҳрванд Р.Т., маблағи умумии 63 981,14 сомонии тариқи ғайринақдӣ ҳамчун музди меҳнат ғайриқонунӣ барзиёд интиқолшударо баъди нақдикунонӣ тасарруф ва дар эҳтиёҷоти шахсии худ сарф карда, дар натиҷа ба давлат зарари калони моддӣ расонида шудааст.

Р.Т. барои содир намудани ҷинояти болозикр бо ҳукми суди ноҳияи И. Сомонӣ аз рӯйи қ.3 б. «а» м.245 ва м.323 КҶ ҶТ маҳкум карда шудааст[202].

Дар марҳилаи муосири рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ қоғазҳои қимматнок предмети дигари азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шуда метавонанд. Дар асоси қ.1. м.151 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қоғазҳои қиматнок ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки бо риояи шакли муқаррарнамудаи қонун ва унсурҳои ҳатмӣ ҳуқуқҳои молумулкиеро тасдиқ менамоянд, ки амалисозӣ ё додани онҳо танҳо дар сурати манзур намудан имконпазир аст (коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ).

Ба коғазҳои қиматнок мансубанд: саҳмия, вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб донista шудаанд.. Инчунин, қоғазҳои қимматнок метавонанд манзурӣ, ордерӣ ва номӣ бошанд. (қ.қ.1, 2 м.152 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Дар ин асно, такя ба талаботи моддаҳои 152 ва 154 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тасарруфи қоғазҳои қимматноки манзурӣ аз лаҳзаи воқеан ба даст овардани он ба итмом расида, тасарруфи қоғазҳои қимматноки номӣ ва ордерӣ бошанд, танҳо баъди мувофиқи тартиби муқарраргардида гузашт кардан ва дар ин хусус ба феҳрасти дорандагони қоғазҳои қимматнок ворид намудани қайди дахлдор ва ё дар худи коғаз сабт кардани навиштаҷоти интиқолии индоссант, хатима меёбад.

Дар замони имрӯзаи рушди муносибатҳои пуливу молӣ намудҳои ивазкунандаи қоғазҳои қимматнок мавҷуд мебошанд, ки онҳо мувофиқи қонунгузории гражданӣ ҳамчун қоғазҳои қимматнок ба ҳисоб намераванд.

---

[202] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №50010/20 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2020.

Ивазкунандаи маблағ – ин ҳуҷҷатҳои расмӣ, нишон, бланкаҳо ва ғайра мебошанд, ки бевосита ба маблағи пулии муайян ва ё барои ба даст овардани молу мулк, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳамарзиш ҳастанд. Масалан, сертификати (корти) тухфавӣ ва ё талонҳо барои ба даст овардани молу маҳсулот дар нуқтаҳои савдо ва ё иҷрои кору хизматрасонии муайян, чиптаҳои мусофирати манзуршаванда, лотерея, чиптаҳо ва варақаҳои обунавӣ (абонемент) барои ташрифи театр, консерту намоишҳо ва чорабиниҳои варзишӣ.

Хусусияти фарққунандаи ин намуд қоғазҳо дар арзиши аёни онҳо зоҳир гардида, ба маблағи пулӣ ё адад (миқдори сафар, ташриф ва ғайра) баробар ва ҳаммаъно мебошанд. Мутаносибан ба даст овардани ивазкунандаи маблағ музднок буда, инчунин, ҳастанд ҳолатҳое, ки онҳо аз тарафи шахси дигар расман туҳфа ва ё аз ҷои кор пешниҳод карда мешаванд. Одатан ивазкунандаи маблағ номӣ набуда, бештар манзурӣ мебошанд[203].

Аз ин лиҳоз, нисбати ин намуд ивазкунандаи маблағ шаклҳои тасарруф ҷоиз буда, дар натиҷаи аз соҳибии молики қонунӣ ройгон ва бе бозгашт бегона шудани чунин қоғазҳо ба молик ба андозаи маблағи ҳамарзиши он зарар расонида мешавад. Дар ин асно, аҳаммият надорад, ки ивазкунандаи маблағ аз ҷониби худи молик харидорӣ шудааст, ҳамчун туҳфа ва ё аз ҷои кор пешниҳод гардидааст.

Умуман бисёр номгӯи предметҳое (ҳуҷҷатҳо) ҳастанд, ки ба ивазкунандаи маблағ ҳаммонанд буда, лекин ифодагарӣ арзиши молу мулк намебошанд, балки танҳо барои гирифтани молу мулк ҳуқуқ медиҳанд. Чунин ҳуҷҷатҳо предмети тасарруф шуда натавонанд ҳам, вале тавассути онҳо содир намудани ин гуна кирдорҳо имконпазир мегардад[204].

Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ-хазинавие, ки воситаи пардохт намебошанд (расидҳо, борхатҳои молӣ-нақлиётӣ ва ғайра), инчунин ашёҳои воқеан арзиши бозориву хоҷагидории худро гумкарда ба сифати предмети

---

[203] Ниг.: Есаков. Г.А. Денежные суррогаты и ответственность за хищение // Уголовное право. – 2015. – №1. – С. 48.

[204] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) Под общей редакцией О.С.Капинуса / Университет прокуратуры Российской Федерации. – М., 2019. – С. 740.

азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ба назар гирифтан нодуруст мебошад, ба истисноы ҳолатҳое, ки онҳо арзишнокии таърихӣ ва фарҳангии худро дошта бошанд. Аммо дар сурати чунин ҳуҷҷатҳоро бо мақсади дар оянда соҳиб шудан ба молу мулки ғайр ва тасарруфи он ба даст оварда шуда бошад, чунин кирдор ҳамчун тайёрӣ ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ бандубаст карда мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавриди предмети тасарруф эътироф намудани предметҳои махсуси олами беруна, ки шакли устовор ва нишонаҳои дигари ашёй надошта, аммо дар муомилоти гражданӣ , муносибатҳои молу мулки қарор доранд, ақидаҳои ҷолиб баён мешавад.

Масалан, ба андешаи М.О. Гелфер энергияи барқӣ, гармӣ ва дигар намудҳои энергия, ки истифодаи онҳо пардохт мешад, дорои ҳама аломатҳои предмети тасарруф мебошанд.[205]

Баъзе аз олимон дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани таркиби алоҳидаи тасарруфи газ, қувваи барқ ё гармидиҳиро пешниҳод менамоянд[206]. Бояд ёдрас шуд, ки дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ба сифати предмети тасарруф эътироф намудани қувваи барқ ҷой дошт. Масалан, КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 махсус ҷавобгариро барои дуздидани қувваи барқ пешбинӣ менамуд (м.94[2]). Қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ ин масъаларо ба таври гуногун ҳал намудаанд. Чунончи, КҶ Фаронса «бо роҳи фиреб гирифтани қувваи барқро бар зарари шахси дигар ба тасарруф баробар менамояд (м.311-2)[207]. Кодекси ҷиноятии Испания аз соли 1995 ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи барқ, газ, об ва телекоммуникасияро дар қатори қаллобӣ фиребгарона азонихуд кардани молу мулки ғайр эътироф намудааст (м.255).[208] Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии Олмон тасарруфи қувваи барқро бо мақсади ғайриқонунӣ азонихуд кардан пешбинӣ месозад (§ 248 с КҶ Олмон).[209]

[205] Ниг.: Гельфер М. О квалификации незаконного пользования электрической и другой энергией / Гельфер М. // Социалистическая законность. – 1983. – №8. – С. 48
[206] Ниг.: Ботвин И.В. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2016. – С. 8.
[207] Ниг.: Новый Уголовный кодекс Франции. – М., 1993.
[208] Уголовный кодекс Испании. – М., 1998.
[209] Уголовный кодекс ФРГ. – М., 1996. – С. 144.

Дар шароити замони муосир, бинобар мавҷудияти яккатор омилҳо вобаста ба раванди ҷаҳонишавӣ ва гармшавии ҷаҳонӣ давлатҳои дунё ба намудҳои мухталифи энергия, алалхусус ба энергияи сабз бештар ниёз ва таваҷҷӯҳи зиёд доранд. Сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифодаи сарфакорона ва мақсадноки қувваи барқ равона шуда, дар ин самт аз тарафи сохторҳои давлатии дахлдор мунтазам чораҳои муассир ва самарабахш андешида мешавад.

Бо дарназардошти муҳиммияти масъалаи болозикр, ҳамзамон доктрина ва низоми ҳуқуқии миллии амалкунандаро халардор накарда, пешниҳод намудани варианти алтернативӣ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҷумла, барои бо роҳи фиреб ва сӯиистифодаи боварӣ ғайриқонунӣ истифода намудани қувваи барқ, гази табиӣ, гармӣ ва дигар намуди энергия» ҳамчун ҷинояти алоҳида ба муқобили моликият ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шуда, ин масъала зимни дар таҳрири нав қабул намудани КҶ ҶТ матраҳ карда шавад.

Дар амал татбиқ намудани пешниҳоди мазкур барои рушди қонунгузории ҷиноятӣ, бартараф намудани мухолифатҳои илмӣ-амалӣ ва ягона намудани таҷрибаи тафтишотиву судӣ ҷиҳати дуруст бандубаст намудани кирдор замина мегузорад.

Яке аз шартҳои ҳатмии ҷавобгарӣ аз рӯйи ҷиноятҳои муқобили моликият ин дар муомилоти озоди гражданӣ қарор доштани предмети тасарруф буда, молу мулки аз муомилоти озод гирифташуда ба сифати предмети ин қабил ҷиноятҳо баромад карда наметавонад.

Маврид ба зикр аст, ки манъ будани бастани аҳдҳо бо молу мулки аз муомилоти озод гирифташуда маънои дар моликияти касе қарор надоштани чунин амволро надорад. Дар сурати таҷовуз ба ин гуна моликият муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ зери хатар гузошта шуда, он на ба муносибатҳои молу мулкӣ, балки ба низоми махсуси ҳуқуқии муқарраршуда зарар мерасонад. Мисол, молу мулки рӯйхатшуда ё ба он ҳабс гузошташударо исроф намудан, бегона ё пинҳон кардани шахсе, ки молу мулки мазкур ба вай бовар карда супурда шуда буд (қ.1 м.362 КҶ ҶТ), инчунин пинҳон ё азонихуд кардани молу мулке, ки бо ҳукми судӣ мусодира

карда мешавад (қ.2 м.363 КҶ ҶТ), фаъолияти муътадили мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд оид ба таъмини иҷрои санадҳои судӣ, ҳамчунин манфиатҳои шаҳрвандон ва идораву ташкилотҳои дахлдор оид ба рӯёниши воқеии зарарҳои моддӣ, халалдор мегардад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешаи дигар низ ҷой дорад. Масалан, А.В. Шулга чунин меҳисобад, ки предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст, ҳам молу мулки дар муомилоти озод ва ҳам қисман ё пурра аз он гирифташуда эътироф шавад: маводҳои радиоактивӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, инчунин воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ[210]. Бинобар ин, муаллифи мазкур пешниҳод медорад, ки ба м.160 КҶ ФР (м.245 КҶ ҶТ) аломати вазнинкунанда – тасарруфи предметҳои аз муомилоти гражданӣ гирифташуда ё маҳдудшуда дохил карда шавад[211].

Мо бо чунин пешниҳод розӣ шуда наметавонем.Тасарруфи чунин ашъёҳо, ба монанди маводҳои радиоактивӣ дар м.194 КҶ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш дар м.199 КҶ ва воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ дар м.202 КҶ ҶТ пешбинӣ гардида, пеш аз ҳама барои амнияти ҷамъиятӣ ё саломатии аҳолӣ таҳдид менамоянд.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои объект ва предмети азонихудкунӣ ё исрофкориро таҳлил намуда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Объекти хелии ҷиноятҳои дар фасли IX КҶ ҶТ муттаҳид гардидаанд. Аз ҷумла, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муносибатҳои ҷамъиятии гурӯҳи якхелае ба ҳисоб мераванд, ки дорои аломатҳои умумӣ буда, тавассути комплекси ягонаи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ муҳофизат карда мешаванд. Аломати умумии муттаҳидкунандаи ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар он ифода мегардад, ки ҷиноятҳои мазкур дар соҳаи иқтисодиёт содир гардида, зарар маҳз ба муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт расонида мешавад.

2. Муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки ба

[210] Ниг.: Шульга А.В. Асари ишорашуда. – С.58-59.
[211] Ниг.: Шульга А.В. Асари ишорашуда. – С. 60.

муносибатҳои моликиятии байни молик ва аъзоёни дигари ҷомеа зарар мерасонад ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор медиҳад.

3. Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қисми объекти намудӣ – муносибатҳои моликиятӣ буда, пурра бо он мувофиқ шуда наметавонад. Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин муносибатҳои мушаххаси моликиятие мебошанд, ки байни молики мушаххаси молу мулк ва шахсони дигар, ки уҳдадоранд доираи ҳуқуқҳои молу мулки ӯро халалдор насозанд, ба ҳисоб меравад.

4. Молу мулк дар мазмуни ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати предмети тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ танҳо дар ҳолатҳое баромад карда метавонад, ки агар дорои аломатҳои зерин бошад:

Аломатҳои ҷисмонӣ; аломати иқтисодӣ; аломати иҷтимоӣ; аломати ҳуқуқӣ.

5. Бо дарназардошти муҳиммияти масъалаи истифодаи сарфакорона ва мақсадноки қувваи барқ, гази табиӣ ва дигар намуди энергия, дар ин асно доктрина ва низоми ҳуқуқии миллии амалкунандаро халалдор накарда, пешниҳод намудани варианти алтернативӣ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҷумла, барои бо роҳи фиреб ва сӯиистифодаи боварӣ ғайриқонунӣ истифода намудани қувваи барқ, гази табиӣ, гармӣ ва дигар намуди энергия» ҳамчун ҷинояти алоҳида ба муқобили моликият ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шуда, ин масъала зимни дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ карда шавад.

6. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст молу мулки ғайриманқул ҳамчун предмети он эътироф шавад, чунки дар таҷриба ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки молу мулки ғайриманқули ба гунаҳгор муваққатан бовар карда супурдашуда бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқдиҳанда (мисол, ваколатнома бо ҳуқуқи бегона кардани молу мулк) дар номи худи гунаҳгор ва ё намояндаи ӯ барасмияти ҳуқуқӣ дароварда мешавад. Аммо дар диспозитсияи м.245 КҶ ҶТ дар бораи чунин предмет ба монандӣ ҳуқуқ ба молу мулк сухан намеравад. Ин ҷо ба мафҳуми молу мулк дохил намудани

инчунин ҳуқуқ ба он ба қонунҳои мантиқ ва техникаи қонунгузорӣ мухолифат менамояд, зеро дар м.247 КҶ ҶТ ҳуқуқ ба молу мулк ба мафҳуми молу мулк дохил карда нашудааст. Дар ин ҳолат норасоии қонунгузорӣ ба назар мерасад, ки барои бартараф намудани он бояд ба диспозитсияи м.245 КҶ ҶТ низ нишондод ба ҳуқуқ ба молу мулк ҳамроҳ карда шавад.

## 2.2. Тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ

Дилхоҳ амали инсон дорои аломатҳои беруна (объективӣ) ва дохила (субъективӣ) мебошад. Тарафи беруна ва зоҳирии кирдорро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи объективии ҷиноят ва тарафи дохилии онро тарафи субъективӣ ном мебаранд.

Тарафи объективии ҷиноят ин тарафи зоҳирии кирдори ба ҷамъият хавфнок мебошад. Ин амалест, ки дар олами объективӣ таҷассум ёфта, ба объекти аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзкунанда зарар мерасонад ё чунин таҳдидро ба миён меорад[212].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан ба қатори аломатҳои тарафи объективӣ инҳоро дохил менамоянд: ҳаракати (беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнок; оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок (зарарнок); робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат; ҷой, вақт, тарз, вазъият, восита ва олоти содир намудани ҷиноят[213].

Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар қатори дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва таъмаҷуӣ ҳамчун шакли мустақили тасарруф дар КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Вобаста ба ин барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ тамоми аломатҳои мафҳуми умумии тасарруф, ки дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ мустаҳакам шудаанд, ба пуррагӣ хос мебошад.

Бинобар ин, тарафи объективии азонихудкунӣ ё ирофкориро низ мумкин аст ҳамчун ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон бо роҳи азонихудкунӣ ё

[212] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ/ Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Removed Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 137.
[213] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: Қисми умумӣ. – Душанбе, 2019. – С. 60-61.

исрофкорӣ муайян намуд. Вобаста ба ин, ба аломатҳои тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ инҳо дохил мешаванд:

1) ғайриқонунӣ; 2) боғараз; 3) ройгон гирифтан ва (ё) ситонидан; 4) бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр.

Аломатҳои зикршударо муфассалтар баррасӣ менамоем.

**Ғайриқонунӣ** ҳамчун аломати тасарруф чунин ифода мегардад, ки шахси гунаҳгор ба молу мулки тасарруфшаванда ҳуқуқ надорад (аломати субъективӣ) ва манъ будани ҳаракатҳои содиршуда бо қонуни ҷиноятӣ (аломати объективӣ)[214].

Тасарруф ҳамчун кирдори ғайриқонунӣ дорои се аломат мебошад: аввал, тасарруф тавассути қонун манъ карда шудааст; дуюм, нисбати молу мулки тасарруфшаванда шахси гунаҳгор ҳуқуқ надорад; сеюм, гунаҳгор молу мулки ғайрро бархилофи иродаи молик ё дигар соҳиби қонунии он ба даст меорад[215].

Чунин маънидоднамоии аломати ғайриқонунӣ моҳияти ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро пурра ифода карда наметавонад. Зеро ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулк дар ихтиёри қонунии шахси гунаҳгор мебошад ё молик ба ӯ бовар карда супорида шудааст. Бинобар он, ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аломати ғайриқонунӣ онро ифода менамояд, ки шахси гунаҳгор гарчанде молу мулк ба ӯ бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш қарор дорад, вале ғайриқонунӣ бархилофи иродаи молик онро ба моликияти худ табдил дода онро мувофиқи салоҳдиди худ истифода мебарад. Молу мулки ғайрро бо асосҳои қонунӣ дар ихтиёри худ дошта, шахси гунаҳгор ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ғайриқонунӣ молу мулки ба ӯ бовар карда супоридашударо аз доираи ҳокимияти молик берун месозад.

---

[214] Ниг.: Здоровцева А.А., Ильиных А.В., Климова О.В. Хищения в системе преступлений против собственности: структурно-правовой анализ. – Хабаровск, 2015. – С. 53.
[215] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации // под ред О.С.Капинус. – М., 2019. – С. 746.

Мисол, нисбати шаҳрванд Ҳ.С. бо қ.4 б. «б» м.245 КҶ ҶТ маълум карда шудааст, ки номбурда дар вазифаи мудири анбори нуриҳои минералӣ ва заҳрдоруҳои ҶСШК кор карда истода, ба номбурда ҳамчун шахси масъули ҷавобгарии моддидошта дар асоси санадҳои қабул ба миқдори умумии 160890 кг ба маблағи 954676 сомонӣ чигити тухмӣ барои нигоҳдорӣ ва хароҷоти истеҳсолӣ супорида шудааст. Шаҳрванд Ҳ.С., аз мақоми хизматии худ истифода карда, бо мақсади ғаразнок дар давраи аз 02 марти соли 2016 то 27 майи соли 2016 мувофиқи 125 адад борхатҳои хароҷотӣ ба миқдори умумии 133326 кг чигити тухмӣ ба маблағи 812541 сомониро барои кишт кардан ба сардорони бригадаҳои истеҳсолӣ ва шахсони масъули ҶСШК супорида, боқимонда 27564 кг. чигити тухмӣ ба маблағи 142135 сомониро, ки ба ӯ расман бовар карда супурда шуда, дар ихтиёри қонуниаш қарор дошт, бархилофи иродаи молик бо роҳи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ тасарруф намудааст.

Бо ҳукми суди ноҳияи Б. Ғафуров шаҳрванд Х.С. дар содир намудани ҷинояти пешбиникардаи қ.4 б. «б» м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати даҳ сол таъин карда шудааст[216].

**Аломати ройгон** онро ифода менамояд, ки гунаҳгор молу мулки ғайрро ба фоидаи худ ё шахси дигар табдил дода истода, арзиши онро пардохт наменамояд. Б.В. Яселенко баён медорад, ки зери мафҳуми ройгон ба мақсад мувофиқ мебуд агар гирифтан ва ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс бе ба молик ё соҳиби дигари қонунии молу мулк пешниҳод намудани эквиваленти арзиши молу мулки тасарруфшуда дар шакли маблағи муайяни пулӣ, дигар молу мулки баробарарзиш фаҳмида шавад[217]. В.В. Винокуров низ чунин андеша дорад, ки ройгон ситонидани

[216] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №18415/16 // Бойгонии Суди ноҳияи Б. Ғафуров. – 26 январи 2016.
[217] Ниг.: Уголовное право России. Части Общая и Особенная / под ред. А.И. Рарога. 6-е изд. М.: ТК «Велби»; – Проспект, 2008. – С. 378 (автор главы – Б.В. Яцеленко).

молу мулк бидуни пешниҳод намудани пардохти эвивалентӣ, ки мумкин аст пулӣ, аслӣ ё меҳнатӣ бошад, эътироф мешавад[218].

Пардохти ғайриэквивалентӣ, яъне қисми арзиши молу мулки гирифташуда ба андозаи тасарруф таъсир расонида наметавонад[219]. Таҷрибаи судиву тафтишотӣ ҳам дар чунин мавқеъ буда, ҳаракатҳои шахсеро, ки қисман арзиши молу мулки предмети тасарруфро пардохт менамояд, ҳамчун тасарруф эътироф мекунад[220].

Масалан, шаҳрванд Ф.А. барои бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳо тасарруфи маблағи 78480 сомонӣ бо қ.4 б. «б» м.245 ва қ.2 б. б. «а, б» м.340 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудааст. Чунки, ки номбурда дар асоси фармони директори генералии Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Ангишт»-и КВД «Ангишти Тоҷик»-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи мудири анбори кони №8 ҶСК «Ангишт»-и шаҳри Исфара кор карда, ҳамзамон дар асоси шартномаи ҷавобгарии моддии пурраи фардӣ байни директори генералии ҶСК «Ангишт» басташуда ҳамчун шахси ҷавобгарии моддидошта ба ҳисоб рафта, зимни иҷрои вазифаҳои хизматии бевоситаи худ аз моҳи феврали соли 2016 то моҳи июли соли 2017 ба анбори кони №8 ҶСК «Ангишт» ба миқдори умумии 13422,59 тонна ангишти аз кони мазкур истихроҷшударо барои нигоҳдорӣ ва содироти минбаъда қабул намудааст.

Баъдан, шаҳрванд М.М., бо мақсади ғаразнок, яъне тасарруфи молу мулки давлатӣ, ки ба ӯ бовар карда супорида шудааст ва дар ихтиёрдориаш қарор дорад, аз миқдори умумии ангишти истихроҷшуда як қисми ангишти навъи «БСШ»-ро ба миқдори 545 тонна ба маблағи умумии 78480 сомониро дар давраи аз моҳи феврали соли 2016 то моҳи июли соли 2017 ғайриқонунӣ

[218] Ниг.: Винокуров В.Н. Понятие и признаки хищения. Формы и виды хищений: учебное пособие. – Красноярск, 2004. – С. 46.
[219] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации // Под общ. ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М.: 1996. – С. 350.
[220] Ниг.: О судебной практике по делам о хищении государственного или общественного имущества: Постановление Пленума Верховного Суда СССР №4 ОТ 11 июля 1971 г./ Сборник постановлений пленумов Верховных Судов СССР, РСФСР по уголовным делам. – М., 2001. – С. 72.

ба фурӯш бароварда, маблағи аз он бадастомадаро бо роҳи азонихудкунӣ тасарруф намуда, дар эҳтиёҷоти шахсиаш сарф кардааст.

Бинобар сабаби пурра таллофӣ намудани зарари расонидашуда дар асоси таъиноти Суди шаҳри Исфара пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати охирон бинобар татбиқи санади авф қатъ карда шудааст[221].

Дар ин маврид, С.В. Скляров маънидодкунии васеи қонунро дида, чунин меҳисобад, ки қисман пардохт намудани молу мулки ситонидашаванда имконияти чунин ройгон эътироф намудани онро истисно менамояд. Бинобар ин, пешниҳод месозад, ки аломати ройгон аз мафҳуми тасарруф хориҷ карда шавад.[222] Аз мафҳуми тасарруф хориҷ намудани аломати ройгонро дигар олимон низ тарафдорӣ менамоянд[223]. Масалан, С.М.Кочои чунин баён намудааст, ки ройгон ҳангоми тасарруф тарафи дигари аломати мақсади ғаразнок ба шумор меравад. Ба ройгон будани тасарруф инчунин оқибати барои ҷамъият хавфнок, ки барои тасарруф хос буда (зарари воқеӣ), ҳангоми бо пардохт гирифтани молу мулки ғайр ҷой дошта наметавонад, ишора менамояд. Бо ин сабаб, С.М.Кочои низ пешниҳод менамояд, ки аломати ройгон аз мафҳуми тасарруф хориҷ карда шавад[224].

Ба андешаи мо «ройгон» аломати ҳатмии тасарруф буда, хориҷ намудани аломати мазкур ҳангоми татбиқ намудани қонун, пеш аз ҳама дар мавриди ҷудо намудани тасарруф аз дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият мушкилиҳо эҷод месозад.

Аломати дигари тасарруф ин **гирифтан** ва (ё) **ситонидани** молу мулки ғайр ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо вобаста ба аломати мазкури тасарруф матни эзоҳи м.244 КҶ ҶТ бо матни забони русии он мувофиқат намекунад. Чунки, дар матн бо забони русӣ иборaҳои «изъятие и (или) обращение» омадааст, ки тарҷумаи тоҷикии он бештар «бо гирифтан (ситонидан) ва (ё) гузаронидани (табдил

[221] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №13245/16 // Бойгонии Суди ш.Исфара. – Соли 2016.
[222] Ниг.: Скляров С.В. Асари ишорашуда – С. 66.
[223] Ниг.: Милюков С.В. Российское уголовное законодательство. Опыт критического анализа. – Спб., 2000. – С. 231; Данилов А.В. Асари ишорашуда. – С. 61.
[224] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 1998. – С. 78.

додан) « мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ибораҳои «гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр» бо ибораҳои «гирифтан ва (ё) гузаронидани молу мулки ғайр» иваз карда шавад, ки ин бештар бо матни он бо забони русӣ мувофиқ мебошад.

Аз мазмуни эзоҳи қ.1 м.244 КҶ ҶТ бармеояд, ки кирдор ҳангоми тасарруф бо се ҳаракат тавсиф мегардад:

1) гирифтани молу мулк;

2) гузаронидани (табдил додани) молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс;

3) гирифтан ва гузаронидани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс.

Вобаста ба аломати мазкури тасарруф дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳои гуногун иброз шудааст.

Гурӯҳи аввали олимон бар он ақидаанд, ки тасарруф ҳатман ҷой доштани ду унсурро талаб менамояд – ҳам гирифтан ва ҳам гузаронидани молу мулк[225]. Масалан, зери мафҳуми гирифтани молу мулки ғайр Л.Д. Гаухман аз соҳибии молик ё соҳиби дигари қонунӣ ҷудо намудани молу мулк ва якбора газаринидани он ба соҳибияти гунаҳгор ё шахси дигарро мефаҳмад. Гирифтан ҳама вақт бо гузаронидани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё шахси дигар алоқаманд мебошад. Ҳангоми гирифтан аллакай дар лаҳзаи содир шудани он худи гузариши молу мулк ба соҳибии гунаҳгор бархилофи иродаи молик ё соҳиби дигари молу мулк амалӣ мешавад[226].

Тасарруфи дилхоҳ ҳама вақт ҳам бо гирифтан ва ҳам бо гузаронидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс тавсиф мегардад[227]. Масалан, Ю.И. Ляпунов азонихудкуниро баррасӣ намуда, чунин менависад:

---

[225] Ниг.: Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть / под ред. Л.В. Иногамовой Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. – М.: Проспект, 2010. – С. 178 (автор главы – Г.Н. Борзенков); Научно-практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. В 2 т. Т. 1 / под ред. П.Н. Панченко. – Н. Новгород, 1996. – С. 402 (автор главы – А.Ю. Чупрова)

[226] Ниг.: Гаухман Л. Д., Максимов С. В. Уголовная ответственность за преступления в сфере экономики. – М., 1996. – С. 74-75.

[227] Ниг.: Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – С. 226–228; Уголовное право России. Часть Особенная / отв. ред. Л.Л. Кругликов. – М., 2004. – С. 207 (автор главы – Э.С. Тенчов)

азонихудкунӣ ҳаракатҳои фаъолро ифода мекунад, ки дар гирифтан, ҷудо намудани арзишҳои моливу моддии ба гунаҳгор боваркардашуда ва гузаронидани он ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс ифода мегардад[228].

Н.А. Лопашенко низ дар чунин мавқеъ буда, андеша дорад, ки «тасарруфи дилхоҳ аз гирифтани молу мулк оғоз мегардад, яъне иснисно намудани соҳибии молики қонунӣ. Аммо, чунин ҳолат барои хотимаёфта эътироф намудани тасарруф кифоя нест. Дар ин асно, зарур аст, ки иваз намудани молики қонунӣ ба истифодабарандаи ғайриқонунӣ сурат гирад, яъне гузаштани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс амалӣ гардад. Давраи гузаронидани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс ифодагари он аст, ки тасарруф хотима ёфтааст, ба итмом расидааст»[229].

Ба чунин ақида розӣ будан мушкил аст, зеро агар қонунгузор чунин меҳисобид, пас ҳангоми муайян намудани мафҳуми тасарруф пайвандаки «ё»-ро байни калимаҳои «гирифтан» ва «гузаронидан» истифода намекард.

Гурӯҳи дуюми олимон бар он эътимод доранд, ки содир гардидани тасарруф бо роҳи гирифтан ва гузаронидани молу мулк танҳо бо роҳи гузаронидани молу мулк ба фоидаи худ ё шахси дигар имконпазир аст. Дар баробари ин, ишора мешавад, ки бо роҳи гузаронидан танҳо ду ҷиноят содир шуда метавонанд - азонихудкунӣ ё исрофкорӣ[230] ё гузаронидан барои тасарруфи молу мулки ғайриманқул хос мебошад[231]. Н.А. Карпова ва А.Г. Безверхов чунин меҳисобанд, ки бо роҳи гузаронидан, инчунин қаллобӣ низ содир мешавад[232].

Ба андешаи Н.Д. Эрашвили бошад, гирифтани молу мулки ғайр бо якбора гузаронидани он ба фоидаи гунаҳгор ё шахси дигар ҳангоми дуздӣ,

---

[228] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., 1998. – С. 248 (автор – Ю.И. Ляпунов).
[229] Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С. 73.
[230]Ниг.: Постатейный комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под ред. А.И. Чучаева. – М., 2004. – С. 358–359 (автор главы – И.Я. Козаченко); Уголовное право России. Особенная часть / под ред. А.И. Рарога. – М.: –Эксмо, 2009. – С. 154–155 (автор главы – А.И. Рарог).
[231] Ниг.: Мальцев В.В. Ответственность за преступления против собственности. – Волгоград, 1999. – С. 31.
[232] Ниг.: Безверхов А.Г. Асари ишорашуда. – С. 225; Карпова Н.А. Хищение чужого имущества: вопросы квалификации и проблемы дифференциации уголовной ответственности. – М.: ИД «Юриспруденция», 2011. – С. 12.

ғоратгарӣ, роҳзанӣ, инчунин қаллобӣ ҷой дорад. Якбора гузаронидани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс танҳо ҳангоми исрофкории молу мулки ғайр имконпазир аст, чунки дар ин маврид гунаҳгор зарурати гирифтани онро надошта, молу мулк алакай ба ӯ бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш қарор дорад. Ҳангоми азонихудкунии молу мулке, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, мумкин аст гирифтани ин молу мулк бо якбора гузаронидани он ба фоидаи гунаҳгор ё шахси дигар ё танҳо гузаронидани чунин молу мулк ҷой дошта бошад[233].

Вобаста ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қотеона ишора мешавад, ки дар ҷинояти мазкур гирифтани молу мулк ҷой дошта наметавонад[234]. Масалан, ба андешаи А.Н.Игнатев маҳз ҷой надоштани гирифтан азонихудкуниро аз дуздӣ ва ғоратгарӣ фарқ менамояд[235]. Ҳангоми тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ гузаронидани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс бе пешакӣ гирифтани он сурат мегирад[236], чунки предмети ҷиноят аллакай дар соҳибии гунаҳгор қарор дорад ва ба ӯ аз рӯйи асосҳои гуногун бовар карда супорида шудааст (барои нигоҳ доштан, идора кардан, интиқол додан ва ғайра)[237].

Мавқеи охирони олимонро тарафдорӣ намуда, мо низ андеша дорем, ки вобаста ба маънидоднамоии қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ мумкин аст дар бораи мавҷуд будани шаклҳои тасарруф сухан ронд, ки дар онҳо элементи гирифтани молу мулки ғайр аз молик ҷой надорад. Маҳз ба чунин шакли тасарруф метавон пеш аз ҳама азонихудкунӣ ё исрофкориро дохил намуд, чунки ҳангоми он молик ё соҳиби дигар дар асоси қонун молу мулки худро ба гунаҳгор бовар карда месупорад. Аз ин ҷо ғайриқонунӣ гирифтани молу

---

[233] Ниг.: Эрашвили Н.Д. Объективные признаки присвоения и растраты / Н.Д. Эрашвили // Вестник Московского университета МВД России. – №9 – 2015. – С. 230.
[234] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / Под ред. В.Н. Петрашева. – М., 2001. – С. 168–169; Постатейный комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под ред. А.И. Чучаева. – М., 2004. – С. 358-359
[235] Ниг.: Игнатов А.Н., Красиков Ю.А. Курс российского уголовного права: В 2 т. Т. 2. Особенная часть. – М.: Издательство НОРМА, 2002. – С. 232-233.
[236] Ниг.: Уголовное право России. Части Общая и Особенная / под ред. А.И. Рарога. 6е изд. М.: ТК «Велби»; – Проспект, 2008. – С. 377–378 (автор главы – Б.В. Яцеленко)
[237] Ниг.: Бакрадзе А.А. Асари ишорашуда. – С. 62.

мулк аз молик ё соҳиби дигар дар ин маврид ҷой надорад, чунки молу мулк ихтиёран ба ҷинояткор дода мешавад. Дар чунин ҳолат асос барои тасдиқ намудани он ки ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулк ғайриқонунӣ аз молик ё соҳиби дигар гирифта мешавад, ҷой надорад.

Чӣ тавре ба назар мерасад, мавҷуд набудани ғайриқонунӣ гирифтани молу мулки ғайр ё соҳиби дигар яке аз хусусиятҳое ба ҳисоб меравад, ки азонихудкуниро аз дигар шаклҳои тасарруф фарқ месозад.

Ҳамин тавр, мумкин аст эътироф намуд, ки тарафи объективии азонихудкунӣ ҳамчун шакли тасарруф дар ғайриқонунӣ гузаштани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс бе аломати ғайриқонунӣ гирифтани ин молу мулк аз молик ё соҳиби дигар ифода мегардад.

Новобаста ба он ки азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар як модда (м.245 КҶ ҶТ) мустаҳакам шудааст, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ баён мешавад, ки дар м.245 КҶ ҶТ қонунгузор ду шакли мустақили тасарруфро муқаррар намудааст: 1) азонихудкунӣ; 2) исрофкорӣ.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009, №22 низ омадааст, ки «ҷинояти дар м.245-и КҶ ҶТ нишондода, ду шакли тасарруфи молу мулки ғайрро бо аломатҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад ва ҳар кадомашон хусусияти хоси худро доро мебошанд, пешбинӣ кардааст. Аз ин лиҳоз, ҳангоми гузаронидани тафтиши пешакӣ ва баррасии парвандаҳои мансуб ба ин ҷиноятҳо зарур аст, ки аломатҳои таркибии азонихудкунӣ ё исрофкориро муайян карда, ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шавад» (б.2).

Қарори пленуми мазкур ба таври алоҳида мафҳумҳои азонихудкунӣ ва исрофкориро медиҳад:

Тахти мафҳуми азонихудкунӣ – аз ҷониби шахс ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва ба манфиати худ табдил додани молу мулки ғайр, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, фаҳмида мешавад.

Исрофкорӣ ҳамчун намуди мустақили тасарруф – аз тарафи шахс дар ҳар шакл боғараз, ройгон, бе бозгашт ба фоидаи худ ё шахси дигар бегона кардан ё ин ки истифода намудани молу мулки ба ӯ бовар кардашуда ё дар ихтиёраш бударо дар бар мегирад (б.3)[238].

Чӣ тавре ба назар мерасад, Пленум ҳангоми тавсифи мафҳуми азонихудкунӣ тамоми аломатҳои ба тасарруф хос бударо, ки дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд, истифода намудааст.

Ҳангоми муайян намудани исрофкорӣ бошад Пленум чунин аломатҳои умумии тасарруфро ба монандӣ ғайриқонунӣ ва гирифтани молу мулки ғайрро сарфи назар намудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ба таври гуногун муайян карда мешавад.

**Гурӯҳи аввали олимон** чунин мавқеъро ишғол менамоянд, ки мувофиқи он исрофкорӣ – ин воқеан сарф намудан, бегона кардани молу мулк буда, азонихудкунӣ танҳо ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба молу мулк ба ҳисоб меравад[239], яъне ҳамчун аломати фарқкунандаи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ба он ишора месозанд, ки дар фарқият аз азонихудкунӣ ҳангоми исрофкорӣ молу мулки тасарруфшуда аллакай сарф ё бегона карда шудааст.

Масалан, С. Севрюков мафҳуми азонихудкунӣ ва исрофкориро ба таври зайл муайян менамояд: Азонихудкунӣ ин яке аз шаклҳои тасарруф буда, аз бо мақсади ғаразнок, ғайриқонунӣ ва ройгон ба фоидаи худ ё шахси дигар гирифтани молу мулк ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, ба молик ё соҳиби дигари молу мулк зарар расонидааст, агар гунаҳгор молу

---

[238] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои (2002-2019). – Душанбе, 2019. – С. 105.

[239] Ниг.: Иванов М.Г., Иванова О.М. Проблемы квалификации и расследования служебно-экономических преступлений в сфере имущественных отношений. – М., 2013. – С. 67.

мулки мазкурро сарф накарда бошад ё бегона намудани молу мулки зикршударо анҷом надода бошад, иборат аст.

Исрофкорӣ ҳамчун шакли тасарруф бо мақсади ғаразнок содир гардида, дар ғайриқонунӣ ва ройгон гузаронидани молу мулки ба гунаҳгор бовар кардашуда ба фоидаи худ ё шахси дигар, ки дар натиҷаи он ба молик ё соҳиби дигари ин молу мулк зарар расонида мешавад, агар дар лаҳзаи ошкор шудани далели тасарруф гунаҳгор аллакай молу мулкро сарф карда бошад ё бегона намудани онро анҷом дода бошад, ифода мегардад[240].

Аз таърифҳои зикршуда маълум мешавад, ки азонихудкунӣ аз исрофкорӣ танҳо вобаста бо он фарқ менамояд, ки ҳангоми азонихудкунӣ гунаҳгор молу мулкро ҳануз сарф ё бегона накардааст, ҳангоми исрофкорӣ бошад, гунаҳгор аллакай молу мулкро сарф ё бегона намудааст.

Ҳаракатҳои шахс ҳамчун азонихудкунӣ бандубаст карда мешавад, агар он дар бо мақсади ғаразнок гирифтан, ҷудо намудан, нигоҳ доштани молу мулки ба гунаҳгор бовар кардашуда ва ғайриқонунӣ гузаронидани он бо роҳи муқаррар намудани соҳибии ғайриқонунӣ ифода гардида бошад. Ҳамчун исрофкорӣ бояд ғайриқонунӣ бо мақсади ғаразнок гузаронидани молу мулки ба гунаҳгор боваркардашуда бо роҳи истеъмол намудан, сарф кардан ё бегона намудан, бандубаст карда шавад, агар байни соҳибии қонунӣ ва ғайриқонунӣ гузаронидан ин ё он доираи вақт, ки дар ҷараёни он гунаҳгор ғайриқонунӣ молу мулки бовар карда шударо соҳибӣ намудааст ҷой надошта бошад[241].

Чӣ тавре мебинем, С. Данилов ба сифати аломати фарқкунандаи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ истеъмол намудан, сарф кардан ё бегона намудани молу мулки тасарруфшударо мегузорад. Инчунин, байни соҳибии қонунӣ ва ғайриқонунӣ гузаронидани молу мулк бояд доираи вақт ҷой надошта бошад, яъне критерияи асосии фарқкунандаи азонихудкунӣ аз исрофкорӣ лаҳзаи хотимаёбии ҷиноят эътироф мешавад, ки он бо муқаррар

[240] Ниг.: Севрюков А.П. Асари ишорашуда. – С. 152-154.
[241] Ниг.: Данилов А.В. Асари ишорашуда. – С. 69-70.

намудани соҳибии ғайриқонунӣ аз болои молу мулки бовар карда супоридашуда алоқаманд мебошад.

Ю.И. Ляпунов низ тасдиқ менамояд, ки хусусияти исрофкорӣ дар он ифода мегардад, ки дар фарқият аз азонихудкунӣ байни соҳибии қонунӣ ва ихтиёрдории ғайриқонунии молу мулк доираи вақт, ки дар рафти он гунаҳгор ғайриқонунӣ молу мулкро соҳибӣ менамояд, ҷой надорад[242].

Г.Л. Кригер ва З.А. Незнамова баён медоранд, ки азонихудкунӣ дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар молу мулки азонихудкардашуда дар намуди аслӣ мавҷуд бошад ва мумкин аст ба молик баргардонида шавад, ҳангоми исрофкорӣ бошад, дар лаҳзаи тафтиши парвандаи ҷиноятӣ молу мулк дар гунаҳгор нест ва ба молик мумкин аст танҳо арзиши он пардохт карда шавад[243]. Мавқеи ишғолнамудани С. Годунов ба ин гурӯҳи олимон наздик мебошад. Аз ҷумла, азонихудкуниро ҳамчун бо мақсади ғаразнок, ғайриқонунӣ, ройгон ҷудо намудан ва нигоҳ доштани молу мулки ғайр ва ба фоидаи худ гузаронидани он, ки ба молики ин молу мулк зарар расонидааст, муайян месозад. Зери мафҳуми исрофкорӣ бошад, ғайриқонунӣ бо мақсади ғаразнок, ройгон, бегона намудан ё истеъмол намудани молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, ба фоидаи худ ё шахсони дигар фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа ба молики ин молу мулк зарар расонида шудааст[244]. Аз таърифи зикршуда чунин аломатҳои фарқкунандаи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ бармеоянд. Ҳангоми азонихудкунӣ – ҷудо кардан ва нигоҳ доштани молу мулки бовар карда супоридашуда ва ба фоидаи худ гузаронидани чунин молу мулк, ҳангоми исрофкорӣ бошад – бегона кардан ё истеъмоли молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, на танҳо ба фоидаи худ, балки инчунин ба фоидаи шахсони дигар.

---

[242] Ниг.: Комментарий к УК РФ / Под общ. ред. В.М. Лебедева и Ю.И. Скуратова. – М.: Изд. НОРМА, 2002. – С. 393.

[243] Курс российского уголовного права. Особенная часть / под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. – М., 2002. – С. 347 (автор главы – Г.Л. Кригер); Уголовное право. Особенная часть / отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 2001. – С. 295 (автор главы – З.А. Незнамова).

[244] Ниг.: Годунов О.И. Асари ишорашуда. – С. 75.

**Гурӯҳи дигари олимон** исрофкориро ҳамчун идомаи азонихудкунӣ, давраи дигари он меҳисобанд. Масалан, А.Н. Игнатев менависад: «Исрофкорӣ давраи дигар пас аз азонихудкунӣ маҳсуб меёбад. Барои он ки молу мулкро исроф намуд аввал онро бояд азонихуд намуд»[245].

Ба андешаи И.Я. Козаченко исрофкорӣ ҳамчун давраи дигари идомаёбандаи фаъолияти ҷиноятии азонихудкунии молу мулки ғайр ҳисоб мешавад. Бинобар ин, исрофкорӣ хавфнокии бештари ҷамъиятӣ дорад, чунки он бо мушкилӣ ва имконнопазирии пардохт намудани зарари моддии ҳангоми тасарруф бо роҳи исрофкорӣ расонидашуда муайян мегардад[246]. И. Упоров ва Г. Городенсев чунин мавқеро тарафдорӣ намуда, менависанд, ки азонихудкунӣ дар як вақт ҳам шакли мустиқили тасарруф ва ҳам давраи аввал ҳангоми содир намудани шакли дигари тасарруф дар намуди исрофкорӣ ба ҳисоб меравад. Ин ду кирдор дар бисёр ҳолатҳо пайдарҳам содир мешаванд – молу мулкро азонихудкунанда одатан минбаъд онро исроф мекунад[247].

Бо чунин мавқеъ розӣ будан мушкил аст. Зеро дар ҳар ҳолати содир шудани исрофкорӣ зарурати муқаррар намудани азонихудкунӣ талаб карда мешуд. Аммо дар таҷриба ҳастанд ҳолатҳое, ки зимнан доираи вақт, ки дар ҷараёни он шахс сараввал ғайриқонунӣ молу мулки ғайрро азонихуд (соҳибӣ) намуда бошад, ҷой надорад.

Масалан, мудири анбори Корхонаи воҳиди давлатии «Дезинфексия»-и шаҳри Душанбе – шаҳрванд Р.М., ҳамчун шахси масъулияти моддидошта дар асоси борхатҳо ба ихтиёри худ маводу маҳсулоти дезинфексиякунониро қабул ва онро дар анбори корхона расман нигоҳ медошт. Минбаъд номбурда бо мақсади ғаразнок, яъне бо роҳи исрофкорӣ тасарруфи молу мулки ғайр, қисми маводҳои дезинфексиониро ғайриқонунӣ ба фурӯш баровард. Аз

[245] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – М., 2004. – С. 374 (автор комментария к главе 21 УК – А.Н. Игнатов).
[246] Ниг.: Постатейный комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под ред. А.И. Чучаева. – М., 2004. – С. 373 (автор главы – И.Я. Козаченко)
[247] Ниг.: Упоров И., Городенцев Г. Понятие присвоение и растраты вверенного имущества в уголовном праве России / И. Упоров, Г. Городенцев // Уголовное право. – 2004 – № 4 – С. 97.

ҷумла, 05 майи соли 2020 8 кг хокаи хлорӣ ба маблағи 130 сомонӣ, 6 майи соли 2020 5-литр маҳлули дезинфексиякунонии «Славин» ва 40 кг хокаи хлорӣ ба маблағи 1620 сомонӣ ва 7 майи соли 2020 ба микдори 160 кг хокаи хлорӣ ба маблағи 2050 сомонӣ, ҷамъ ба маблағи 3770 сомонӣ ба харидори шартӣ ба фурӯш бароварда, маблағи мазкурро дар эҳтиёҷоти шахсиаш сарф намуд.

Суд шаҳрванд Р.М.бо қ.2 б. «г» м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста, ба ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол таъин намудааст[248].

Ғайр аз ин, пас аз он ки азонихудкунӣ хотимаёфта эътироф мешавад, барои бандубасти ҷиноят муҳим нест, ки гунаҳгор чӣ тавр ба молу мулки ғайр ихтиёрдорӣ менамояд, аз ҷумла онро сарф мекунад, бегона месозад ва ғайра. Яъне ҳаракатҳои минбаъдае, ки бо молу мулки азонихудшуда анҷом дода мешаванд, аз ҷумла сарф кардан, истеъмол намудан ва ғайра аҳамияти ҳуқуқӣ надошта, ин раванд азонихудкунро ба исрофкорӣ мубаддал намесозад. Бинобар ин, барои исрофкориро ҳамчун шакли нисбатан хавфноки тасарруф ҳисоб намудан, аз азонихудкунӣ вобастагӣ надорад ва чунин мавқеъ асоснок намебошад. Бар замми ин, андешаҳои зикршуда мавҷуд будани ифрофкориро ҳамчун шакли мустақили тасарруф зери шубҳа мегузорад. Бахусус, азонихудкунӣ пеш аз исрофкорӣ сурат намегирад ва исрофкорӣ пас аз азонихудкунӣ амалӣ мегардад.

Олимони дигар пешниҳод менамоянд, ки мафҳумҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ба ҳам наздик буда, бояд аз яке аз ин мафҳумҳо даст кашид[249] ё мафҳуми чунин шакли тасарруфро ба таври дигар муайян намуд[250].

Масалан, А.В. Шулга чунин мешуморад, ки мазмуни ибораҳои «азонихудкунӣ» ва «исрофкорӣ» ҳаммаъно буда, онҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробаранд. Бинобар ин, қонун бояд аз мафҳумҳои мазкур даст кашад. Ба

[248] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №50036/20 // Бойгонии суди шаҳри Душанбе. – Соли 2020.
[249] Ниг.: Елисеев С.А. Асари ишорашуда. – С. 111; Мальцев В.В. Ответственность за преступления против собственности. – Волгоград, 1999. – С. 34; Иванов М.Г., Иванова О.М. Проблемы квалификации и расследования служебноэкономических преступлений в сфере имущественных отношений. – М., 2013. – С. 65.
[250] Ниг.: Успенский А.О. О недостатках определений некоторых форм хищений в новом УК / А.О. Успенский // Законность. – 1997. – №2. – С. 35.

ҷой надоштани фарқият байни азонихудкунӣ ва исрофкорӣ он ҳолат ишора менамояд, ки молу мулки ғайрро исроф намуда, субъекти ҷиноят мақсади ниҳоии азонихуд кардани арзиши онро дар ифодаи пулӣ ё дигар шакл дорад[251]. А. Устинов бошад тасдиқ медорад, ки худи дар қонун номбар шудани усулҳои тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, яъне азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шубҳаовар мебошад, чунки ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ як хел муқаррар шудааст. Дар таркиби ҷинояти мазкур нақши асосиро муносибати гунаҳгор ба молу мулки тасарруфшаванда мебозад, яъне он ҳолате ки молу мулки мазкур ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст. Маҳз муносибати махсуси гунаҳгор ба предмети тасарруф унсури махсуси созмондиҳандаи таркиби ин ҷиноят ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҷинояти мазкур бояд ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайри ба гунаҳгор боваркарда супорида шуда муайян карда шавад[252].

Албатта бо чунин андешаҳо розӣ будан мушкил аст. Аммо бояд сари он масъала фикр намуд, ки чӣ тавр қонунро бояд возеҳу фаҳмо навишт, то ки фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда дар ин самт содда гардад.

Мо андешаи он олимонро тарафдорӣ менамоем, ки азонихудкунӣ ва исрофкориро шакли мустақили тасарруф эътироф менамоянд. Пленуми Суди Олии ҶТ низ дар чунин мавқеъ қарор дорад[253]. Аломати асосии фарқкунандаи азонихудкунӣ аз исрофкорӣ дар он аст, ки ҳангоми азонихудкунӣ гузаронидани молу мулки ғайр ба соҳибияти гунаҳгор ҷой дорад, дар исрофкорӣ бошад, молу мулки ғайр ба фоидаи худ ё шахси дигар сарф ё бегона карда мешавад.

Вобаста ба ин таърифи тасарруф дар шакли азонихудкуниро чунин муайян намудан мумкин аст: азонихудкунӣ, ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон

[251] Ниг.: Шульга А.В. Асари ишорашуда. – С. 33.
[252] Ниг.: Успенский А.О. О недостатках определений некоторых форм хищений в новом УК / А.О Успенский. // Законность. – 1997. – №2. – С. 35.
[253] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009 №22 / Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои (2002-2019). – Душанбе, 2019. – С. 105.

ба соҳибияти худ гузаронидани молу мулке мебошад, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад.

Исрофкорӣ бошад ин ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон сарф намудан, бегона намудани молу мулке мебошад, ки ба гунаҳгор боваркарда супорида шудааст ё дар ихтиёраш аст.

Аз сабаби он ки азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шаклҳои мустақили тасарруф мебошанд, бинобар ин бо мақсади тафовути ҷавобгарии ҷиноятӣ, фарқ кардани ҷиноятҳои мазкур аз ҳамдигар ва аз дигар таркиби ҷиноятҳои ҳаммонанд ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар сатҳи қонунгузорӣ таркиби мазкури ҷиноятҳо дар моддаҳои алоҳидаи боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳкам карда шавад: м.245 «Азонихудкунӣ» ва м.245[1] «Исрофкорӣ».

Ба шакли мустақили тасарруф мансуб будани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ боз чунин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки лаҳзаи ба итмом расидани ҷиноятҳои мазкур гуногун мебошанд.

Чунончи, мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009, №22 «Азонихудкунӣ аз лаҳзае, ки молу мулк ба нигаҳдошти ғайриқонунии гунаҳгор гузашта, ӯ имкони истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ кардани онро пайдо мекунад, ҷинояти хотимаёфта эътироф мешавад (аз ҷумла, бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳои расмие, ки ҳолати дар ихтиёри гунаҳгор мавҷуд будани молу мулки тасарруфшударо вонамуд мекунад).

Аз ҷумла, шаҳрванд А.Х., бо қ.4 б. «б» м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудааст.Чунончи,ӯ ба сифати хазинадори калон оид ба харҷи пул дар қисми амалиётии филиали Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истода, бо мақсади бо роҳи азонихудкунӣ тасарруфи молу мулки ғайр 4 ва 5-уми январи соли 2020, ки рӯзҳои истироҳатӣ ба шумор мерафтанд, бо истифодаи ваколати мансабии худ аз хазинаи филиали зикршуда маблағи 550 000 сомонии ба ӯ бовар карда супурдашударо

тасарруф намуда, дар эҳтиёҷоти шахсии худ сарф намудааст. Шаҳрванд А.Х. ҷиҳати рӯйпӯш намудани ҷинояти содиркардааш бо роҳи сохтакорӣ санад барои фиристодани пули нақд ва дороиҳои шакли Ш-№61-ро тартиб додааст, ки гӯё дар ҳамон рӯз аз хазинаи филиал ба маркази хизматрасонии бонкӣ маблағи 200 000 сомонӣ хароҷот кардааст ва ин ҳуҷҷати баръало қалбакиро ба масъулини филиал пешниҳод кардааст[254]. Исрофкорӣ дар ҳолате ҷинояти хотимаёфта дониста мешавад, ки шахс воқеан молу мулкро ихтиёрдорӣ карда, ҷараёни бегонакунии онро ба анҷом расонида бошад» (б.5)[255].

Масалан, аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ муайян шудааст, ки, бо мақсади амалӣ намудани Лоиҳаи «Барқарорсозӣ ва сохтумони хатти баландшиддати интиқоли нерӯйи барқи 500кВ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» ва ҷалби қарзи имтиёзнок байни ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳамҷун фармоишгар ва намояндагони ширкати саҳомии дорои масъулияташ маҳдуди «ТВЕА» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пудратчӣ қарородод ба маблағи 79000000 доллари ИМА ба имзо расонида шудааст. Дар асоси фармоиши раиси ШСХК «Барқи Тоҷик» назорати лоиҳаи ба зимаи директори иҷроияи МД «Маркази идораи лоиҳаҳои бахши энергетика» шаҳрванд Н.Р. вогузор карда шудааст. Шаҳрванд Н.Р. дар навбати худ, тибқи маслиҳати пешакӣ бо роҳбари Лоиҳаи «Барқарорсозӣ ва сохтумони хатти баландшиддати интиқоли нерӯйи барқи 500кВ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» шаҳрванд С.М.ва сарпарасти ҳамин Лоиҳа шаҳрванд З.Р. амал намуда, дидаву дониста, ки аз тарафи пудрачӣ зимни иҷрои корҳо оиди васли пояҳои оҳанин дар ҳафт ҳолат ба изофанависии корҳои заминӣ - сохтани таҳкурсӣ ва васли лавозимотҳо ба маблағи умумии 4098410 доллари ИМА баробар ба 38618087,9 сомонӣ даст заданд, бо мақсади ғаразнок дар санадҳои иҷроиши корҳои сохтмонӣ имзо ва муҳрро гузошта, корҳои воқеан иҷронашударо қабул намуданд, ки дар натиҷа маблағи 38618087,9 сомониро ба манфиати

[254] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №50081/20 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе. – Соли 2020.

[255] Ниг.: Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2002–2019. –Душанбе, 2019. – С. 105-106.

пудратчӣ бе бозгашт бо роҳи исрофкорӣ хароҷот намуданд. Дар натиҷаи кирдори шахсони болозикр ба давлат ба миқдори махсусан калон зарари моддӣ расонида шудааст.

Дар ин хусус, нисбати шаҳрвандон З.Р., С.М., ва Н.Р. бо қ.4 б. «б» м.245 қ.4 б. «б» ва қ.2 б. б. «б, в» М.340 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, бинобар дар рафти тафтиши пешакӣ пурра барқарор гардидани зарарҳои моддӣ пешбурди парвандаи ҷиноятии мазкур қатъ карда шудааст[256].

Ба андешаи С.И. Никулина гузаштан аз соҳибии қонунӣ ба соҳибии ғайриқонунӣ лаҳзаи содир гаштани азонихудкуниро инъикос менамояд[257]. Тақдири минбаъдаи молу мулки мазкур берун аз доираи таркиби ҷиноят боқӣ мемонад: гунаҳгор метавонад молу мулки мазкурро фурӯшад, туҳфа намояд, сарф кунад ва ғайра. Чунин ҳолат барои бандубасти кирдор таъсир намерасонад[258]. Ю.И. Ляпунов баён менамояд, ки азонихудкунӣ ҳамчун шакли тасарруф аз лаҳзаи ситонидан ва ҷудо намудани молу мулки ғайр аз дигар молу мулки ба молик тааллуқдошта ва дар як вақт ҳамроҳ намудани он ба молу мулки шахсии субъекти ҷиноят бо мақсади ихтиёрдорӣ намудан ба он ҳамчун молу мулки худ, хотимаёфта эътироф мешавад[259].

Ба андешаи Н.А. Лопашенко исрофкорӣ аз лаҳзае хотимаёфта эътироф мешавад, ки гунаҳгор молу мулки бовар карда супоридашударо аз соҳибии қонунии молик бегона менамояд ва имконияти воқеии аз рӯйи салоҳдиди худ истифода ё ихтиёрдорӣ намудани молу мулки бар ивази он бадастоварда ё иҷрои кору хизматрасонии бар ивази он пешниҳодшударо доро мебошад[260].

Ба андешаи мо исрофкорӣ аз лаҳзаи воқеан сарф намудан, бегона кардани молу мулки ғайр хотимаёфта эътироф мешавад.

Хусусияти исрофкорӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар фарқият аз азонихудкунӣ байни соҳибии қонунӣ ва ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани

---

[256] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №17186/21 //. Бойгонии Суди И. Сомонии ш.Душанбе – Соли 2021.
[257] Уголовное право. Общая и Особенная части: Учебник для вузов /под общ. ред. М.П. Журавлева и С.И. Никулина – М., 2004. – С. 79.
[258] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: (постатейный) /Отв.ред. Л.Л. Кругликов. Автор – Н.А. Лопашенко. – М., 2005. – С. 489.
[259] Ниг.: Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации (постатейный). Под общ.ред. Н.Г. Кадникова. Автор - Ю.И. Лапунов. – М., 2005. – С. 401.
[260] Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С. 229.

молу мулк доираи вақт, ки дар ҷараёни он гунаҳгор ғайриқонунӣ чунин молу мулкро соҳибӣ менамояд, ҷой надорад[261]. Исрофкорӣ аз лаҳзаи ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани молу мулки ба гунаҳгор бовар карда супоридашуда, яъне вақте, ки ҷараёни сарф ё бегона намудани он пурра ба анҷом мерасад, хотимаёфта ҳисоб мегардад. Ҷараёни ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани молу мулк мумкин аст хусусияти яквақтина надошта бошад, балки аз якчанд лаҳзаҳои бегона намудани он иборат бошад, ки дар доираи вақт тул мекашанд. Исрофкорӣ аз лаҳзаи содир намудани амали охирони бегона намудани арзишҳои моддӣ ба итмом мерасад.

Ҳамин тавр, таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ моддӣ буда, ба сифати аломати ҳатмии таркиби ин ҷиноятҳо оқибати барои ҷамъият хавфнок баромад менамоянд. Оқибати ҷиноят ҳангоми азонихудкунӣ ва исрофкорӣ дар расонидаин зарари моддии воқеӣ ба молик иборат буда, андозаи онҳо вобаста ба арзиши молу мулки тасарруфшуда муайян карда мешаванд.

Дар натиҷаи таҳлили тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Матни эзоҳи м.244 КҶ ҶТ бо матни забони русии он мувофиқат намекунад. Чунки, дар матн бо забони русӣ ибораҳои «изъятие и (или) обращение» омадааст, ки тарҷумаи тоҷикии он бештар «бо гирифтан (ситонидан) ва (ё) гузаронидани (табдил додан) « мувофиқ мебошад. Аз руй пешниҳод мешавад, ки дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ибораҳои «гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр» бо ибораҳои «гирифтан ва (ё) гузаронидани молу мулки ғайр « иваз карда шавад, ки ин бештар бо матни он бо забони русӣ мувофиқ мебошад.

2. Вобаста ба маънидоднамоии қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ мумкин аст дар бораи мавҷуд будани шаклҳои тасарруф сухан ронд, ки дар онҳо элементи гирифтани молу мулки ғайр аз молик ҷой надорад. Маҳз ба чунин шакли

[261] Ниг.: Яни П. Хищение: некоторые вопросы предмета и ущерба / П. Яни // Законность – 1996. – №10. – С. 12-15.

тасарруф метавон пеш аз ҳама азонихудкунӣ ё исрофкориро дохил намуд. Чунки ҳангоми он молик ё соҳиби дигар дар асоси қонун молу мулки худро ба гунаҳгор бовар карда месупорад. Аз ин ҷо ғайриқонунӣ гирифтани молу мулк аз молик ё соҳиби дигар дар ин маврид ҷой надорад, зеро молу мулк ихтиёран ба ҷинояткор дода мешавад. Дар чунин ҳолат асос барои тасдиқ намудани он ки ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулк ғайриқонунӣ аз молик ё соҳиби дигар гирифта мешавад, ҷой надорад.

Чӣ тавре ба назар мерасад, мавҷуд набудани ғайриқонунӣ гирифтани молу мулки ғайр ё соҳиби дигар яке аз хусусиятҳое ба ҳисоб меравад, ки азонихудкуниро аз дигар шаклҳои тасарруф фарқ месозад.

Ҳамин тавр, мумкин аст эътироф намуд, ки тарафи объективии азонихудкунӣ ҳамчун шакли тасарруф дар ғайриқонунӣ гузаштани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс бе аломати ғайриқонунӣ гирифтани ин молу мулк аз молик ё соҳиби дигар ифода мегардад.

3. Мафҳуми тасарруф дар шакли азонихудкуниро чунин муайян намудан мумкин аст: Азонихудкунӣ, ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон ба соҳибияти худ гузаронидани молу мулке мебошад, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад.

Исрофкорӣ бошад – ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон сарф намудан, бегона намудани молу мулке мебошад, ки ба гунаҳгор боваркарда супорида шудааст ё дар ихтиёраш аст.

4. Аз сабаби он ки азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шаклҳои мустақили тасарруф мебошанд, бинобар ин бо мақсади тафовути ҷавобгарии ҷиноятӣ, фарқ кардани ҷиноятҳои мазкур аз ҳамдигар ва аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар сатҳи қонунгузорӣ таркиби мазкури ҷиноятҳо дар моддаҳои алоҳидаи боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳакам карда шавад: м.245 «Азонихудкунӣ» ва м.245$^{1}$ «Исрофкорӣ».

Аз шаклҳои мустақили тасарруф ба ҳисоб рафтани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ он чӣ низ шаҳодат медиҳад, ки лаҳзаи ба итмом расидани ҷиноятҳои мазкур гуногун мебошад.

Азонихудкунӣ аз лаҳзае, ки молу мулк ба нигаҳдошти ғайриқонунии гунаҳгор гузашта, ӯ имкони истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ кардани онро пайдо мекунад, ҷинояти хотимаёфта эътироф мешавад.

Исрофкорӣ аз лаҳзаи воқеан сарф намудан, бегона кардани молу мулки ғайр хотимаёфта ҳисоб мешавад.

5. Хусусияти исрофкорӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар фарқият аз азонихудкунӣ байни соҳибии қонунӣ ва ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани молу мулк доираи вақт, ки дар ҷараёни он гунаҳгор ғайриқонунӣ чунин молу мулкро соҳибӣ менамояд, ҷой надорад.

### 2.3. Хусусиятҳои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ

Субъекти ҷиноят яке аз аломатҳои асосии таркиби ҷиноят мебошад.

Субъекти ҷиноят ҳамчун унсури элементи таркиби умумии ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва факултативӣ (иловагӣ) мебошад. Ба қатори аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят қонунгузор аломатҳои умумии шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавандаро дохил менамояд. Мувофиқи қонунгузории ҷиноятӣ (м.22 КҶ) «танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудани ҳамин кодекс расидааст».

Аз меъёри мазкур бармеояд, ки субъекти умумии ҷиноят дорои се аломати ҳатмӣ мебошад:

1) шахси воқеӣ;

2) шахси мукаллаф;

3) шахсе, ки ба синни муқарраркардаи КҶ ҶТ расидааст.

Субъекти махсуси ҷиноят, шахсе мебошад, ки дар баробари аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои аломатҳои махсусе мебошад, ки дар моддаҳои

Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ин аломатҳои махсус барои таркибҳои мушаххаси ҷиноят ҳатмӣ мебошад[262].

Дар қонунгузории ҷиноятӣ одатан истилоҳи субъекти ҷиноят истифода бурда намешавад. Барои ифода кардани субъекти ҷиноят дар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ калимаҳои «гунаҳгор» ё «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст» ё «шахси гунаҳгор дар содир намудани ҷиноят» ва «маҳкумшуда» истифода карда мешавад[263].

Дар м.245 КҶ ҶТ низ қонунгузор ба сифати субъекти ҷиноят шахсеро номбар намудааст, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад. Бинобар ин, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ таркиби ҷинояте ба шумор меравaнд, ки бо мавҷуд будани субъекти махсус тавсиф мегардад. Аммо то ҳанӯз дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаи ягона дар мавриди киро субъекти махсуси шаклҳои мазкури тасарруф эътироф намудан, оид ба аломатҳо ва ваколатҳое, ки ӯ бояд доро бошад, ҷой надорад.

Масалан, А.И. Бойсов ва О.И. Годунов чунин меҳисобанд, ки тасарруфи дилхоҳ мавҷуд будани субъекти махсусро талаб мекунад, яъне шахси ғайри молик, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муқобили молик меистад ва уҳдадор аст аз халалдор сохтани ҳуқуқҳои молу мулкии молик худдорӣ намояд[264]. Муаллифони мазкур ба сифати аломати махсуси субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ «аломати соҳибии ғайримоликӣ»-ро ҷудо намуда, андешаи худро бо он асоснок менамоянд, ки гунаҳгор новобаста аз он ки молик ба ҳисоб наравад ҳам, аммо нисбати молу мулки тасарруфшаванда дорои ваколатҳои муайян мебошад. Ғайр аз ин, аломати иловагии субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, инчунин мақоми муайяни хизматии шахс баромад менамояд, ки тасарруфи молу мулки ғайрро анҷом додааст[265].

---

262 Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 210.

263 Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 109.

264 Ниг.: Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – 2002. – С. 278; Годунов О.И. Асари ишорашуда. – С. 81.

265 Ниг.: Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – С. 279; Годунов О.И. Асари ишорашуда. – С. 82.

Чунин мавқеъро С. Данилов тарафдорӣ намуда, баён кардааст, ки ба аломатҳои иловагӣ, ки субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкориро тавсиф медиҳанд, бояд инҳоро дохил намуд:

1) аломати ғайри молик, ки барои ҳама шаклҳои тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ хос мебошад;

2) аломатҳои соҳибикунандаи ғайри молик, яъне шахсе, ки нисбат ба молу мулки тасарруфшаванда ваколатҳои муайян дорад;

3) аломатҳои мақоми муайяни хизматиро ишғол намудан, ки субъекти азонихудкунӣ ё исрофкориро ҳангоми тасарруфи молу мулк бо истифода аз мақоми хизматӣ тавсиф медиҳад.

Шахсоне, ки аломатҳои зикршудаи иловагиро надоранд, наметавонанд на ба сифати иҷрокунандаи фардӣ ва на ҳамиҷрокунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бошанд, гарчанде мукаллаф ва ба синну солу муқаррарнамудаи қонун расида бошанд ҳам[266].

Мо бо чунин андеша розӣ шуда наметавонем, зеро аломатҳои иловагие, ки субъекти ҷиноятро тавсиф медиҳанд, бояд дар диспозитсияи моддаи қисми махсуси КҶ нишон дода шуда бошад. Дар м.245 КҶ ҶТ танҳо ду аломати субъекти махсуси ҷиноят муқаррар шудааст – шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст ё шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад.

Мавҷуд будани мақоми муайяни хизматии шахс, ки азонихудкунӣ ё исрофкориро содир намудааст, ба сифати аломати махсуси субъекти ҷиноятҳои мазкур дохил намешавад. Содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколатҳои мансабдорӣ ин ҳолати вазнинкунандае мебошад, ки дар б.»г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тавр, аломате, ки субъекти азонихудкунӣ ё исрофкориро ҳамчун субъекти махсус тавсиф медиҳад, дар он аст, ки ба чунин сифат шахсе баромад менамояд, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад.

266 Ниг.: Данилов А.В. Асари ишорашуда. – С. 95.

Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масъалаи муайян намудани шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст, ақидаҳои ягона ҷой надоранд. Баҳсҳо оид ба ин масъала асосан вобаста ба ҳолатҳои зерин баён мешаванд: 1) доираи ваколатҳо нисбат ба молу мулки бовар карда супоридашуда; 2) ба таври хаттӣ ё даҳонӣ бовар карда супорида шудани молу мулк; 3) ҳатмӣ будан ё набудани ҷой доштани ҷавобгарии моддии субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ.

**Вобаста ба ҳолати аввал, яъне доираи ваколатҳо нисбат ба молу мулки бовар карда супоридашуда дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд.**

Молу мулки бовар карда супоридашуда аз ҷониби молик ё соҳиби дигари қонунӣ додани молу мулкро ба шахсе, ки нисбати ин молу мулк бегона мебошад, барои амалӣ намудани баъзе ваколатҳои молик ё соҳиби қонунии онро ифода мекунад. Молу мулки бовар карда супоридашуда ҳам дар ҳолатҳое, ки ба гунаҳгор амалан ҳама ваколатҳои молик ва ҳам ҳолатҳое, ки ӯ бояд нисбати молу мулк танҳо яке аз ваколатҳои имконпазирро амалӣ созад, ҷой дорад[267].

Дар замони шуравӣ, ки иқтисоди бозоргонӣ ҷой надошт, ба доираи чунин ваколатҳо инҳоро дохил менамуданд: ваколатҳои амрдиҳӣ, идоракунӣ, бурда расонидан ва нигаҳдорӣ. Чунин тавзеҳот дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 11 июли соли 1972, №4 «Дар бораи амалияи судӣ оид ба парвандаҳо дар бораи тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» қайд шуда буд: «ғайриқонунӣ ройгон ба моликияти худ ё шахси дигар табдил додани молу мулке, ки дар соҳибии қонунии гунаҳгор вобаста ба уҳдадориҳои мансабӣ, муносибатҳои шартномавӣ ё супориши махсуси ташкилотҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ қарор дошта, нисбати чунин молу мулк ваколатҳои амрдиҳӣ, идоракунӣ, бурда расонидан ё нигаҳдоштро (мудири анбор, экспедитор, агенти таъминот, фурӯшанда, хазинадор ва дигар шахсон)

267 Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – М., 2004. – С. 374 (автор комментария к главе 21 УК – А.Н. Игнатов).

амалӣ менамоянд, бояд ҳамчун азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятии бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрбуда бандубаст карда шавад» (б.2)[268].

Дар айни замон ҳангоми тавзеҳоти ваколатҳои шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст, тағйиротҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Чунин тағйиротҳо бо васеъ гардидани худи мафҳуми додани молу мулк барои нисбати он амалӣ намудани ваколатҳо вобаста ба муносибатҳои бозоргонӣ ва танзими васеи ҳуқуқи граждавӣ алоқаманд мебошад. Дар тафовут аз тавзеҳоти қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС дар замони муосир муқаррарот дар бораи бовар карда супорида шудани молу мулк дар шаклҳои гуногун қарор дошта, он на танҳо ба шакли моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ татбиқ мегардад.

Дар асоси Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009, №22 «таҳти мафҳуми молу мулке, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст – молу мулке дониста мешавад, ки ба таври муваққатӣ ё доимӣ дар нигаҳдошти қонунии ӯ қарор дошта, барои онҳо бо ҳуқуқҳои муайян дар хусуси ихтиёрдорӣ кардан, идора намудан, нигоҳ доштан, бурда расонидан ва ғайра дар асоси уҳдадориҳои мансабӣ, муносибатҳои шартномавӣ, меҳнатӣ, супоришҳои соҳибмулк ваколатдор карда шудааст» (б.3). Пленуми Суди Олии ҶТ ба қатори асосҳои ба расмият даровардани молу мулки бовар карда супоридашуда ба таври илова муносибатҳои меҳнатиро номбар намудааст. Вале доираи ваколатҳоро, ки ба молу мулки бовар карда супоридашуда алоқаманд мебошад, бе тағйир гузоштааст (ихтиёрдорӣ кардан, идора намудан, нигоҳ доштан ва ғайра), ба истиснои он ки доираи чунин ваколатҳо дар фарқият аз қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС кушода мебошад.

---

[268] Ниг.: Судебная практика по уголовным делам: В 2 ч. Часть 1: Сборник постановлений Пленумов Верховных судов СССР, РСФСР и Российской Федерации/ Сост.С.А. Подзоров. – М., 2001. – С. 130.

Молу мулк бовар карда супоридашуда эътироф мешавад, агар шахс: а) дорандаи воқеии он бошад; б) дар асоси муқаррароти ҳуқуқӣ молу мулк дар ихтиёри ӯ бошад; в) нисбат ба молу мулк ваколатҳои ихтиёрдорӣ, идора, бурда расонидан ё нигаҳдориро амалӣ созад (талаб намешавад, ки субъект тамоми ин ваколатҳоро дошта бошад, ҷой доштани дилхоҳ аз ин ваколатҳо кофӣ аст)[269].

Чунончи, зимни омӯзиши маводҳои парвандаи ҷиноятии мушаххас маълум гардид, ки шаҳрванд З.И. дар нуқтаи ивази асъори ҶДММ кор карда истода, дар асоси созиши шифоҳӣ аз хазиначии ҷамъияти зикршуда шаҳрванд Ш.Р., дар давоми солҳои 2015-2016 дар якчанд ҳолат маблағи 309 686 сомониро бидуни тартиб додани ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ барои нигоҳ доштан ва дар фаъолияташ истифода бурдан қабул карда гирифта, ҳамчун шахси масъулияти моддидошта маблағҳои пулие, ки ба ӯ бовар карда супурида шуда буд ва дар ихтиёрдориаш қарор дошт, бо роҳи азонихудкунӣ ба манфиати шахсиаш тасарруф намуда, ба молики қонунии ин маблағ зарарии махсусан калони моддӣ расонидааст.

Доир ба ҳолати мазкур шаҳрванд З.И., бо м.245 қ.3 б. «а» КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст[270].

Молу мулки бовар карда супоридашуда ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин ашъёҳои олами моддӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби молик ё соҳиби дигар ихтиёрӣ ва бо тартиби аз рӯйи қонун муқарраршуда ба шахси дигар барои анҷом додани ҳаракатҳои муайяни аҳамияти ҳуқуқидошта супорида шудааст. Ин мумкин аст, ҳаракатҳое бошанд, ки бо амалӣ намудани ҳуқуқ ба истифода, соҳибӣ ва баъзан бо ихтиёрдории молу мулки бовар карда супоридашуда алоқамандананд. Ваколатҳои зикршуда нисбати молу мулки ғайр мумкин аст, дар маҷмӯъ ё ба таври алоҳида ҷой дошта бошанд. Агар ба шахс молу мулк барои амалӣ намудани амалиётҳои муайяни техникӣ супорида шуда бошад, яъне молу мулк ба ӯ вобаста ба иҷрои кор ё

269 Ниг.: Шишлянников В.Ф. Асари ишорашуда. – С. 125.
270 Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №18442/16 // Бойгонии суди ноҳияи Б.Ғафуров. – Соли 2016.

уҳдадориҳои хизматӣ дастрас бошад, ба даст овардани чунин молу мулк бояд ҳамчун дуздӣ бандубаст карда шавад[271].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба доираи чунин ваколатҳо, инчунин баъзе олимон ваколати истифода намудани молу мулки бовар карда супоридашударо мансуб медоранд[272]. Ба андешаи А.П. Севрюков зери мафҳуми молу мулки боваркарда супоридашуда молу мулке фаҳмида мешавад, ки қонунан ба соҳибикунии шахси дигар дода шуда, ӯ нисбати чунин молу мулк мумкин аст, дорои ваколатҳои муайян оид ба истифода ё ихтиёрдорӣ дошта бошад[273].

Ҳамин тавр, бовар карда супоридашуда молу мулке эътироф мешавад, ки аз ҷониби молик дар асоси қонун ба шахси дигар супорида шуда, охирон метавонад нисбати чунин молу мулк ҳуқуқи соҳибӣ, истифода, ихтиёрдориро ҳам ба пуррагӣ ва ҳам қисман амалӣ созад[274].

Олимони дигар ба чунин мавқеъ розӣ нашуда, меҳисобанд, ки молу мулки бовар карда супоридашуда чун пештара танҳо ба шахс додани ваколатҳои нигаҳдошт, бурда расонидан, идора намудан ё ихтиёрдорӣ карданро ифода мекунад[275]. Масалан, Н.Г. Иванов чунин андеша дорад, ки ваколати истифода бурдан ҳангоми бовар карда супоридани молу мулк ҷой дошта наметавонад[276].

Ба чунин андеша розӣ будан мушкил аст. Зеро ба шахс мумкин аст, молу мулк, инчунин барои истифода бурдан супорида шавад, масалан, автомашина барои истифодабарӣ, гирифтани молу мулк барои иҷора ва ғайра.

---

[271] Ниг.: Эрашвили Н.Д. Объективные признаки присвоения и растраты / Н.Д. Эрашвили // Вестник Московского университета МВД России. – №9. – 2015. – С. 229.
[272] Ниг.: Лопашенко Н.А. Преступления против собственности. – М., 2004. – С. 292.
[273] Ниг.: Севрюков А.П. Асари ишорашуда. – С. 146.
[274] Ниг.: Шульга А.В. Асари ишорашуда. – С. 39.
[275] Ниг.: Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – С. 417; Винокуров В.Н. Квалификация хищения вверенного имущества. – Красноярск, 2006. – С. 16; Иванов М.Г., Иванова О.М. Проблемы квалификации и расследования служебно экономических преступлений в сфере имущественных отношений. – М., 2013. – С. 67-69.
[276] Ниг.: Иванов Н.Г. Уголовное право России. Общая и Особенная части. – М., 2003. – С. 522.

**Вобаста ба ҳолати дуюм, яъне ба тоаври хаттӣ ё даҳонӣ бовар карда супорида шудани молу мулк ақидаҳои дар адабиётҳо баёншудаи олимонро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд.**

Гурӯҳи аввали олимон бар он ақидаанд, ки азонихудкунӣ ё исрофкорӣ танҳо нисбати молу мулки ба тоаври хаттӣ бовар карда супоридашуда ҷой дошта метавонад.

Молу мулк бо роҳи додани ваколатҳо ва гузоштани уҳдадориҳо, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дар шакли муайяни ҳуҷҷатӣ мустаҳакам карда шудааст: тақсими ҳуқуқ, уҳдадориҳо аз рӯйи мансаб, шартнома, созиш, фармон ё амри хаттии роҳбарӣ ташкилот ва ғайра бовар карда супорида мешавад[277].

Танҳо ҳангоми мавҷуд будани ҳуҷҷати расмӣ, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххаси шахсро нисбати молу мулки ба ӯ додашуда муайян месозад, мумкин аст дар бораи бовар карда супорида шудани молу мулк сухан ронд. Ҳамон тавре, ки баста нашудани шартномаи хаттӣ дар бораи ҷавобгарии пурраи моддӣ корманди дахлдорро аз пурра чуброн намудани зарар барои камомадӣ арзишҳои моддӣ озод менамояд, ба ҳамин монанд ҷой надоштани тавассути ҳуҷҷат ба расмият дароварда шудани мушаххасгардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳо нисбати молу мулки тасарруфшуда бояд ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ истисно намояд[278].

Ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулки ғайр ба гунаҳгор бовар карда супорида мешавад, яъне ба соҳибии қонунии ӯ дар асоси уҳдадориҳои мансабӣ, муносибатҳои шартномавӣ ё супоришҳои махсус, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ расмӣ карда шуда, дар ҳуҷҷатҳои дахлдор мустаҳакам (шартнома, созишнома, санади қабул ва ғайра) гардидаанд, мегузарад[279].

---

[277] Ниг.: Уголовное право. Общая и Особенная части. Учебное пособие. – М.: ИМЦ ГУК МВД России, 2002. – С. 371; Уголовное право: учебник / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М.: ИД «Юриспруденция», 2004. – С. 357; Уголовное право России. Части Общая и Особенная: Учебник / М.П. Журавлев, А.В. Наумов и др. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2004. – С. 384.

[278] Ниг.: Плохова В.И. О продолжаемых хищениях, совершаемых в форме присвоения, растраты или злоупотребления должностного лица своим служебным положением / В.И Плохова // Межвузовский сборник научных трудов. – Свердловск, 1977. – С. 143.

[279] Ниг.: Комментарий к УК Российской Федерации. / Под ред. Шишова О.Ф. – М.: Новая волна., 1998. – С. 28

Ба андешаи Г.А. Кригер «дар мавриди азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳангоми шаклҳои гуногун доштани молу мулки додашуда он бояд тавассути ҳуҷҷати расмӣ ҳадди ақал миқдор ё вазни чунин молу мулк нишон дода шавад»[280]. Субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ танҳо шахсе шуда метавонад, ки нисбати ӯ ҳуҷҷати тасдиқкунанда дар бораи он ки молу мулки азонихудшаванда ё исрофшаванда ба ӯ дар асоси муносибатҳои меҳнатӣ ё граждании бовар карда супорида шудааст, мавҷуд мебошад[281].

Гурӯҳи дуюми олимон ба тарзи даҳонӣ бовар карда супорида шудани молу мулкро низ эътироф менамоянд.

Олимони дигар бошанд, масалан, П.А .Андреев ва Б.В. Волженкин чунин мешуморанд, ки «гузоштани ҳалли масъала дар бораи додани молу мулк ба соҳибинамоӣ вобаста ба риояи шакли додан - қабул кардани арзишҳои моддӣ нодуруст мебошад».[282]

И.А. Клеписикий чунин мешуморад, ки бовар карда супоридашуда молу мулке ҳисоб мешавад, ки ба соҳибикунии қонунии шахс супорида шудааст, инчунин молу мулке, ки ӯ дар асоси вобастакунии унвонӣ, шартномаҳои меҳнатӣ тибқи қонунгузории граждании ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ баста шудааст[283].

В.Н. Зирянов бошад чунин менависад, ки барои мавҷуд будани таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ «ғайрихизматӣ» бовар карда супорида шудани молу мулк кофӣ аст, масалан, бовар карда супоридани молу мулк дар асоси анъанаҳои маъмулии инсонӣ, муносибатҳои ҳамсоягӣ ва дигар муносибатҳои ба боварӣ асосёфта. Бинобар ин, агар дар истгоҳ шумо борҷомаъи худро ба шахси тасоддуфан дар паҳлуятон қарордошта бовар

280 Ниг.: Борьба с хищениями, совершаемыми путем присвоения, растраты и злоупотребления служебным положением. – М., 1980. – С. 27-28.
281 Ниг.: Савкин Д.Е. Асари ишорашуда. – С. 154.
282 Ниг.: Андреева П.А., Волженкин Б.В. Понятие хищения социалистического имущества. – М., 1976. – С. 65.
283 Ниг.: Клепицкий И.А. Вверенное имущество в уголовном праве. / И.А. Клепицкий // Законность. – 1995. №12. – С. 10.

карда супоред ва охирон борҷомаъаро тасарруф намояд, чунин ҳаракат бояд мутобиқи м.160 КҶ ФР (м.245 КҶ ҶТ) бандубаст карда шавад[284].

Мисол, шаҳрванд А.Р., дар назди автовокзали ш. Хуҷанд, бо автомашинаи тамғаи «Опел Зафира», ҳамчун ронандаи мусофиркашон хизмат бурда, назди ӯ шаҳрванд С.С., бо мақсади тавассути ӯ интиқол додани маблағи муайян ҳозир шудааст. Зимнан, шаҳрванд С.С., аз шаҳрванд А.Р., ҷиҳати то ба шаҳри Истаравшан дастрас намудани маблағи 20000 сомониро ба шаҳрванд М.Б. хоҳиш намуда, маблағи мазкурро ба ронанда А.Р., бовар карда супоридааст. Дар навбати худ шаҳрванд А.Р., қасдан ва бо мақсади ғаразнок маблағҳои ба ӯ бовар карда супурдашударо дар шаҳри Истаравшан ба шаҳрванд М.Б. дастрас накарда, онро бо роҳи азонихудкунӣ тасарруф намудааст.

Дар ин хусус, нисбати А.Р. бо қ.2 б. «в» м.245 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, минбаъд бо таъиноти суд пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати А.Р., бинобар татбиқи б. 4 м.5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 07 сентябри соли 2021, №1803 қатъ карда шудааст[285].

Ба андешаи Д.Ю. Скрипников низ молу мулк ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст, дар шакли хаттӣ ё даҳонӣ бовар карда супорида шавад[286].

Ба андешаи А.В. Шулга бовар карда супоридашуда бояд на танҳо молу мулке ҳисоб шавад, ки ба гунаҳгор бо роҳи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳакам намудани ҳуқуқи соҳибӣ дода шудааст, балки инчунин он молу мулке, ки ба ӯ барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ дар асоси боварӣ ва ғайра супорида шудааст[287].

Баъзе олимон мавқеи созишгаронаро доир ба масъалаи ҳатмӣ будани барасмиятдарории ҳуҷҷатии молу мулки боваркарда супоридашуда ишғол

284 Ниг.: Зырянов В.Н. Попустительство по службе, совершаемое в правоохранительной сфере (уголовно-правовая оценка, проблемные ситуации в законодательстве и правоприменительной практике и пути их решения): дис … докт. юрид. наук. – Ставрополь, 1999. – С. 121.

285 Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №6606/21 // Бойгонии Суди ш.Хуҷанд. – Соли 2021.

286 Ниг.: Скрипников Д.Ю. Присвоение и растрата как способы и обращения чужого имущества, вверенного виновному: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 115.

287 Ниг.: Шульга А.В. Асари ишорашуда. – С .41.

менамоянд. Аз ҷумла, баён мешавад, ки дар ҳақиқат дар бештар мавридҳо ваколат (оид ба нигаҳдорӣ, интиқол ва ғайра) нисбати молу мулки минбаъд тасарруфшаванда бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият дароварда мешавад, аммо вақте чунин ваколатҳо гарчанде дар намуди ҳуҷҷат ба расмият дароварда нашуда бошанд ҳам, вале агар гунаҳгор дар бораи миқдори воқеӣ, андоза, вазни арзишҳои моддию молии онро дониста, тасарруф намояд, пас дар кирдори шахс аломатҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҷой дорад[288].

Н.А. Лопашенко мавқеи мобайниро ишғол намуда, баён мекунад, ки далели бовар карда супорида шудани молу мулк чун қоида тавассути ҳуҷҷат (фармон, амр, шартнома, созиш ва ғайра) ба расмият дароварда мешавад, гарчанде ҷой надоштани чунин барасмиятдарории ҳуҷҷатӣ барои оғоз намудани парвандаи ҷинояти мутобиқи м.160 КҶ ФР (м.245 КҶ ҶТ) монеа намешавад[289].

Албатта, ба чунин андеша розӣ шудан мушкил аст. Чунки агар мафҳуми бовар карда супорида шудани молу мулкро ба муносибатҳои ба боварӣ асосёфта, ки тавассути ягон ҳуҷҷати додани молу мулк ба соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ мустаҳакам нашудааст, паҳн намоем, пас сарҳади байни азонихудкунӣ ва қаллобӣ аз байн меравад. Бинобар ин, ваколатҳои махсус нисбати молу мулк дар асосӣ шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ ё меҳнатӣ гузошта мешаванд ва бояд расмияти ҳатмии ҳуҷҷатӣ дошта бошанд[290].

Дар ҳақиқат, дар бештари ҳолатҳо молу мулк ба шахс зери имзо бо нишон додани миқдор (вазн, ҳаҷм), сифат ва дигар тавсифи молу мулк бовар карда супорида мешавад. Ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулк аз як шаҳрванд (молик) ба шаҳрванди дигар (ғайри молик), аз ҷумла тавассути шартномаҳои пудратӣ, иҷора, комиссия, нигаҳдорӣ ва идоракунии боэътимод дода мешавад. Аз ин ҷо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият даровардани

288 Ниг.: Хан-Магомедов Д.О. Хищения государственного или общественного имущества, совершенное путем присвоения, растраты либо путем злоупотребления служебным положением // Уголовная ответственность за хищение государственного или общественного имущества, хозяйственные преступления или взяточничество. – М., 1987. – С. 48.
289 Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С. 223.
290 Ниг.: Годунов О.И. Асари ишорашуда. – С. 84.

ваколатҳои шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида мешавад, барои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудан аломати ҳатмӣ ҳисоб намешавад. Масалан, мутобиқи м.175 ва 992 Кодекси мадании ҶТ шартномаи нигаҳдорӣ байни шаҳрвандон мумкин аст ба таври даҳонӣ баста шавад, агар арзиши молу мулки барои нигаҳорӣ супоридашаванда аз андозаи бо қонун муқарраргардидаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар аз бист маротиба бошад.

Риоя нагардидани шакли хаттии оддии шартномаи нигаҳдошт тарафи шартномаро аз ҳуқуқи муроҷиат кардан ба нишондоди шоҳидон ва баргардонидани ашъёи барои нигаҳдорӣ супорида шуда маҳрум намесозад (қ.4 м.992 Кодекси мадании ҶТ).

**Вобаста ба ҳолати сеюм, яъне ҳатмӣ будан ё набудани ҷой доштани ҷавобгарии моддии субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ.**

Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки молу мулки бовар карда супоридашуда эътироф мешавад, агар он дар зери ҷавобгарии моддии гунаҳгор қарор гирифта бошад[291].

Л.Д. Гаухман чунин мешуморад, ки субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ шахси ҷавобгарии моддидошта ҳисоб мешавад, ки предмети тасарруф ба ӯ аз ҷониби молик ё соҳиби дигар аз рӯйи ҳуҷҷат дода шудааст. Чунин шахс мумкин аст ҳам шахси мансабдор (мудири амбор, коменданти хобгоҳ ва ғайра) ва ҳам ғайри мансабдор (фурӯшанда, ронанда-экспедитор ва ғайра) бошад[292].

Амалияи судиву тафтишотӣ низ аз чунин мавқеъ пайгирӣ менамояд. Масалан, таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо содир шудани тасарруф бо чунин шакл дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ сурат мегирад, вақте молу мулк ба гунаҳгор вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои касбӣ оид ба нигоҳ доштан, фуруш,

291 Ниг.: Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – С. 417; Филаненко А.Ю. Уголовная ответственность за хищение чужого имущества по уголовному законодательству Российской Федерации: Монография. – Челябинск: Издательство «Фрегат», 2006. – С. 189.
292 Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М.: АО «Центр ЮрИнфоР», 2005. – С. 405.

гирифтани арзишҳои моливу моддӣ бовар карда супорида шудааст. Бо чунин шахсон ба таври ҳатмӣ шартнома дар бораи ҷавобгарии моддӣ баста шудааст[293].

Ба андешаи С. Ҳакимова ба сифати субъекти тасарруф дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулке, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст, танҳо шахсони ҷавобгарии моддидошта эътироф мешаванд, ки бо онҳо шартномаи хаттӣ дар бораи ҷавобгарии пурраи фардӣ ё дастҷамъӣ ё ҳуҷҷати яккарата оид ба бовар карда супорида шудани арзишҳои молӣ-моддӣ баста шудааст[294]. Муаллифи мазкур пешниҳод менамояд, ки вобаста ба ин дар қонунгузории ҷиноятӣ таркиби ин ҷиноят ҳамчун «азонихудкунӣ, яъне тасарруф намудани молу мулки ғайр, аз ҷониби шахси ҷавобгарии моддидошта тавассути гузаронидани он ба моликияти худ»[295] муайян карда шавад.

**Гурӯҳи дигари олимони дигар ба ин розӣ нашуда, баён мекунанд, ки ба сифати субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ шахсони дигар низ баромад намуда метавонанд[296].**

Масалан, ба андешаи О.В. Белокуров зери мафҳуми молу мулки боваркарда супоридашуда бояд аввал, молу мулкеро фаҳмид, ки ба гунаҳгор зери ҷавобгарии моддӣ супорида шудааст, дуюм молу мулке, ки ба гунаҳгор барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ бе бастани шартномаи дахлдор дар бораи ҷавобгарии пурраи моддӣ дода шудааст[297].

Ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ на фақат нисбати молу мулке муқаррар шудааст, ки ба шахси масъулияти ҷавобгарии моддидоштаи ташкилот, муассиса ва корхона бовар карда супорида шудааст, балки нисбати дилхоҳ молу мулки ғайр, аз ҷумла молкияти хусусӣ дахл дорад.[298]

---

[293] Ниг.: Хакимова Э.Р. Асари ишорашуда. – С. 112.
294 Ниг.: Хакимова Э.Р. Асари ишорашуда. – С. 114.
295 Ниг.: Хакимова Э.Р. Асари ишорашуда. – С. 178.
296 Ниг.: Белокуров О.В. Ответственность за хищение, совершенное путем присвоения, растраты или злоупотребления служебным положением: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1991. – С. 1 7-18.
297 Ниг.: Белокуров О.В. Асари ишорашуда. – С. 17-18.
298 Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 1998. – С.133.

Дар асоси м.23 КҶ ҶТ субъекти м.245 КҶ ҶТ шахсе шуда метавонад, ки ба синни 16 расида бошад. Аммо мутобиқи Кодекси меҳнати ҶТ шартнома дар бораи ҷавобгарии моддӣ мумкин аст, танҳо бо шахсоне баста шавад, ки ба синни 18 солагӣ расидаанд. Чунки дар асоси м.214 КМ ҶТ бо кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида бастани шартнома оид ба ҷавобгарии пурраи моддӣ манъ аст. Аз ин ҷо дар аксарият ҳолатҳо субъекти ҷинояти мазкур шахсони ба балоғат расида бароман менамоянд. Ғайр аз ин, бо назар дошти субъекти махсуси таркиби мазкури ҷиноят ченаки синну сол боз ҳам баландтар қарор дорад, зеро ноболиғон дар ҳолатҳои тамоман кам метавонанд мақоми мансабӣ дошта бошанд ё шахсони дорои ҷавобгарии моддӣ ҳисоб шаванд. Чунин хулоса, аз ҷумла бо он тақвият меёбад, ки аз маводҳои парвандаҳои ҷиноятии мавриди омӯзиш қарор додаи мо ягон ҳолате пайдо нашуд, ки дар он ноболиғ ба сифати субъекти ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ баромад намуда бошад.

А.А. Бакрадзе бо овардани чунин мисол танҳо шахси қобилияти бурдани ҷавобгарии пурраи моддидоштаро ба сифати субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ рад менамояд: Фурӯшанда ба кор ноболиғи 16-17 соларо қабул намуда, бо ӯ шартнома дар бораи ҷавобгарии пурраи моддӣ мебандад, гарчанде чунин шартнома мутобиқи м.244 КМ ФР (м.214 КМ ҶТ) танҳо бо шахсе баста мешавад, ки ба балоғат расида бошад. Азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ба чунин ноболиғ бовар карда супоридашуда бояд аз рӯйи м.160 ФР (м.245 КҶ ҶТ) новобаста аз он ки ӯ шахси ҷавобгарии моддидошта эътироф намешавад, бандубаст мегардад[299].

Мо бо андешаи зикршуда розӣ ҳастем, зеро дар асоси қонунгузории ҷиноятӣ субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ шахсе ҳисоб мешавад, ки ба синни 16 сола расида бошад, на танҳо шахсе, ки бо ӯ шартнома дар бораи ҷавобгарии пурраи моддӣ баста шудааст. Он далел, ки субъекти ҷинояти

299 Ниг.: Бакрадзе А.А. Вверенное имущество как предмет присвоения или растраты / А.А. Бакрадзе // Российский следователь. – 2009. – №8. – С. 29.

мазкур ба синни бо қонунгузории меҳнат талабшавандаи 18 солагӣ нарасидааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсир намерасонад.

Ғайр аз ин, ба сифати субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудани танҳо шахсони ҷавобгарии моддидошта доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкориро дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ маҳдуд месозад. Зеро ҷавобгарии моддӣ байни корфармо ва корманд тавассути шартномаи меҳнатӣ мутобиқи КМ ҶТ (м.184) баста мешавад. Бар замми ин дар худи доираи муносибатҳои меҳнатӣ низ субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст на фақат шахси ҷавобгарии моддидошта, балки он шахсоне баромад намоянд, ки ба онҳо ваколатҳо нисбати молу мулк аз рӯйи супориши махсус, ки метавонад яккаратта бошад, дода шудааст.

Мутобиқи КҶ ҶТ субъекти ҷинояти мазкур мумкин аст шахси алоҳида низ эътироф шавад, ки мутобиқи шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ нисбат ба молу мулк аз молик ваколатҳои муайян гирифта бошад. Чунин шахс мумкин аст корманди ин ё он ташкилот ба ҳисоб нарафта, молу мулк ба ӯ дар асоси шартномаи боркашонӣ, нигаҳдорӣ, иҷора ва ғайра бовар карда супорида шуда бошад.

Ба сифати дигар субъект аз рӯйи м.245 КҶ ҶТ шахсе баромад менамояд, ки молу мулк дар ихтиёрӣ ӯ мебошад.

В.И. Плохова баён менамояд, ки молу мулк дар ихтиёре шахсе қарор дорад, ки вобаста ба мақоми хизматӣ (мансабӣ) нисбат ба чунин молу мулк бо ҳуқуқи амрдиҳӣ, идора ва назорат таъмин мебошад.

Ба андешаи С.А. Тропин молу мулк мумкин аст ҳам ба шахси мансабдор ва ҳам шахси мансабдор набуда, бовар карда супорида шавад. Дар ихтиёр будани молу мулк бошад, танҳо ба шахсони мансабдор тааллуқ дорад[300].

Г.А. Кригер баён медорад, ки «исрофкорӣ мумкин аст дар ҳолатҳое ҷой дошта бошад, ки вақте молу мулк бевосита ба гунаҳгор бовар карда супорида нашуда, танҳо дар ихтиёри ӯ қарор дорад. Инчунин ин дар

300 Ниг.: Тропин С.А. Ответственность за хищение имущества, совершенное путем присвоения или растраты. автореф. дис ... канд. юрид. наук. – М., 1991. – С. 11.

ҳолатҳое ҷой дорад, ки вақте гунаҳгор шахси мансабдор ҳисоб шуда, барои ихтиёрдорӣ намудан ба молу мулк тавассути шахсони дигар, ки уҳдадоранд дар асоси нишондоди ӯ молу мулкро диҳанд, ҳуқуқ дорад. Тасарруф бо роҳи исрофкорӣ дар чунин ҳолатҳо мавҷуд мебошад, агар шахси мансабдор тавассути шахсони дигар ҳуқуқи худро оид ба ихтиёрдорӣ намудан ба арзишҳои моддӣ истифода карда, бо мақсади ғаразнок нишондодҳое диҳад, ки дар натиҷаи он молу мулк ғайриқонунӣ ва ройгон ба шахси сеюм дода мешавад»[301].

Мавқеи ба ин монандро Г.Н. Борзенков ишғол мекунад. Ӯ чунин меҳисобад, ки «ҷинояткор молу мулкеро тасарруф мекунад, ки он ба ӯ барои нигаҳдорӣ, фурӯш, таъмир, коркард, интиқол, истифодаи муваққатӣ ва ғайра бовар карда супорида шудааст, яъне дар салоҳияти қонунии ӯ қарор дорад ё гунаҳгор вобаста ба мақоми хизматӣ ҳуқуқи додани амр оид ба истифодаи молу мулки мазкурро дорад, ки он дар ихтиёрдории ӯ мебошад... вақте молу мулки тасарруфшаванда бевосита на ба шахси гунаҳгор, балки ба шахсони дигар бовар карда супорида шудааст»[302].

Ба шахсоне, ки молу мулки дар ихтиёрӣ онҳо мебошад, О.В. Белокуров роҳбари ташкилот, сармуҳосиб ва ғайро дохил менамояд, ки молу мулк ба зертобеи онҳо одатан шахсони масъули ҷавобгарии моддидошта бовар карда супорида шудааст[303].

Ихтиёрдорӣ намудани молу мулк ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ он ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки вақте шахси мансабдор, инчунин шахси вазифаи идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо иҷрокунанда молу мулкеро, ки ба ӯ бовар карда супорида нашудаасту, балки дар ихтиёраш мебошад азонихуд ё исроф менамояд[304]. Моҳияти мафҳуми мазкур дар он ифода мегардад, ки шахсони номбаршуда бевосита ба

301 Ниг.: Кригер Г.А. Квалификация хищений социалистического имущества.- М.,1974.- С.74.
302 Ниг.: Курс уголовного права. Особенная часть. Т. 3. Учебник для вузов / Под ред. Г.Н. Борзенко- ва и В.С. Комиссарова – М.: 2002. – С 56
303 Ниг.: Белокуров О.В. Проблемы квалификации хищения вверенного имущества. – Ульяновск, 2003. – С. 30.
304 Ниг.: Данилов А.В. Асари ишорашуда .– С. 44.

моликияти ғайр соҳибӣ намекунанд, онро истифода намебаранд ва бо он ихтиёрдорӣ наменамоянд. Ваколатҳои мазкурро шахсони мансабдор ё хизматчиён бо роҳи додани фармон ва амр ба кормандони зертобеи худ амалӣ месозанд. Масалан, директори корхона ба сармуҳосиб амр медиҳад, ки маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби корхона ба суратҳисоби дигар гузаронида шавад[305].

Чунончи, аз омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ маълум гардид, ки хазинадори ҶДММ «Адрас тур» шаҳрванд Н.Д., аз моҳи апрели соли 2021 то 20 июли соли 2022 бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ба шаҳрвандон чиптаҳои ҳавопаймоиро фурӯхта, маблағҳои аз фурӯши он бадастовардашудаpo дар ҳаҷми 997493,87 сомонӣ, ки дар ихтиёраш қарор дошт, ба хазинаи ҶДММ «Адрас тур» ворид накарда, онро азонихуд намуда, бо ин кирдорҳои содирнамудааш ба ҷамъияти болозикр зарари махсусан калони моддӣ расонидааст.

Дар асоси ҳукми суд шаҳрванд Н.Д., дар содир намудани ҷинояти пешбиникардаи қ.4 б. «б» м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати даҳ сол таъин карда шудааст[306].

Ҳамин тавр, зери мафҳуми молу мулке, ки дар ихтиёр мебошад, моликияти ғайр фаҳмида мешавад, ки он мумкин аст, пас, аз анҷом додани ягон ҳаракати бо ҳуҷҷат тасдиқшаванда аз ҷониби шахси мансабдор ё хизматчӣ ба даст оварда шавад, масалан, имзо намудани фармон дар бораи пардохти музди меҳнат, бастани шартнома, имзо намудани санади аз ҳисоб баровардан ва ғайра. Молу мулки дар ихтиёр буда, танҳо он молу мулке эътироф мешавад, ки дар соҳаи фаъолияти шахс қарор дорад, яъне дар ихтиёрӣ ӯ мебошад.

Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки барои равшан намудани мафҳуми «молу мулки дар ихтиёрбуда» дар м.245 КҶ ҶТ калимаи «...ё дар ихтиёрӣ ӯ

---

305 Ниг.: Шульга А.В. Асари ишорашуда. – С. 43.
306 Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №24218/22 // Бойгонии Суди ш. Хуҷанд. – Соли 2022.

мебошад» бо ибораи «...ё дар ихтиёрдории ташкиливу амрдиҳӣ ё маъмуриву хоҷагидории ӯ мебошад» иваз карда шавад.

Ҳамин тавр, субъекти азонихудкунӣ ё исрофкориро таҳлил намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Аломате, ки субъекти азонихудкунӣ ё исрофкориро ҳамчун субъекти махсус тавсиф медиҳад, ин ба шахс бовар карда супоридани молу мулк ё дар ихтиёраш қарор доштани он маҳсуб меёбад. Дар ин асно бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун аломати вазнинкунанда баҳогузорӣ шуда, чунин шахсонро субъекти махсуси ҷинояти мазкур ҳисобидан нодуруст мебошад.

2. Молу мулки боваркарда супоридашуда ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин ашёҳои олами моддӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз ҷониби молик ё соҳиби дигар ихтиёрӣ ва бо тартиби тибқи қонун муқарраршуда ба шахси дигар барои анҷом додани ҳаракатҳои муайяни аҳамияти ҳуқуқӣ дошта супорида шудааст. Ин мумкин аст, ҳаракатҳое бошанд, ки бо амалӣ намудани ҳуқуқ ба истифода, соҳибӣ ва баъзан бо ихтиёрдории молу мулки бовар карда супоридашуда алоқаманданд. Ваколатҳои зикршуда нисбати молу мулки ғайр мумкин аст, дар маҷмӯъ ё ба таври алоҳида ҷой дошта бошанд.

3. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият даровардани ваколатҳои шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида мешавад, барои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудан аломати ҳатмӣ ҳисоб намешавад.

4. Ба сифати субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудани танҳо шахсони ҷавобгарии моддидошта доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкориро дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ маҳдуд месозад. Бинобар ин, субъекти ҷинояти мазкур мумкин аст, шахси алоҳида низ эътироф шавад, ки мутобиқи шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ нисбат ба молу мулк аз молик ваколатҳои муайян гирифта бошад. Чунин шахс мумкин аст корманди ин ё он ташкилот ба ҳисоб нарафта, молу мулк ба ӯ дар асоси

шартномаи боркашонӣ, нигаҳдорӣ, иҷора ва ғайра бовар карда супорида шуда бошад.

5. Барои равшан намудани мафҳуми «молу мулки дар ихтиёрбуда» дар м.245 КҶ ҶТ калимаҳои «...ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошад» бо ибораи «...ё дар ихтиёрдории ташкиливу амрдиҳӣ ё маъмуриву хоҷагидории ӯ мебошад» иваз карда шавад.

## 2.4. Тарафи субъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ

Тарафи субъективии ҷиноят ин муносибати руҳии шахси гунаҳгор ба кирдори ба ҷамъият хавфноки содирнамудааш мебошад, ки дар қонуни ҷиноятӣ ба сифати ҷиноят пешбинӣ шудааст. Дар фарқият аз тарафи объективӣ тарафи субъективии таркиби ҷиноят ин сифати дохилии ҷиноят мебошад, ки ҷараёни руҳии (фикркунӣ, иродавӣ, эмотсионалӣ) субъекти ҷиноятро дар лаҳзаи содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда тавсиф медиҳад[307]. Тарафи субъективии ҷиноят унсури ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад. Мавҷуд набудани тарафи субъективӣ боиси истисно гардидани таркиби ҷиноят ва дар маҷмӯъ ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад. Дақиқ муайян намудани тарафи субъективӣ барои дуруст бандубаст намудани кирдори мушаххас замина гузошта, шахси гунаҳгор қонунан асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ба аломатҳои тарафи субъективии ҷиноят дохил мешаванд:

1) гуноҳ;
2) ангезаи ҷиноят;
3) мақсади ҷиноят;
4) вазъи эҳсосии (эмотсионалии) шахс дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят.

Тарафи субъективии азонихудкунӣ ва исрофкорӣ муқаррар намудани ду аломати ҳатмӣ – шакли гуноҳи қасдона дар намуди қасди бевосита ва мақсади ғаразнокро талаб менамояд.

---

[307] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Furthermore Furthermore

Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ чунин ҷинояти қасдонае мебошад, ки ҳангоми содир шудани он гуноҳи шахс танҳо дар намуди қасди бевосита ифода мегардад.

Қасди шахс ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бояд ба таърифи қонунгузории қасди бевосита мувофиқ бошад, ки дар он чунин муқаррар шудааст: ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда (лаҳзаи зеҳнии қасд), хоҳони фаро расидани он бошад (лаҳзаи иродавии қасд) (қ.2 м.27 КҶ ҶТ). Тавассути чунин сохти қасди бевосита муносибати гунаҳгор ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ошкор карда мешавад.

Ҳамин тавр, гунаҳгор азонихудкунӣ ё исрофкориро содир намуда, дарк менамояд, ки ғайриқонунӣ, боғараз ва ройгон молу мулки ғайрро, ки ба ӯ бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, ба фоидаи худ ё шахси дигар гирифта истодааст, имконият ё ногузирии расонидани зарарро ба молик ё соҳиби дигари қонунии молу мулк пешбинӣ мекунад ва фаро расидани чунин зарарро мехоҳад. Дар ҳамин ягонагии аломатҳои зеҳнӣ ва иродавӣ ифода мегардад, ки он шарти зарурии мавҷуд будани тарафи субъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, шахси бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулки ғайрро тасарруфкунанда дарк менамояд, ки гирифтани молу мулк ба фоидаи ӯ ё шахсони дигар тавассути нисбати чунин молу мулк муқаррар намудани соҳибии ғайриқонунӣ бар ивази соҳибии қонунӣ амалӣ мешавад, ки дар натиҷа ӯ имконияти воқеии ихтиёрдорӣ ё истифода намудани онро пайдо менамояд.[308]

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ баён мегардад, ки лаҳзаи зеҳнии қасди гунаҳгор ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, инчунин бояд дарки ваколатҳои худро, ки ӯро ба субъекти махсус табдил медиҳад дар бар гирад. Яъне аз ҷониби

---

[308] Ниг.: Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Уголовная ответственность за преступления в сфере экономики. – М., 1996. – С. 132.

гунаҳгор дарк шудани боварии махсуси молик нисбат ба ӯ аломати ҳатмии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба ҳисоб меравад. Гунаҳгор бояд ғайриқонунӣ будани ҳаракатҳои худро, ки бо вайрон гардидани уҳдадориҳои махсус оид ба соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ намудани молу мулк алоқаманд мебошад, дарк намояд. Дар акси ҳол таркиби тасарруф ҷой надорад[309]. Ғайр аз ин, хусусиятҳои хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳои содиршаванда дарки ҳолатҳои воқеиро, ки ҳангоми он ҷиноят содир мешавад (вақт, ҷой, усул, ҳолат) бояд дар бар гирад, яъне гунаҳгор бояд усули тасарруф намудани молу мулки бовар карда супоридашуда, ҳолатҳои содир шудани ҷинояти мазкур, инчунин ҳама аломатҳои вазнинкунандаи дар қ.қ.2,3 ва 4 м.160 КҶ ФР (қ.қ.2,3 ва 4 м.245 КҶ ҶТ) муқарраршударо дарк намояд[310].

Дарки аломатҳои вазнинкунанда бошад шарти зарурии ба вуҷуд омадани ҷавобгарӣ аз рӯйи қисмҳои дахлдори м.245 КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар ҳолати содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил гунаҳгор бояд ҳатман он ҳолатро дарк намояд, ки ҷинояти мазкурро якҷоя бо шахсони дигар содир намуда истодааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештари олимон дар он андешаанд, ки тарафи субъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ чун дигар шаклҳои тасарруф танҳо бо қасди бевосита тавсиф мегардад[311], чунки дар таркиби ҷиноят нишон дода шудани мақсад ҳама вақт нишондиҳандаи қасди бевосита ба ҳисоб меравад[312].

Вале баъзе олимон имконияти содир шудани ҷинояти мазкурро ҳам бо қасди бевосита ва ҳам қасди бавосита баён медоранд[313]. Масалан, Д. Е. Савкин имконияти танҳо бо қасди бевосита содир шудани тасарруфро зери шубҳа қарор дода, чунин баён менамояд: омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ

---

[309] Ниг.: Годунов О.И. Асари ишорашуда. – С. 92.
[310] Ниг.: Хакимова Э.Р. Асари ишорашуда. – С. 119.
[311] Ниг.: Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Ответственность за преступления против собственности. – М., 1997. – С. 86; Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – С. 281; Асари ишорашуда. – С. 121.
[312] Ниг.: Данилов А.В. Асари ишорашуда. – С. 85.
[313] Ниг.: Векленко В.В. Квалификация хищений. – Омск, 2001. – С. 170.

вобаста ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки шахсони гунаҳгор амалан дар ягон ҳолат ният ва хоҳиши мушаххаси расонидани зарари моддиро ба ҷабрдида надоштанд. Дар ҳолатҳои мазкур гунаҳгорон хоҳони расонидани зарарро ба ҷабрдида ба роҳбарӣ нагирифта, танҳо хоҳиши худро, ки бо имконияти ба манфиати худ ихтиёрдорӣ намудани молу мулки ғайр равона шудааст, амалӣ менамуданд. Гунаҳгорон одатан на бо хоҳиши расонидани зарари моддӣ ба ин ё он нафар балки бо хоҳиши ба даст овардани неъматҳои моддӣ барои худ ё шахсони дигар амал намуда, нисбати оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои худ барои ҷабрдида дар бештар ҳолатҳо беэътиноёна муносибат мекунанд[314]. Дар идома муаллифи мазкур баён менамояд, ки қасди бевосита ҳангоми тасарруф танҳо дар ҳолатҳое ҷой дошта метавонад, ки агар гунаҳгор хоҳиши маҳз зарар расонидан ба ҷабрдида, ба ӯ расонидани зарари моддӣ, қасос гирифтанро дошта бошад. Одатан гунаҳгор ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ камтар дар бораи оқибатҳо барои ҷабрдида андеша мекунад, хоҳиш ва кӯшиши онҳо асосан бо манфиатҳои худ алоқаманд мебошад, яъне бо қонеъ намудани он тавассути содир намудани тасарруф[315].

Аллбатта бо чунин андеша розӣ будан мушкил аст, зеро асосҳои пешовардаи муаллифи зикршуда қобили қабул нестанд. Гунаҳгор молу мулки ғайрро тасарруф намуда, имконият ё ногузирии оқибатҳои ҳаракатҳои худро пешбинӣ менамояд, ки ин мутобиқи қ.2 м.28 КҶ ҶТ танҳо дар қасди бевосита ҷой дошта метавонад. Қасди бавосита бошад танҳо пешбинӣ намудани имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокро дар бар мегирад. Аз сабаби он ки гунаҳгор кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намуда, бараъло дарк менамояд, ки оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар натиҷаи ҳаракатҳои ӯ ногузир фаро мерасад. Бинобар ин, баёни ҳолатҳои он ки лаҳзаи иродавии қасд дар чунин маврид дар хоҳони фаро расидани оқибат набудан ё беэътиноёна ба он муносибат намудан ифода мегардад асоснок ба

[314] Ниг.: Савкин Д.Е. Асари ишорашуда. – С. 166.
[315] Ниг.: Савкин Д.Е. Асари ишорашуда. – С. 167.

ҳисоб намеравад. Дар мавриди тасарруф низ вақте шахс боғараз, ғайриқонунӣ ва ройгон молу мулки ғайрро ба фоидаи худ ё шахси дигар мегирад, ӯ имконият ё ногузирии фаро расидани зарари моддиро ба ҷабрдида пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани чунин оқибат мебошад. Аз ин лиҳоз, худи моҳияти тасарруф ҷой доштани танҳо қасди бевоситаро талаб мекунад. Зеро гунаҳгор молу мулки шахси дигарро тасарруф карда, фаро расидани зарари моддиро мехоҳад.

Дар мафҳуми тасарруф, ки дар эзоҳи м.244 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, дар фарқият аз КҶ ФР оқибати ҷиноят дар намуди расонидани зарар ба молик ё соҳиби дигари қонунии молу мулк пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, лаҳзаи иродавии қасд ҳангоми тасарруф муайян намудани хостан ё нахостани расонидани зарари молу мулкиро ба ҷабрдида талаб наменамояд.

Вобаста ба мафҳуми тасарруф, ки дар эзоҳи м.244 КҶ муқаррар шудааст, ба хулоса омадан мумкин аст, ки он танҳо бо қасди бевосита тавсиф мегардад.

Шахс ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дар к менамояд, яъне ҳангоми тасарруф дарк мекунад, ки бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон молу мули ғайрро ситонида ва ё гирифта истодааст, фаро расидани оқибатро дар намуди ғайриқонунӣ, ройгон ба фоидаи худ ё шахси дигар гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайрро пешбинӣ менамояд ва фаро расидани чунин оқибатро, яъне бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ, ройгон ба фоидаи худ ё шахси дигар гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайрро мехоҳад.

Дар таҷрибаи тафтишотӣ ҳастанд ҳолатҳое, ки шахс қасди худро барои бо роҳи азонихукунӣ тасарруф намудани молу мулки ғайр равона намуда, вале бинобар сабабҳои аз иродаи ӯ вобастанабуда қасд ба итмом расонида намешавад.

Масалан, омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ собит намуд, ки шаҳрванд О.О. дар вазифаи директори ҶДММ «ПМК-278» кор карда истода, дар асоси маслиҳати пешакӣ бо сардори шуъбаи истеҳсолии ҳамин ҷамъият шаҳрванд

О.Д., дар давраи аз моҳи феврали соли 2014 то августи соли 2015 ба содир намудани ҷинояти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ сӯиқасд намуда, онро бо роҳи сохтакорӣ намудани ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқдиҳанда ва аз уҳдадорӣ озодкунанда содир кардаанд.

Чунончи, байни Иттиҳодияи Ҷумҳуриявии «Тоҷикколхозсохтмон» ҳамчун «Пудратчии кулл» барои иҷрои корҳои сохтмонӣ дар иншооти «Беморхонаи бисёрсоҳавии дорои 650 кат бо дармонгоҳ барои қабули 800 нафар дар як баст дар шаҳри Душанбе» ва ҶДММ «ПМК-278» аз 04 декабри соли 2014 ба маблағи 15 000 000 сомонӣ шартномаи пудратии сохтмонӣ ба имзо расонида шудааст.

Шаҳрванд О.Д., зимни сохтмони Блоки-7 иншооти болозикр бо истифодаи ваколати мансабдорӣ тибқи маслиҳати пешакӣ бо шаҳрванд О.О., амал намуда, бо қасди ба миқдори махсусан калон бо роҳи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ тасарруф намудани маблағҳои давлатӣ, дар давраи аз 01 феврали соли 2014 то 01 июли соли 2015 дар санадҳои иҷроиши корҳои сохтмонӣ тариқи сохтакорӣ маълумотҳои бардурӯғро нишон дода, дар он ҳаҷми корҳои иҷрошуда, харҷи масолеҳҳои сохтмонию меҳнати коргарон ва арзиши масолеҳҳои сохтмониро ба маблағи 256 748 сомонӣ барзиёд нишон додааст.

Чунин маълумотҳои таҳрифӣ барои қабули маблағҳои изофанависишуда дар санади «Шакли-3», ки ҳуҷҷати мазкур ҷиҳати пардохти маблағи минбаъда аз ҷониби «Фармоишгар» асос шуда метавонад, дарҷ гардида, он ба «Пудратчии кулл» пешниҳод карда шудааст ва дар ин замина ҶДММ «ПМК-278»-ро дар назди «Пудратчии кулл» ҳақдор гардида, ба давлат ба миқдори махсусан калон зарари моддӣ расониданӣ шуданд.

Вале мақсадҳои ғаразноки шаҳрвандон О.О., ва О.Д., дар рафти санҷиши интихобии ҳаҷми корҳои дар асл иҷрокардаи сохтмонӣ аз ҷониби мутахассисони назорати давлатии молиявӣ ошкор гардида, бо сабабҳои аз иродаи гунаҳгорон вобастанабуда қасди ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкории маблағи 256 748 сомонӣ ба итмом расонида нашудааст.

Вобаста ба ҳолатҳои зикршуда ва дигар ҳолати азнихудкунии маблағи 750 980,49 сомонӣ шаҳрвандон О.О., ва О.Д. бо қ.3 м.32, қ.4, б. «б» м.245, б.б.

«а, б» қ.2 м.340 ва б. «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, бо ҳукми суди шаҳри Душанбе номбурдагон барои содир намудани ҷиноятҳои мазкур гунаҳгор ва бо назардошти барқарори зарарҳои моддӣ ба онҳо ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда шудааст[316].

Новобаста аз ҷой доштани таҷрибаи судӣ оиди сӯиқасди азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар бештар мавридҳо дар таҷриба бо чунин тарз ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс кам ба назар мерасад. Зеро дар амалияи тафтишотӣ дар баъзан мавридҳо ҳолате ба инобат гирифта мешавад, ки таркиби ҷиноятҳои тасарруф моддӣ буда, то ба вуқӯъ омадани оқибат дар намуди расонидани зарари моддӣ ҷиноят хотимаёфта ҳисобида намешавад. Такя ба ҳамин меъёр ва чунин ақидаи беасос ҳолатҳои истисно намудани ҷавобгарӣ барои сӯиқасди ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҷой дорад.

Аз ҷумла, ҶДММ «Собир-САМ»-и шаҳри Қургонтеппа (ҳозира Бохтар) ҷиҳати иҷрои корҳои сохтмонӣ дар иншооти «Идомаи сохтмони бинои хонаи истиқоматии 5-ошёнаи 20 ҳуҷрадори хизматии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Қурғонтеппа» дар озмуни хариди давлатӣ аз 13 ноябри соли 2015 ба маблағи 5520516 сомонӣ ғолиб омада, тибқи шартномаи пудратӣ аз 21 декабри соли 2015 корҳои сохтмониро ба маблағи 6120706 сомонӣ, аз ҷумла 600190 сомонӣ корҳои барзиёдиро иҷро намудааст.

Дар ин асос ва мувофиқи санадҳои корҳои иҷронамудаи ширкати пудратӣ – ҶДММ «Собир-САМ» аз ҷониби фармоишгар – раёсати сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо супоришномаҳои пулӣ маблағи умумии 5520508 сомонӣ пардохт карда шудааст, ки аз ин ҳисоб пудратчӣ дар назди фармоишгар ба маблағи 600198 сомонӣ ҳақдор мондааст.

Ҳолати иҷрои корҳои сохтмонии болозикр аз ҷониби мутахассисони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиши аудиторӣ қарор дода шуда, муайян карда шудааст, ки шахсони масъули ҶДММ «Собир-САМ» зимни иҷрои корҳои сохтмонӣ дар санадҳои иҷрои корҳо арзиши

---

[316] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №83637/15 // Бойгонии Суди ш. Душанбе. – Соли 2015.

масолеҳи сохтмонии истифодашуда ва ҳаҷми корҳои иҷрошударо ба маблағи умумии 105184 сомонӣ изофанависӣ намудаанд.

Дар рафти санҷиш тибқи санади муқоисавӣ бо роҳи ҳисоббаробаркунӣ маблағи 105184 сомонӣ аз ҳисоби ҳақдории ширкати пудратӣ кам карда шуда, бо ин роҳ зарари молиявӣ барқарор карда шудааст.

Маводҳои санҷиши молиявӣ аз тарафи воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ шуда, бо асоси он ки корҳои сохтмонии иҷрошударо ҳоло фармоишгар расман қабул накарда, изофанависиҳои ошкоршуда бошад то оғози муҳлати кафолатӣ, яъне дар мавриди амали муносибатҳои шартномавӣ ба миён омадаанд, инчунин бинобар ба пуррагӣ пардохт нашудани маблағи корҳои сохтмонӣ ҷой надоштани имконияти воқеии азонихудкунии маблағи изофанависишуда ва аз ин сабаб аз ҳисоби ҳақдорӣ ҳисоббаробар намудани зарари ошкоршуда, бо қарор аз 17 марти соли 2017 нисбати роҳбар ва ва сармуҳандиси ҶДММ «Собир-САМ», инчунин нозирони техники фармоишгар бинобар дар ҳаракатҳояшон набудани аломатҳои таркиби ҷиноят аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст.

Новобаста аз ин, омӯзиши маводи санҷишии мазкур собит намуд, ки қарори мурофиавии доир ба он қабулшуда бармаҳал буда, зимнан ба ҳаракатҳои шахсони масъул барои сохтакории ҳуҷҷатҳои расмӣ ва сӯиқасди азонихудкунӣ баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода нашудааст. Зеро шахсони масъули ширкати пудратӣ бо роҳи фароҳам овардани шароит, яъне дар ҳуҷҷатҳои расмӣ изофанависӣ намудани арзиш ва ҳаҷми корҳои сохтмонӣ барои азонихудкунии маблағҳои буҷетӣ сӯиқасд намуданд. Аммо қасди ҷиноятии мазкур бо сабабҳои аз иродаи онҳо вобастанабуда то ба охир расонида нашуда, он дар раванди санҷиши аудитории мақомоти назоратӣ ошкор ва пешгирӣ карда шудааст[317].

Мавриди қайд аст, ки ҳангоми азонихудкунӣ гунаҳгор дарк менамояд, ки бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрашбудаaро ба моликияти худ табдил дода истодааст, фаро расидани оқибатро дар намуди бо мақсади ғаразнок

[317] Ниг.: Маводи санҷишии №373-05 // Бойгонии Раёсати АНДМ ва МК дар вилояти Хатлон. – Соли 2017.

ғайриқонунӣ ва ройгон гирифтани чунин молу мулкро ба фоидаи худ пешбинӣ менамояд, хоҳони ба вуқӯъ омадани чунин оқибат мебошад.

Ҳангоми исрофкорӣ бошад қасди шахс дар он ифода мегардад: гунаҳгор дарк менамояд, ки бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрашбударо ба фоидаи худ ё шахси дигар бегона карда истодааст, фаро расидани оқибатро дар намуди бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ройгон ба фоидаи худ ё шахси дигар гузаронидани чунин молу мулкро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани чунин оқибат мебошад.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ танҳо таърифи мафҳуми ду намуди қасд ҷой дорад, аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дигар намудҳои қасд ҷудо карда мешаванд, аз ҷумла қасди пешакӣ ба нақша гирифташуда ва қасди ногаҳон бавуҷудомада[318].

Ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ низ қасд мумкин аст қасди ногаҳон бавуҷудомада ва ҳам чи тавре дар бештар ҳолатҳо ҷой дорад қасди пешакӣ ба нақаша гирифташуда бошад. Одатан гунаҳгор ҳануз дар давраи тайёрӣ ба ҷиноят шакл, усул, ҷой ва вақти содир намудани тасарруф, инчунин асоснок намудани сабабҳои гум шудан ё барнагардонидани молу мулк ва ғайро андеша мекунад[319].

Қасди пешакӣ ба нақша гирифташуда бештар ҳангоми содир намудани тасарруф аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҷой дорад.

Ба ғайр аз шакли гуноҳи қасдона дар намуди қасди бевосита тарафи субъективии таркиби ҷинояти барассишаванда бо мақсади ғаразнок тавсиф мегардад. Мақсад, ки худ аломати иловагии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад, дар ҳолати мазкур нақши аломати ҳатмии тасарруфро мебозад.

[318] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С.133.
[319] Ниг.: Макаров С. Субъекты должностных и служебных преступлений. / С Макаров. // Российская юстиция. – 1999. – №5. – С. 46.

Зери мафҳуми мақсад дар ҳуқуқи ҷиноятӣ тасаввуроти инсон оид ба натиҷаи фаъолият ё натиҷаи хаёлӣ (ғоявӣ)-и он[320], тасаввурот дар бораи оқибат мебошад, ки гунаҳгор ҳангоми содиркунии ҷиноят ҳосил шудани онро мехоҳад[321], тасаввурот оиди натиҷаҳои ҷиноятие мебошад, ки субъект барои ноил шудан ба он кӯшиш менамояд[322].

Қонунгузор ба сифати аломати тарафи субъективии тасарруф на ангезаи ғаразнок, балки маҳз мақсади ғаразнокро номбар намудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мақсади ғаразнок ба таври гуногун муайян карда мешавад. Асосан ба таври маҳдуд ё васеъ маънидод намудани ғараз ҷой дорад. Фаҳмиши маҳдуди мақсади ғаразнокро аксари олимон тарафдорӣ намуда, он чунин ифода мегардад, ки гунаҳгор аз ҳисоби молу мулки тасарруфшуда кӯшиш менамояд, на ҳама шахсро, балки худ ё шахсони наздикашро, ки бо онҳо муносибатҳои шахсӣ дошта, ба беҳбудии вазъи моддии онҳо ҳавасманд мебошад, бой гардонад[323], яъне молу мулки тасарруфшударо ба фоидаи худ ё шахсони наздикаш табдил диҳад. Б.В. Волженкин низ тақрибан чунин мавқеъро ишғол намуда, андеша дорад, ки мақсади ғаразнок дар ҳолатҳои агар молу мулки ғайр ғайриқонунӣ ва ройгон ба фоидаи гунаҳгор, ба фоидаи наздикони худ, ки барои беҳбудии вазъи моддии онҳо гунаҳгор шахсан ҳавасманд мебошад ва ба фоидаи шахсони дигар, ки шарикони тасарруф ҳисоб мешаванд, мавҷуд мебошад[324].

Тарафдорони фаҳмиши васеи мақсади ғаразнок аз он бармеоянд, ки тасарруф новобаста аз он ки дар натиҷаи содир шудани тасарруф молу мулк ба фоидаи кӣ табдил дода мешавад, аҳамият надорад, ба фоидаи худи гунаҳгор ё шахсони дигар. Масалан, А.Г. Безверхов баён медорад, ки «аз

---

[320] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр граф», 2019. – С. 259.

[321] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарстӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 145.

[322] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи Ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 117.

[323] Ниг.: Петров С.А. Корыстная цель в хищениях / С.А. Петров // Законность. – 2017. – №9. – С. 39-42; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: в 4 т. Т.2. – М., 2017. – С. 1359.

[324] Ниг.: Волженкин Б.В. Служебные преступления. – М., 2000. – С. 153

нигоҳи ҳуқуқӣ мақсади ғаразнок бояд ба он ҳолат ишора созад, ки дар натиҷаи содир гардидани тасарруф ин ё он кас ғайриқонунӣ бой мегардад ва инро гунаҳгор дарк месозад»[325].

Мақсади ғаразнок дар он ифода меёбад, ки тасарруфро содир намуда, гунаҳгор кӯшиш менамояд, ки аз ҳисоби молу мулки ғайр бо вайрон намудани тартиби тақсими неъматҳои моддӣ, ки қонунгузор муқаррар намудааст, худ бой шавад ё дигаронро бой гардонад[326].

Дар эзоҳи м.244 КҶ ҶТ низ мақсади ғаразнок ба маънои васеи он омадааст, яъне ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр.

Ғайр аз ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми муайян намудани мафҳуми мақсади ғаразнок баъзе олимон асосан ба аломати бойшавӣ, ба даст овардани фоидаи моддӣ ишора менамоянд.

Маҳз кӯшиши бойшавии гунаҳгор бо роҳи ройгон ба даст овардани молу мулке, ки нисбати он ҳуқуқ надорад, мақсади ғаразнокро тавсиф медиҳад[327].

С.А. Тропин вобаста ба исрофкории молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад мақсади ғаразнокро чунин баён медорад: 1) ба даст овардани фоидаи моддӣ дар натиҷаи азонихудкунии арзишҳо ё пул, ки бар ивази молу мулки ғайри ба шахсони дигар додашуда ба даст омадааст (ҳангоми фурӯхтан, ивазнамоӣ, пардохти хариди худ); 2) ба даст овардани фоидаи моддӣ, бо роҳи раҳоӣ ёфтан аз хароҷотҳои моддӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои моддии худ дар назди шахсони дигар тавассути истифода намудани молу мулки ғайр (масалан, пардохт намудани қарз); 3) фоидаи моддӣ ҳангоми истеъмол, шахсан барои худ сарф намудан (нӯшидан, хӯрдан, пардохти хизматрасонӣ); 4) халос

[325] Безверхов А.Г. Корыстная цель как субъективный признак хищения чужого имущества / А.Г Безверхов. // Уголовное право, уголовный закон: теория и практика: сборник науч. статей. – СПб., 2017. – С. 30.
[326] Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М., 2005. – С. 360.
[327] Ниг.: Миненок М.Г., Миненок Д.М. Корысть. Криминологические и уголовно-правовые проблемы. – СПб., 2001. – С. 110.

кардани худ аз уҳдадориҳои ғайримоддӣ, бо роҳи қонеъ намудани талаботҳои ғайримоддии худ[328] .

Ба андешаи Н.А. Лопашеко мақсади ғаразнок дар тасарруф ҷой дорад, агар гунаҳгор: барои бойшавии худ; бойшавии шахсоне, ки бо онҳо дар муносибатҳои шахсӣ қарор дорад; бойшавии шарикони ҷиноят; ба бойшавии шахсоне, ки гунаҳгор бо онҳо дар муносибатҳои молу мулкӣ қарор дорад, кӯшиш намояд[329].

Мақсади ғаразнок аломати ҳатмии тарафи суъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба ҳисоб меравад. Агар шахс ғайриқонунӣ ва ройгон гирифтан ё ситонидани молу мулки ғайрро бе мақсади бойшавӣ ё ба даст овардани фоидаи моддӣ анҷом диҳад дар ҳаракатҳои ӯ аломати тасарруф ҷой надорад.

Мақсади ғаразнок кӯшиши гунаҳгорро оид ба ихтиёрдорӣ намудани молу мулк ҳамчун молу мулки худ, масалан, ба моликияти худ табдил додан, туҳфа кардан, нобуд сохтан ва ғайраро ифода мекунад[330].

С.А. Елисеев мақсади тасарруфро, аз ҷумла азонихудкуниро маҳз азонихудкардани молу мулки ғайр меҳисобад[331]. Н.Эрашвили чунин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, баён мекунад, ки мазмуни мақсади содир намудани тасарруф дар кӯшиши гунаҳгор оид ба азонихуд кардани ашё ва минбаъд мувофиқи хоҳиши худ ихтиёрдорӣ намудан ба он ифода мегардад. Маҳз дар ҳамин ҳолат дар ҳаракатҳои шахс аломатҳои тасарруф ҷой дошта метавонад, агар мақсади гирифтани он - азонихудкардан исбот карда шавад. Агар шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст, танҳо пул ё дигар арзишҳоро истифода намуда, ният дошта бошад, ки дар оянда онро бармегардонад ё арзиши онро пардохт менамояд, мақсади азонихудкардан ҷой надорад. Бинобар ин, таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мавҷуд намебошад[332].

---

[328] Ниг.: Тропин С.А. Асари ишорашуда. – С. 119.
[329] Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С. 105.
[330] Ниг.: Севрюков А.П. Асари ишорашуда. – С.160.
[331] Ниг.: Елисеев С.А. Преступления против собственности по уголовному законодательству России (вопросы теории). – Томск, 1999. – С. 266.
[332] Ниг.: Асари ишорашуда. – С. 98.

Мисол, мутахассисони назорати давлатии молиявии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни санҷиши сметаи хароҷотии Шабакаи муассисаҳои «Кӯмаки аввалияи тибию санитарӣ»-и ноҳияи А.Ҷомӣ дар бунгоҳи саломатии деҳоти «Зарнисор» ба ҳолати 18 майи соли 2023 дар зиммаи шахси ҳисоботдиҳанда Камолова Қ.камомади ду адад таҷҳизоти тиббӣ, аз ҷумла «Цифровой диагностический УЗИ сканер Mindray 2308B OTO-S01» ба маблағи 309141,36 сомонӣ ва «Лабараторный микроскоп бинокулярный XE» ба маблағи 4249,45 сомонӣ муайян намуда, маводҳо барои баррасӣ ва қабули қарори қонунӣ ба воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ супорида шудааст.

Санҷиш собит намудааст, ки таҷҳизотҳои тиббии мазкур аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии хайриявии «Тоҷикистон» дар таърихи 12 июни соли 2017 тавассути мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мавриди ба истифода додани бунгоҳи саломатии деҳаи «Зарнисор» ба таври ройгон таъмин карда шуда, аммо бинобар сабаби дар бунгоҳи саломатӣ мавҷуд набудани мутахассиси соҳавӣ истифода намудани таҷҳизотҳои замонавии ултросадо ва лабараторӣ ғайриимкон гардидааст ва он тибқи дархости масъулини Шабакаи муассисаҳои «Кӯмаки аввалияи тибию санитарӣ»-и ноҳияи А.Ҷомӣ барои нигоҳдории муваққатӣ ба таъминотчӣ супорида шудааст. Илова бар ин, зимни азназаргузаронии таҷҳизотҳои мазкур маълум шудааст, ки онҳо то кунун истифода нашуда, дар ҳолати нави техникӣ қарор доштаанд.

Аз ин лиҳоз, таҷҳизотҳои зикршуда ба ҷои нигоҳдории расмӣ - бунгоҳи саломатии деҳаи «Зарнисор» бозпас ҷойгир карда шуда, бинобар сабаби дар ҳаракатҳои Камолова Қ.ва дигарон мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷинояти тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва дигар ҷиноятҳо нисбати шахсони масъул бо дастрасии м.27 қ.1 сархати 2 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст[333].

[333] Ниг.: Маводи санҷишии №231-25 // Бойгонии Раёсати АНДМ ва МК дар вилояти Хатлон. – Соли 2018.

Вобаста ба мазмуни «бойшавӣ», «ба даст овардани фоидаи моддӣ» доштани мақсади ғаразнок як гурӯҳ олимон пешниҳод менамоянд, ки ҳангоми тасарруф чунин мақсад ҷой надорад. Бинобар ин, зарур мешуморанд, ки аз мафҳуми тасарруф аломати мақсади ғаразнок хориҷ карда шавад. С.М.Кочои ба мақсад мувофиқ мешуморад, ки аз мафҳуми тасарруф мақсади ғаразнок хориҷ карда шавад, чунки дар амалия масъалаҳо оид ба бандубаст намудани ҳаракатҳои шахсе пайдо мешаванд, ки молу мулкро на аз рӯйи ангезаи ғараз, балки бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ (баргардонидани қарз, саривақт пардохт нашудани музди меҳнат ва ғайра) содир шуда, муқаррар намудани мақсади ғаразнок ғайриимкон мебошад.[334]

Ба андешаи А.В. Шулга низ тасарруф мумкин аст бидуни мақсади ғаразнок содир шавад. Масалан, тасарруф намудани молу мулки ғайр бо мақсади минбаъд несту нобуд сохтани он... Тасарруф бе мақсади ғаразнок барои ноболиғон низ хос мебошад, ки онҳо онро бо мақсади «қасосгирӣ», «барқасд» ва ғ. содир менамоянд. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба мафҳуми тасарруф дар қатори мақсади ғаразнок, инчунин ҳавасмандии ё манфиатдории шахсӣ дохил карда шавад[335].

Мақсади ғаразнок менависад Ю.Ю. Уланова аллакай аломати ҳатмии тасарруф ба ҳисоб намеравад, чунки барои молик фарқ надорад, ки бо кадом мақсад молу мулки ӯ ситонида мешавад, барои ӯ муҳим он аст, ки фонди молу мулкиаш кам мегардад. Бинобар ин, дар мафҳуми тасарруф нишон додани аломати ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон табдил додани молу мулк ё нишон додани аломати ихтиёрдорӣ намудан ба чунин молу мулк мувофиқи салоҳдиди худ басанда ҳисоб мешавад[336].

С. Скляров чунин нишон медиҳад, ки барои тасарруф танҳо муқаррар намудани он ки гунаҳгор ғайриқонунӣ молу мулкро бо мақсади ихтиёрдорӣ

---

[334] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 2000. – С. 111.
[335] Ниг.: Шульга А.В. Асари ишорашуда. – С. 87.
[336] Ниг.: Уланова Ю.Ю. Общие признаки хищения в составе кражи. – М., Юрлитинформ, 2013. – С. 139.

намудан ба он мувофиқи хоҳиши худ мегирад ё меситонад кофӣ мебошад[337]. Чунин андешаро П.С. Яни, Г. Борзенков ва М.Третяк тарафдорӣ менамоянд[338].

Бояд ба инобат гирифт, ки «ихтиёрдорӣ» мафҳуми васеъ мебошад, ки он мутобиқи қонунгузории граждании муайян намудани тақдири ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам воқеии ашёро дар бар мегирад, аз ҷумла бо роҳи несту нобуд кардан, зарар расонидан ба молу мулк. Бинобар ин, агар мақсади ғаразнок танҳо тавассути ибораи ихтиёрдорӣ муайян карда шавад, он тамоми ҳолатҳои гирифтани молу мулки ғайр, аз ҷумла бо мақсади несту нобуд сохтани молу мулк, муваққатан истифода бурдани молу мулки ғайрро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, чунин ҳолат мафҳуми тасарруфро беасос васеъ мегардонад ва имкон медиҳад, ки ҳолатҳои ба даст овардани молу мули ғайр масалан бо минбаъд несту нобуд сохтани он ҳамчун тасарруф бандубаст карда шавад.

Н.С. Третякова пешниҳод менамояд, ки дар қонун чунин мафҳуми мақсади ғаразнок мустаҳакам карда шавад: мақсади ғаразнок ин кӯшиши ба даст овардани молу мулки ғайр ё фоидаи хусусияти молу мулкидошта бо роҳи расонидани зарар ба молик ё дигар соҳиби молу мулк мебошад[339]. С. Григорев низ ба он андеша аст, ки тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст, танҳо бо мақсади ғаразнок содир шавад, яъне мақсади ғаразнок аломати ҳатмии тасарруф буда, он мумкин аст ҳамчун кӯшиши шахс барои ба даст овардани фоидаи хусусияти молу мулки дошта муайян карда шавад[340].

Ба андешаи мо ба мафҳуми мақсади ғаразнок аз ҷониби гунаҳгор ба даст овардани «дигар манфиатҳо» дохил шуда наметавонад, зеро ин имконияти аз

---

[337] Ниг.: Скляров С.В. Понятие хищения в уголовном законодательстве России: теоретический анализ / СВ. Скляров // Государство и право. – 1997. – №9. – С. 67.

[338] Ниг.: Яни П.С. Уголовное право. Актуальные проблемы теории и практики: сборник очерков / под ред. В.В. Лунева. – М.: Юрайт, 2010. – С. 588; Борзенков Г. Признаки хищения в составе вымогательства / Г. Борзенков // Законность. – 2010. – №4. – С. 19 -24; Третьяк М. Цель хищений - не только корысть / М. Третьяк // Уголовное право. – 2009. – № 4. – С. 69.

[339] Ниг.: Третьякова Н.С. Лингвистические особенности уголовно-правовых норм об ответственности за хищения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2008. – С. 8.

[340] Ниг.: Григорьев А.И. Уголовно-правовые и криминолгические средства борьбы с присвоениями и растарамати, совершаемыеми в исправительных колониях: дис ... канд. юрид. наук. – Рязань, 2005. – С. 51.

дигар ҷиноятҳои бе ғараз ҷудо намудани тасарруфро истисно менамуд, масалан, аз сӯиистифодаи ваколатҳои мансабӣ, ки бо ғараз ё дигар манфиатдории шахсӣ содир мешавад.

Масалан, нисбати шаҳрванд М.Б., парвандаи ҷиноятӣ бо б. «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ барои он оғоз карда шудааст, ки номбурда дар вазифаи мудири шуъбаи маориф кор карда истода, бо истифодаи ваколати мансабдорӣ дар давраи аз 01 сентябри соли 2014 то 01 апрели соли 2016 бо роҳи нодуруст тартиб додани тарификатсия музди меҳнати воҳидҳои кории холиро ғайриқонунӣ ба музди меҳнати кормандони амалкунандаи шуъбаи маориф ҳисобӣ намуда, дар ин замина 138 227,82 сомонӣ маблағҳои буҷетиро бо роҳи исрофкорӣ тасарруф кардааст.

Аммо бо маҷмӯи далелҳои дар рафти тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятии мазкур ҷамъоварда муайян карда шудааст, ки кормандони амалкунандаи шуъбаи маориф дар қатори иҷрои вазифаҳои хизматии худ, инчунин вазифаҳои хизматии воҳидҳои кории холиро бо меъёри аз 0,25 то 0,75 воҳид иҷро кардаанд. Бинобар ин, шаҳрванд М.Б. аз ҳисси мансабпарастӣ ҷиҳати ҳавасмангардонии кормандони зертобеаш ва ба таври мусбӣ нишон додани фаъолияти корӣ бархилофи манфиатҳои хизматӣ ва бо вайрон кардани талаботи қонунгузории соҳавӣ амал намуда, бо фармоиши худ музди меҳнати яккатор кормандони шуъбаро ба маблағи умумии 138 227,82 сомонӣ барзиёд ҳисоб ва пардохт намудааст. Дар ин раванд мақомоти тафтишӣ нишонаҳои асосии тасарруф, яъне боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсонро муайян накардааст.

Аз ин лиҳоз, қисми маводҳои парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд М.Б. бо б. «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ КҶ бинобар дар ҳаракатҳояш мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ин ҷиноят қатъ карда шуда, дар ин хусус номбурда бо қ.1 м.314 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст.

Минбаъд, пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати М.Б., бинобар татбиқи санади авф қатъ карда шудааст[341].

Вобаста ба он ки мазмуни мафҳумҳои ҳуқуқӣ бо маънои калима мухолифат надошта бошад ба луғати забони тоҷикӣ руй меоварем, ки мувофиқи он калимаи ғараз ҳамчун «мурод, мақсад, манзур; нияти ниҳонии бад ба зиёни касеву ба манфиати худ; суди худу зиёни дигареро ҷустан»[342] маънидод карда мешавад.

Ҳангоми баҳо додан ба тарафи субъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бояд онро ба ҳисоб гирифт, ки ин ҷиноятҳо дар шахси гунаҳгор мавҷуд будани ангезаи ғаразро талаб менамояд, чунки ҷиноятҳои мазкур танҳо бо қасди бевосита содир мешаванд, ки барои бо роҳи ғайриқонунӣ гирифтани молу мулки ғайри ба гунаҳгор бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрашбуда бо мақсади ройгон ба фоидаи худ ё бо мақсади ғаразнок ба шахсони дигар додани он равона шудааст. Бинобар ин, шахс дар содир намудани тасарруф гунаҳгор дониста намешавад, агар молу мулки ғайрро на аз рӯйи ангезаи ғараз, балки бо ҳавасмандии шахсӣ ё фаҳмиши нодурусти манфиатҳои хизматӣ, инчунин барои истифодабарии муваққатӣ бо минбаъд баргардонидани он гирифта бошад.

Ҳамин тариқ, аломатҳои тарафи субъективии азонихудкунӣ ё исрофкориро дида баромада, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Ҳангоми азонихудкунӣ гунаҳгор дарк менамояд, ки бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрашбударо ба моликияти худ табдил дода истодааст, фаро расидани оқибатро дар намуди бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон гирифтани чунин молу мулкро ба фоидаи худ пешбинӣ менамояд, хоҳони ба вуқӯъ омадани чунин оқибат мебошад.

Ҳангоми исрофкорӣ бошад қасди шахс дар он ифода мегардад: гунаҳгор дарк менамояд, ки бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон молу мулки

[341] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №15246/16 // Бойгонии Суди ш. Панҷакент. – Соли 2016.
[342] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷилди 1 Душанбе, 2008. – С. 375.

ғайри ба ӯ бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрашбударо ба фоидаи худ ё шахси дигар бегона карда истодааст, фаро расидани оқибатро дар намуди бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ройгон ба фоидаи худ ё шахси дигар гузаронидани чунин молу мулкро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани чунин оқибат мебошад.

Ба ғайр аз шакли гуноҳи қасдона дар намуди қасди бевосита тарафи субъективии таркиби ҷинояти барассишаванда бо мақсади ғаразнок тавсиф мегардад. Мақсади ғаразнок дар он ифода мегардад, ки гунаҳгор молу мулки ғайрро барои ба даст овардани фоидаи молу мулкӣ ба манфиати худ ё шахсони дигар табдил медиҳад.

## 2.5. Аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва амалишавии онҳо дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ

1.**Такроран содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (б. «а» қ.2 м.245 КҶ ҶТ).**

Аломати такроран содир намудани ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ яке аз шаклҳои сершумори ин қабил ҷиноятҳо ба ҳисоб рафта, ба дуруст бандубасти ҷиноят таъсир мерасонад. Чунки аз ҷониби як шахс содир гаштани тасарруф дар якчанд ҳолат аз дараҷаи нисбатан баланди хавфнокии ҳам субъект ва ҳам кирдори содирнамудаи ӯ дарак медиҳад. Шахси якчанд ҷиноят содирнамуда бо андешаҳои зиддиҷамъиятии устувор тавсиф мегардад. Дар натиҷаи такроран содир намудани тасарруф зарари моддии ба молик ё соҳиби дигари он расонидашаванда одатан назар ба як ҷиноят бештар мебошад.

Мутобиқи қ.1 м.19 КҶ ҶТ такрори ҷиноят кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо содир намудааст. Содир кардани ду ва ё зиёда кирдор ҷинояти дар моддаҳои мухталифи ҳамин Кодекс пешбинигардидаро танҳо дар ҳолатҳое такрори ҷиноят ҳисобидан мумкин аст, ки агар он дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс зикр гардида бошад.

Бо риояи меъёри қ.3 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ азонихудкунӣ ё исрофкорӣ такроран содиршуда эътироф мешавад, агар қабл аз он як ё якчанд ҷинояти пешбининамудаи м.м.244 (дуздӣ), 245 (азонихудкунӣ ё исрофкорӣ), 246 (тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда), 247 (қаллобӣ), 248 (ғоратгарӣ), 249 (роҳзанӣ), 250 (таъмаҷуӣ), 251 (тасарруфи ашё ё асноди дорои арзиши махсус), 254 (соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки бараъло бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст), 257 (тасарруфи воситаҳои фондҳои кумаки хориҷӣ), ҳамчунин м.м.186 (бандитизм), 194 (тасарруфи маводи радиоактивӣ), 199 (тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканада ва воситаҳои таркиш), 202 (тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди (аналоги) онҳо) содир намуда бошад. Ҳамин тариқ, қонунгузор номгӯи пурраи ҷиноятҳоеро нишон додааст, ки ду ё зиёда ҳолатҳои содир намудани онҳо такроран эътироф мешавад.

Чи тавре дар боло зикр намудем, такрорӣ ҳамчун аломати вазнинкунандаи таркиби азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин зоҳиршавии институти сершуморагии ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо дода мешавад. Масалан, сершуморагии ҷиноятҳо ин аз тарафи шахс содир кардани ду ё зиёда ҷиноятҳое, ки мувофиқи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноятҳои алоҳида бандубаст карда мешаванд[343], аз ҷониби як шахс содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳое, ки ҳар кадоми онҳо тамоми аломатҳои ду ё зиёда таркиби ҷиноятро доро мебошанд,[344] аз ҷониби шахс содир гаштани ду ё зиёда ҷиноят мебошад, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ

[343] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 174.
[344] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 310.

кашидан бо ҳар яки он ҷой дошта бошад ё оқибатҳои ҳуқуқӣ барои ҷиноятҳои қаблан содиршуда барҳам нахӯрда бошанд.[345]

Аммо аз тамоми таърифҳои зикршуда чунин бармеояд, ки сершуморагии ҷиноятҳо аз ҷониби як субъект содир гардидани ду ва ё зиёда ҷиноятҳои мустақилро талаб месозад, ки ҳар яки он боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад.

Вобаста ба ин, такроран содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар ҳолате ҷой дорад, ки агар барои ҷиноятҳои қаблан содиршудаи дар қ.3 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ муқарраршуда мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан (м.75 КҶ ҶТ), мӯҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ (м.81 КҶ ҶТ) нагузашта бошад, инчунин ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ҷой надошта бошад.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» зикр шудааст, ки «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ такроран эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш тибқи талаботи моддаҳои 72-75-и КҶ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод ё парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонун нисбаташ қатъ гардида ё мутобиқи моддаи 84-и ҳамин Кодекс доғи судиаш барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад»[346].

Барои мавҷуд будани такрорӣ хотима ёфтан ё нотамом будани ҷиноят аҳамият надорад.

Дар рафти бандубасти тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бояд такроран содир намудани тасарруфро аз тасарруфи давомдор фарқ намуд.

Масалан, омӯзиши парвандаи ҷиноятӣмуайян намуд, ки шаҳрванд А.М., дар вазифаи сармуҳосиби Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд кор карда, шахси ҷавобгарии пурраи моддидошта ба ҳисоб рафта, зимни иҷрои вазифаҳои хизматии хеш

---

[345] Ниг.: Уголовное право.Том 1. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата. Отв.ред. А.В. Наумов, А.Г. Кибальник. – М., 2019. – С. 204.

[346] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 106.

бо сӯиистифодаи ваколатҳои хизматӣ дар асоси маслиҳати пешакӣ бо директори муассиса Р.Т., давоми соли хониши 2016-2019 маблағи 799751,02 сомонии аз тарафи волидайни хонандагони МДТ «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд барои таҳсил, истифодаи хобгоҳ ва иҷорапулии китобҳои дарсӣ пардохт кардашударо расман ба хазина ворид накарда, давра ба давра бо роҳи азонихудкунӣ тасарруф намуда, байни худ тақсим намуданд.

Дар натиҷаи кирдорҳои қасдонаи ӯ ба давлат зарари махсусан калони моддӣ расонида шуд.

Шаҳрванд А.М.кирдорҳои ҷиноятии худро идома дода, такроран моҳи январи соли 2017 огоҳ гашт, ки барои таъмини МДТ «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд бо маводҳои хӯрока ва ангишт тендер эълон карда шуда истодааст. Шаҳрванд А.М., баъди пайдо намудани маълумот, қасди тасарруфи маблағҳои пулиро ба миқори калон пеша намуда, нақшаи ҷинояти бо роҳи азонихудкунӣ тасарруф намудани маблағҳои барои харидории маводи хӯрока ва ангишт ҷудошударо таҳрезӣ намуд.

Минбаъд, ӯ ҷихати амалӣ намудани қасди ҷинояткоронаи худ, моҳи январи соли 2017 бо директори ҶДММ «Файзи Музафар» шаҳрванд П.М., шинос гардида, бо охирон маслиҳати пешакӣ намуданд, ки ҳамчун хизматрасон дар тендери хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ барои таъмин намудани МДТ «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд бо маводи хӯрокворӣ ва ангишт иштирок намуда, ӯро ғолиб эътироф намуда, минбаъд, маблағҳое, ки барои хизматрасонӣ ба суратҳисобаш гузаронида мешаванд, нақдӣ кунонида, 12 фоизи онро ба худ гирифта, қисми боқимондаи маблағро ба А.М.медиҳанд.

Ҳамин тавр, директори ҶДММ «Файзи Музафар» шаҳрванд П.М.дар асоси маслиҳати пешакӣ бо шаҳрванд А.М.амал карда, давоми солҳои 2017-2019 баъди ба суратҳисобаш ворид гаштани маблағҳои пулии 1488692,35 сомонӣ, ягон хизматрасонӣ анҷом надода, маблағҳои пулии мазкурро нақдӣ

кунонида, 12 фоизи онро ҳамчун ҳаққи хизматрасониаш гирифта, қисме аз фоизи гирифтаашро барои пардохти андозҳои хисобшуда ва хизматрасонии бонкӣ супорида, қисми дигари маблағро дар ҳаҷми 70 000 сомонӣ дар асоси маслиҳати пешакӣ бо А.М.тасарруф намуданд.

Вобаста ба ин ҳолатҳо нисбати А.М.ва дигарон бо б. «б» қ.4 м.245 ва б. б. «а, б» қ.2 м.340 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, пешбурди парвандаи ҷиноятии мазкур бинобар сабаби пурра таллофӣ намудани зарари расонидашуда бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019, №1648 қатъ карда шудааст[347].

Мафҳуми ҷиноятҳои давомдор вобаста ба тасарруф дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004 чунин муайян шудааст: Тасарруфи давомдор, ки аз як қатор ҳаракатҳои ҷиноятии ҳаммонанд иборат буда, бо роҳи аз худи ҳамон як манбаъ кашида гирифтани молу мулки ғайр содир шудаасту ба қасди умумӣ равона шудааст ва дар маҷмуъ ҷинояти давомдорро ташкил мекунад, бояд аз тасарруфи такроран содиршуда фарқ карда шавад»[348].

Хусусиятҳои ҷинояти давомдор аз он иборат аст, ки аввал ҳама амалҳое, ки аз онҳо таркиб меёбад бояд аз нигоҳи ҳуқуқӣ монанд (якхела) бошанд, ҳатто ҳангоми гуногунхелии воқеии онҳ (масалан, тасарруф бо усулҳои гуногун аммо монанд); дуюм, ҳар яке аз ин амалҳо (ҳаракат) аз рӯйи хусусиятҳои худ аломатҳои ҷинояти мустақилро доранд; сеюм, лаҳзаҳои алоҳида новобаста ба ин бояд ҳамчун қисми як ҷиноят баҳо дода шаванд, чунки онҳо бо қасди ягонаи ҷинояткор фарогир мебошанд. Ин одатан ҳангоми мавҷуд будани ҳамон як шакли гуноҳ, ангезаҳои монанд ва ягонагии мақсади фаъолияти субъектон зоқир мегардад. Чорум, барои ҷинояти

[347] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №21200/19 // Бойгонии Суди ш. Хуҷанд. – Соли 2019.
[348] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 39.

давомдор он чи хос мебошад, ки гунаҳгор ҳанӯз барои ҳеҷ як лаҳзаи ҷинояти давомдорро ташкилкунанда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудааст[349].

Ҳангоми омӯзиши маводҳои парвандаи ҷиноятӣ нисбати сармуҳосиби МДТ «Литсейи касбии махсуси маъюбон»-и Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ шаҳрванд С.Р., маълум гардид, ки номбурда дидаю дониста натиҷаи ниҳоии варақаҳои пардохтии музди меҳнатро баъди гузоштани имзо ва муҳри директори муассиса, ки ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқдиҳанда ба ҳисоб меравaнд, тағйирот ворид намуда, аз ҳисоби маблағҳои барои музди меҳнат пешбинигардида ба номи собиқ кормандони муассиса Ш.А., Э.А., ва Ш.С., ба корти пластикии онҳо, ки дар истифодааш қарор доштанд, аз моҳи августи соли 2018 то моҳи августи соли 2020 маблағи умумии 157 336,65 сомонӣ ғайриқонунӣ музди меҳнат ҳисоб карда, минбаъд маблағи мазкурро бо қасди ягона ва бо мақсади умумӣ давра ба давра тасарруф намуда, барои эҳтиёҷоти шахсии худ ва дигар сарчашмаҳо хароҷот намуд. Дар натиҷаи кирдорҳои қасдонаи С.Р. манфиатҳои давлат поймол гардида, ба маблағи 157 336,65 сомонӣ зарари моддӣ ба миқдори махсусан калон расонида шудааст.

Бо ҳукми суд шаҳрванд С.Р. дар содир намудани ҷиноятӣ пешбиникардаи б. «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудааст[350].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ баён мешавад, ки такрори ҷиноят ҷой дорад, агар доғи судӣ барои ҷинояти қаблан содиршуда барҳам нахурда ё бардошта нашуда бошад[351].

Вобаста ба ин бояд зикр намуд, ки доғи судии ноболиғон танҳо ҳангоми ресидив эътироф намудан ба назар гирифта намешавад. Дар ҳолати такрорӣ бошад мутобиқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ гарчанде доғи судӣ ҳангоми синни ноболиғӣ ретсидиви ҷиноятро ташкил надиҳад ҳам, аммо он

[349] Ниг.: Галиакбаров Р.Р.Уголовное право. Общая часть. – Краснодар, 1999. – С. 237.
[350] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №21200/20 // Бойгонии Суди ш. Хуҷанд. – Соли 2020.
[351] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть. /Под ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М., 1996. – С.122-123; Курс Уголовного права. Общая часть. Т. 1. /Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М., 1999. – С. 498.

аломати вазнинкунандаи такрориро, аз ҷумла ҳангоми тасарруф ба вуҷуд меовардад[352].

Ҷиноят такрорӣ эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда буд ё доғи судӣ барои ин ҷиноятҳо барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад (қ.3 м.19 КҶ ҶТ). Мутобиқи мазмуни меъёри мазкур такрорӣ содир намудани ду ё бештар ҷиноят ҳисоб мешавад, ки барои онҳо шахс ҳануз маҳкум нашудааст ё қаблан маҳкум шуда бошад ҳам, аммо доғи судиаш барҳам ё бардошта нашудааст.

Бояд баён дошт, ки чунин фаҳмиши такрорӣ бо мафҳуми ретсидиви ҷиноят, ки он дар м.21 КҶ ҶТ мустаҳакам шудааст, мумкин аст дар рақобат қарор гирад. Зеро такрори ҷиноят низ ҳамчунин содир намудани ду ё бештар ҷинояти қасдонаро пешбинӣ месозад.

Чунин андешаро муаллифони дигар низ таъкид менамоянд[353]. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ масъалаи аз ҳам ҷудо намудани такрорӣ ҷиноят ва ретсидиви ҷиноятро олимон кӯшиш менамоянд ба таври гуногун ҳал намоянд. Баъзе аз олимон ба он ақидаанд, ки ретсидиви умумӣ, ки дар қ.1 м.18 КҶ ФР (таҳрири соли 2002) (қ.1 м.21 КҶ ҶТ) аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти қасдона доғи судидошта содир намудани ҳамагуна ҷинояти қасдонаи навро дар назар дорад, ки бо ҷинояти қаблан содиршуда монанд ё якхела намебошад[354]. Ба андешаи мо нисбат додани қ.1 м.21 КҶ ҶТ танҳо ба ҷиноятҳои ҳаммонанд ва якхела набуда беасос мебошад, чунки дар м.21 КҶ ҶТ на бевосита ва на бавосита чунин хулосабарорӣ баён нашудааст. Ғайр аз ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин мафҳум ба монанди ретсидиви махсус фарқ карда мешавад, ки он чунин муайян шудааст: ретсидиви махсус

---

[352] Ниг.: б.19 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳоиноболиғон» аз 12 декабри соли 2002 №6 // Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 2019. – С. 17.

[353] Ниг.: Уголовное право России. Часть особенная. / Отв. ред. Л.Л. Крутиков. – М., 1999. – С. 91; Макарова И.А., Дьяченко Р.А. О некоторых пробелах в УК РФ. // Правоведение. Сборник научных статей молодых ученых юридического факультета. – Краснодар, 1999. – С. 216-217.

[354] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Общая часть. / Под ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М., 1996. – С.34.

бо он тавсиф мегардад, ки шахс пас аз маҳкумшавӣ барои ҷинояти қасдонаи аввал ҷинояти қасдонаи дигари монанд ё дар ҳолатҳои махсус дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинишуда якхеларо содир менамояд. Масалан, пас аз маҳкумшавӣ барои гирифтани пора шахс боз пора мегирад[355]. Дар мисоли зикршуда низ сарҳади байни такрорӣ ва ретсидив ба назар намерасад.

Дигар муаллифон пешниҳод менамоянд, ки ба мафҳуми такрорӣ чунин илова ворид карда шавад: ҷиноят инчунин дар ҳолатҳое такрорӣ содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахс қаблан барои ҷинояти монанд суд шуда бошад[356]. Аммо ибораи «суд шуда бошад» аз доғи судии шахс дар замони гузашта шаҳодат медиҳад, яъне аз доғи судии барҳам ё бардошташуда, ки ин мутобиқи қ.7 м.84 КҶ ҶТ ҳама гуна оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро беэътибор мегардонад. Бинобар ин, пешниҳоди зикршуда низ наметавонад рақобати байни такрорӣ ва ретсидивро бартараф созад.

Ба андешаи мо бо мақсади аз ҳам ҷудо намудани такрорӣ ва ретсидив ва бо ҳам бархурд накардани онҳо пешниҳод менамоем, ки қ.1 м.18 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар шавад: такрори ҷиноят дар вақти гуногун содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳое эътироф мешавад, ки дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда, барои ҳеҷ кадоми он шахс маҳкум нашуда бошад, ё танҳо барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда маҳкум гардида бошад. Ҷойгир намудани маҳкумшавӣ барои ҷиноятҳои аз беҳтиётӣ содиршуда дар таърифи такрорӣ аз он бармеояд, ки ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил медиҳанд.

2. **Содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ.**

Содир намудани ҷиноят аз тарафи ду ё бештар шахсон ҳама вақт дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршавандаро вобаста ба як қатор

---

355 Ниг.: Галиакбаров Р.Р. Уголовное право. Общая часть. – Краснодар, 1999. – С. 251.

356 Ниг.: Макарова И.А., Дьяченко Р.А. О некоторых пробелах в УК РФ. / И.А. Макарова, Р.А. Дьяченко // Правоведение. Сборник научных статей молодых ученых юридического факультета. – Краснодар, 1999. – С. 217.

сабабҳои хусусияти объективӣ ва субъективидошта зиёд мегардонад. Масалан, муттаҳидии кӯшиши ду ё бештар шахсон ҳангоми содир намудани як кирдори ҷиноятӣ натиҷанокии ҳаракатҳои онҳоро баланд месозад. Ғайр аз ин, ҳангоми содирнамудани як ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон як навъ дастгирии руҳии байниҳамдигарии онҳо ба вуҷуд омада[357], чунин ҳолат ба майлу хоҳиши содир намудани ҷиноят ба ҳар яке аз аъзоёни гурӯҳ тақвият мебахшад. Гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ намуди бештар паҳнгаштаи таҷовузҳои гурӯҳӣ ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакиро қонунгузор дар қ.2 м.39 КҶ ҶТ чунин муайян намудааст: ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд.

**Аломати аввали шакли мазкури шарикӣ дар ҷиноят ин ҷой доштани гурӯҳи шахсон мебошад, яъне ҳадди ақал дар гурӯҳ бояд ду нафар бошад. Ғайр аз ин, шахсони ба ҳайати гурӯҳ воридшаванда бояд ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда тавонанд, яъне қобилияти бурдани ҷавобгарии ҷиноятиро дошта бошанд.** Вобаста ба ин дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ №3 аз 25 – уми июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» омадааст, ки «гурӯҳи шахсони бо маслиҳати пешакиро танҳо шахсоне ташкил карда метавонанд, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Шахсони номукаллаф ва шахсоне, ки синну солашон барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нарасидааст, ҳуқуқан, яъне аз нуқтаи назари талаботи қонуни ҷиноятӣ, ба ҳайати гурӯҳ дохил шуда наметавонад, гарчанде онҳо амалан дар ниҳоӣ гирифтани молу мулки ғайр бевосита иштирок карда бошанд ҳам (б.13).

Шахсе, ки ҷиноятро ташкил кардааст ё дидаву дониста иштирокчии ҷиноятро, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, ба содир намудани

[357] Ниг.: Эрашвили Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ): дис. ... канд. юрид. наук. – М, 2003. – С. 111-112.

duздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ моил кардааст, мутобиқи қ.2 м.36 КҶ ҶТ чун иҷрокунандаи ҳаракати содиршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад (б. 14)[358].

Аломати дигари гурӯҳи шахсон аз он иборат аст, ки бояд ҳар яке аз аъзои гурӯҳ ҳамчун ҳамиҷрокунанда ҳисоб шавад, яъне бо ин ё он тарз тарафи объективии ҷиноятро иҷро намоянд. Албатта талаб намешавад, ки ҳар яке аз ҳамиҷрокунанда ба пуррагӣ тарафи объективии ҷиноятро иҷро намояд[359].

Тавре қайд гардид, ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дорои субъекти махсус мебошад, аз ҷумла ба чунин сифат танҳо шахсе баромад карда метавонад, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, яъне ба сифати иҷрокунандаи ин ҷиноят танҳо нафарони зикршуда ҳисоб шуда метавонанд. Пас саволе пайдо мешавад, ки агар шахс дорои чунин аломатҳо набуда, якҷоя бо шахси субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар содир намудани ҷинояти мазкур иштирок карда бошад, пас дар ин ҳолат гурӯҳи шахсон ҷой дошта метавонад ё не?

Дар муддати тӯлонӣ амалияи судӣ ҳангоми баҳо додан ба чунин ҳолатҳо қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС таҳти №4 аз 11 июли соли 1972 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳо дар бораи тасарруфи молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ»-ро ба роҳбарӣ мегирифтанд, ки мутобиқи он ҳаракатҳои шахсони дилхоҳи дар чунин тасарруф бо субъекти махсус (шахси мансабдор ё шахсони ҷавобгарии моддидошта) аз руи маслиҳати пешакӣ иштирокдошта бояд ҳамчун ҳаракатҳои иҷрокунанда бандубаст карда шавад[360], яъне аз рӯйи б. «б» қ.2 м.245 КҶ ҶТ.

Чунин тавзеҳ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби олимон мавриди танқид қарор дода мешуд, чунки молу мулки боваркарда супоридашударо танҳо

---

358 Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 38.

359 Ниг.: Кудрявцев, В.Н., Наумов, А.В. Российское уголовное право. Особенная часть: учебник / В.Н. Кудрявцев, А.В. Наумов. – М.: Юристъ, 1997. – С. 188.

360 Ниг.: Судебная практика по уголовным делам: В 2 ч. Часть 1: Сборник постановлений Пленумов Верховных судов СССР, РСФСР и Российской Федерации / Сост.С.А.Подзоров. – М., 2001. – С. 130.

нафаре азонихуд ё исроф карда метавонад, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст. Шахсони дигар танҳо метавонанд ба субъекти махсус дар иҷрои чунин ҳаракатҳо мусоидат намоянд, чунки худи онҳо имконияти содир намудани онро надоранд[361].

Баъд аз қабули КҶ ФР соли 1996 ва КҶ ҶТ соли 1998 низ то ҳанӯз масъалаи мазкур дар байни олимон ҳалли ягонаи худро пайдо накардааст.

Чунончи, гурӯҳи аввали олимон, ҷой доштани гурӯҳи шахсонро ҳангоми бо субъекти махсус якҷоя дар содир намудани ҷиноят иштирок доштани шахсони дигар, ки дорои чунин аломатҳо намебошанд, эътироф менамоянд.

Масалан, Б.В. Волженкин баён менамояд, ки агар қисме аз маҷмӯи ҳаракатҳои тарафи объективии тасарруф ташкилкунандаро «субъекти дилхоҳ содир намуда тавонад, пас дар гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ бо субъекти махсус содирнамуда чунин шахс ҳамчун ҳамиҷрокунанда ҳисоб мешавад».[362]

С.М.Кочои низ дар он андеша ҳаст, ки дар чунин ҳолатҳо бандубаст намудани ҳаракатҳои шахс бо ишора ба м.33 КҶ ФР (м.36 КҶ ҶТ) ва ба ӯ таъин намудани ҷазои нисбатан сабуктар назар ба субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ вобаста ба зарурати таъмини мубориза̄и самаранок бо азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки аз ҷониби гурӯҳ содир мешавад, ба мақсад мувофиқ намебошад. Ҳол он ки шахс гарчанде субъекти махсус аз рӯйи мазмуни м.160 КҶ ФР (м.245 КҶ ҶТ) ҳисоб нашавад ҳам, аммо тарафи объективии ҷиноятро иҷро намудааст[363]. Чунин андешаро Д.Ю. Срипников низ тарафдорӣ менамояд[364].

С. Аветисян низ дар робита бо чунин мавқеъ қайд намудааст, ки мавҷуд будани аломати иловагии субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ «аз

---

[361] Ниг.: Погребняк И.Г. Квалификация хищений, совершенных по предварительному сговору группой лиц / И.Г. Погребняк // Борьба с хищениями государственного и общественного имущества. – М., 1971. – С. 200.

[362] Ниг.: Волженкин Б.В.Некоторые проблемы соучастия в преступлениях, совершаемых специальными субъектами / Б.В. Волженкин // Уголовное право. 2000. – №1. – С. 15.

[363] Ниг.: Кочои С.М. Об ответственности за присвоение и растрату чужого имущества / С.М. Кочои // Юридический вестник. – 2000. – №1. – С. 41.

[364] Ниг.: Скрипников Д.Ю. Присвоение и растрата как способы и обращения чужого имущества, вверенного виновному: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 126.

хусусиятҳои муносибатҳои махсуси бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда барнамеояд» ва «таҷовуз ба ин манфиатҳо бо вайрон намудани ягон хел қоидаҳои махсуси рафтор, ки бо санадҳои қонунгузории махсус» муқаррар шуда бошанд робита надорад. Агар дар таркиби ҷиноят танҳо субъект махсус бошад, пас ҳамиҷрокунандагони чунин ҷиноят мумкин аст субъекти умумӣ, ки бевосита дар иҷро намудани тарафи объективии он иштирок намудаанд, ба ҳисоб раванд[365].

Олимони дигар чунин андеша доранд, ки бо мақсади амалӣ намудани принсипи адолат ҳангоми содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ки танҳо як шахс дорои аломатҳои субъекти махсус мебошад, кирдори ӯ бояд бо қ.2 м.160 КҶ ФР (қ.2 м.245 КҶ ҶТ) ва кирдори шахсони субъекти махсус набуда бо м.33 ва қ.2 м.160 КҶ ФР (м.32 ва қ.2 м.160 КҶ ҶТ) ба сифати ташкилкунанда, ёрдамчӣ ё таҳриккунандаи тасарруф дар ҳайати гурӯҳ бандубаст карда шаванд[366].

Гурӯҳи дигари олимон, ки аксариятро ташкил медиҳанд, аз муқаррароти қ.4 м.37 КҶ ҶТ (қ.4 м.34 КҶ ФР) пайравӣ менамоянд. Аз ҷумла, мувофиқи он «шахсе, ки ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро дар шарикӣ содир намуда, аммо субъекти ҷинояти мазкур намебошад, барои ин ҷиноят метавонад танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад».

Шахсе, ки ба ӯ молу мулки ғайр бовар карда супорида нашудааст, мутобиқи қонун иҷрокунанда (ҳамиҷрокунанда)-и азонихудкунӣ ё исрофкорӣ буда наметавонад[367]. В.С. Комиссаров баён менамояд, ки қ.4 м.34 КҶ ФР (қ.4 м.37 КҶ ҶТ) меъёри умумӣ ҳисоб мешавад, бинобар ин шахсе, ки аломатҳои субъекти махсуси ҷинояти дахлдорро надорад, ҳеҷ вақт наметавонад иҷрокунанда ҳисоб шавад, ҳатто агар бо маслиҳати пешакӣ бо субъекти

---

[365] Ниг.: Аветисян С. Проблемы соучастия в преступления со специальным субъектом (специальным составом) / С. Аветисян // Уголовное право. – 2004. – №1. – С. 4-6.
[366] Ниг.: Иванов В.В., Тесленко А.Е. Проблемы квалификации группового хищения чужого имущества путем присвоения или растраты / В.В. Иванов, А.Е. Тесленко // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – №3(39) – 2008. – С. 94.
[367] Ниг.: Данилов А.В. Асари ишорашуда. – С. 176

махсус амал намуда бошад ҳам.[368] Ба андешаи А. Бойсов шахсоне, ки ба қатори нафарони ба онҳо молу мулк бовар карда супоридашуда дохил нашуда, аммо якҷоя бо субъекти нисбати молу мулк чунин ваколатдошта дар тасарруф иштирок менамоянд бояд ба сифати на иҷрокунанда, балки ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд[369]. Тасарруфи молу мулки бовар карда супоридашуда бояд аз рӯйи аломати вазнинкунандаи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ бандубаст карда шавад, агар дар ҷиноят ду ва бештар шахсоне иштирок карда, ба аломатҳои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҷавобгӯ бошанд[370].

Дар назария, инчунин муқаррароте ҷой дорад, ки мувофиқи он дар ҳолатҳои тибқи қонун маҳдуд кардани доираи иҷрокунандагон дигар шарикон мумкин аст ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд[371].

Чунин муқаррарот дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда инъикоси худро пайдо намудааст. Бахусус, мутобиқи қ.4 м.37 КҶ ҶТ «Шахсе, ки субъекти ҷинояти дар моддаи Қисми махсуси ҳамин Кодекс махсус зикргардида набуда, дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи ҳамин модда иштирок кардааст, барои ин ҷиноят метавонад танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад».

Ба андешаи мо низ субъекти ҷинояти дар м.245 КҶ пешбинишуда махсус буда, вобаста ба ин бо назардошти қ.4 м.37 КҶ ҶТ тамоми ҳамиҷрокунандагони гурӯҳ бояд дорои аломатҳои дар қ.1 м.245 КҶ ҶТ муқарраршуда бошанд.

Агар чунин ваколатҳо (бовар карда супорида шудани молу мулк ва дар ихтиёр доштани он) танҳо ба яке аз иҷрокунандагон мансуб буда, дигар шарикон чунин ваколатҳоро надошта бошанд, кирдорҳои онҳо ҳамчун

---

[368] Ниг.: Комиссаров В.С. // В кн.: Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1 / Под. ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М, 2002. – С. 399-434.

[369] Ниг.: Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – С. 568-569.

[370] Ниг.: Комментарий к уголовному кодексу Российской Федераqии.Под ред О.С. Капинус. – М., 2019. – С. 808.

[371] Ниг.: Тельнов П.Ф. Ответственность за соучастие в преступлении. – М., 1974. – С. 151.

ҳамиҷрокунанда баррасӣ карда нашуда, онҳо бо ишора ба м.36 КҶ ҶТ ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Мутассифона, чунин хусусиятҳои назарияи шарикӣ ва муқаррароти қ.4 м.37 КҶ ҶТ нисбат ба таркиби мазкури ҷиноят дар қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии ҶТ зикр нашудааст ва барои бартараф намудани чунин норасоӣ лозим мешуморем, ки ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» ба б. 7 бо мазмуни зайл илова ворид карда шавад: шахсоне, ки субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳисоб нашуда, якҷоя бо шахсе ки молу мулк ба ӯ бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, дар содир намудани ҷинояти мазкур иштирок намудаанд, мумкин аст танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ бо ишора ба м.36 ва м.245 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Дар ин ҳолат бандубаст намудани кирдори иҷрокунанда ва ҳамиҷрокунандагони дигар ки субъекти махсус ҳисоб намешаванд, аз рӯйи б. «б» қ.2 м.245 КҶ ҶТ мумкин нест».

Ҳамин тавр, аз сабаби он ки азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби субъекти махсус – шахсе, ки молу мулк ба ӯ бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, содир мегардад, бинобар ин гурӯҳи шахсон бояд ҳадди ақал ду ҳамиҷрокунанда дошта бошад, ки дорои аломатҳои субъекти махсус бошанд. Ҳаракатҳои боқимонада шарикон бандубастро бо ишора ба м.36 ва м.245 КҶ ҶТ тақозо менамояд.

Аломати дигари тавсифдиҳандаи гуруҳи шахсон мутобиқи б. «б» қ.2 м.245 КҶ ҶТ ин ҷой доштани маслиҳати пешакӣ мебошад. Аломати мазкур онро ифода мекунад, ки байни шахсони ба гуруҳ дохил шаванда бояд маслиҳати пешакӣ дар хусуси якҷоя содир намудани ҷиноят мавҷуд бошад. Дар ин маврид маслиҳат пешакӣ ҳисоб мешавад, агар маслиҳат дар бораи содир намудани ҷиноят то оғози бевосита амалисозии он, яъне то оғози иҷрои ҳаракатҳои ба тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ

дохилшаванда анҷом дода шуда бошад. Давраи охирони фаъолияти ҷиноятӣ, ки дар он маслиҳат имконпазир аст, тайёрӣ барои содир намудани тасарруф ба ҳисоб меравад, чунки дар давраи сӯиқасд аллакай ифодаи тарафи объективии таркиб оғоз мегардад.

Дар ин раванд, аҳамият надорад, ки кадом доираи вақт лаҳзаи маслиҳатро аз лаҳзаи содир намудани ҷиноят ҷудо месозад. Инчунин, барои бандубаст ҳолати то кадом андоза маслиҳати анҷомдодашуда муфассал ва мушаххас мебошад, аҳамиятнок намебошад. Аз ҷумла, гунаҳгорон мумкин аст ҷузъан ҷинояти дар оянда содиршавандаро ба нақша гирифта бошанд ё танҳо маслиҳат барои содир намудани ҷиноят бе аниқ намудани ин ё тафсилоти он анҷом дода шуда бошад. Маслиҳат мумкин аст ба содир намудани як ҷинояти мушаххас ё якчанд ҷиноят дахл дошта бошад[372].

З.А. Незнамова бо чунин андеша розӣ набуда, чунин баён менамояд: «барои бандубаст бо аломати мазкури вазнинкунанда зарур аст, ки гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ хусусияти ҷузъӣ дошта бошад, яъне барои содир намудани як ҷиноят ташкил шуда, пас аз он гурӯҳ барҳам мехурад ва шарикӣ амалӣ худро қатъ мегардонад. Бо ин гурӯҳ аз гурӯҳи муташаккил фарқ менамояд..»[373]. Бо чунин андеша розӣ будан мушкил аст. Зеро маслиҳат дар бораи содир намудани якчанд ҷиноят мумкин аст аз нияти гунаҳгорон оид ба дар оянда ташкил намудани гурӯҳи муташаккил шаҳодат диҳад, аммо танҳо ин аломат, барои устувор эътироф намудани гурӯҳ басанда намебошад.

Агар маслиҳат дар бораи якҷоя содир намудани тасарруф пас аз оғози амалишавии ҷиноят аз ҷониби яке аз шарикон ба амал ояд, аломати таҳлилшавандаи вазнинкунанда истифода намешавад. Аммо суд метавонад далели содир шудани тасарруфро дар ҳайати гурӯҳи шахсон ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо мутобиқи б. «в» қ.1 м.62 КҶ ҶТ ба инобат гирад.

---

[372] Ниг.: Лопашенко Н.А. Асари ишорашуда. – С. 261.

[373] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 2001. – С. 275 (автор главы – З.А. Незнамова).

**Маслиҳати пешакӣ дар бораи ҳаракатҳои якҷоя бояд то содир намудани ҷиноят ҷой дошта бошад, яъне дар давраи тайёрӣ ба ҷиноят, на ин ки дар давраи сӯиқасд ба ҷиноят[374].**

**Маслиҳат дар бораи содир намудани тасарруфи дилхоҳ, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ хусусиятӣ пешакӣ дорад ва чун қоида метавонад пеш аз оғози содир намудани ҷиноят ҷой дошта бошад[375].**

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ таҳти №3 аз 25 – уми июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» омадааст, ки «Маслиҳат дар мавриде пешакӣ кардашуда ҳисобида мешавад, ки то саршавии тасарруф, дар давоми тайёрӣ ба он ё бевосита пеш аз сӯйиқасд доир гардида бошад. Фосилаи вақти байни маслиҳат ва саршавии тасарруфи молу мулки ғайр аҳамияте надорад»[376] (б. 10).

Ҳамин тавр, маслиҳати пешакӣ барои содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин маслиҳат мебошад, ки то оғози иҷрои тарафи объективии ҷинояти мазкур, дар вақти амалӣ намудани ҳаракатҳои тайёрӣ ба ин ҷиноят ё бевосита пеш аз сӯиқасд ба ҷиноят амалӣ шудааст.

Чунончи, аз маводҳои парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, ки директори генералии КВДК «Хизматрасонии нақлиёти санитарӣ»-и шаҳри Хуҷанд шаҳрванд Ҳ.С. дар асоси маслиҳати пешакӣ бо сармуҳосиби корхона С.Н. чарххои резинии дар истифодабудаи бе ҳуҷҷат харидоришударо аз номи ҶДММ «Шамс 2017» ҳуҷҷатгузорӣ намуда, бо роҳи барзиёд нишон додани нарх ва микдори чархҳо 135500 сомонӣ маблағҳои давлатиро азонихуд кардаанд.

Шаҳрвандон Ҳ.С. ва С.Н. дар асоси ҳукми суд дар содир намудани ҷинояти пешбиникардаи б. «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудаанд[377].

---

374 Ниг.: Эрашвили Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ): дис. ... канд. юрид. наук. – М, 2003. – С. 113.

375 Ниг.: Григорьев А.И. Асари ишорашуда. – С. 58.

376 Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 37.

377 Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №21099/21 // Бойгонии Суди ш. Хуҷанд. – Соли 2021.

**Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд (б «в» қ.2 м.245 КҶ ҶТ).**

Аломати мазкур тавсифдиҳандаи миқдори андозаи зарар ба ҳисоб меравад, ки он мумкин аст «оддӣ» (қ.1 м.245 КҶ), бо расонидани зарари моддии ҷиддӣ (б «в» қ.2 м.245 КҶ ҶТ), ба миқдори калон (б «а» қ.3 м.245 КҶ) ва махсусан калон (б «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ) бошад.

Андозаи зарар яке аз асосҳо барои фарқгузорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо роҳи муқаррар намудани аломатҳои вазнинкунандаи зикршуда ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд аломати баҳододашаванда буда, он дар қонун муайян нашудааст ва дар ҳар як ҳолати мушаххас аз ҷониби муфаттиш ва суд бо назардошти вазъи молиявии ҷабрдида муайян карда мешавад. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ таҳти №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» тавзеҳ дода шудааст, ки «дар мавриди бандубаст намудани ҳаракатҳои шахсе, ки тасарруфи моликияти шахсиро бо расонидани зарари ҷиддӣ, калон ё махсусан калон содир намудааст, ба судҳо лозим аст, ки банди 2 эзоҳ ба м.244 КҶ ҶТ-ро ба роҳбарӣ гирифта, ҳолати молу мулкии ҷабрдида, арзиши молу мулки тасарруфшуда ва аҳамиятнокии он ба ҷабрдида, андозаи музди меҳнат, нафақа, дар таъминоти ҷабрдида мавҷуд будани хурандагон, маҷмуи даромади аъзои оила, ки бо онҳо хоҷагии умумӣ мебарад ва ғайраро ба инобат гиранд.

Бо аломати вазнинкунандаи мазкур «танҳо дар ҳолате ба гунаҳгор айб эълон карда мешавад, ки агар дар натиҷаи ҷинояти содиршуда ба ҷабрдида воқеан зарари моддии ҷиддӣ расонида шуда бошад»[378] (б. 26).

Ҳамин тавр, зарари ҷиддӣ, пеш аз ҳама, на бештар аз арзиши молу мулки тасарруфшуда, балки аз маҷмуи омилҳои дигари муайянкунандаи вазъи молу мулкии ҷабрдида вобастагӣ дорад. Вале дар ҳама гуна ҳолат зарари ҷиддии

[378] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 42.

ба ҷабрдидаи мушаххас расонидашуда наметавонад дар ифодаи пулӣ аз зарар ба миқдори калон зиёд бошад, дар акси ҳол кирдори шахс бояд аз рӯйи б. «а» қ.3 м.245 КҶ бандубаст карда шавад.

Дар ин раванд бояд зикр кард, ки андозаи зарари моддии муайян барои шахсони (ҷабрдигарони) алоҳида бо дарназардошти вазъи молу мулкии онҳо аҳамияти гуногун дорад. Масалан, маблағи 10 ҳазор сомонӣ ба як шаҳрванди камбизоат зарари махсусан калони моддӣ ба ҳисоб рафта, ҳамин маблағ ба шаҳрванди дар фаровонӣ зиндагидошта ҳамчун зарари ҷиддии моддӣ дониста мешавад.

Чи тавре аз матни қонун (б.»в» қ.2 м.245 КҶ ҶТ) бармеояд, аломати баррасишаванда, ки тавсифдиҳандаи андозаи тасарруф ба ҳисоб меравад, ба тасарруфи молу мулки ба шаҳрвандон мансуббуда тааллуқ дошта, он ба молу мулки давлатӣ ё дастҷамъӣ дахл надорад. Мутобиқи қ.4 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд.

Ба андешаи мо чунин муқаррарот ба принсипи конститутсионии ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият мухолифат менамояд (м.12 Конститутсияи ҶТ). Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар **б. «в» қ.2 м.245 КҶ ҶТ** калимаи «шаҳрванд» бо калимаи «ҷабрдида» иваз карда шавад, зеро чунин тағйирот барои ба сифати ҷабрдида эътироф намудани намояндаҳои шахсони ҳуқуқӣ (зимни тасарруфи моликияти давлатӣ ва дастаҷамъӣ) низ имкон медиҳад.

Дар ин замина бояд дар эзоҳи м.244 КҶ ҶТ дар хусуси муайян намудани андозаи зарари ҷиддии ба моликияти давлатӣ ва дастаҷамъӣ расонидашаванда тағйирот ворид карда шавад.

Ғайр аз ин, муайян намудани зарари ҷиддӣ танҳо вобаста ба вазъи молу мулкии ҷабрдида бе назардошти тарафи субъективии ҳаракатҳои гунаҳгор, яъне муносибати руҳии ӯ ба зарари расонидашуда ба принсипи

гунаҳгоркунии субъективӣ мухолиф мебошад, ки дар ин бора дар адабиётҳои ҳуқуқӣ баён шудааст[379].

Дар ин бора Г.В. Верина чунин менависад, ки аз сабаби он ки бо ба қонунгузории ҷиноятӣ дохил намудани аломати вазнинкунандаи «расонидани зарари ҷиддӣ ба ҷабрдида» диққати асосӣ ба тарафи воқеии он дода мешавад, ки ин дар навбати худ принсипи гунаҳгоркунии субъективиро халалдор месозад. Бинобар ин, дар матни қонун бояд ба «дидаву дониста» расонидани зарари ҷиддӣ ишора шавад, ки ин монеъаи сарфи назар намудани принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мегардад[380].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо б «в» қ.2 м.245 КҶ ҶТ бояд дар матни зерин ифода карда шавад: «бо дидаву дониста расонидани зарари ҷиддӣ ба ҷабрдида» .

**Ба миқдори калон ё махсусан калон содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба сифати аломати вазнинкунанда дар м.245 қ.3 б. «а» ва қ.4 б. «б» КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст.**

Дар фарқият аз аломати вазнинкунандаи баҳододашавандаи «расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд» зарар «ба миқдори калон» ва «миқдори махсусан калон» дар қонун муайян шудааст. Чунончи, дар қ.2 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои ҳамин боб андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад. Ба миқдори махсусан калон арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

Ҳамин тавр, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба миқдори калон содир шуда эътироф мешавад, агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз андозаи

[379] Ниг.: Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – С. 504; Скляров С.В. Квалификация преступлений против собственности с причинением значительного ущерба / С.В. Скляров // Журнал Имущественные отношения в Российской Федерации – №8(203) – 2018. – С. 60.

[380] Ниг.: Верина Г.В. Асари ишорашуда. – С. 107.

нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба, миқдори махсусан калон аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар бошад.

Аз қ.2 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ бармеояд, ки андозаи тасарруф вобаста ба арзиши молу мулки тасарруфшуда муайян карда шуда, арзиши молу мулк дар баҳои пулӣ ифода мегардад. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» муқаррар шудааст, ки «миқдори молу мулки тасарруфшударо муайян карда истода, дар ин маврид бояд арзиши воқеии он дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба асос гирифта шавад. Ҳангоми набудани маълумот дар бораи нарх, арзиши молу мулки тасарруфшударо дар асоси хулосаи экспертҳо муайян кардан мумкин аст» (б.27).[381]

Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки ба миқдори калон содир мешавад мумкин аст ҳамчун ҷинояти хотимаёфта танҳо дар ҳолатҳое бандубаст карда мешавад, ки агар ба ҷабрдида зарари воқеии молу мулкӣ расонида шуда бошад. Мавҷуд будани фоидаи аз дастрафта аҳамияти молу мулки тасарруфшуда барои ҷабрдида ҳангоми муайян намудани андозаи тасарруф аҳамияти ҳуқуқӣ надорад.

Ғайр аз ин, барои истифода намудани аломати мазкури вазнинкунанда зарур аст, ки гунаҳгор қасди мушаххас (муайян) барои тасарруф намудани молу мулки ғайр ба миқдори калонро дошта бошад. Чунин нуқта дар тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ низ омадааст, ки мувофиқи он тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастҷамъӣ ба миқдори калон ё махсусан калон бояд...ҳангоми ҳолатҳое, ки аз қасди содир намудани тасарруф ба миқдори калон ё махсусан калон шаҳодат медиҳанд, содир шуда бошанд, бандубаст карда шавад (б. 27 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ таҳти №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ,

[381] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 42.

қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ»)[382]. Агар шахс зимнан аз рӯйи ҳолатҳои аз ӯ вобастанабуда азонихудкунӣ ё исрофкориро ба миқдори калон ё махсусан калон содир карда натавониста бошад, кирдори ӯ ҳамчун сӯиқасд барои ҷинояти мазкур ба миқдори калон ё махсусан калон бо ишора ба қ.3 м.32 ва б «а» қ.3 м.245 ё б «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Чунин таркиби азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (б. «а» қ.3, м.245 КҶ) аз лаҳзаи тасарруфи молу мулки ғайр, ки арзиши он аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд мебошад, инчунин ҳангоми дар гунаҳгор пайдо шудани имконияти воқеии ихтиёрдорӣ ё истифода намудани молу мулки тасарруфшуда хотимаёфта эътироф мегардад.

Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба миқдори калон мумкин аст дар ҳолатҳое ҷой дошта бошад, ки вақте гунаҳгор як ҳаракат содир намуда арзишҳои моддӣ ё маблағҳои пулиро баробар ба миқдори калон тасарруф менамояд, инчунин дар ҳолатҳое, ки вақте миқдори калон натиҷаи якчанд амалҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб равад. Масалан, дар ҳолатҳое, ки вақте тасарруф бо якчанд кирдорҳои ҷиноятӣ, бо ҳамон як усул ва аз ҳамон як манбаъ содир шуда, бо қасди ягонаи гунаҳгор фаро гирифта шуда, аз мавҷуд будани тасарруфи давомдор шаҳодат медиҳанд, пас ҳангоми расонидани зарар ба миқдори калон кирдор аз рӯйи б. «а» қ.3 м.245 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Мисол, шаҳрванд Ғ.Ҳ. директори КВД «Бинокор»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Ғайратов Ҳайдар дар асоси Протоколи ҷаласаи Комиссияи тендерӣ аз 24 майи соли 2019 оиди корҳои «Таъмири ҷории бинои ҷомашуйхона ва хобгоҳ»-и МД «Литсейи касбии махсуси маъюбон» ба маблағи 94 648 сомонӣ ва Протоколи ҷаласаи Комиссияи тендерӣ аз 28 апрели соли 2020 оиди корҳои «Таъмири ҷории бинои хобгоҳ, бинои таълимӣ ва ҳаммом»-и Литсей ба маблағи 330690 сомонӣ ғолиби озмун дониста шудааст. Минбаъд, Ғ.Ҳ. зимни тартиб додани санадҳои иҷроиши корҳои таъмирӣ бо роҳи изофанависии ҳаҷм ва арзиши корҳо дар объектҳои

[382] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С.42.

болозикр, маблағи умумии 61 915 сомониро тасарруф намуда, ба давлат зарари калони моддӣ расонидааст. Дар асоси ҳукми суд шаҳрванд Ғ.Ҳ. дар содир намудани ҷинояти пешбиникардаи б. «а» қ.3, м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудааст[383].

Дар мавриди ҳалли масъалаи бандубасти ҳаракатҳои шахсоне, ки тасарруфи молу мулки ғайрро дар ҳайати гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил бо аломатҳои «ба шаҳрванд зарари ҷиддӣ расонидан» ё бо аломатҳои «ба миқдори калон» ё «махсусан калон» содир карда бошанд, бояд арзиши умумии молу мулки аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи ҷиноятӣ тасарруфшударо ба асос гирифт[384] (б.27 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ таҳти №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ»).

Мисол, шаҳрванд А.А., дар вазифаи муовини директори генералии КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон»-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда, дар давраи фаъолияти кориаш тибқи маслиҳати пешакӣ бо сармуҳосиби ташкилоти таъминоти комплексонии истеҳсолоти корхона Б.У. ва директори ҶСП «Ҷавоҳир Инвест» Н.А. давоми солҳои 2014-2015 бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷатҳои муҳосибии сохта амволи аз эътибор соқитшудаи корхона иборат аз металлҳои сиёҳу ранга ва қубурҳои гуногун ба маблағи умумии 1 198 454,8 сомониро бо роҳи азонихудкунӣ тасарруф намуда, ба давлат зарари махсусан калони моддӣ расониданд.

Дар асоси ҳукми суди шаҳри Бӯстон шаҳрвандон А.А., Б.У. ва Н.А. дар содир намудани ҷинояти пешбиникардаи б. «б» қ.4 м.245 ва м.323 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудаанд[385].

---

[383] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №50152/20 // Бойгонии Суди ноҳияи Сино. – Соли 2020.

[384] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С.42.

[385] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №16449/22 // Бойгонии Суди шаҳри Бустон. – Соли 2022.

**Содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколати мансабдорӣ (б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ).**

Тасарруф дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколати мансабдорӣ ба таркиби мураккаби ҷиноят мансуб мебошад, зеро он дар як вақт ба ду объекти бевосита таҷовуз меоварад: муносибатҳои моликиятӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи манфиатҳои фаъолияти хизматӣ дар соҳаҳои гуногун, ки ба риоя ва иҷрои қонунҳо ва (ё) дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ асос ёфтааст, яъне таъминкунандаи манфиатҳои хизматӣ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо, манфиатҳои ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва хизмат дар мақомоти худидораи маҳаллӣ мебошад.[386]

Бояд иброз намуд, ки аломати истифода аз ваколатҳои мансабӣ ба ғайр аз ҷинояти баррасишаванда боз дар м.338[1] КҶҶТ (Ғайриқонунӣ додани қитъаи замин) ба сифати аломати вазнинкунанда пешбнӣ шуда, дар б. «д» қ.2 м.179 КҶ ҶТ (Терроризм) ва б. «б» қ.4 м.289 КҶ ҶТ (Қочоқ) бошад ҳолати вазнинкунанда бевосита аз ҷониби шахси мансабдор содир намудани ҷиноят мебошад. Дар дигар моддаҳои КҶ ҶТ аломати вазнинкунанда дар шакли «бо истифодаи мақоми хизматӣ» истифода шудааст.

Баъзе аз кормандони амалия дар он ақида ҳастанд, ки фарқияти асосии аломатҳои вазнинкунандаи «бо истифодаи ваколати мансабдорӣ» ва «бо истифода аз мақоми хизматӣ» дар субъект ифода ёфта, субъекти аввал танҳо шахси мансабдор буда метавонад. Ба шахсони мансабдор инчунин шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ анҷом медиҳанд дохил намешаванд. Ҳама гуна шахсони мансабдор мақоми муайяни хизматӣ дорад, аммо на ҳама шахси мақоми муайяни хизматӣ дошта шахси мансабдор эътироф мешавад, яъне истифодаи ваколатҳои мансабӣ назар ба истифодаи мақоми хизматӣ мафҳуми маҳдудтар ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, дар таҷрибаи тафтишотӣ зимни бо б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ бандубасти кирдор иштибоҳан ҳолати вазнинкунанда - «бо истифода аз

[386] Ниг.: Аснис А.Я. Уголовная ответственность за служебные преступления в России. – М.: АО «Центр ЮрИнфоР», 2004. – С. 106-134.

ваколати мансабӣ»-ро бо содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахси мансабдор маънидод карда мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки дар асоси қ.4 м.4 КҶ ҶТ мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад.

Дар ин асно, мутобиқи қ.1 эзоҳи м.314 КҶ ҶТ таҳти мафҳуми шахси мансабдор шахси таъин ё интихобшуда фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбат ба шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда.

Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009, №22 дар ин хусус ба таври возеҳ тавзеҳ додааст, ки мувофиқи мазмуни он сухан дар бораи истифода аз мақоми хизматӣ меравад. Аз ҷумла, таҳти мафҳуми ваколатҳои мансабдорӣ – маҷмӯи ваколатҳое дониста мешавад, ки хусусияту аломати таркибии онҳо дар эзоҳи моддаҳои 295 ва 314 КҶ пешбинӣ гардидаанд.

Иштибоҳи мазкур дар амалияи тафтишотӣ ҳангоми бандубасти ҷиноят бо б.»в» қ.2 м.338[1] КҶ ҶТ низ таъсири манфӣ расонида, дар мавриди аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир намудани ин кирдор бе назардошти ҳолати вазнинкунандаи мазкур баҳогузорӣ карда мешавад.

Масалан, шаҳрванд А.У. тибқи қарори раиси кумитаи идораи замини ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон дар вазифаи мутахассиси кумитаи мазкур кор карда истода, бархилофи м.29 Кодекси замини Ҷумҳурии

Тоҷикистон амал карда, ба шаҳрвандон М.Р., ва М.Қ.бар ивази маблағи 10000 сомонӣ дар масоҳати 0,08 га қитъаи замини наздиҳавлигиро барои сохтмони манзили истиқоматӣ ғайриқонунӣ ҷудо карда додааст.

Оид ба ин ҳолат, нисбати А.У. парвандаи ҷиноятӣ бо қ.1 м.338[1] КҶ ҶТ оғоз карда шуда, парванда баъди итмоми тафтиши пешакӣ барои баррасӣ ба суди ноҳияи Кӯшониён ирсол карда шудааст.

Бо ҳукми суд шаҳрванд А.У. барои содир намудани маҷмӯи ҷиноятҳои дар б. «а» қ.3 м.м.247 ва қ.1 338[1] КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба номбурда ҷазои ҷарима бо маҳрум кардани ҳуқуқи ишғоли мансабҳо дар мақомоти ваколатдори батанзимдарории соҳаи замин таъин карда шудааст.

Омӯзиши парвандаи ҷиноятии мазкур нишон дод, ки гарчанде ба зиммаи шаҳрванд А.У. ҳамчун мутахассиси кумитаи идораи замин яккатор ваколатҳо оид ба истифодаи самарноки замин, аз ҷумла дар маҳал муайян намудани ҳудуд ва ҷудо намудани қитъаи замин вогузор шуда бошад ҳам, вале бо далели ҳамчун шахси мансабдор (мувофиқи эзоҳи м.314 КҶ ҶТ) ба ҳисоб нарафтан ва ба ваколатҳои бевоситаи номбурда тибқи қарори дахлдор ҷудо карда додани қитъаи замин дохил нашудан, қисми маводҳои парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ бинобар дар ҳаракатҳояш мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷинояти пешбининамудаи б. «в» қ.2 м.338[1] КҶ ҶТ қатъ карда шудааст.

Ҳамзамон, омӯзиши ҳукми суди ноҳияи Кӯшониён бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд А.У. нишон дод, ки номбурда дар давраи фаъолият дар вазифаи мутахассиси кумитаи идораи замини ноҳияи Кӯшониён дар якчанд ҳолатҳои дигар бо роҳи фиреб ва сӯиистифода аз боварии шаҳрвандон ба онҳо ғайриқонунӣ қитъаи замини наздиҳавлигиро ҷудо карда додааст.

Доир ба ҳолатҳои болозикр суд кирдори А.У.-ро дуруст, яъне ғайриқонунӣ додани қитъаи замин бо истифодаи ваколати мансабӣ бандубаст карда, номбурда барои содир намудани маҷмӯи ҷиноятҳои

пешбининамудаи б. «а» қ.3 м.м.247 ва қ.1 м.338[1] КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудааст[387].

Бо назардошти мавҷудияти мухолифатҳои ҷойдошта ба мақсад мувофиқ мебошад, ки аломати мазкури вазнинкунанда бояд ҳамчун «бо истифода аз мақоми хизматӣ» ба мисли дигар моддаҳои (б. «г» қ.2 м.247, б. «б» қ.2 м.253, б. «а» қ.2 м.260 КҶ ҶТ) муқаррар карда шавад.

Ҳамин тариқ, субъекти ҷинояти дар б. «г» қ.2 м.245 КҶ пешбинишуда шахсоне шуда метавонанд, ки нисбат ба молу мулки ба онҳо бовар карда супурдашуда ё дар ихтиёрашон буда ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд. Бинобар ин, агар шахс бо истифодаи ваколати мансабдорӣ молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супурдашуда ё дар ихтиёрашбударо ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон ва бебозгашт аз худ карда, онро ба фоидаи худ ё дигарон табдил диҳад, кирдори ӯ бояд бо б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Масалан, шаҳрванд С.А. дар асоси фармоиши директори Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи сардори шуъбаи Агентӣ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе кор карда, бо истифода аз ваколати мансабдорӣ дар давраи фаъолияти кориаш ҷинояти азонихудкуниро бо расонидани зарари махсусан калони моддӣ дар ҳолатҳои зерин содир намудааст.

Чунончи, ӯ аз 1 январи соли 2017 то 31 августи соли 2020 бо истифода аз ваколати мансабдорӣ ба азонихудкунии маблағҳои буҷетӣ машғул шуда, дар 9-ҳолат ба номи собиқ мутахассиси шуъба Д.Р. маблағи 286000 сомонӣ, дар 1 ҳолат ба номи собиқ мутахассиси шуъба С. Б. маблағи 10000 сомонӣ, дар 30-ҳолат ба номи сармутахассиси шуъба Г. М.маблаги 53210 сомонӣ ва дар 2 ҳолат ба номи худ маблағи 9100 сомонӣ, ҷамъ маблағи 100910 сомониро тавассути чекҳои пулӣ аз Филиали «Амонатбонк» дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба таври накдӣ гирифта, маблағи 39925 сомониашро дар фаъолияти молиявию хоҷагии шуъба хароҷот намуда, боқимонда маблағи 60985 сомониро тасарруф ва ба манфиатҳои шахсиаш сарф кардааст.

[387] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №25156/23 // Бойгонии Суди ноҳияи Кушониён. – Соли 2023.

Дар асоси ҳукми суд шаҳрванд С.А. барои содир намудани ҷинояти б. «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудааст[388].

Бояд ба эътибор гирифт, ки субъекти ин ҷиноят на танҳо шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои давлатӣ, инчунин, шахсоне дониста мешаванд, ки ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравиро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо иҷро мекунанд (б. 12 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» )[389].

Мисол, ҶДММ «Рамзес» тибқи протоколи тендерии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири Муассисаи давлатии «Истироҳатгоҳи коргарҷавонон»-и Ромити Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиб дониста дониста шудааст.

Директори ҶДММ «Рамзес» М.Ш. ҳамчун роҳбари ташкилоти пудратӣ аз ваколатҳои мансабдории худ истифода намуда, зимни иҷрои корҳои сохтмонӣ бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи тартиб додани санадҳои иҷроиши корҳои сохтмонӣ дар моҳи декабри соли 2019 музди меҳнати коргарон, маҳсулотҳои сохтмонӣ ва андози аз арзиши иловашударо барзиёд нишон дода, дар маҷмуъ маблағи 55092 сомониро азонихуд намудааст.

Дар ин хусус, М.Ш. бо б. «а» қ.3 м.245 ва қ.1 м.340 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, бо ҳукми суд маҳкум карда шудааст[390].

Дар б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ сухан дар бораи содир шудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколатҳои мансабдорӣ меравад. Яъне имкониятиҳои махсус вобаста ба мансаб бояд маҳз ҳамчун усули гирифтани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё шахсони сеюм истифода шавад. Бинобар ин, ваколатҳо, ки дар доираи истифодаи ваколатҳои мансабӣ

[388] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №50162/20 // Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2020.
[389] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои (2002-2019). – Душанбе, 2019. – С. 107.
[390] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №36456/20 // Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2020.

ҳамчун аломати вазнинкунанда ҳангоми тасарруфи молу мулки бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрбуда истифода мешаванд, мумкин аст танҳо ваколатҳо оид ба ихтиёрдорӣ ва идоракунии молу мулк ба ҳисоб раванд. Агар ваколатҳои дигари шахси мансабдор, аз ҷумла ваколатҳои ташкиливу амрдиҳӣ бо ихтиёрдорӣ намудан ба молу мулк вобаста набошанд, пас тасарруфи чунин молу мулк аз ҷониби шахсе, ки танҳо масалан барои нигаҳдории чунин молу мулк масъул аст, татбиқи аломати истифода аз ваколатҳои мансабиро талаб наменамояд[391].

П. С. Яни чунин баён менамояд, ки «зери мафҳуми ваколатҳо оид ба ихтиёрдорӣ, идоракунии молу мулк дар ташкилотҳо, муассисаҳо бояд имконияти ба шахс пешниҳодшудаи мустақилона ҳал намудани масъала дар бораи тақдири молу мулк, дар бораи ҳаракати он фаҳмида шавад. Ҷой доштани уҳдадории ба шахс гузошташудаи амалӣ намудани ҷойивазкунонии молу мулк, ки танҳо хусусияти техникӣ дорад (шофер –экспедитор, инкассатор, фурӯшанда) дар шахс мавҷуд будани ваколатҳо оид ба фармонфармоӣ, идора намудани молу мулкро ифода намекунад»[392].

Зери мафҳуми истифодаи мақоми хизматӣ бояд содир намудани ҳаракатҳое фаҳмида шаванд, ки ба доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва хизматии шахс дохил буда, аз вазифаҳои ташкиливу амрдиҳӣ ё маъмуриву хоҷагидорӣ иборат мебошанд.[393]

Ҳангоми содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифода аз мақоми хизматӣ молу мулк ба шахс зери ҷавобгарии моддӣ бовар карда супорида шудааст; шахс вобаста ба мақоми хизматии ишғолнамудааш

---

[391] Ниг.: Кузнецов А.А., Бугера М.А. Присвоение и растрата, совершаемые с использованием своего служебного положения / А.А. Кузнецов, М.А. Бугера // Закон и право. – №12. – 2016. – С. 98.
[392] Ниг.: Яни П. Использование служебного положения при хищении вверенного имущества // Законность,2010. №3. С.18.
[393] Ниг.: Эриашвили Н.Д. Квалифицирующие признаки присвоения и растраты / П. Яни // Юридический мир №10. – 2015. – С. 178.

нисбати молу мулки мазкур ваколатҳои муайян дорад; ваколатҳои худро барои содир намудани тасарруф истифода мебарад[394].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дар муайян намудани доираи субъекти махсус ҳангоми тасарруф бо истифода аз мақоми хизматӣ андешаи ягона ҷой надорад. Мумкин аст, се мавқеи асосиро вобаста ба ин масъала ҷудо намуд.

Тарафдори мавқеи аввал мафҳуми субъекти махсусро васеъ маънидод намуда, ба мазмуни он шахсони мансабдор (эзоҳи м.314 КҶ ҶТ); шахсони вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо иҷрокунанда; хизматчиёни давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ, ки шахсони мансабдор ҳисоб намешаванд ва хизматчиёни ташкилотҳои ғайридавлатӣ ки вазифаҳои идоракуниро надоранд, дохил менамоянд.[395]

Масалан, М.Г. Иванов чунин меҳисобад, ки ба шахсони азонихудкунӣ ё исрофкориро бо истифода аз мақоми хизматӣ содирнамуда бояд на танҳо шахсони мансабдори вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо анҷомдиҳанда, балки ҳама дигар хизматчиётро (ҳам хизматчиёни давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ) дохил намуд[396]. Н. Егоров ба зумраи чунин субъектони ҷиноят «хизматчиёнро новобаста аз намуди хизмат, аз ҷумла ваколатҳои идоракуниро надоштаро дохил менамояд»[397].

Г.Н. Борзенков чунин меҳисобад, ки мақоми хизматии худро ҳангоми содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ метавонад шахсе истифода барад, ки дар ташкилотҳои давлатӣ ё ғайридавлатӣ хизмат менамояд (мансабдор будани шахс шарт нест)[398].

---

[394] Ниг.: Скляров В.С. Склярова Н.Д. Уголовная ответственность за хищение, совершенное лицом с использованием своего служебного положения. / В.С. Скляров, Н.Д. Склярова // Законы России: опыт, анализ, практика. – №10. – 2013. – С. 28.

[395] Ниг.: Елисеев С.А. Преступления против собственности по уголовному законодательству России (вопросы теории). – Томск: Изд-во Том. ун-та, 1999. – С. 173; Лопашенко Н.А. Посягательства на собственность: монография. – М.: Норма, Инфра-М, 2012. – С. 506; Егорова Н.А. Ответственность за «служебные» мошенничества: необходимость новых правовых подходов. / Н.А. Егорова // Российская юстиция. – 2014. – № 8. – С. 19 - 22.

[396] Ниг.: Иванов М.Г. Служебно-экономические преступления. – Н. Новгород: Нижегородская академия МВД России, 2003. – С. 46.

[397] Ниг.: Егорова Н. Служащий как специальный субъект преступления в уголовном праве России / Н. Егорова // Уголовное право. – 2004. – № 2 – С. 26-28.

[398]Ниг.: Борзенков Г.Н. Новое уголовное право России. Учебное пособие. Особенная часть / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой. – М., 1996. – С. 139.

Тарафдорони мавқеи дуюм андешаи муқобилро дошта, ба ин мафҳум танҳо шахсони мансабдор ва шахсони вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ анҷомдиҳандаро мансуб медонанд[399]. Масалан ба андешаи Н.Д. Эриашвили субъекти ҷинояти дар қ.3 м.160 КҶ ФР (б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ) танҳо шахсони мансабдор ва шахсони вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо иҷрокунанда ба ҳисоб мераванд. Шахсони дигар субъекти ҷинояти мазкур шуда наметавонанд[400]. Д. Е. Савкин чунин мешуморад, ки дар ҳолатҳои содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби кормандони қаторӣ, ки ваколатҳои шахси мансабдорро надоранд ва вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои идоракунӣ ва дигар ташкилотҳо иҷро намекунанд, кирдор бояд бе татбиқи аломати вазнинкунанди истифода аз мақоми хизматӣ бандубаст карда шавад[401]. Г. А. Кригер ва Б. В. Волженкин тасдиқ менамоянд, ки ҳам қаллобӣ ва ҳам азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз рӯйи аломати «содир намудани ҷиноят бо истифода аз мақоми хизматӣ»-ро танҳо шахсоне содир намуда метавонанд, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо иҷро менамоянд ё шахсони мансабдоре, ки мақоми хизматии худро истифода мебаранд[402].

Мутобиқи андешаи олимони гурӯҳи сеюм зери мафҳуми шахсони мақоми хизматии худро ҳангоми тасарруф истифодабаранда шахсони мансабдоре фаҳмида мешаванд, ки дорои аломатҳои дар қ.1 эзоҳи м.285 КҶ ФР (қ.1 эзоҳи м.314 КҶ ҶТ) зикршуда мебошанд, хизматчиёни давлатӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ки шахсони мансабдор ҳисоб намешаванд,

---

[399] Ниг.: Уголовное право: часть Общая, часть Особенная / Под ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина, С.В. Максимова. – М.: Юриспруденция, 1999. – С. 404; Кочои С.М. Уголовное право: Общая и Особенная части: краткий курс. – М.: КОНТРАКТ, Волтерс Клувер, 2010. – С. 307; Плохова В.И. Субъект присвоения и растраты / В.И. Плохова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия «Право». – 2000. – № 1. – С. 290-295.

[400] Ниг.: Эриашвили Н.Д. Квалифицирующие признаки присвоения и растраты / Н.Д. Эриашвили // Юридический мир. – №10. – 2015. – С. 178

[401]Ниг.: Савкин Д.Е. Асари ишорашуда. – С. 151.

[402] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу РФ / Отв. ред. А.И. Бойко. - Ростов -на - Дону: ФЕНИКС, 1996. – С. 371-372.

инчунин дигар шахсоне, ки ба талаботи дар қ.1 эзоҳи м.201 КҶ ФР (қ.1 эзоҳи м.295 КҶ ҶТ) пешбинишуда ҷавобгӯ мебошанд[403].

Дар ин маврид, ба андешаи мо мавқеи олимони гурӯҳи дуюм бештар асосноктар мебошад. Зеро дар шахс мавҷуд будани ваколатҳои махсус нисбати предмети тасарруфшаванда ҷараёни содир намудани ҷиноятро осон гардонида, ба рӯйпуш намудани далелҳои ғайриқонунӣ азхуднамудани предметҳои дахлдор имконият медиҳад. Ғайр аз ин, барои ҳал намудани масъалаи бандубасти тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифода аз мақоми хизматӣ бояд он чиро ба назар гирифт ки дар чунин ҳолатҳо зарар ба ду объект расонида мешавад. Ба сифати объекти иловагӣ дар баробари муносибатҳои моликиятӣ манфиатҳои хизмат дар мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои тиҷоратӣ новобаста аз шакли моликият, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақоми ҳокимияти давлатӣ намебошанд, баромад менамоянд. Маҳз бештар аз сабаби мавҷуд будани объекти иловагии мазкур хавфи баланди ҷамъияти доштани тасарруф бо истифода аз мақоми хизматӣ асоснок мегардад.

Вобаста ба ин ба андешаи гурӯҳи аввали олимон оид ба субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифода аз мақоми хизматӣ эътироф намудани хизматчиёни ташкилотҳои ғайридавлатӣ ки вазифаҳои идоракуниро надоранд асоснок ҳисобидан мумкин нест. Зеро дар қ.1 эзоҳ ба м.295 КҶ ҶТ сухан дар бораи нафароне меравад, ки вазифаи идоракуниро, аз ҷумла дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ иҷро менамоянд.

Мавқеи хосро доир ба ин масъала И.Я. Козаченко ишғол менамояд. Ӯ чунин менависад: «Тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз тасарруф бо истифода аз мақоми хизматӣ (қ.3 м.160 КҶ ФР (б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ) асосан бо он фарқ менамояд, ки ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу

[403] Ниг.: Безверхов А.Г. Служебные правонарушения (тенденции развития норм) / А.Г. Безверхов // Российская юстиция. – 2010. – №4. – С. 27-28; Любимов А.А. Преступления против собственности, совершенные с использованием служебного положения: вопросы законотворчества и право применения / А.А. Любимов // Общество и право. – 2010. – № 1. – С. 167.

мулк дар лаҳзаи содир намудани тасарруф дар соҳибии гунаҳгор буда, ӯ барои нигаҳдории ин молу мулк ҷавобгарии пурраи моддӣ дошт. Ҳангоми тасарруф бо истифода аз мақоми хизматӣ бошад молу мулки тасарруфшаванда дар соҳибии гунаҳгор қарор надошт». Албатта бо чунин андеша розӣ шудан мушкил аст. Зеро дар қ.2 м.245 КҶ ҶТ муқаррар мешавад, ки «ҳамин кирдор, агар бо бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошад...», яъне таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкориро дар назар дорад. Бинобар ин, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифода аз мақоми хизматӣ мумкин аст нисбати молу мулки ба шахси мансабдор бовар карда супоридашуда, инчунин нисбати молу мулке ҷой дошта бошад, ки бевосита ба шахсони тобеи ӯ бовар карда супоридашуда, аммо шахси мансабдор ҳуқуқи идоракунии оперативиро нисбати арзишҳои моддӣ дошт.

Ҳамин тавр, субъекти ҷиноят аз рӯйи б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ шахсони зерин эътироф шуда метавонанд: шахсони мансабдоре, ки мафҳуми он дар эзоҳҳо ба м.295 ва м.314 КҶ ҶТ муқаррар шудааст: кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё мутобиқи ваколати махсус вазифаи фармонфармоӣ ё дигар вазифаи идоравиро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ сарфи назар аз шакли моликият, инчунин дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақоми ҳокимияти давлатӣ намебошанд, анҷом медиҳанд, инчунин шахсони мансабдор.

Дар б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ аломати «бо истифодаи ваколати мансабдорӣ» бояд бо ибораи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» чи тавре дар моддаҳои дигар ҷой дорад (б. «г» қ.2 м.247, б. «б» қ.2 м.253, б. «а» қ.2 м.260 КҶ ҶТ) муқаррар карда шавад. Зеро ибораи бо истифодаи ваколати мансабдорӣ доираи тамоми субъектонеро, ки бо истифода аз мақоми хизматӣ тасарруфро дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ содир менамоянд, масалан кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро дар бар гирифта наметавонад.

Ҳамзамон, бо дарназардошти хавфнок будани ҷиноятҳо марбут ба тасарруфи молу мулки давлатӣ, бахусус бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ,

ки бештар аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир карда мешавад, зарурати пурзӯр намудани ҷазои ҷиноятӣ ба миён омадааст ва он ҷиҳати тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия имконоти муфид хоҳад расонид.

Дар ҳамин асно, лозим аст, ки дар марҳилаи аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршуда аз қ.2 ба қ.3 м.245 КҶ ҶТ гузаронида шавад.

Минбаъд, дар робита ба б. 128 Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва б.б 56 ва 59 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 қабул карда шудааст, дар мавриди дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарӣ барои ҷинояти тасарруфи молу мулки ғайр новобаста аз шакл ва тарзи содиркунии он, ки хусусияти коррупсионӣ дорад, бояд дар як моддаи алоҳида пешбинӣ шуда, масъалаи бекор кардани ҷазои алтернативӣ дар намуди ҷарима барои такроран тасарруф намудани молу мулк баррасӣ карда шавад[404].

**Содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил (б. «б» қ.3 м.245 КҶ ҶТ).**

Гурӯҳи муташаккил яке аз шаклҳои нисбатан хавфноки шарикӣ дар ҷиноят эътироф мешавад. Таърифи қонунгузории мафҳуми гурӯҳи муташаккил дар қ.3 м.39 КҶ ҶТ муайян шудааст: ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад.

Таърифи зикршуда нишон медиҳад, ки КҶ ҶТ моҳияти гурӯҳи муташаккилро тавассути чор аломат ошкор месозад: муташаккилӣ, устувор, муттаҳидии пешакӣ ва мақсад – содир намудани як ё якчанд ҷиноят.

---

[404] Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/images/PDF/strategiya1.pdf (санаи мурожиат: 23.08.2023).

**Муташаккилӣ** дар тобеияти иштирокчиёни гурӯҳ ба нишондодҳои як ва ё якчанд шахс, қатъиян дар ноил гаштан ба амалисозии ҳадафҳои ҷинояткорона зоҳир мешавад[405]. Зери мафҳуми муташаккилӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ инчунин низомнокии дохилӣ, мувофиқати байниҳамдигарии амалҳои фардҳои алоҳида ва гурӯҳи иҷтимоӣ, тобеият ба тартиби муайяни иҷрои фаъолияти якҷоя ва қобилияти амал намудан мутобиқи нақшаи пешакӣ таҳрезишуда фаҳмида мешавад. Ба сифати аломатҳои муташаккилии гуруҳ инҳо номбар мешаванд: а) муттаҳидии пешакӣ барои машғул шудан ба фаъолияти хавфноки ҷиноятӣ; б) устувории гурӯҳ; в) мавҷуд будани сохторҳои ташкилӣ ва роҳбари гурӯҳ; г) тайёрии амиқ ва банақшагирии ҷиноят; е) тақсими нақшҳо байни аъзоёни гурӯҳ ва ғайра[406].

**Устувории** гурӯҳи муташаккил ҳамчун категорияи баҳододашаванда дар асоси ҳама маҷмуи ҳолатҳои дар рафти тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ ошкоршуда муқаррар мегардад. Дар Пленуми Суди Олии ҶТ таҳти №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» тавзеҳ дода шудааст, ки бархилофи гурӯҳи шахсоне, ки пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят маслиҳат кардаанд, гурӯҳ муташаккил, аз ҷумла, аз рӯйи устувориаш, дар ҳайати он мавҷуд будани ташкилкунанда (роҳбар) ва доштани нақшаи пешакӣ тартибдодашуда фаъолияти якҷояи ҷинояткорона, тақсим намудани вазифаҳо байни аъзоёни гурӯҳ ҳангоми тайёрӣ ба содир кардани ҷиноят ва амалӣ намудани қасди ҷинояткорона, тавсиф карда мешавад.

Ба аломатҳои аз устувории гурӯҳ шаҳодатдиҳанда Пленуми Суди Олии ҶТ инҳоро дохил намудааст: фосилаи зиёди замони мавҷудияти он, аз ҷониби аъзои гурӯҳ якчанд маротиба содир гардидани ҷиноят, аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидани он, давомнокии тайёрии ҳатто яке аз ҷиноятҳо, ҳамчунин

[405] Ниг.: б.25 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон» аз 23 декабри 2011 – №12 // Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С.178.
[406] Ниг.: Любимов А.А. Бойцов А.И. Асари ишорашуда. – С. 667.

дигар ҳолатҳо (б. 17)[407]. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи татбиқи меъёрҳои қонунҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм» аз 14 июни 2013, №5 низ омадааст, ки «дар бораи устувории гурӯҳи муташаккил муҳлати дароз мавҷуд будани он, борҳо содир намудани ҷиноят аз тарафи аъзои гурӯҳ, таъминоти техникӣ ва тақсимоти нақшҳо байни аъзои гурӯҳ, муддати дуру дарози тайёрӣ ҳатто ба як ҷиноят, инчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирокчиёни гурӯҳ) шаҳодат медиҳанд»[408] (б. 6).

**Муттаҳидии пешакии** аъзои гурӯҳи муташаккил онро ифода месозад, ки иштирокчиёнии он на танҳо дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят, ки барои гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ хос аст, маслиҳат намудаанд, балки ба умумиятҳои субъективӣ ва объективӣ дар мақсадҳои якҷоя содир намудани як ҷиноят дар бештар ҳолатҳо якчанд ҷинояти одатан гуногунхел ноил шудаанд. Дар баробари ин, имконияти ташкил шудани гуруҳи муташаккил барои содир намудани як ҷиноят, ки тайёрии ҷиддӣ ва амиқро талаб месозад, истисно намегардад[409]. Аломати мазкур ифодагарӣ он аст, ки барои гурӯҳи муташаккил низ таъсиси гурӯҳ то содир намудани ҷиноят ҳатмӣ мебошад.

Аломати дигари гурӯҳи муташаккил ин мақсади таъсиси он ба ҳисоб меравад, ки аз содир намудани як ё якчанд ҷиноят иборат мебошад. Моҳиятан аломати мазкури гурӯҳи муташаккил онро ифода менамояд, ки аъзоёни он гуруҳро таъсис дода эҳтимол доранд, ки ин гуруҳ устувор мебошад ва имкон медиҳад кушиши ҳама аъзоён барои ноил шудан ба мақсади ягона - содир намудани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид гардад. Ҷой надоштани мақсади мазкур бандубасти ҷиноятро аз рӯйи аломати гурӯҳи мутташаккил истисно менамояд.

---

[407] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 38

[408] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 218-219.

[409] Ниг.: Уголовное право России. Общая часть: Учебник для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и И.М. Тяжковой. – М.: Зерцало, 2005. – С. 356.

Мутобиқи қ.6 м.35 КҶ ҶТ ҳангоми содир намудани ҷиноят дар ҳайати гурӯҳи муташаккил талаботҳои нисбатан вазнини ҷавобгарии ҷиноятии гунаҳгорон муқаррар шудааст. Масалан, ташкилкунанда ё роҳбари чунин гурӯҳ барои тамоми тасарруфи аз ҷониби чунин гуруҳ содиршуда ба ҷавобгари кашида мешавад, агар қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад.

Иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил метавонанд нақши иҷрокунандаи ҷиноятро иҷро намоянд ё мумкин аст бевосита дар иҷрои тарафи объективии ҷиноят иштирок накунанд. Аъзоёни гурӯҳ бо ҳамин ташкил карда мешаванд, ки муттаҳидӣ бо роҳи аниқ тақсим намудани вазифаҳо дар содир намудани ҷиноят сурат гирад. Ҳама шарикон аз лаҳзаи дохил шудан ба гурӯҳи муташаккил аъзои он ҳисоб мешавад ва новобаста аз ҷой ва вақти содир намудани ҷиноят ва хусусиятҳои нақши воқеии худ ҳамиҷрокунанда ҳисоб мешаванд. Мутобиқи қ.8 м.39 КҶ ҶТ ҷавобгарии чунин шахсон бе ишора ба м.36 КҶ ҶТ фаро мерасад. Дар чунин ҳолат қонунгузор асоси ҷавобгариро бештар на ба нақши ҳар як шарикон балки ба хусусияти муташаккили доштани содир намудани ҷиноят мегузорад[410].

Дар ин маврид дар адабиётҳо андешаҳои дигар низ баён шудааст. Масалан, Д.Ю. Скрипников чунин менависад, ки шахсоне, ки ба гурӯҳи муташаккил дохил шуда, дорои аломатҳои субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мебошанд, аз рӯйи қ .4 м.160 КҶ ФР (б. «б» қ.3 м.245 КҶ ҶТ) бе ишора ба қисмҳои дахлдори м.33 КҶ ФР (м.32 КҶ ҶТ) новобаста аз нақши воқеии худ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Баръакс шахсони субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳисобнашаванда барои ҷинояти мазкур аз руи қ.4 м.160 КҶ ФР (б. «б» қ.3 м.245 КҶ ҶТ) бо ишора ба қисмҳои дахлдори м.33 КҶ ФР (м.32 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд[411].

---

[410] Ниг.: Уголовное право России. Общая часть: Учебник для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и И.М. Тяжковой. – М: Зерцало, 2005. – С. 358.

[411] Ниг.: Скрипников Д.Ю. Присвоение и растрата как способы и обращения чужого имущества, вверенного виновному: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 128.

Ба андешаи мо аломати ҳамиҷрокунандагии тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз тарафи на камтар аз ду шарик барои гурӯҳи муташаккил ҳатмӣ намебошад. Ба гурӯҳи муташаккил мумкин аст нафароне дохил бошанд, ки дорои аломатҳои субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ нестанд, ки ин доираи ҷавобгарии онҳоро тағйир намедиҳад. Барои тақвияти ин гуфтаҳо дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» аз** 19 декабри соли 2008, №11 омадааст, ки «... ба гурӯҳи муташаккил метавонанд ашхосе дохил шаванд, ки шахсони мансабдор ва вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷоммедода набуда, қаблан барои содир намудани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд. Дар ин ҳолат иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил мутобиқи талаботи қисми 8 моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд»[412] (б. 19).

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки ба б.8 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009 илова бо мазмуни зер дохил карда **шавад: «Дар ҳолатҳои эътироф намудани содиршавии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҳаракатҳои ҳама аъзоёни он ки дар тайёр ё содир намудани ҷиноят иштирок намудаанд, новобаста аз нақши воқеии онҳо дар содир намудани ҷиноят бояд мутобиқи қисмҳои дахлдори м.245 КҶ ҶТ бе ишора ба м.39 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад».**

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар он масъала баҳснок мебошад, ки кадом вақт гуруҳ масалан нисбати азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ё ҷинояҳои дигар муташаккил эътироф мешавад: вақте ки он барои содир намудани як ё якчанд ҷинояти бо меъёри мазкури қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда (м.245 КҶ

---

[412] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 78-79.

ҶТ) ё барои содир намудани дилхоҳ дигар ҷиноятҳо ( одамкушӣ, одамрабоӣ ва ғ-ра) таъсис дода мешавад.

Масалан, дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ» аз 26 июни соли 2009 чунин омадааст, ки «гурӯҳи муташаккил ин гурӯҳи иборат аз ду ё зиёда шахсон аст, ки онҳоро қасди содир намудани як ё якчанд куштор муттаҳид кардааст» (б. 14). Агар ба таври таҳтуллафзӣ тавзеҳоти мазкурро маънидод созем, пас гурӯҳи муташаккил барои содир намудани ҳамон як ҷиноят таъсис дода мешавад. Дар чунин ҳолат агар гурӯҳ барои содир намудани на тасарруф, балки ҷиноятҳои дигар масалан, одамрабоӣ, одамкушӣ ва ғайр таъсис ёфта бошад, бандубасти кирдори гунаҳгор аз рӯйи б. «б» қ.3 м.245 КҶ ҶТ истисно мегардад.

Н.Д. Эриашвили чунин мавқеро тарафдорӣ намуда, баён менамояд, ки ҳаракатҳои гунаҳгор ҳамчун содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил дар ҳолатҳое зарур аст, ки агар гурӯҳи устувор танҳо барои содир намудани тасарруф таъсис дода шуда бошад. Агар гурӯҳи муташаккил барои содир намудани дигар ҷиноятҳо ташкил шуда, минбаъд ҷинояти дар м.160 КҶ ФР (м.245 КҶ ҶТ)-ро содир намояд, ҳаракатҳои шахсони мазкур вобаста ба ҳолати мушаххас бояд ҳамчун аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда бандубаст карда шавад. Аммо он ҳолате, ки гурӯҳи муташаккил ҷой дошт ва амал менамуд, бояд ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба инобат гирифта шавад[413]. Чунин ақидаро А.И. Григорев низ тарафдорӣ менамояд[414].

Ба андешаи мо чунин ҳолат ба қонун асос намеёбад. Вобаста ба қ.3 м.39 КҶ ҶТ мақсади гурӯҳи муташаккил содир намудани як ё якчанд ҷиноят ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, қонунгузор ба намуд ва

[413] Ниг.: Эриашвили Н.Д. Квалифицирующие признаки присвоения и растраты. / Н.Д. Эриашвили // Закон и право. – 2003. – №1. – С. 44.
[414] Ниг.: Григорьев А.И. Асари ишорашуда. – С. 66.

категорияи ҷинояти содиршаванда аҳамият надодааст. Он ҳолате, ки гурӯҳи ҷиноятӣ, масалан барои содир намудани одамкушӣ таъсис дода шуда, минбаъд ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкориро содир менамояд ба андешаи мо барои бандубасти кирдор аз рӯйи б. «б» қ.3 м.245 КҶ ҶТ монеъ намешавад.

Масалан, шаҳрванд Н.Ҳ., дар вазифаҳои муовин ва минбаъд директори заводи спиртбарории шаҳри Исфара, аз 12 июни соли 2003 то 06 июли соли 2007 дар вазифаи директори генералии ҶСШК «Химзавод»-и шаҳри Исфара кор карда, ҳамчун шахси мансабдор ба ҳисоб рафта, дар як вақт соҳибмулки аслии ҶСШК «Шараф», ҶСШК «Заводи спиртбарории шаҳри Исфара» ва ҶДММ «Комбинати консервабарорӣ»-и шаҳри Исфара буда, барои содир намудани яккатор ҷиноятҳо гурӯҳи усутувор ва муташаккили ҷиноятиро таъсис ва онро бевосита роҳбарӣ намудааст.

Аз ҷумла, гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ таҳти роҳбарии в Н.Ҳ. дар асоси маслиҳати пешакӣ бо шахсони мансабдори ҷамъиятҳои болозикр С.Н., В. М.ва дигарон бо роҳи сохтакорӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқдиҳанда ва аз ӯҳдадорӣ озодкунандаи муҳосибию хазинавии қалбакӣ дар 69 ҳолат молу маводҳои арзишноки субъектҳои хоҷаидори давлатӣ, ки ба гурӯҳи ҷиноятпеша расман бовар карда супурда шуда, дар аснои иҷрои ӯҳдадориҳои хизматӣ дар ихтиёри онҳо қарор дошт, ба маблағи умумии 12.314.854,2 сомонӣ бо роҳи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ тасарруф намудаанд.

Бо ҳукми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Н., В.М.ва дигарон (ҷамъ 33 нафар), аз ҷумла барои содир намудани ҷинояти пешбининамудаи б. «б» қ.4 м.245 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудаанд[415].

Содир гардидани **азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок (б.»а» қ.4 м.245 КҶ ҶТ).**

---

[415] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1752/07 // Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Соли 2007.

Мутобиқи қ.1 м.21 КҶ ҶТ ретсидиви ҷиноят кирдори қасдан содирнамудаи шахсе эътироф мешавад, ки барои ҷинояти пештар қасдан содирнамудааш доғи судӣ дорад.

Барои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидив эътироф намудан, бояд ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

– ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил мекунанд;

– аз ҷониби як шахс содир намудани на камтар аз ду ҷинояти қасдона;

– доштани доғи судӣ барои ҷинояти қаблан содирнамуда.

Шартҳои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф намудан дар қ.қ.2 ва 3 м.21 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ретсидиви ҷиноят» аз 12 декбари соли 2002[416] зикр мешавад, ки «Мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳо вазифадоранд, ки ҷой доштани шартҳои дар қ.қ.2 ва 3 м.21 КҶ ҶТ пешбинишударо, ки барои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф намудан ҳуқуқ медиҳанд, муқаррар намуда, инро ҳангоми бандубаст намудани кирдори содиршуда ба инобат гиранд.

Дар КҶ ҶТ имконияти ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф накардан пешбинӣ нашудааст, агар шахс ҷиноятро бо шартҳое, ки дар қ.қ.2 ва 3 м.21 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд, содир карда бошад.

Дар қ.4 м.21 КҶ ҶТ меъёри басо муҳиме мавҷуд аст – қонун чунин мешуморад, ки доғи судӣ барои ҷиноятҳое, ки шахс дар синни то 18–солагиаш содир намудааст, ҳангоми эътироф намудани ретсидив ба ҳисоб гирифта намешавад. Бинобар ҳамин судҳоро лозим аст, ки ба муайян

[416] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 43.

кардани ҳолати аз тарафи гунаҳгор дар кадом синну сол содир шудани ҷиноятҳо диққати махсус диҳанд.

Дар қ.4 м.21 КҶ ҶТ ҳамчунин махсус қайд карда шудааст, ки доғи судие, ки мувофиқи м.84 КҶ ҶТ бардошта ё барҳам дода шудааст, ҳангоми эътироф намудани ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад. Дар ин сурат хусусияти ҳар кадоме аз ҷиноятҳо (онҳо метавонанд айнан, якхела ва ё ҳархела бошанд), намуди ҷазои таъиншуда (ба истиснои ҳолатҳои эътироф намудани ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок, ки маҳкум кардани шахсро барои қаблан содир намудани ҷиноят танҳо ба маҳрум сохтан аз озодӣ дар назар дорад), намуди муассисаи ислоҳӣ, ки дар он маҳкумшуда пеш ҷазоро адо намудааст ё адо карда истодааст (дар ҳолати маҳкум намудан ба маҳрум сохтан аз озодӣ) ва ғайра аҳаммият надоранд. Судҳоро лозим аст ба инобат гиранд, ки доғи судӣ мумкин аст на танҳо бо тартибе, ки дар м.84 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, балки боз бо қабули санади авф ва бахшиши ҷазо, ки дар ин бора возеҳан дар м.м.82 ва 83 КҶ ҶТ гуфта шудааст, бардошта шавад.

Ба андешаи мо ба сифати аломати вазнинкунанда нигоҳ доштани содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок шубҳаовар мебошад. Зеро ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят бояд ҳолатҳое эътироф шаванд, ки кирдорро тавсиф медиҳанд ё дар як вақт ҳам ба ҷиноят ва ҳам ба шахсият тааллуқ доранд. Ҳолатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳгор марбут мебошад, на бояд ба сифати аломати вазнинкунанда баромад намоянд. Ғайр аз ин чӣ тавре дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ишора мешавад, ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷиноят нишон додани ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок ба принсипи адолат мухолифат менамояд[417], чунки шахс бо назардошти ҷинояти қаблан содирнамудааш, ки аллакай барои он ҷазоро адо намудааст, боз дуюмбора сазовори ҷазои вазнинтар мегардад, ҳол он ки мувофиқи қ.2 м.8 КҶ ҶТ «ҳеҷ касро касро барои як ҷиноят ду маротиба ба

[417] Ниг.: Черненко Т.Г. Множественность преступлений по российскому уголовному праву: автореф. дис. ... д–ра. юрид. наук. – Томск, 2001. – С. 28; Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности по законодательству России: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2000. – С. 11.

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бояд қайд намуд, ки аз ретсидиви ҷиноят ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят КҶ қариб ҳама давлатҳои собиқ шуравӣ ба монанди Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия ва дигарон даст кашидаанд. Бо назардошти ин пешниҳод менамоем, ки содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят на фақат аз м.245 КҶ ҶТ, балки аз дигар ҷиноятҳо низ хориҷ карда шавад.

**Ҳамин тавр аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкориро таҳлил намуда мо ба чунин хулосаҳо омадем:**

1. Бо мақсади аз ҳам ҷудо намудани такрорӣ ва ретсидиви ҷиноят пешниҳод менамоем, ки қ.1 м.18 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар шавад: такрори ҷиноят дар вақти гуногун содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳое эътироф мешавад, ки дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда, барои ҳеҷ кадоми он шахс маҳкум нашуда бошад, ё танҳо барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда маҳкум гардида бошад. Ҷойгир намудани маҳкумшавӣ барои ҷиноятҳои аз беҳтиётӣ содиршуда дар таърифи такрорӣ аз он бармеояд, ки ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил медиҳанд.

2. Субъекти ҷинояти дар м.245 КҶ пешбинишуда махсус буда, вобаста ба ин бо назардошти қ.4 м.37 КҶ ҶТ тамоми ҳамиҷрокунандагони гурӯҳ бояд дорои аломатҳои дар қ.1 м.245 КҶ ҶТ муқарраршуда бошанд.

Агар чунин ваколатҳо (бовар карда супорида шудани молу мулк ва дар ихтиёр доштани он) танҳо ба яке аз иҷрокунандагон мансуб буда, дигар шарикон чунин ваколатҳоро надошта бошанд, кирдорҳои онҳо ҳамчун ҳамиҷрокунанда баррасӣ карда нашуда, онҳо бо ишора ба м.36 КҶ ҶТ ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Мутаассифона, чунин хусусиятҳои назарияи шарикӣ ва муқаррароти қ.4 м.37 КҶ ҶТ нисбат ба таркиби мазкури ҷиноят дар қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии ҶТ зикр нашудааст ва барои бартараф намудани чунин

норасой лозим мешуморем, ки ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» ба б.7 бо мазмуни зайл илова ворид карда шавад: шахсоне, ки субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳисоб нашуда, якҷоя бо шахсе ки молу мулк ба ӯ бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, дар содир намудани ҷинояти мазкур иштирок намудаанд, мумкин аст танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ бо ишора ба м.36 ва м.245 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Дар ин ҳолат бандубаст намудани кирдори иҷрокунанда ва ҳамиҷрокунандагони дигар ки субъекти махсус ҳисоб намешаванд, аз рӯйи б. «б» қ.2 м.245 КҶ ҶТ мумкин нест».

3. Субъекти ҷиноят аз рӯйи б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ шахсони зерин эътироф шуда метавонанд: шахсони мансабдоре, ки мафҳуми он дар эзоҳҳо ба м.295 ва м.314 КҶ ҶТ муқаррар шудааст: кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё мутобиқи ваколати махсус вазифаи фармонфармоӣ ё дигар вазифаи идоравиро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ сарфи назар аз шакли моликият, инчунин дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақоми ҳокимияти давлатӣ намебошанд, анҷом медиҳанд, инчунин шахсони мансабдор.

Дар б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ аломати «бо истифодаи ваколати мансабдорӣ» бояд бо ибораи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» чи тавре дар моддаҳои дигар ҷой дорад (б. «г» қ.2 м.247, б. «б» қ.2 м.253, б. «а» қ.2 м.260 КҶ ҶТ) муқаррар карда шавад. Зеро ибораи бо истифодаи ваколати мансабдорӣ доираи тамоми субъектонеро, ки бо истифода аз мақоми хизматӣ тасарруфро дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ содир менамоянд, масалан кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро дар бар гирифта наметавонад.

4. Бо дарназардошти хавфнок будани ҷиноятҳо марбут ба тасарруфи молу мулки давлатӣ, ки бештар аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир карда мешавад, зарурати пурзӯр намудани ҷазои ҷиноятӣ ба миён омадааст. Аз ҷумла, дар марҳилаи аввал ҷавобгарии

ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршуда аз қ.2 ба қ.3 м.245 КҶ ҶТ гузаронида шавад.

Минбаъд, дар мавриди дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарӣ барои ҷинояти тасарруфи молу мулки ғайр новобаста аз шакл ва тарзи содиркунии он, ки хусусияти коррупсионӣ дорад, бояд дар як моддаи алоҳида пешбинӣ шуда, масъалаи бекор кардани ҷазои алтернативӣ дар намуди ҷарима барои такроран тасарруф намудани молу мулк баррасӣ карда шавад.

5. Муқаррароти қ.4 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ба принсипи конститутсионии ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият мухолифат менамояд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар **б. «в» қ.2 м.245 КҶ ҶТ** калимаи «шаҳрванд» бо калимаи «ҷабрдида» иваз карда шавад, зеро чунин тағйирот барои ба сифати ҷабрдида эътироф намудани намояндаҳои шахсони ҳуқуқӣ (зимни тасарруфи моликияти давлатӣ ва дастаҷамъӣ) низ имкон медиҳад.

Дар ин замина бояд дар эзоҳи м.244 КҶ ҶТ дар хусуси муайян намудани андозаи зарари ҷиддии ба моликияти давлатӣ ва дастаҷамъӣ расонидашаванда тағйирот ворид карда шавад.

6. Аломати ҳамиҷрокунандагии тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз тарафи на камтар аз ду шарик барои гуруҳи муташаккил ҳатмӣ намебошад. Ба гуруҳи муташаккил мумкин аст нафароне дохил бошанд, ки дорои аломатҳои субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ нестанд, ки ин доираи ҷавобгарии онҳоро тағйир намедиҳад.

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки ба б. 8 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009 илова бо мазмуни зер дохил карда шавад: «Дар ҳолатҳои эътироф намудани содиршавии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҳаракатҳои ҳама аъзоёни он ки дар тайёр ё содир намудани ҷиноят иштирок

намудаанд, новобаста аз нақши воқеии онҳо дар содир намудани ҷиноят бояд мутобиқи қисмҳои дахлдори м.245 КҶ ҶТ бе ишора ба м.39 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад».

# ХУЛОСА

Таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

Хулосаи таҳқиқоти масоили **ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Аввалин санади меъёрие, ки дар он азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қайд шуда буд, ин Низомнома дар бораи трибуналҳои ҳарбии инқилобӣ, ки бо Декрети КИМУ аз 20 ноябри соли 1919 қабул карда шуда буд, ба ҳисоб мерафт. Дар ин низомнома азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба сифати таркиби мустақили ҷиноят пешбинӣ шуда, он барои ҳимояи молу мулки ба гунуҳгор аз рӯйи хизмат бовар карда супоридашуда равона шуда буд. [1-М]

2. Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 марҳилаи нав дар инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб мерафт. Дар Кодекси мазкур фарқгузории ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр вобаста ба шакли моликият анҷом дода нашуда буд. КҶ ҶШФСР 1922 ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои азонихудкунӣ ва исрофкории молу мулке муқаррар менамуд, ки ба шахси инфиродӣ ё шахси мансабдор барои мақсадҳои муайян бовар карда супорида шуда бошад.

Азонихудкунии аз ҷониби шахси мансабдор содир шуда ҳамчун ҷинояти мансабӣ (хизматӣ) аз рӯйи м.113 бандубаст карда мешуд.

Аммо дар боби VI «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» қонунгузор дар баробари азонихудкунӣ исрофкориро низ фарқ менамуд.

Мутобиқи м.185 КҶ ҶШФСР 1922 азонихудкунӣ дар ду шакл ифода меёфт: нигоҳ доштан ва исрофкорӣ. Дар баробари ин молу мулк ҳамчун предмети азонихудкунӣ бояд хусусияти махсуси ҳуқуқӣ дошта бошад, яъне дар соҳибии гунаҳгор бо мақсади муайян ва дар асоси қонун қарор дошта бошад.

Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ мутобиқи маънидодкунии таҳтуллафзӣ ба намуди тасарруф дохил намешуд, гарчанде ба муносибатҳои моликиятӣ таҷовуз меовард. Чунки дар таркиби ҷиноятҳои дуздӣ (м.180 КҶ), ғоратгарӣ (м.182 КҶ ), роҳзанӣ (м.184 КҶ) қонунгузор аломати тасарруфро номбар карда, дар таркиби азонихудкунӣ бошад ба он ишора наменамуд. [2-М]

3. 16 июни соли 1926 дар сессияи 4 КИМ Шӯроҳои даъвати якуми ҶШС Ӯзбекистон КҶ ҶШС Ӯзбекистон қабул карда шуда, ҳамон сол дар ҳудуди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон низ мавриди амал қарор дода шуд. КҶ ҶШС Ӯзбекистан соли 1926 дар асоси КҶ ҶШФСР соли 1922 таҳия шуда, бинобар ин, меъёрҳои танзимкунандаи ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба меъёрҳои дахлдори КҶ ҶШФСР соли 1922 монанд буданд.

4. Хусусияти фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» дар он ифода мегардид, ки он таҷовуз ба моликияти сотсиалистӣ ва моликияти шахсиро фарқгузорӣ намуда, дар баробари ин моликияти сотсиалистӣ ба моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷудо карда мешуд. Ғайр аз ин, гарчанде фармони мазкур номгӯи пурраи шаклҳои тасарруфро муқаррар накунад ҳам, аммо дар қатори дуздӣ азонихудкунӣ ё исрофкориро ҳамчун шакли тасарруф номбар менамуд.

5. Тағйиротҳои ҷиддӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ пас аз қабули Асосҳои қонунгузории Иттифоқи ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ аз 25 декабри соли 1958 ба вуқуъ пайвастанд. Аммо тағйиротҳои куллӣ дар масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои кирдорҳои хавфноки ҷамъиятии ба муқобили моликият равонагардида, аз ҷумла барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ танҳо пас аз ба қувваи қонунӣ даромадани КҶ ҶТ соли 1961 ба вуҷуд омаданд.

6. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар ду боби қисми махсус пешбинӣ мешуданд: дар м.92

боби дуюм (Ҷиноятҳои муқобили моликияти сотсиалистӣ) ва м.158 боби панҷум (Ҷиноятҳои муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон). Моддаи 92 КҶ (Тасрруфи молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки бо воситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ё бо воситаи суиистеъмоли мансаби хизматӣ содир карда шудааст) се шакли бо ҳам наздики тасарруфро дар як модда муттаҳид менамуд: тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ, исрофкорӣ ва тасарруф ба воситаи суиистеъмол намудани мансаби хизматии худ.

Қонунгузор ба хусусиятҳои субъекти ин ҷиноятҳо ишора менамуд: ҳангоми азонихудкунӣ ва исрофкорӣ субъект шахсе шуда метавонад, ки ба ӯ молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бовар карда супорида шудааст, субъекти тасарруф бо роҳи суиистеъмол намудани мансаби хизматӣ бошад танҳо шахси мансабдор, ки моликияти сотсиалистӣ дар ихтиёри ӯ мебошад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи моликияти шахсӣ бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.158 КҶ боби 5 «Ҷиноятҳои муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон» мустаҳакам шуда буд.

Дар фарқият аз азонихудкунии молу мулки сотсиалистӣ азонихудкунии молу мулки ғайр дар як қисм бе ҷудо намудани ҳолатҳои вазнинкунанда муқаррар мешуд.

Ғайр аз ин, агар азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ (м.92 КҶ) яке аз шаклҳои тасарруф ба ҳисоб равад ҳам, аммо қонунгузор ҳангоми нишон додани аломатҳои азонихудкунии молу мулки шаҳрвандон дар диспозитсияи м.158 ба аломати тасарруф ишора накардааст, ҳарчанд ин аломат дар таркиби ҷиноятҳои дуздӣ (м.154), ғоратгарӣ (м.155), яғмогарӣ (роҳзанӣ) (м.156), қаллобӣ (м.157) истифода мешуданд. Аз ин лиҳоз, ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузор азонихудкунии молу мулки шаҳрвандонро ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки шахсӣ эътироф накардааст.

7. 17 феврали соли 1996 бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо – иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Кодекси моделии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ қабул гардид, ки он санади қонунгузории

тавсиявӣ ба ҳисоб мерафт. Кодекси мазкур ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ чун дигар шаклҳои тасарруф новобаста аз шакли моликият дар як модда мустаҳакам менамуд.

Ғайр аз ин, Кодекси моделии ҷиноятӣ таркиби ҷинояти тасарруф бо роҳи суиистифода аз мақоми хизматиро аз таркибҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҷудо намуда, онро дар моддаи алоҳида муқаррар менамуд: тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи суиистифода аз мақоми хизматӣ (қ.1 м.242).

8. Дар қонунгузории ҷиноятии аксар давлатҳои пасошуравӣ таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҳам тақрибан монанд ба танзим дароварда шудаанд. Фарқият асосан дар муайян намудани предмети ҷиноят ва муқаррар намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда ба назар мерасад.

9. Аз давлатҳои пасошуравӣ ба сифати предмети ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулки бовар карда супоридашуда (КҶ ФР, Белорус, Қазоқисон, Қирғизистон) ё дар ихтиёри ӯ буда (Ӯзбекистон, Туркманистон, Украина, Гурҷистон, Эстония, Латвия, Литва) нишон дода шудааст.

10. Дар КҶ Гурҷистон ва Ҷумҳурии Литва, ҳамчунин ба ғайр аз азонихудкунии молу мулки бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрбуда, инчунин ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулк низ пешбинӣ мешавад. Бо чунин тарз нишон додани предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ асоснок ба ҳисоб меравад. Зеро он имкон медиҳад, ки молу мулки ғайриманқул низ ба сифати предмети ҷинояти мазкур эътироф шаванд.

11. Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аломати вазнинкунандаи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» ҷой надорад. Чунки дар он моддаи алоҳида (м.210) ба тасарруф бо роҳи сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ бахшида шудааст, яъне ба даст овардани молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, ки аз тарафи шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматии худ содир шудааст, бахшида мешавад. Чунин мавқеи қонунгузории Ҷумҳурии Белорус асосноктар ба назар мерасад, зеро тасарруфе, ки аз тарафи хизматчиён (пеш аз ҳама

шахсони мансабдор) содир мешавад ба ҷамъият хавфнокии бештар дорад, назар ба чунин кирдорҳои аз ҷониби шахсони алоҳида содир мешаванд.

12. Аз ҳолатҳои вазнинкунандаи дар қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ муқарраршуда аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои функсияҳои давлатӣ ваколатдор мебошад ё шахсони ба онҳо баробаркарда шуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад (б.2 қ.3 м.189 КҶ Қазоқистон); аз ҷониби шахси мансаби давлатиро ишғолкунанда бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматии худ (б.b) қ.3 м.229 КҶ Туркманистон) ҷолиби диққат мебошад. Ҷудо намудани чунин ҳолати вазнинкунада асоснок мебошад, зеро аз ҷониби шахсони мансабҳои давлатиро иҷрокунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳоро зиёд менамоянд.

13. Андозаи зарари ҳангоми шакли дилхоҳи тасарруф расонидашуда новобаста аз шакли моликият (зарари ҷиддӣ, миқдори калон ё махсусан калон) як хел муайян шудааст, ба ғайр аз КҶ ФР, ки ин барои таъмин намудани ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият ва гунаҳгоркунии субъективӣ бештар мувофиқ мебошад.

14. Криминализатсия намудани азонихудкунии чизи ёфтшуда, ки дар КҶ Украина, Ҷумҳуриҳои Белорус ва Литва ҷой дорад, асоснок ба ҳисоб меравад. Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки дар КҶ ҶТ таркиби ҷинояти азнихудкунии чизи ёфтшуда дохил карда шавад.

15. Ба таври алоҳида мустаҳакам шудани таркибҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ки дар КҶ Ҷумҳурии Литва ҷой дорад, асоснок ба назар мерасад. Зеро инҳо шаклҳои мустақили тасарруф буда, бояд ҷавобгарӣ низ барои онҳо дар моддаҳои алоҳида пешбинӣ карда шавад.

16. Объекти хелии ҷиноятҳои дар фасли фасли IX КҶ ҶТ муттаҳид гардидаанд. Аз ҷумла, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муносибатҳои ҷамъиятии гурӯҳи якхелае ба ҳисоб мераванд, ки дорои аломатҳои умумӣ буда,

тавассути комплекси ягонаи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ муҳофизат карда мешаванд. Аломати умумии муттаҳидкунандаи ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар он ифода мегардад, ки ҷиноятҳои мазкур дар соҳаи иқтисодиёт содир гардида, зарар маҳз ба муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт расонида мешавад.

17. Муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки ба муносибатҳои моликиятии байни молик ва аъзоёни дигари ҷомеа зарар мерасонад ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор медиҳад.

18. Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қисми объекти намудӣ - муносибатҳои моликиятӣ буда, пурра бо он мувофиқ шуда наметавонад. Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин муносибатҳои мушаххаси моликиятие мебошанд, ки байни молики мушаххаси молу мулк ва шахсони дигар, ки уҳдадоранд доираи ҳуқуқҳои молу мулки ӯро халалдор насозанд, ба ҳисоб меравад.

19. Молу мулк дар мазмуни ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати предмети тасарруф, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ танҳо дар ҳолатҳое баромад карда метавонад, ки агар дорои аломатҳои зерин бошад:

Аломатҳои ҷисмонӣ; аломати иқтисодӣ; аломати иҷтимоӣ; аломати ҳуқуқӣ.

20. Вобаста ба маънидоднамоии қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ мумкин аст дар бораи мавҷуд будани шаклҳои тасарруф сухан ронд, ки дар онҳо элементи гирифтани молу мулки ғайр аз молик ҷой надорад. Маҳз ба чунин шакли тасарруф метавон пеш аз ҳама азонихудкунӣ ё исрофкориро дохил намуд.Чунки ҳангоми он молик ё соҳиби дигар дар асоси қонун молу мулки худро ба гунаҳгор бовар карда месупорад. Аз ин ҷо ғайриқонунӣ гирифтани молу мулк аз молик ё соҳиби дигар дар ин маврид ҷой надорад, зеро молу мулк ихтиёран ба ҷинояткор дода мешавад. Дар чунин ҳолат асос барои тасдиқ намудани он ки ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулк ғайриқонунӣ аз молик ё соҳиби дигар гирифта мешавад, ҷой надорад.

Чӣ тавре ба назар мерасад, мавҷуд набудани ғайриқонунӣ гирифтани молу мулки ғайр ё соҳиби дигар яке аз хусусиятҳое ба ҳисоб меравад, ки азонихудкуниро аз дигар шаклҳои тасарруф фарқ месозад.

Ҳамин тавр, мумкин аст эътироф намуд, ки тарафи объективии азонихудкунӣ ҳамчун шакли тасарруф дар ғайриқонунӣ гузаштани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс бе аломати ғайриқонунӣ гирифтани ин молу мулк аз молик ё соҳиби дигар ифода мегардад.

21. Мафҳуми тасарруф дар шакли азонихудкуниро чунин муайян намудан мумкин аст: Азонихудкунӣ, ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон ба соҳибияти худ гузаронидани молу мулке мебошад, ки ба гунаҳгор боваркарда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад.

Исрофкорӣ бошад ин ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон сарф намудан, бегона намудани молу мулке мебошад, ки ба гунаҳгор боваркарда супорида шудааст ё дар ихтиёраш аст.

22. Хусусияти исрофкорӣ дар он зоҳир мегардида, ки дар фарқият аз азонихудкунӣ байни соҳибии қонунӣ ва ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани молу мулк доираи вақт, ки дар ҷараёни он гунаҳгор ғайриқонунӣ чунин молу мулкро соҳибӣ менамояд, ҷой надорад.

23. Аломате, ки субъекти азонихудкунӣ ё исрофкориро ҳамчун субъекти махсус тавсиф медиҳад, ин ба шахс бовар карда супоридани молу мулк ё дар ихтиёраш қарор доштани он маҳсуб меёбад. Дар ин асно бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун аломати вазнинкунанда баҳогузорӣ шуда, чунин шахсонро субъекти махсуси ҷинояти мазкур ҳисобидан нодуруст мебошад.

24. Молу мулки боваркарда супоридашуда ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин ашъёҳои олами моддӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз ҷониби молик ё соҳиби дигар ихтиёрӣ ва бо тартиби тибқи қонун муқарраршуда ба шахси дигар барои анҷом додани ҳаракатҳои муайяни аҳамияти ҳуқуқӣ дошта супорида шудааст. Ин мумкин аст, ҳаракатҳое бошанд, ки бо амалӣ намудани ҳуқуқ ба истифода, соҳибӣ ва баъзан бо ихтиёрдории молу мулки

бовар карда супоридашуда алоқамандaнд. Ваколатҳои зикршуда нисбати молу мулки ғайр мумкин аст, дар маҷмӯъ ё ба таври алоҳида ҷой дошта бошанд. [3-М]

25. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият даровардани ваколатҳои шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида мешавад, барои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудан аломати ҳатмӣ ҳисоб намешавад.

26. Ба сифати субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудани танҳо шахсони ҷавобгарии моддидошта доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкориро дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ маҳдуд месозад. Бинобар ин, субъекти ҷинояти мазкур мумкин аст, шахси алоҳида низ эътироф шавад, ки мутобиқи шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ нисбат ба молу мулк аз молик ваколатҳои муайян гирифта бошад. Чунин шахс мумкин аст корманди ин ё он ташкилот ба ҳисоб нарафта, молу мулк ба ӯ дар асоси шартномаи боркашонӣ, нигаҳдорӣ, иҷора ва ғайра бовар карда супорида шуда бошад.

27. Ҳангоми азонихудкунӣ гунаҳгор дарк менамояд, ки бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрашбударо ба моликияти худ табдил дода истодааст, фаро расидани оқибатро дар намуди бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон гирифтани чунин молу мулкро ба фоидаи худ пешбинӣ менамояд, хоҳони ба вуқуъ омадани чунин оқибат мебошад.

Ҳангоми исрофкорӣ бошад қасди шахс дар он ифода мегардад: гунаҳгор дарк менамояд, ки бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ва ройгон молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёрашбударо ба фоидаи худ ё шахси дигар бегона карда истодааст, фаро расидани оқибатро дар намуди бо мақсади ғаразнок ғайриқонунӣ ройгон ба фоидаи худ ё шахси дигар гузаронидани чунин молу мулкро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани чунин оқибат мебошад.

Ба ғайр аз шакли гуноҳи қасдона дар намуди қасди бевосита тарафи субъективии таркиби ҷинояти барассишаванда бо мақсади ғаразнок тавсиф

мегардад. Мақсади ғаразнок дар он ифода мегардад, ки гунаҳгор молу мулки ғайрро барои ба даст овардани фоидаи молу мулкӣ ба манфиати худ ё шахсони дигар табдил медиҳад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи таҳқиқоти анҷомпазируфта чунин тавсияҳои илмӣ бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ манзур карда мешаванд:

1. Бо дарназардошти муҳиммияти масъалаи истифодаи сарфакорона ва мақсадноки қувваи барқ, гази табиӣ ва дигар намуди энергия, пешниҳод мешавад, ки барои бо роҳи фиреб ва сӯиистифодаи боварӣ ғайриқонунӣ истифода намудани қувваи барқ, гази табиӣ, гармӣ ва дигар намуди энергия ҳамчун ҷинояти алоҳида ба муқобили моликият ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шуда, ин масъала зимни дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ карда шавад.

2. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мумкин аст молу мулки ғайриманқул ҳамчун предмети он эътироф шавад, чунки дар таҷриба ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки молу мулки ғайриманқули ба гунаҳгор муваққатан бовар карда супоридашуда бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқдиҳанда (мисол, ваколатнома бо ҳуқуқи бегона кардани молу мулк) дар номи худи гунаҳгор ва ё намояндаи ӯ барасмияти ҳуқуқӣ даровардa мешавад. Аммо дар диспозитсияи м.245 КҶ ҶТ дар бораи чунин предмет ба монанди ҳуқуқ ба молу мулк сухан намеравад. Ин ҷо ба мафҳуми молу мулк дохил намудани инчунин ҳуқуқ ба он ба қонунҳои мантиқ ва техникаи қонунгузорӣ мухолифат менамояд, зеро дар м.247 КҶ ҶТ ҳуқуқ ба молу мулк ба мафҳуми молу мулк дохил карда нашудааст. Дар ин ҳолат норасоии қонунгузорӣ ба назар мерасад, ки барои бартараф намудани он бояд ба диспозитсияи м.245 КҶ ҶТ низ нишондод ба ҳуқуқ ба молу мулк ҳамроҳ карда шавад.

3. Матни эзоҳи м.244 КҶ ҶТ бо матни забони русии он мувофиқат намекунад. Чунки дар матн бо забони русӣ ибораҳои «изъятие и (или) обращение» омадааст, ки тарҷумаи тоҷикии он бештар «бо гирифтан (ситонидан) ва (ё) гузаронидани (табдил додан) « мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ пешниҳод мешавад, ки дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ибораҳои «гирифтан ва (ё)

ситонидани молу мулки ғайр» бо ибораҳои «гирифтан ва (ё) гузаронидани молу мулки ғайр « иваз карда шавад, ки ин бештар бо матни он бо забони русӣ мувофиқ мебошад.

4. Аз сабаби он ки азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шаклҳои мустақили тасарруф мебошанд, бинобар ин бо мақсади тафовути ҷавобгарии ҷиноятӣ, фарқ кардани ҷиноятҳои мазкур аз ҳамдигар ва аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар сатҳи қонунгузорӣ таркиби мазкури ҷиноятҳо дар моддаҳои алоҳидаи боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳкам карда шавад: м.245 «Азонихудкунӣ» ва м.245[1] «Исрофкорӣ».

5. Барои равшан намудани мафҳуми «молу мулки дар ихтиёрбуда» дар м.245 КҶ ҶТ калимаҳои «...ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошад» бо ибораи «...ё дар ихтиёрдории ташкиливу амрдиҳӣ ё маъмуриву хоҷагидории ӯ мебошад» иваз карда шавад.

6. Бо мақсади аз ҳам ҷудо намудани такрорӣ ва ретсидиви ҷиноят пешниҳод менамоем, ки қ.1 м.18 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар шавад: такрори ҷиноят дар вақти гуногун содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳое эътироф мешавад, ки дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда, барои ҳеҷ кадоми он шахс маҳкум нашуда бошад, ё танҳо барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда маҳкум гардида бошад. Ҷойгир намудани маҳкумшавӣ барои ҷиноятҳои аз беҳтиётӣ содиршуда дар таърифи такрорӣ аз он бармеояд, ки ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил медиҳанд.

7. Субъекти ҷинояти дар м.245 КҶ пешбинишуда махсус буда, вобаста ба ин бо назардошти қ.4 м.37 КҶ ҶТ тамоми ҳамиҷрокунандагони гурӯҳ бояд дорои аломатҳои дар қ.1 м.245 КҶ ҶТ муқарраршуда бошанд.

Агар чунин ваколатҳо (бовар карда супорида шудани молу мулк ва дар ихтиёр доштани он) танҳо ба яке аз иҷрокунандагон мансуб буда, дигар шарикон чунин ваколатҳоро надошта бошанд, кирдорҳои онҳо ҳамчун

ҳамиҷрокунанда баррасӣ карда нашуда, онҳо бо ишора ба м.36 КҶ ҶТ ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Мутаассифона, чунин хусусиятҳои назарияи шарикӣ ва муқаррароти қ.4 м.37 КҶ ҶТ нисбат ба таркиби мазкури ҷиноят дар қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии ҶТ зикр нашудааст ва барои бартараф намудани чунин норасоӣ лозим мешуморем, ки ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» ба б. 7 бо мазмуни зайл илова ворид карда шавад: шахсоне, ки субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳисоб нашуда, якҷоя бо шахсе ки молу мулк ба ӯ бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, дар содир намудани ҷинояти мазкур иштирок намудаанд, мумкин аст танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ бо ишора ба м.36 ва м.245 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Дар ин ҳолат бандубаст намудани кирдори иҷрокунанда ва ҳамиҷрокунандагони дигар ки субъекти махсус ҳисоб намешаванд, аз рӯйи б. «б» қ.2 м.245 КҶ ҶТ мумкин нест».

Дар б. «г» қ.2 м.245 КҶ ҶТ аломати «бо истифодаи ваколати мансабдорӣ» бояд бо ибораи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» чи тавре дар моддаҳои дигар ҷой дорад (б. «г» қ.2 м.247, б. «б» қ.2 м.253, б. «а» қ.2 м.260 КҶ ҶТ) муқаррар карда шавад. Зеро ибораи бо истифодаи ваколати мансабдорӣ доираи тамоми субъектонеро, ки бо истифода аз мақоми хизматӣ тасарруфро дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ содир менамоянд, масалан кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро дар бар гирифта наметавонад.

8. Бо дарназардошти хавфнок будани ҷиноятҳо марбут ба тасарруфи молу мулки давлатӣ, ки бештар аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир карда мешавад, зарурати пурзӯр намудани ҷазои ҷиноятӣ ба миён омадааст. Аз ҷумла, дар марҳилаи аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршуда аз қ.2 ба қ.3 м.245 КҶ ҶТ гузаронида шавад.

9. Минбаъд, дар мавриди дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарӣ барои ҷинояти тасарруфи молу мулки ғайр новобаста аз шакл ва тарзи содиркунии он, ки хусусияти коррупсионӣ дорад, бояд дар як моддаи алоҳида пешбинӣ шуда, масъалаи бекор кардани ҷазои алтернативӣ дар намуди ҷарима барои такроран тасарруф намудани молу мулк баррасӣ карда шавад.

10. Муқаррароти қ.4 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ба принсипи конститутсионии ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият мухолифат менамояд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар **б. «в» қ.2 м.245 КҶ ҶТ** калимаи «шаҳрванд» бо калимаи «ҷабрдида» иваз карда шавад, зеро чунин тағйирот барои ба сифати ҷабрдида эътироф намудани намояндаҳои шахсони ҳуқуқӣ (зимни тасарруфи моликияти давлатӣ ва дастаҷамъӣ) низ имкон медиҳад.

Дар ин замина бояд дар эзоҳи м.244 КҶ ҶТ дар хусуси муайян намудани андозаи зарари ҷиддии ба моликияти давлатӣ ва дастаҷамъӣ расонидашаванда тағйирот ворид карда шавад.

11. Аломати ҳамиҷрокунандагии тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз тарафи на камтар аз ду шарик барои гуруҳи муташаккил ҳатмӣ намебошад. Ба гуруҳи муташаккил мумкин аст нафароне дохил бошанд, ки дорои аломатҳои субъекти махсуси азонихудкунӣ ё исрофкорӣ нестанд, ки ин доираи ҷавобгарии онҳоро тағйир намедиҳад.

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки ба б. 8 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009 илова бо мазмуни зер дохил карда шавад: «Дар ҳолатҳои эътироф намудани содиршавии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҳаракатҳои ҳама аъзои он ки дар тайёр ё содир намудани ҷиноят иштирок намудаанд, новобаста аз нақши воқеии онҳо дар содир намудани ҷиноят бояд мутобиқи қисмҳои дахлдори м.245 КҶ ҶТ бе ишора ба м.39 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад».

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

1. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Матбааи якуми Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот, 1982. – №3 (812). – 119 с.
2. Ведомости Верховного Совета СССР [Текст]. – 1947. – №19. – 471 с.
3. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №326 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-замини-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 08.10.2023).
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Қонуният, 2012. – 488 с.
5. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри 2022, №1918 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-мадании-ҷумҳурии-оҷикистон (санаи муроҷиат: 19.09.2023).
6. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли 2016, №1329 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-меҳнати-ҷумҳурии-тоҷикистон(санаи муроҷиат: 18.09.2023).
7. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳо то 1 июни соли 1975 [Матн]. – Душанбе, 1975. – 77 с.
8. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 215 с.
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137.
10. Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, №964 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// www. mmk. tj/ content/ қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими асъор ва назорати асъор (санаи муроҷиат 28.05.2022).
11. Модельный Уголовный Кодекс. Рекомендательный законодательный акт для Содружества Независимых Государств (с изменениями от 16 ноября

2006 г.) / Принят на шестом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств – участников Содружества Независимых Государств 17 февр. 1996 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://docs.cntd.ru/document/ 901781490 (санаи мурољиат: 22.06.2023).

12. Пенитенциарный кодекс Эстонии от 20.07.2020 [Захираи электронӣ]. – Режим доступа: https: //docs.yandex. ru/docs/ view?tm=1644942200&tld= u&lang=ru&name= ПЕНИТЕНЦИАРНЫЙ% 20 КОДЕКС% (санаи мурољиат: 19.10.2022).
13. Постановление Пленума Верховного Суда СССР «О судбеной практике по делам о хищениях государственного и общественного имущества» от 11 июля 1972, №4 с изменениями, внесенными поставновлениями Пленума Верховного Суда СССР от 21 сентября 1977 г., №13 // Бюллетень Верховного Суда СССР, 1977, №6.
14. Сборник действующих постановлений Пленума Верховного Суда 1924-1957 гг. [Текст] / Под ред. Н.К. Морозова. – М., 1958. – 279 с.
15. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1953–1991 гг. [Текст] / Сост. Н.С. Захаров, В.П. Малков. – Казань: Изд–во Казанского ун–та, 1992. – Ч. 1. – 304 с.
16. Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917–1952 гг. [Текст] / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – 464 с.
17. Сборник постановлений Пленума и определений коллегий Верховного Суда СССР (1938 г. и первое полугодие 1939.г.), Юриздат, 1940.
18. Сборник постановлений Пленума и определений коллегий Верховного Суда СССР [Текст] / – 1944 г. – Юриздат, 1948. – 399 с.
19. Собрание кодексов Узбекской ССР. [Текст] / – Самарканд, 1928. – 268 с.
20. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Љумҳурии Тољикистон барои давраи то соли 2030) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // www.anticorruption.tj/images/PDF/ strategiya1. pdf (санаи мурољиат: 23.08. 2023).

21. Уголовный закон Латвии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: olovnij zakonlatviirus.Pdf//https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1644987356&tld=ru&lang=ru&name=golovnijzakonlatviirus.pdf&t (дата обращение: 19.10.2022).
22. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года, №787–IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 27.12.2022 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:: https:// online.zakon.kz/Documenкодект/30420353&doc_id2=30420353#pos=251 (Санаи муроҷиат: 19.10.2022).
23. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года № 127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.08.2022 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ // https://online.zakon.kz/Document/?doc_id (Санаи муроҷиат: 19.10.2022).
24. Уголовный кодекс Литовской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.law.edu.ru/norm/normaspnormID=1243877&subID=1001 077 35 (санаи муроҷиат: 20.08.2023).
25. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.05.2022 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id= (Санаи муроҷиат: 19.10.2023).
26. Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресус]. – Режим доступа:URL:https://online.Zakon.Kz/document/?Doc_id= 31575252#pos=66;–45 (дата обращение: 19.10.2023).
27. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 19.10.2022 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // https://online.zakon.kz/Document/?doc_id= (Санаи муроҷиат: 19.10.2023).
28. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года № 63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 21.11.2022 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/ Document /?doc_id=

30397073&doc_id2 =30397073#activate_doc= 2&pos=52;-102&pos2=1601;-106 (Санаи муроҷиат: 23.10.2023).
29. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года № 222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.11.2021 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:/ /online.zakon.kz/Document/? doc_id =31295286&doc_id2=31295286#activate_doc=2&pos=46; -1 02&pos2 = 1821; -102 (санаи муроҷиат: 19.10.2023).
30. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года № 2341-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 28.07.2022 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id= 30418109&doc_id2=30418109#activate_doc= 2&pos=8; – 98&pos2=1688; –110 (санаи муроҷиат: 09.10.2023).
31. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – С. 329 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ravshanfikr.tj/lu-atnoma-o.raw?task=download&fid=222 (санаи муроҷиат: 27.11.2022).

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

32. Азизов, У.А. Эволюция преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследование [Текст]: монография / У.А. Азизов. – Душанбе, 2015. – 413 с.
33. Андреева, Л.А., Волженкин, Б.В. Понятие хищения социалистического имущества. Методические указания [Текст] / Л.А. Андреева, Б.В. Волженкин. – Л., 1976. – 74 с.
34. Аснис, А.Я. Уголовная ответственность за служебные преступления в России [Текст] / А.Я. Аснис. – М.: Центр ЮрИнфом, 2004. – 396 с.
35. Безверхов, А.Г. Имущественные преступления [Текст] / А.Г. Безверхов. – Самара, 2002. – 395 с.
36. Белокуров, О.В. Проблемы квалификации хищения вверенного имущества [Текст]: монография / О.В. Белокуров, Отв. ред.: А.И. Чучаев. – М., Ульяновск: Юрист, 2003. – 117 с.

37. Бойцов, А.И. Преступление против собственности [Текст] / А.И. Бойцов. – СПб., 2002. – 755 с.
38. Борьба с хищениями, совершаемыми путем присвоения, растраты и злоупотребления служебным положением.Учебное пособие [Текст] / В.А. Владимиров, Галахова, А.В., Гаухман, Л.Д., Кузьмин, А.А., и др.; Под ред.: Якубович, М.И. – М., Изд-во Акад. МВД СССР, 1980. – 76 с.
39. Векленко, В.В. Квалификация хищений[Текст]: монография / В.В. Векленко – Омск: Изд-во Ом.акад. МВД России, 2001. – 256 с.
40. Винокуров, В.Н. Понятие и признаки хищения. Формы и виды хищений: учебное пособие [Текст] / В.Н. Винокуров. – Красноярск, 2004. – 66с.
41. Волженкин, Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности по уголовному праву России [Текст] / Б.В. Волженкин. – СПб., 2007. – 765 с.
42. Вышинская, З.А. Об уголовной ответственности за хищение государственного и общественного имущества [Текст] / З.А. Вышинская. – М., 1948. – С. 10.
43. Гаухман, Л.Д., Максимов, С.В. Ответственность за преступления против собственности [Текст] / Л.Д. Гаухман, С.В Максимов. – М., 1997. – 309 с.
44. Гаухман, Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика [Текст] / Л.Д. Гаухман. – М.: АО «Центр ЮрИнфоР», 2005. – 455 с.
45. Гернет, М.И. Уголовный кодекс. Научно-популярный практический комментарий [Текст] / М.И. Гернет. – М.,1925 – 460 с.
46. Гражданское право: Учебник. Часть 2 [Текст] / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 1997. – 784 с.
47. Здоровцева, А.А., Ильиных, А.В., Климова, О.В. Хищения в системе преступлений против собственности: структурно-правовой анализ [Текст] / А. А. Здоровцева, А. В. Ильиных, О. В Климова. – Хабаровск, 2015. – 145 с.
48. Змиев, Б. Уголовное право. Часть Особенная. Вып. 1. Преступления против личности и имущественные [Текст] / Б. Змиев. – Казань, 1923. – 64 с.
49. Иванов, М.Г. Служебно-экономические преступления (вопросы теории и практики) [Текст] / М.Г. Иванов. – Н. Новгород: Нижегородская академия МВД России, 2003. – 118 с.

50. Иванов, М.Г., Иванова, О.М.Проблемы квалификации и расследования служебно-экономических преступлений в сфере имущественных отношений [Текст]: монография / М.Г. Иванов, О.М.Иванова. – М., 2013. – 124 с.
51. Игнатов, А.Н., Красиков Ю.А. Курс российского уголовного права: В 2 т. Т. 2. Особенная часть [Текст] / А.Н. Игнатов, Ю.А. Красиков. – М.: Издательство НОРМА, 2002. – 549 с.
52. История государства и права СССР (сборник документов), ч. II [Текст] / А.Ф. Составители, Ю.П. Гончаров. – Титов, – «Юридическая литература», 1968. – 504 с.
53. Карпова, Н.А Хищение чужого имущества: вопросы квалификации и проблемы дифференциации уголовной ответственности [Текст] / Н.А. Карпова. Под ред.: Н.Г. Кадников. – М.: Юриспруденция, 2011. – 184 с.
54. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) Под общей редакцией [Текст] / О.С. Капинуса. Университет прокуратуры Российской Федерации. – М., 2019. – 1375 с.
55. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Ю.И. Скуратова, В.М.Лебедева. – М., ИНФРА–М–Норма, – М., Юристъ. 1996. – 592 с.
56. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации в 2-х т. [Текст] / Под ред О.Ф. Шишова. – М., 1998. – 760 с.
57. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: (постатейный) [Текст] / Отв.ред. Л.Л. Кругликов. – М.2005. – 1080 с.
58. Кочои, С.М.Ответственность за корыстные преступления против собственности [Текст] / С.М.Кочои. – М., 2000. – 288 с.
59. Кригер, Г.А. Борьба с хищениями социалистического имущества [Текст] / Г.А. Кригер. – М.,1965. – 328 с.
60. Кригер, Г.А. Квалификация хищений социалистического имущества [Текст] / Г.А. Кригер. – М., 1974 – 336 с.
61. Кудрявцев, В.Н. Общая теория квалификации преступлений [Текст] / В.Н. Кудрявцев. – М., 2006. – 301 с.

62. Курс российского уголовного права. Особенная часть [Текст] / под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. – М., 2002. – 1038 с.
63. Курс российского уголовного права: Особ. часть [Текст] / [Бородин С. В., Дубовик О.Л., Келина С.Г. и др.]; Под ред. В.Н. Кудрявцева и А.В. Наумова; Рос. акад. наук. Ин-т государства и права. – Москва: Спарк, 2002. – 1038 с.
64. Курс советского уголовного права. – М., 1970. – Т.4. – 432 с.
65. Курс уголовного права. В 5-ти томах: Часть Особенная Т. 3: [Текст] / под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М., 2002. – 468 с.
66. Лопашенко, Н.А. Посягательства на собственность [Текст]: монография / Н.А. Лопашенко. – М.: Норма, Инфра. – М., 2012. – 528 с.
67. Лопашенко, Н.А. Преступления против собственности: авторский курс: монография: в 4 книгах [Текст] / Н.А. Лопашенко. – Москва: Юрлитинформ, 2019. – 405 с.
68. Мальцев, В.В. Ответственность за преступления против собственности [Текст] / В.В. Мальцев. – Волгоград, 1999. – 80 с.
69. Мальцев, В.В. Ответственность за преступления против собственности [Текст] / В.В. Мальцев. – Волгоград, 1999. – 80 с.
70. Маҷмӯаи санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷазои қатл (1917-2005). [Матн] / Мураттибон, Т.Ш. Шарипов, З.А Камолов, Б.Н. Раҳматҷонов. – Душанбе, 2014. – 257 с.
71. Милюков, С.Ф. Российское уголовное законодательство: опыт критического анализа [Текст] монография / С.Ф Милюков. – С.-Пб.: Знание, СПб, 2000. – 279 с.
72. Миненок, М.Г., Миненок, Д.М.Корысть. Криминологические и уголовно-правовые проблемы [Текст] / М.Г. Миненок, Д.М.Миненок. – С.-Пб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 367 с.
73. Муллаев, М.М.Комментарий к уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть) [Текст] / М.М.Муллаев. – Душанбе, 1988. – 426 с.
74. Наумов, А.В. Российское уголовное право. Курс лекций. В двух томах. Т.1. Общая часть. [Текст] / А.В. Наумов. – М., 2004. – 496 с.

75. Научно-практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Т. 1 [Текст] / А.Л. Агафонов, Б.Х. Балкаров, Ю.А. Гладышев, Ю.В. Головлев, и др.; Под ред.: П.Н. Панченко. – Нижний Новгород: Номос, 1996. – 624 с.
76. Новое уголовное право России. Особенная часть: Учебное пособие [Текст] / Г.Н. Борзенков, С.В. Бородин, Б.В. Волженкин, В.С. Комиссаров, и др.; Под ред.: Н.Ф Кузнецова. – М.: Зерцало, ТЕИС, 1996. – 391 с.
77. Новоселов, Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты [Текст] / Г.П Новоселов. – М., 2001. – 208 с.
78. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Х.С.Салимов. – Душанбе: Ирфон. 2011.– 344 с.
79. Пинкевич, Т.В. Преступления в сфере экономической деятельности: уголовно-правовая характеристика, особенности квалификации [Текст] / Т.В. Пинкевич. – Ставрополь, 2000. – 207 с.
80. Полный курс уголовного права: В 5 т. [Текст] / Под ред. А.И. Коробеева. Т. 3: Преступления в сфере экономики. – СПб., 2008. – 786 с.
81. Постатейный комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / под ред. А.И. Чучаева. – М., 2004. – 818 с.
82. Преступления против собственности [Текст] / О.Б. Гусев, Б.Д. Завидов, А.П Коротков, М.И. Слюсаренко. – М.: Экзамен, 2001. – 192 с.
83. Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть [Текст] / Под ред. А.И. Рарога. – М., 2004. – 872 с.
84. Российское уголовное право. Особенная часть [Текст] / под ред. В.П. Коняхина, М.Л. Прохоровой. – М.: Контракт, 2015. – 915 с.
85. Рустамбеков М.Х. Курс уголовного права Республики Узбекистан. Особенная часть. Том 4. Учебник для вузов [Текст] / Ташкент. – 2018. – 475 с.
86. Советское уголовное право [Текст] / Под ред. А.Я. Вышинского. – М., 1939. – 44 с.

87. Современное уголовное право. Общая и особенная части: Учебник [Текст] / Под ред.: А.В. Наумов. – М.: Илекса, 2007. – 1040 с.
88. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2008. – 288 с.
89. Тахиров, Ф.Т. История государства и права Таджикистана. Том 2, часть 1. (1917-1929 гг.) [Текст] / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2001. – 492 с.
90. Тельнов, П.Ф. Ответственность за соучастие в преступлении [Текст] / П.Ф Тельнов. – М.: Юрид, лит., 1974. – 208 с.
91. Уголовное право России. Части Общая и Особенная [Текст] / под ред. А.И. Рарога. 6е изд. – М.: ТК «Велби»; Проспект, 2008. – 702 с.
92. Уголовное право России: части Общая и Особенная: учеб. [Текст] / Под ред. А.В. Бриллиантова. – М., 2010. – 531 с.
93. Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть: учебник [Текст] / Ю.В. Грачева [и др.]; Под ред. Л.В. Иногамовой Хегай, А.И. Рарога, А.И. Чучаева. 2–е изд., испр, и доп. – М., 2009. – 800 с.
94. Уголовное право. В 2 т. Общая часть: учебник для академического бакалавриата [Текст] / Отв. ред. А.В. Наумов, А.Г. Кибальник. – М., 2019. – 410 с.
95. Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров [Текст] / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – 448 с.
96. Уголовное право. Особенная часть [Текст] / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М.: ИНФРА–М–НОРМА, 2001. – 960 с.
97. Уголовное право. Особенная часть: учебник [Текст] / Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., Новый Юрист, 1998. – 767 с.
98. Уголовное право. Часть Общая. Часть Особенная [Текст] / Под ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М.Колодкина, С.В. Максимова. – М., 1999. – 784 с.
99. Уголовно-правовая охрана социалистической собственности. Учебное пособие [Текст] / Э. Тенчов; Отв. ред.: В.В Индейкин. – Иваново: Изд-во Иван. ун-та, 1980. – 87 с.

100. Уланова, Ю.Ю. Общие признаки хищения в составе кражи [Текст]: монография / Ю.Ю Уланова. – М.: Юрлитинформ, 2013. – 304 с.
101. Устименко, В.В. Специальный субъект преступления [Текст] / В.В Устименко. – Харьков, 1989. – 104 с.
102. Хилюта, В.В. Понятие и признаки хищения в уголовном праве [Текст]: монография / В.В. Хилюта. – Москва: Юрлитинформ, 2016. – 623 с.
103. Хилюта, В.В. Преступления против собственности и порядка осуществления экономической деятельности: концептуальные основы моделирования объекта и системы [Текст]: монография / В.В Хилюта. – М.: Юрлитинформ, – М., 2012. – 208 с.
104. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ Р.Ҳ. Раҳимзода ва доктори илми ҳуқуқ И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 550 с.
105. Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Камолов, З.А., Холиқов, Ш.Л. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): курси мухтассари лексияҳо [Матн] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқов. – Душанбе, 2018. – 223 с.
106. Яни, П.С. Экономические и служебные преступления [Текст] / П.С. Яни – М.: Интел-Синтез, 1997. – 208 с.

### III. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо

107. Аветисян, С. Проблемы соучастия в преступления со специальным субъектом (специальным составом) [Текст] / С. Аветисян // Уголовное право. – 2004. – №1. – С. 4-6.
108. Бакрадзе, А.А. Вверенное имущество как предмет присвоения или растраты [Текст] / А.А. Бакрадзе // Российский следователь. – 2009. – №8. – С. 12-14.
109. Бакрадзе, А.А. Особенности присвоения и растраты по законодательству некоторых стран СНГ [Текст] / А.А Бакрадзе // Российский следователь. – 2009. – №9. – С.28- 31.

110. Безверхов, А.Г. Корыстная цель как субъективный признак хищения чужого имущества [Текст] / А.Г. Безверхов // Уголовное право, уголовный закон: теория и практика: сборник науч. статей. – СПб., 2017. – С. 26-32.
111. Безверхов, А.Г. Служебные правонарушения (тенденции развития норм) [Текст] / А.Г Безверхов // Российская юстиция. – 2010. – № 4. – С. 27 – 28.
112. Борзенков, Г. Преступления против собственности. [Текст] / Г Борзенков // Человек и закон. – 1998. – №7. – С. 26-31.
113. Борзенков, Г. Признаки хищения в составе вымогательства [Текст] / Г Борзенков // Законность. – 2010. – № 4. – С. 19-24.
114. Волженкин, Б.В. Некоторые проблемы соучастия в преступлениях, совершаемых специальными субъектами [Текст] / Б.В Волженкин // Уголовное право. – 2000. – №1. – С. 12-16.
115. Гельфер, М.О квалификации незаконного пользования электрической и другой энергией [Текст] / М Гельфер // Социалистическая законность. 1983. – №8. – С.48-49.
116. Герасимова, А.А. Некоторые вопросы разграничения хищения с использованием служебных полномочий с составами преступлений, предусмотренных ст.160 УК РФ. [Текст] / А.А. Герасимова // Наука сегодня: проблемы и пути решения: материалы международной научно-практической конференции. Часть 2. – Вологда, – 2018. – С. 71-72.
117. Егоров, А.В. К истории понятия сравнительного правоведения [Текст] /. А.В Егоров // Государство и право. – М.: Наука, 2009, – № 3. – С. 91- 96.
118. Егорова, Н. Служащий как специальный субъект преступления в уголовном праве России [Текст] / Н. Егорова // Уголовное право. – 2004. – №2 – С. 26 -28.
119. Егорова, Н.А. Ответственность за «служебные» мошенничества: необходимость новых правовых подходов [Текст] / Н.А Егорова // Российская юстиция. – 2014. – №8. – С. 19 - 22.
120. Есаков, Г.А. Денежные суррогаты и ответственность за хищение [Текст] / Г.А. Есаков // Уголовное право. – 2015. – №1. – С. 48-53.

121. Ефимова, Л. Правовые аспекты безналичных денег [Текст] / Л. Ефимова // Закон. – 1997. – №1. – С. 97-103.
122. Иванов, В.В., Тесленко, А.Е. Проблемы квалификации группового хищения чужого имущества путем присвоения или растраты [Текст] / В.В. Иванов, А.Е. Тесленко // Вестник Санкт- Петербургского университета МВД России. – №3 (39) – 2008. – С.93-95.
123. Камилов, К. Борьба с расхищениями социалистической собственности в Узбекской ССР [Текст] / К. Камилов // Социалистическая законность. – 1947. №6. – С.22-23.
124. Клепицкий, И.А. Вверенное имущество в уголовном праве. [Текст] / И.А Клепицкий // Законность. – 1995. – №12. – С.9-11.
125. Клепицкий, И.А. Недвижимость как предмет хищений и вымогательства [Текст] / И.А. Клепицкий // Государство и право. – 2000. – № 12. – С. 11-19.
126. Коган, С. Борьба с растратами в кооперации и госторговле [Текст] / С. Коган //Социалистическая законность. – 1938. – №5. – С. 96-99.
127. Кочои, С.М.Об ответственности за присвоение и растрату чужого имущества [Текст] / С.М.Кочои // Юридический вестник. – 2000. – №1. – С. 38-41.
128. Кригер, Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве [Текст] / Г.А. Кригер // Вестник Московского университета. Серия общественных наук. – 1955. – №1. – С. 110-114.
129. Кудрявцев, В.Н. К вопросу о соотношении объекта и предмета преступления [Текст] / В.Н. Кудрявцев // Советское государство и право. – 1951. – №8. – С.51- 60.
130. Кузнецов, А.А., Бугера, М.А. Присвоение и растрата, совершаемые с использованием своего служебного положения [Текст] / А.А. Кузнецов, М.А. Бугера // Закон и право. – №12. – 2016. – С. 97-102.
131. Макаров, С. Субъекты должностных и служебных преступлений [Текст] / С Макаров // Российская юстиция. – 1999. – №5. – С. 46.
132. Макарова, И.А., Дьяченко, Р.А. О некоторых пробелах в УК РФ. [Текст] / И.А Макарова, Р.А. Дьяченко // Правоведение. Сборник научных статей

молодых ученых юридического факультета. – Краснодар, 1999. – С. 216-217.
133. Медведев, А.М.Экономические преступления: понятие и система [Текст] / А.М.Медведев // Советское государство и право. – М.: Наука, – 1992, – №1. – С. 78-87.
134. Милюков, С.Ф.Два пути борьбы с экономическим хищничеством (УК РБ И РФ) [Текст] / С.Ф. Милюков // Проблемы укрепления законности и правопорядка: наука, практика, тенденции. №9-2. – Минск, 2016. – 187-191.
135. Петров, С.А. Корыстная цель в хищениях [Текст] / С.А. Петров // Законность. – 2017. – №9. – С. 39-42.
136. Плохова, В.И. О продолжаемых хищениях, совершаемых в форме присвоения, растраты либо злоупотребления должностного лица своим служебным положением [Текст] / В.И. Плохова // Эффективность уголовного права на современном этапе. Межвузовский сборник научных трудов. – Свердловск: Изд-во Свердл. юрид. ин-та, 1977, Вып. 54. – С. 144-150.
137. Плохова, В.И. Субъект присвоения и растраты [Текст] / В.И. Плохова // Вестник Нижегородского университета им.Н.И. Лобачевского. Серия «Право». – 2000. – №1. – С. 290-295.
138. Рузевич, О.Р., Андрюхин, С.В. Преступления против собственности:проблема определения объекта [Текст] / О.Р Рузевич // Вестник Владимирского юридического института. – №2 (27). – 116- 119.
139. Скляров, В.С. Склярова, Н.Д. Уголовная ответственность за хищение, совершенное лицом с использованием своего служебного положения. [Текст] / В.С. Скляров, Н.Д. Склярова // Законы России: опыт, анализ, практика. – №10. – 2013. – С. 25-28.
140. Скляров, С.В. Понятие хищения в уголовном законодательстве России: теоретический анализ [Текст] / С.В. Скляров //Государство и право. – 1997. – №9. – С. 64-68.

141. Скляров, С.В. Квалификация преступлений против собственности с причинением значительного ущерба [Текст] / С.В. Скляров // Журнал Имущественные отношения в Российской Федерации. – №8 (203) – 2018. – С. 58-63.
142. Скляров, СВ. Понятие хищения в уголовном законодательстве России: теоретический анализ [Текст] / СВ Скляров // Государство и право. – 1997. – №9. – С. 64-68.
143. Субботин, В. Борьба с растратами и хищениями социалистической собственности в Латвийской ССР[Текст] / В. Субботин // Социалистическая законность. – 1947. – №3. – С. 28-29.
144. Тенчов, Э.С. Институт собственности в современном уголовном праве России [Текст] / Э.С. Тенчов // Налоговые и иные экономические преступления. Сборник научных статей. – Ярославль: Изд-во Яросл. ун-та, – 2001, Вып. 3. – С. 42-48.
145. Третьяк, М.Цель хищений - не только корысть? [Текст] / М.Третьяк // Уголовное право. – 2009. – № 4. – С. 66-71.
146. Упоров, И., Городенцев, Г. Понятие присвоение и растраты вверенного имущества в уголовном праве России [Текст] / И. Упоров, Г. Городенцев // Уголовное право. – 2004 – № 4. – С.95-97.
147. Успенский, А.О. О недостатках определений некоторых форм хищений в новом УК [Текст] / А.О. Успенский // Законность. – 1997. – №2. – С. 33-36.
148. Эрашвили, Н.Д. Объективные признаки присвоения и растраты [Текст] / Н.Д Эрашвили // Вестник Московского университета МВД России. – 2015. №9. – С. 227-236.
149. Эриашвили, Н.Д. Квалифицирующие признаки присвоения и растраты [Текст] / Н.Д Эриашвили // Юридический мир. – 2015. – №10. – С. 175-186.
150. Эриашвили, Н.Д. Квалифицирующие признаки присвоения и растраты [Текст] / Н.Д Эриашвили // Закон и право. – 2003. – №1. – С. 41-44.
151. Яни, П. Использование служебного положения при хищении вверенного имущества [Текст] / П. Яни // Законность. – 2010. – №3. – С. 15-19.

152. Яни, П. Хищение: некоторые вопросы предмета и ущерба [Текст] / П Яни // Законность. – 1996. – №10. – С. 12-15.

**IV. Диссертатсия ва автореферат<u>ҳ</u>о**

153. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 413 с.
154. Анисимов, В.Ф. Ответственность за преступления против собственности с признаками хищения: состояние, сущность и проблемы квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Анисимов Владимир Филиппович. – Санкт-Петербург, 2007. – 381 с.
155. Бакрадзе, А.А. Присвоение и растрата как формы хищения в уголовном праве России) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук.12.00.08 / Бакрадзе Андрей Анатольевич. – М., 2004. – 205 с.
156. Белокуров, О.В. Ответственность за хищение, совершенное путем присвоения, растраты или злоупотребления служебным положением [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Белокуров Олег Васильевич. – М., 1991. – 23 с.
157. Ботвин, И.В. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ботвин Илья Викторович. – Омск, 2016. – 23 с.
158. Васильева Я.С. Уголовная ответственность за деяния, совершенные в сфере кредитных отношений [Текст]: автореф. дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Васильева Яна Сергеевна. – Екатеринбург, 2000. – 23 с.
159. Вишнякова, Н.В. Объект и предмет преступлений против собственности [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Вишнякова Наталья Валерьевна. – Омск, 2003. – 27. с.
160. Воронин, М.Ю. Уголовно-правовые и криминологические средства борьбы с должностными хищениями [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Воронин Михаил Юрьевич. – М., 2000. – 212 с.

161. Годунов, О.И. Присвоение и растрата как формы хищения [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Годунов Олег Иванович – Махачкала, 2005. – 240 с.
162. Григорьев, А.И. Уголовно-правовые и криминолгические средства борьбы с присвоениями и растарамати, совершаемыеми в исправительных колониях [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Григорьев Александр Иванович. – Рязань, 2005. – 212 с.
163. Данилов, А.В. Квалификация присвоения и растраты, совершаемых в сфере экономической деятельности [Текст]: дисс … канд. юрид. наук: 12.00.08 /. Данилов Алексей Виталиевич. – Н.Новгород, 2004. – 228 с.
164. Зырянов В.Н. Попустительство по службе, совершаемое в правоохранительной сфере (уголовно-правовая оценка, проблемные ситуации в законодательстве и правоприменительной практике и пути их решения): дисс … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Зырянов, Виктор Николаевич. – Ставрополь, 1999. – 606 с.
165. Мирзоев, С.Т. Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Мирзоев Садриддин Талбакавоч. – Душанбе, 2020.–199 с.
166. Мусьял, И.А. Дифференцированные виды мошенничества: теоретические и практические проблемы [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Мусьял Ирина Александровна. – Курск, 2018. – 259 с.
167. Посохов, А.Ю. Присвоение и растрата как формы хищения в малом предпринимательстве [Текст]: дисс ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Посохов Александр Юрьевич. – Ростов-на-Дону, 2006. – 177 с.
168. Раджабов, К.Д. Уголовно–правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Раджабов Комрон Давлатович. – Душанбе, 2018. – 175 с.
169. Раҳмонзода, М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном.илм.ҳуқуқ: 12.00.08 / Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед. – Душанбе, 2020. – 157 с.

170. Савкин, Д.Е. Хищение в формах присвоения и растраты: уголовно–правовые и криминологические аспекты [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Савкин Дмитрий Евгеньевич. – Уфа, 2006. – 210 с.

171. Селиванов, И.О. Присвоение или растрата [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Селиванов Игорь Олегович – Калининград, 2002. – 178 с.

172. Скрипников, Д.Ю. Присвоение и растрата как способ изъятия и обращения чужого имущества, вверенного виновному [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Скрипников Денис Юрьевич. – М., 2009. – 203 с.

173. Третьякова, Н.С. Лингвистические особенности уголовно-правовых норм об ответственности за хищения [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 /. Третьякова Наталья Сергеевна. – Омск, 2008. – 19 с.

174. Тропин, С.А. Ответственность за хищение имущества, совершенное путем присвоения или растраты [Текст]: автореф. дисс...канд. юрид. наук: 12.00.08 / Тропин Сергей Александрович. – М., 1991. – 29 с.

175. Филаненко, А.Ю. Хищение чужого имущества: уголовно-правовой и криминологический аспект [Текст]: автореф. дис. … докт. юрид. наук: 12.00.08 / Филаненко Александр Юрьевич. – М., 2010. – 38 с.

176. Хабаров, А.В. Преступления против собственности:влияние гражданско-правового регулирования [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Хабаров Александр Владимирович. – Екатеринбург, 1999. – 213 с.

177. Хакимова, Э.Р. Присвоение и растрата: уголовно-правовой и криминологический аспекты [Текст]: дисс … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Хакимова Эльмира Робертовна. – М., 2009. – 214с.

178. Халиков, Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Халиков Шерали Лоик. – Душанбе, 2017. – 178 с.

179. Шишлянников В.Ф. Криминологическая характеристика и уголовно-правовые меры противодействия присвоению или растрате: дисс ... канд

.юрид. наук: 12.00.08 /. Шишлянников Владимир Федорович. – Санкт-Петербург, 2005. – 205 с.
180. Шульга, А.В. Объект и предмет преступлений против собственности в условиях рыночных отношений и информационного общества [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Шульга Андрей Владимирович – Краснодар, 2008. – 367 с.
181. Шульга, А.В. Объект и предмет преступлений против собственности в условиях рыночных отношений и информационного общества [Текст]: автореф дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Шульга Андрей Владимирович. – Волгоград, 2008. – 63 с.
182. Эрашвили, Н.Д. Присвоение и растрата чужого имущества как форма хищения (Уголовно-правовой анализ) [Текст]: дисс...канд. юрид. наук: 12.00.08 / Эриашвили Нодари Дарчоевич. – М., 2003. – 195 с.

**V. Захираҳои электронӣ [электронный ресурс]**

183. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: ttps://www.mmk.tj/system/files/Legislation/374_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 24.12.2022)
184. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/ index.php/tj/prezident/pajom-o/665-payom-2022 (санаи муроҷиат: 24.10.2022)
185. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www. anticorruption.tj/images/PDF/ strategiya1.pdf (санаи муроҷиат: 23.08.2023).

## VI. Маводҳои таҷрибаи судӣ ва омор


186. Маводи санҷишии №231-25 // Бойгонии Раёсати АНДМ ва МК дар вилояти Хатлон. – Соли 2018.
187. Маводи санҷишии №373-05 // Бойгонии Раёсати АНДМ ва МК дар вилояти Хатлон. – Соли 2017.
188. Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019) [Матн]. – Душанбе, 2019. – 449 с.
189. Парвандаи ҷиноятии №13245/16 // Бойгонии Суди ш. Исфара. – Соли 2016.
190. Парвандаи ҷиноятии №15246/16 // Бойгонии Суди ш. Панҷакент. – Соли 2016.
191. Парвандаи ҷиноятии №16449/22 // Бойгонии Суди шаҳри Бустон. – Соли 2022.
192. Парвандаи ҷиноятии №1752/07 // Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Соли 2007.
193. Парвандаи ҷиноятии №18415/16 // Бойгонии Суди ноҳияи Б.Ғафуров. – 26 январи 2016.
194. Парвандаи ҷиноятии №21099/21 // Бойгонии Суди ш.Хуҷанд. – Соли 2021.
195. Парвандаи ҷиноятии №21200/19 // Бойгонии Суди ш.Хуҷанд. – Соли 2019.
196. Парвандаи ҷиноятии №21200/20 // Бойгонии Суди ш.Хуҷанд. – Соли 2020.
197. Парвандаи ҷиноятии №24218/22 // Бойгонии Суди ш.Хуҷанд. – Соли 2022.
198. Парвандаи ҷиноятии №25156/23 // Бойгонии Суди ноҳияи Кушониён. – Соли 2023.
199. Парвандаи ҷиноятии №36456/20 // Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2020.

200. Парвандаи ҷиноятии №50152/20 // Бойгонии Суди ноҳияи Сино. – Соли 2020.
201. Парвандаи ҷиноятии №50162/20 // Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2020.
202. Парвандаи ҷиноятии №6606/21 // Бойгонии Суди ш.Хуҷанд. – Соли 2021.
203. Парвандаи ҷиноятии №83637/15 // Бойгонии Суди ш.Душанбе. – Соли 2015.
204. Парвандаи ҷиноятии №234518/16 // Бойгонии суди ноҳияи И.Сомонии ш.Душанбе.- Соли 2016.
205. Парвандаи ҷиноятии №1–105/18// Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.
206. Парвандаи ҷиноятии №17186/21 //. Бойгонии Суди И. Сомонии ш.Душанбе – Соли 2021.
207. Парвандаи ҷиноятии №18442/16 // Бойгонии суди ноҳияи Б.Ғафуров. – Соли 2016.
208. Парвандаи ҷиноятии №50010/20 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2020.
209. Парвандаи ҷиноятии №50036/20 // Бойгонии суди шаҳри Душанбе. – Соли 2020.
210. Парвандаи ҷиноятии №50081/20 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе. – Соли 2020.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Акмалзода Н.Н. Таърихи инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар қонунгузории Тоҷикистон (давраи шуравӣ) [Матн] / Н.Н. Акмалзода // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ (маҷаллаи илмӣ), 2022. - №4 [44]. – С.169-174. ISSN: 2305-0535.

[2-М] Акмалзода Н.Н., Шарипов Т.Ш. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузориичумҳуриҳои пасошуравӣ [Матн] / Н.Н. Акмалзода, Т.Ш. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 2023. - №12. – С.238-245. ISSN: 2413-5151.

[3-М] Акмалзода Н.Н. Особенности субъекта присвоения и растраты (на примере республики Таджикистан) [Текст] / Н.Н. Акмалзода // Вопросы российского и международного права (научный журнал), 2023. - №11. – С. 305-317. ISSN: 2223-5129.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[4-М] Акмалзода Н.Н. Муқовимат ба коррупсия-омили асосии рушди устувори кишвар тавассути татбиқи чораҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва пешгирикунандаи коррупсия [Матн] / Н.Н. Акмалзода // Муқовимат ба коррупсия ҳамчун самти афзалиятнок ва самарабахши рушди соҳаҳои мухталифи кишвар.-Хуҷанд: «Нури маърифат», 2021. С.13-21.

[5-М] Акмалзода Н.Н. Дастурамали илми-амалӣ «Оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2020, №03 тасдиқ шудааст.

[6-М] Акмалзода Н.Н. Дастурамали илми-амалӣ «Оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои марбут ба гирифтану додани пора ва

ришвадиҳии тиҷоратӣ», ки бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2020, №03 тасдиқ шудааст.

[7-М] Акмалзода Н.Н. Содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ. [Матн] / Н.Н. Акмалзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023. – С. 348–355.

[8-М] Акмалзода Н.Н. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ. [Матн] / Н.Н. Акмалзода // Маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Мизони қонун. 2024. - №4. – С.100-106.